# СӮХТАЧОНИ ШӮЪЛАИ БЕДОРӢ

*Маҷмӯаи мақолаҳо, эссе ва хотираҳо*
*дар бораи эҷодиёти Мирзо Шукурзода*

Мураттибон:
*номзади илми таърих, Сайфуллоҳи Муллоҷон,*
*номзади улуми пизишкӣ, Муҳаммадамини Хоҷизода*

Муҳаррири масъул:
*Донишёр*

Тарроҳ:
*Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии*
*Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон*

Душанбе
2009

Китоби ҳозир намунае аз осори адибон, шоирон ва донишмандони тоҷикро дар бораи фаъолияти фарҳангии барандаи Ҷоизаи адабии ба номи устод Айнӣ ва Аълочии фарҳанги Тоҷикистон Мирзо Шукурзода дарбар дорад.

Аксари матолиби ин маҷмӯа ба тариқи интихоб ва он ҳам аз саҳифаҳои рӯзномаву моҳномаҳои кишвар гирдоварӣ гардид. Ихвония, тақриз ва пораҳои шеърӣ бо самимияти баланд суруда шудаанд, ки ҳокӣ аз ихлос ва садоқати муаллифони онҳо дар нисбати як тан аз фарҳангиёни диёр аст.

Шумо, хонандаи арҷманд бо чакидаҳои хомаи олимону донишмандони маҳбубе чун академикҳо Камол Айнӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, бонуи овозаманди шеъри имрӯзи мо, хонум Гулрухсор, адибону донишгустароне, амсоли Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ, Мансур Бобохонов, Мирзо Аҳмадов, Мирзо Муллоаҳмад, Валӣ Самад, Юсуф Акбарзод ва дигарон ошно хоҳед шуд.

Китоб ба муносибати шастсолагии зодрӯзи адиби барӯманд Мирзо Шукурзода таҳия гардид ва мураттибон аз Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон барои кӯмакашон дар нашри ин маҷмӯа сидқан сипосгузоранд.

Ношир: *Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати ҶИЭ*
Муҳаррири интишорот: *Азизи Мирбобо*
Тарроҳи роёнаӣ: *Ромиш Шералӣ*
Литографӣ, чоп ва саҳҳофӣ: *чопхонаи «Пайванд»*
Чопи аввал: *Душанбе, 2009*
Тираж: *500*

## МУНДАРИҶА

### *Боби аввал*: Шодбошӣ ва табрикот

А. Шеърдӯст. Муқаддима ........................................................
Н. Табаров. Суруди нуронӣ бар гӯши як инсоне .......................
М. Шакурӣ. Шукурзода ва тоҷикшиносии Эрон.......................
У. Кӯҳзод. Фикри равон ва забони равон ..................................
А. Муллоҷон. Гуфтугӯ бо соҳибназарони меҳан .......................
Гулрухсор. Чароғи илҳоматон фурӯзон бод ..............................
К. Айнӣ. Муҳаббат ба илм муҳаббат ба Ватан аст… ................
Ю. Яқубшоҳ. Пажӯҳишгари масири таърихи тоҷик .................
М. Муллоаҳмад. Донишманди пуркор.......................................
Р. Аҳмад. Бародари ҳамсафари ман .........................................
М. Бобохонов. Мубаллиғи тоҷикон ва тоҷикшиносон .............
М. Аҳмадов. Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст............................
У. Назир. Донакори мазраи адаб..............................................
С. Муллоҷон. Адибе жарфандеш ва шоире дардманд..............
С. Акрамзод. Қанди Масчоҳро ба мулки Форс бурд. ...............
К. Саидолимов, О. Саидолимов. Фориғ аз мадҳу таъриф.........
Т. Расулзода. Мунодии пайғоми худшиносӣ ............................
Н. Зуҳурӣ. Сайҳагаре аз бомдоди мастии таърих ......................

### *Боби дуввум*: Тақризҳо ва китобиёт

В. Самад. Ҳамосаи хунинҷигарон.............................................
М. Абдуллоҳ. Пайвандгари дилҳо ва ақидаҳо ..........................
А. Маликзод. Васлгари ҷонҳои бедор .......................................
Д. Наҷот. Шиносномаи миллати тоҷик ......................................
А. Насриддин. Худро зи ҷаҳони хеш пайдо кардам .................
Ш. Солеҳ. Мо барои васл кардан омадем ..................................
Ш. Исрофилниё. Озодмарде аз диёри ҳабиб .............................
Ш. Мӯсозода. Ҷонпайванд..........................................................
Ю. Акбарзод. Маънии як байт будем.........................................
Гулназар. Шеъри ман ..................................................................
Ҷ. Юсуфӣ. Ашки сари мижгони ман..........................................
Н. Раҷабзода. Қаламкаш бувад ёри шамшеркаш ......................
Ҷ. Азимпур. Сӯхтаҷони шӯълаи бедорӣ ....................................

П. Гулмуродзода. Решапайванди дилу ҷон ..............................
М. Мирзораҳим. Сорбони корвони нур ..................................

***Боби саввум*: Ашъори эҳдоӣ**

У. Олим. Оинаи меҳру садоқат ...............................................
А. Мирхоҷа. Фари шоҳӣ.........................................................
С. Нуқра. Мегудозӣ хешро. Дарахти сабзи андеша..................
М. Асадӣ. Себи Самарқанд ....................................................
Ҷ. Юсуфӣ. 1. Қасида, 2. Роҳиёни роҳи испедем мо ...................
Ю. Аҳмадзода. Дар ҳошияи «Тоҷикон дар масири таърих».....
А. Фозил. Пайванд.................................................................
А. Муродӣ. Сипар бар миллати моӣ........................................

***Боби чаҳорум*. Мусоҳибаҳо**

М. Ҳоҷизода. Каъбаи муҳаббати ман.......................................
Н. Раҷабзода. Чеҳраи офтобии соядастҳо................................
Ардамеҳр. Ҳокими мулки Сулаймон аст илм ..........................
П. Нидоӣ. «Тоҷикон» чӣ масиреро тай хоҳад кард?.................

***Боби панҷум*: Рӯзу рӯзгор**

Шиноснома ............................................................................
Фаъолияти корӣ.....................................................................
Эҷодиёт..................................................................................
Сафарҳо ................................................................................
Асарҳои чопнашуда ................................................................

# МУҚАДДИМА

*Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ  з- офтоб,*
*Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.*

Агар маҷмӯаи пажуҳишҳо ва осоре ки дар боби фарҳангу тамаддун ва таърихи гузаштаи ҳар кишвар ва маҷмӯаи тамаддунӣ сурат мегирад, мубайини ҷозибаҳо, решаҳо ва асолати он манзумаи фикрӣ ва тамаддуниро гузориш кунад, тоҷикон дар ин овардгоҳ аз бахти баланде бархурдор будаанд. Чаро, ки натанҳо фарзандони номвари тоҷик ба баёну гузориши корномаи дурахшони ҷозибаҳои тамаддун, фарҳанг ва таърихи худ ҳаммат гумоштаанд, ки нависандагони пуровозае аз эрониву русиву афғон ва... гӯшаҳое аз ҷозибаи рашкбарангези ин фарҳанги устуворро аз дидгоҳҳо ва зовияҳои мухталиф мавриди баррасӣ ва тааммуқ қарор додаанд.

Осори таълифӣ ва пажӯҳишҳои гаронсанги нависандаи сахткӯш ва талошгар ҷаноби Мирзо Шакурзода бешак дар зумраи осорест, ки азамат, маънавият, қидмат ва устувории тоҷиконро дар тӯли таърих гузориш мекунад. Бо вуҷуди сели бунёнкане, ки офоқ дарменавардад ва ба ҳама чиз ранги якдастӣ мезанад, маҷмӯаи осор ва таълифоте, ки аз обишхӯри ин фарҳанги мутаолӣ баҳраманд аст, комилан асил ва чашмнавоз боқӣ мондаанд ва юришҳою таҳоҷумҳоро бар онон дасте нест, чаро ки он осор аз ҷозибаҳои қавими амиқи маънавӣ ва ирфонӣ бархурдоранд, ки ҳамагон ба онҳо ба чашми аъҷобу таҳсин менигаранд.

Дар феҳрасти осори муҳимме ки барои бозёфти ҳуввияти миллии тоҷикон ва ҷустуҷӯ дар арсаҳои мухталифи фарҳангу ҳунари тоҷик мунташир шудаанд ва акнун теъдоди онҳо аз 140 унвон фаротар рафтааст, осори пажуҳишии дӯсти сахткӯш, ҷаноби Мирзо Шакурзода ҷойгоҳе вижа дорад. Аввалин вижагии осори Мирзо дар таваҷҷӯҳ ба ҳангом ва таълифи осори дархӯр барои посухгӯӣ ба ниёзи баёни ҳуввияти тоҷикон аст. Имрӯз, ки ин сатрҳоро менависам ва Мирзои хушном 60-солагиро таҷриба мекунад, ба ёд меоварам, марди 45 соларо, ки маҷмӯае аз мақолоти амиқ аз пажуҳишгарони дақиқро дар

мавриди тоҷикон барои нашр арза кард ва инҷониб, ки он рӯзҳо масъулияти интишороти байналмилалии «Алҳудо»-ро бар ӯҳда доштам, чопи он маҷмӯаро бар ӯҳда гирифтам ва муқаддимае низ бар он нигоштам ва бад-ин тартиб китоби «Тоҷикон дар масири таърих» дар 15 соли пеш ва тиражи васеъ дар Теҳрон чоп ва дар Эрон, Афғонистон ва соири кишварҳои ин ҳавзаи тамаддунӣ тавзеъ ва бо истиқбол мувоҷеҳ шуд. Дар он рӯзҳо дар мавриди тоҷикон, ки нахустин солҳои Истиқлолро сипарӣ мекарданд, мардумони соири кишварҳо саволҳои фаровоне доштанд, ки ба ростӣ тоҷикон чӣ касоне ҳастанд, дар куҷо зиндагӣ мекунанд ва асосан маънои калимаи «тоҷик» чист? Ва ин китоб бо мақолоти ҷомеъ ва муамтаъ ба саволоте аз ин қабил посух мегуфт ва ба ҳамин ҷиҳат буд, ки дар муддати начандон тӯлонӣ ба чопҳои баъдӣ расид ва ҳатто дар бархе кишварҳои нимҷазираи қораи Ҳинд низ мунташир шуд. Агарчи он дар байни аҳли қалам маъруф аст, ки мегӯянд: «Алфазл лил мутаққадам», бартарӣ бар касест, ки пеш аз дигарон кореро анҷом диҳад, бояд фазилати гушоиши ин роҳи пурраҳраву ифтихоромезро ба Мирзо Шакурзода бидиҳад.

***

Ҳамқаламӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамроҳӣ бо дӯсти адибам Мирзо Шакурзодаро аз нахустин рӯзҳои Истиқлоли Тоҷикистон ба унвони неъмате пурбаҳо бо худ доштаам ва бар он мубоҳот мекунам. Дар солҳои иқомати эшон дар Теҳрон, ки шабонарӯз фаъолиятҳои илмӣ ва адабӣ ва ҳунариро ваҷҳаи ҳиммати худ қарор дода буд, аз осори қаламӣ, пешниҳодҳои судманд ва дидгоҳҳои равшангари эшон баҳра мебурдам, ҳатто дар солҳое ки эшон дар бахши бурунмарзии садо ва симо фаъолият дошт ва инҷониб мудири омили интишороти «Суруш» будам. Бо ин ки аз назари корӣ фосилае миёни мо афтода буд, аммо ҳамдилию ҳамроҳӣ моро ба ҳам пайванд медод ва набуд ҷаласае ки ҳосили он китобе ё мақолае ё асаре дидорию шунидорӣ барои муаррифии ҳарчи бештари тоҷикону Тоҷикистон набошад. Ва дар бисёре аз осоре ки тайи ин солҳо барои тоҷикон ва дар маҷмӯъ Тоҷикистон ба меҳмонии чашмони ҷустуҷӯгар омадааст, сояе аз пажуҳишгари хастагинопазирамон Мирзо Шакурзода бар он дида мешавад. Аз

тарроҳию таълиф то тасҳеҳу тахшия. Ва ин гузашта аз таълифоту осори мустақилест, ки бо ҷилди аввали «Тоҷикон дар масири таърих» оғоз гашта ва бӯи диловези себи сурхи самарқандиро ба машоми ҷони дӯстдорони ин фарҳанг расонида ва бӯстони пургулу райҳон аз анвои осор ва ҳамагӣ дар роҳи ифтихоромези қаробати фарҳанги тоҷикону эрониён падид овардааст. Аммо зикри ҳавзаи дигар аз талошҳои мардонаи Мирзо дар ин мухтасар зарурат дорад ва он намоёндани гӯшаҳое аз ҷуғрофиёи фарҳанги муштарак дар сарзамини Афғонистон аст. Афғонистон назди тоҷикону эрониён танҳо кишвари ҳамсоя нест ва нигарониҳои мо нисбат ба сарнавишти ин кишвар натанҳо ба ҷобаҷоӣ ва тағйир дар қудрати сиёсӣ маҳдуд намешавад. Афғонистон бахши муҳимме аз ҷуғрофиёи фарҳангист, ки мо мутаалиқ ба он ҳастем. Дар ин паҳндашти ҷуғрофиёи фарҳангӣ масоиле чун иштирокоти эътиқодӣ, ҳуввияти миллӣ, забон, пешинаи таърихию адабӣ ва бавиҷа вазъияти будубоши феълии аносири муқаввими ҳувияти миллии афғонҳо аз дағдағаҳои равшанфикрони фарҳангдӯсти ин арса будаву ҳаст ва Мирзо Шакурзода дар ин арса ба ҳақ ҳамонанди машъалдори равшангар пой дар арсаи нигоҳбонӣ аз ҳувияти фарҳангии Афғонистон гузошта ва ғорату вайронии бунни мояҳои фарҳангӣ дар ин бахши муҳим аз қаламрави забону фарҳанги муштаракро бар наметобад. Шарҳи фаъолиятҳои Мирзо дар ин мақулаи худ мӯҳтоҷи баҳси дароздоман аст, ки ин мухтасарро барои зикри он маҷол нест. Фақат ишора ба охирин китоби эшон, ки «Ҳамосаи родмардони Хуросон» -ро баён карда ва бо ғайрату мардонагӣ, ҷавонмардию шуҷоат, китобчаи шайтонии он нависанданамои кӯрдилро посух гуфтааст, ки бо таҳрифи ҳақоиқ талоши беҳудае барои кам кардани нақши тоҷикони Афғонистон ва фарҳанги онон дар қавоми ин кишвар доштааст. Дар лобалои сутури ин китоб рӯҳи зулмситезӣ ва озодагии нависанда дар муқобила бо он чи барои аҳдофи шуми тоҷикситезӣ таълиф шуда буд, ба роҳатӣ қобили мушоҳида аст ва ин фазилати дигар аст дар канори фазоили дӯсти арзишманд ҷаноби Мирзо Шакурзода.

***

Пажуҳишгари сахткӯшу бо инсоф ва нависандаи навовар ва бо ахлоқи фарҳанги муштараки мардумони форсизабон ҷаноби Мирзо Шакурзода дар шароите марзи 60-солагиро дарменавардад, ки ба пухтагӣ дар арсаи қалам ва обрӯи баланди фарзонагӣ дар байни аҳли фазл даст ёфтааст. Ҳанӯз миллионҳо чашм дар интизори авроқи заррине ҳастанд, ки аз қалами ӯ бар китоби пурҳаҷми фарҳангу забони тоҷикӣ – форсӣ – дарӣ афзуда шавад, чаро ки устод ҷавонанд ва ҳанӯз ҳазор бодаи нохӯрда дар раги ток аст.

Барои ҳазрати эшон умри тӯлонӣ тавъам бо нишот илмиву ҷисмӣ аз Худованди мутаол орзу менамоям.

Аз ин ки дар ин аёми тавфиқи хидматгузорӣ ба ин фарҳангу мардумони нигоҳбонашро дар масъулияти намояндагии томулихтиёр ва Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон бар ӯҳда дорам, асолатан аз ҷониби худ ва ниёбатан аз сӯи аҳолии фарҳангу қалам ва конунҳои илмию адабии кишварам ба ҳузури ҷаноби Мирзо Шакурзода ба муносибати 60-солагӣ табрик арз мекунам ва ин ки рухсат фармуданд дар ин таҷлил мо низ саҳме ҳарчанд кучак дошта бошем, самимона сипосгузорам.

*Алиасғар Шеърдӯст*
*Сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон*
*Тобистони 1388, Душанбе*

*Боби аввал*

# ШОДБОШӢ
# ВА ТАБРИКОТ

***Нур ТАБАРОВ***
*драматург*

## СУРУДИ НУРОНӢ БАР ГӮШИ ЯК ИНСОНЕ

*Ҳадя ба Мирзои Шукурзода дар рӯзи таваллудаш*

Аё Маздо ! Дуруд бар ту!
Дорам сухане аз хубтарин офаридаат,
Касе, ки ӯ нолаву фарёди
Ҳамватанҳои хешро дар умқи Дилаш
Ҷой дода, баробари сурудҳои осмонии Заотар
Ба васфи Ростӣ, Пиндор, Гуфтор ва кирдори нек.
Ба ақсои олам гашта – баргашта,
Ҷуз ҳамин тӯша чизе наовард: донишу фарҳанг
– пешбар қудрат.
Гаронвазн аст чунин бор, миёншикан, вале ӯ
Ки ҳушёр мард аст,
Раҳорах мекунад тақсим он чиро ёфт:
Дар сӯҳбати озод ё радиои «Озодӣ»,
Дар саҳифаҳои шоҳномаву гоҳномаву рӯзнома
Мепошад донаи гавҳар.
Мардуми ташна бар лаҳни пок
Мисле, ки Чашмаи Носир ёфта бошанд,
Каф пур карда менӯшанд ва ба рухсор
Мезананд – панҷа-панҷа дурр,
Мешаванд нурборон – дурборон аз чунин кор.
Аҷаб зодае дорӣ, эй Аҳур!
Ҳар чи дорад, мебарорад: аз ҷайб, аз ҷомадон,
Аз Дил, аз Ақл, аз Хазинаи Дониш.
Парво ҳам надорад, ки мабодо
Бечора, Бенаво, Бедониш монад ӯ рӯзе.
На! То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст!
Мебарорад ин нидо ва ба дарё не,
Ба осмон мекунад ишора!
Анқариб аҳли Амшоспадон – Баҳману Урдибиҳишт,
Шаҳревару Исфанд, Ҳурдоду Амурдод
аз кардаи ӯ дар шигифт уфтоданд.

Ин фарзанди сарбаланди ту, ки Мирзои Шукур аст
Номаш, аз кулвори хеш берун кард, ту гӯӣ,
Як китобхона: «Тоҷикон дар қаламрави ориёно»,
«Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар», «Парниёну хариру абрешим»,
«Себи Самарқанд», «Ҷонпайванд», чаҳор китоби тозае
бахшида ба рӯзгори чаҳор бузург бародарони хеш –
Бачаи Сақо, Аҳмадшоҳи Масъуд ва Раббониву Шеърдӯст.
Мегӯяд, ки «Ҳаммосаи родмардони Хуросон»
«Аз Ҳиндукӯш то бекарон» ба дасти чоп аст.
Аҳсан ба ту, эй Маздо, бо чунин офаридаҳоят,
ки дар ҳиммату саховат дарахти боровару
кӯҳсори пур аз ганҷро монанд.
Имрӯз вай шастумин солгарди дидори нахустини хешро
бо Хуршед тантана дорад: дар бағали гарми Ватанаш.
Ӯ саодатёр аст, ки суханаш гӯшу ҳуши шунаванда дорад,
Мисли дигар паёмбарони содиқи боварҳои ростин,
онҳое, ки дар роҳи расидан ба Ҳақ
на аз об меҳаросанд, на аз оташ.
Дуруд бар ту, эй Мирзо, фарзанди неки Беҳдинон.

*Муҳаммадҷон ШАКУРӢ,*
*академик*

## МУБАЛЛИҒИ ТОҶИКОН ВА ТОҶИКШИНОСӢ

Мирзои Шукурзодаро аз нахустин қадамҳои қаламкашиаш мешиносам ва аз осораш огаҳӣ дорам.

Аз аввал фаъолияти нависандагии ӯ ҳамроҳ бо рӯзноманигорӣ идома дошт, ҳикоя ва очерк жанрҳои асосии ӯ буданд ва ҳар асараш ба ҳам амали мутақобил дошта, аз хусусиятҳои якдигар баҳравар шудаанд.

Аз охири солҳои ҳаштод дар фаъолияти эҷодии Мирзо Шукурзода тамоюлоти нав пайдо шуд. Дар эҷодиёти адабӣ ва рӯзномангории ӯ публисистикаи илмӣ сар даровард. Рафта-рафта ӯ ба ташвиқгари адабии дастовардҳои илм табдил ёфт. Бо таблиғи комёбиҳои илми таърих, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва ғайра машғул аст.

Мирзои Шукурзода дар сафи аввали онҳоест, ки дар 10-12 соли охир дар Эрон як чараёни қавӣ ба номи тоҷикшиносӣ ба вуҷуд овarданд. Ширкати ӯ дар тоҷикшиносии Эрон як падидаи ватандӯстӣ ва миллатпарварӣ буда, ба вижа дар истиқлоли Тоҷикистон аҳамияти калони иҷтимоъиву сиёсӣ дорад ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он мустаҳкам мекунад.

Таблиғи адабиву публисистии илмӣ гоҳ баробари дастоварди илмӣ ва кашфиёти илмӣ аҳамият пайдо мекунад. Аз ин рӯ фаъолияти таблиғии илмиву адабии Мирзои Шукурзода бояд дастгирӣ ва қадршиносӣ шавад.

*(Порае аз тавсияномаи устод Шакурӣ ҷиҳати пазириши М. Шукурзода ба узвияти ИН Тоҷикистон)*
*13 сентябри соли 2000.*

*Урун КӮҲЗОД*
*Нависандаи халқии Тоҷикистон*

## ФИКРИ РАВОН ВА ЗАБОНИ РАВОН

Мирзо Шукурзода зиёда аз чил сол аст, ки дар соҳаи адабиёт ва матбуот хидмат мекунад. Вай фикри равшан ва забони равон дорад. Ин ду сифат – фикри равшану забони равон, ҳамон маҳакест, ки эҷодкорро аз беҳудагӯӣ фарқ мекунонад ва ба корҳои муфид вомедорад ва арзиши навиштаҳояшро таъмин менамояд.

Ӯ ҳар чизе, ки то имрӯз навиштаву ба табъ расонидааст, барои адабиёт ва барои ҷомеъа фоидаовар ва таъсирбахш аст ва ҳамеша масъулиятшиносона менависад.

Солҳои охир Мирзо Шукурзода дар роҳи Тоҷикистонро бо Эрон шиносонидан, хоса дар боби маърифати адабиёт ва таърих, як силсила корҳоро анҷом дод, ки хидмати шоистаи ӯст дар ин ҷода. Ва дар сафи аъзоёни Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон будани чунин шахсҳо ба қудрати ин ташкилот қудрат зам хоҳад кард.

*(Аз тавсияи устод Кӯҳзод ба Шукурзода, ҷиҳати пазириши ӯ ба узвияти ИН)*
*3 сентябри с. 2000*

*Асадуллоҳи МУЛЛОҶОН,*
*номзади илми таърих, устоди*
*Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон.*

## ҲАДИС АЗ ДӮСТОН БИШНАВ

Ман ҳамчун фарзанди ҳамдиёр ва ҳамтабор бо устод Мирзо Шукурзода бо мақолаҳо, шеърҳо ва китобҳои ӯ ҳанӯз солҳои таҳсил дар мактаби миёна ошноям. Рӯзномае, ки мақола ё шеъре аз эшонро ба чоп мерасонад, даст ба дасти мо ва ҳама аҳли деҳа мегашт.

Қиблагоҳам, ки имрӯз синни муборакашон аз ҳаштод гузаштааст, ҳатто пораҳои шеъриро аз эҷодиёти ин адиби ҳамдиёрамон аз ёд медонанд ва гоҳ-гоҳ қироат мекунанд. Он кас Мирзоро мисли мо, фарзандонашон аз кӯдакиаш то ба имрӯз дӯст медоранд, осорашро бо муҳаббат мехонанд. Ҳар гоҳ, ки ба Душанбе оянд, ҳатман меҳмони азизи хонадони ӯ мешаванд ва ин ҳам ҷои хушнудист, ки онҳо ҳамзамон дар як вақт – дар соли 1997 ба зиёрати хонаи Худо мушарраф гардиданд. Шукурзода рисолаи муфассале аз зиндагӣ ва роҳи набарду ҷангии қиблагоҳи мо дар даҳ шумораи ҳафтаномаи «Наҷот» соли 2007 ба табъ расонд, ки ҳар сатре аз он саршор аз муҳаббат ва ихлос аст. Ӯро барои хоксорӣ ва меҳрубонияш мо ҳама дӯст медорем.

Бо нияти таҳқиқи теъдоде аз асарҳои М. Шукурзода ба коре даст задам. Дар баробари мутолеа ва баррасии осори эшон бо чанд тан аз адибону олимони соҳаи таърих ва адабиёт сӯҳбатҳо оростам. Ин шахсиятҳо ва номҳои муборaке чун академик Камол Айнӣ, шоири овозаманд, бону Гулрухсор, адибону донишмандони шинохта ва барои ҳар тоҷике азиз: Нур Табаров, Мансур Бобохонов, Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ, Мирзо Муллоаҳмад ва Рӯзӣ Аҳмад бо камоли эҳтиром ва самимияти баланд хоҳиши маро пазируфтанд. Сӯҳбатҳои ин бузургон баъзе мухтасар ва теъдоде мукаммалу муфассал роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни таълифоти устод Мирзо Шукурзода сурат гирифт.

Ҳеҷ фикр намекардам, ки ин бузургон бо ин ҳама гирифториҳо ва саргарми эҷоди асарҳои муҳим будан огоҳии комиле аз заҳматҳои фарҳангии М. Шукурзода дар дохил ва хориҷ аз кишвар доштаанд. Дар нисбати номбурда бисёр

суханҳои баланд ва бо муҳаббати бародарӣ ироа карданд, ки барои ман ҳам боиси ифтихор ва сарафрозӣ гардид.

Иншооллоҳ ба чопу таҳқиқи сӯхбати онҳо ва таълифи рисолае оид ба осори Мирзо Шукурзода баъдан ба таври муфассал хоҳам пардохт. Ҳоло ҳамчун мушт намунаи хирвор, пораҳоеро аз гуфтугӯҳои самимӣ бо азизони дар боло зикршуда манзури хонандагони арҷманд менамоям.

Инак:

*ГУЛРУХСОР,*
*барандаи ҷоизаи давлатии*
*ба номи устод Рӯдакӣ*

## ЧАРОҒИ ИЛҲОМАТОН ФУРӮЗОН БОД, МИРЗО!

Мирзо Шукурзода дар оғоз шеър машқ мекард. Баъдан пурра ба наср рӯй овард ва кори дурусте кард. Пӯшида нест, ки наср барои арзи муддаои адиб нисбат ба назм имкони бештаре дорад. Мирзо ва насли ӯ – насли мо, насли «қишлоқии шаҳрофар» гуфтаниҳои зиёде дошту дорад.

Осоре, ки Мирзо Шукурзода дар ин боб таълиф кард, дар худшиносии миллӣ хидматест бебаҳо ва шоистаи таҳсину тақдирҳо.

Мирзоро кайҳо мешиносам. Ӯ лофи ватанхоҳиву ватанпарварӣ намезанад, балки барои ватандӯст ва миллатпарвар будани ҳамзамонони хеш ҳунармандонаву ҷавонмардона сидқан хизмат мекунад. Мирзо аҳли хидмат аст, он сон ки устод Лоҳутӣ фармудаанд:

*Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чи хидмате ба мардум кардӣ.*

Мирзо Шукурзода барои худшиносӣ ва эҳтироми мардум корҳои зиёдеро ба ҷо овардааст. Умедворем, дар оянда низ аз пештар бештар азми амал хоҳад кард. Дар ин ҷодаи мушкил, аммо дилхоҳ ба ин адиби пуркору ватандор комёбиҳо таманно дорем.

Ҷоми зиндагониятон саршор, чароғи илҳоматон фурӯзон бод, Мирзо.

*Камол АЙНӢ,*
*академик*

# МУҲАББАТ БА ИЛМ МУҲАББАТ БА ВАТАН АСТ

Дар замони нав падидаи бисёр хубе ба вуҷуд омад, ки ҷавонон озодона афкору назари худро баён менамоянд. Инчунин, баъди истиқлолият роҳҳо боз шуд ва мардум ба хориҷа роҳ ёфтанд ва баъзеҳо бо маънои сиёсӣ ва баъзеи дигар бо мақсади корҳои фарҳангӣ.

Мирзо Шукурзода аз он нафароне буд, ки бо мақсади корҳои фарҳангӣ ва хизмат ба адабиёт озими Эрон гардид. Ин кас дар Эрон хеле зиёд кор карданд ва корҳои хуб анҷом доданд, аз ҷумла бо доктор Алиасғари Шеърдӯст. Яке аз хизматҳои мондагор ва таърихии он кас ба чоп омода намудани Доиратулмаорифи Осиёи Миёна мебошад. Ин кор дар назар хурд намояд ҳам, аммо дар амал як кори бузург ба ҳисоб меравад. Зеро худи баргардони мақола як хизмат бошад, ҳадафи дигари он шиносонидани адабиёти мо барои форсизабонони ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Мирзо Шукурзода ба воситаи ин чеҳраҳои фарҳангӣ тоҷиконро ба доираҳои фарҳангии Эрон шинос намуданд, аз ҷумла хонаводаи мо аз домулло Айнӣ сар карда бо ҳаводорони каломи бадеиву илмӣ муаррифӣ гардиданд. Кори анҷомдодаи ин кас хеле кори мураккаб буд: аз як тараф ташкил кардани шароити зиндагӣ, аз тарафи дигар, анҷом додани кори илмӣ – ин ҳама заҳмат ва душвориҳо дорад. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда Мирзо Шукурзода ин корҳоро анҷом дод, ва дар доираҳои фарҳангии Эрон шинохта шуд ва ба дигар корҳо ҷалб гардид.

Яке аз муҳимтарин корҳои анҷомдодаи ин кас ба чоп расонидани «Тоҷикон дар масири таърих» мебошад. Ин китоб барои шинос намудани тоҷикон нақши басо муҳим ва бузург бозидааст. Мӯҳтавои он пурра дар бораи тоҷикон ва бозгӯи ҳоли онҳост. Китоб маълумотномаеро оиди ин қавму миллат ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад.

Эшон ба ғайри аз ин китоб боз китобҳои зиёдеро ба нашр расониданд, аммо «Тоҷикон дар масири таърих» беҳтарин китоби эшон ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо ман хурсанд аз онам,

ки ин кас дар Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон вазифаи мудири шӯъбаи насрро бар ӯҳда доранд ва бо он таҷрибае, ки доранд, метавонанд адабиёти Эронро ба мардуми Тоҷикистон шинос намоянд.

Шукурзода марди дӯстдоштанист ва бисёр инсони хубу бовафо ва дар дӯстӣ қавӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар бораи он кас суханҳои гуфтании зиёд аст, аммо барои ин бояд як бор ба китобҳои эшон назар андохт. Тарзи баёни мақолаҳо, хулосаброриҳои эшон бисёр олӣ ва мантиқист.

Ман ба дӯсти азизам ва адиби пухтакору шинохта ва соҳибқалам, муаллифи бисёр китобҳо дар шастумин солгарди ҳаёташон умри дароз орзу карда гуфтаниам, ки донишашонро ба дигарон таҳвил диҳанд. Зиҳӣ касе, ки аз думболи чунин касон меравад!

*Юсуфшоҳ ЯЪҚУБШОҲ,*
*доктори илми таърих,*
*узви вобастаи АУ Тоҷикистон*

## ПАЖӮҲИШГАРИ МАСИРИ ТАЪРИХИ ТОҶИК

Ӯ яке аз ватанпарастону сарсупурдагони миллат ва пайвандгари ду қавм мебошад. Ин пайванд солҳои зиёд байни тоҷикону Эрони имрӯз канда шуда буд. Дар адабиёт ҳам ҷудоӣ ба вуҷуд омад ва сарзамини тоҷикон дар дасти муғулҳои мусулмони мутаасиб ва Эрон дар дасти Сафавиён боқӣ монд. Ҷангҳои мазҳабӣ байни шиъиёни қизилбош ва сунниҳои Осиёи Миёна ба вуҷуд омад, ки боиси парокандагии ин ҳамзабонон гардид. Сиёсати замони Шӯравӣ ҳам зидди динӣ ва зидди миллӣ буд. Ҳукумати Шӯравӣ ҳукумати атеистӣ буда, чунин падидаҳоро қабул надошт ва ин боис гардид, ки Тоҷикистон аз назари Эрониён дур монд.

Баъди Истиқлолият шароит тағир ёфт, зарурати бозгаштан ба асли хеш пеш омад. Ва Мирзо Шукурзода нафаре буд, ки аввалин шуда, ба ин кор даст зад: Муносибати фарҳангии Тоҷикистон ва Эрони кунуниро барқарор сохт, албатта дар ин кор сафорати Эрон ва оқои Шабистарӣ низ саҳми босазое гузоштанд. Як гурӯҳ тоҷикони сарсупурда бо сарварии ӯ дар

«Садои Хуросон»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ муқим гардиданд ва тоҷиконро дар Эрон шинос нумуданд. Бо ин васила алоқаҳои фарҳангӣ барқарор гардид ва адабиёту забони тоҷику эронӣ, ки ҳазорсолаҳо якӣ буд ва дар чанд соле ҷудо гардид, ба василаи ин абармард барқарор шуд. Аз он ҷумла китоби «Тоҷикон дар масири таърих» як такони бузурге дар ваҳдати ҳамзабонони дурафтода гардид. Ин китоб се бор дар Эрон ба нашр расид. Дар он мақолаҳои олимони эронӣ ва тоҷикон гирд омаданд ва писанди хонандагон ҳам шуд.

То нашри ин китоб тоҷиконро баъзе эрониён ҳамчун туркони форсзабон мешинохтанд ва дар мақолаҳои худи Мирзо Шукурзода исбот гардид, ки ин мардум аз дуриҳои дур бо ҳамдигар қарин буда, ҷабру ҷафои таърих эшонро аз ҳам ҷудо сохт. «Тоҷикон дар масири таърих» соли гузашта ба хати крилл ба нашр расид, ки аз тарафи хонандагон хуб пазируфта шуд. Ман гумон мекунам, ки нақше, ки Мирзо Шукурзода бозиданд, ин нақш баҳо надорад. Ва худи устод Шукурзода яке аз шахсиятҳое ҳаст, ки имрӯз дар Точикистон ангуштшуморанд. Ва ман яке аз ҳаводорони Мирзо Шукурзода мебошам. Ва бисёр аз эшон миннатдор ҳастам, ки чанд мақолаи маро низ дар Эрон бо як самимияти баланд ба нашр расониданд. Зеро эрониён дар бораи мо тасаввуроти кам доранд. Мо бошем, нисбат ба онҳо ифтихор мекунем ва худро ҷузъи Эрони бузург медонем. Аммо дар Эрон як назарияи Эронманишӣ мавҷуд аст, ки дар мо чунин нест. Дар ҳоле, ки забони форсӣ аз ин сарзамин ба Эрон рафтааст. Асоси тамаддуни Эронӣ дар ин ҷо пайдо шудааст ва дар замони Ҳахоманишиҳо ба Эрон рафт.

Шукурзода нафаре аст, ки ин эронманишиҳоро дар мақолаҳояш дар матбуоти Эрон шадидан танқид намуд ва исбот кард, ки мо бегона набуда, аз як нажоду қавм ҳастем. Агар устод Айнӣ соли 1926 бо «Намунаи адабиёти тоҷик» исбот намуда бошад, ки тоҷикон миллати қадимӣ ҳастанд, Шукурзода нафаре аст, ки баъди 70 соли Шӯравӣ бори дигар фарҳанги тоҷикро ба Эрониён шинос намуда, як пуле байни ин ду тамаддун гардид. Аз фурсати муносиб истифода карда устодро ба шасти камолоташ табрик мегӯям.

*Мирзо МУЛЛОАҲМАД,*
*доктори илми филология,*
*узви вобастаи АУ Тоҷикистон*

## АДИБ ВА МУҲАҚҚИҚИ ПУРКОР

Мирзо Шукурзода аз он фарзандони баруманди халқи тоҷик аст, ки барои пешрафти фарҳанги мардуми мо хеле заҳмат кашидааст. Фаъолияти Мирзо Шукурзода хеле васеъ ва пурдомана аст. Он кас корро аз рӯзноманигорӣ шурӯъ карда, аммо дар тӯли умри бобаракати хеш танҳо бо рӯзноманигорӣ қаноат накард ва дар риштаҳои гуногуни илму адабиёт ва фарҳанг қувваозмоӣ намуд. Бояд гуфт, ки фаъолияти рӯзноманигории он кас хеле пурсамар аст, зеро дар замони Шӯравӣ рӯзномаҳо хеле кам буданд ва рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» яке аз беҳтарин нашрияҳои марказӣ ва онвақтаи ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Ургон Кумитаи Марказӣ ҳам буд ва на ҳар кас дар онҷо кор карда метавонист.

Хушбахтона Мирзо Шукурзода солҳои тӯлонӣ дар ин рӯзнома кор карданд ва мақолаҳову очеркҳои хуб ба нашр расониданд. Бисёр мақолаҳои публиститиашон дар ин рӯзномаи баобрӯ ба чоп мерасид, эшон масъалаҳои мубрами рӯзро ба миён мегузоштанд. Ҳамчунин дар ҳамон солҳо ман шоҳиди он будам, ки Мирзо Шукурзода ба навиштани шеър ҳам машғул буданд. Дар ҳоле, ки мисли шоирони дигар ба чопи китоби шеър рағбати зиёд надоштанд. Ба мисли баъзе шоироне, ки ҳар чи аз зери қаламашон берун ояд, зуд ба чопаш мешитобанд ва китобҳои серҷилдаву ғафс ба нашр мерасонанд.

Мирзо кам шеър мегӯяд ва хуб мегӯяд ва банда ба шеърҳои эшон шинос ҳастам. Ҳам аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва ҳам аз лиҳози шеърият хеле баланданд. Аз ин ҷост, ки вақте ман китоби ҷилди дуюми «Ёди ёри меҳрубон»-ро дар Эрон омода мекардам, аз он кас хоҳиш кардам, ки маҷмӯаи шеърҳояшонро ба ман диҳанд ва аз онҳо якчанд шеъри эшонро интихоб намудам, ки ба наздикӣ ба чоп мерасад.

Риштаи дигари фаъолияти Мирзо Шукурзода насрнависӣ аст. Он кас солҳое, ки дар рӯзнома кор мекарданд дар баробари мақолаҳои публисистӣ ба навиштани очерк ва ҳикояҳо машғул буданд ва як зумра ҳикояҳои ҷолиб ва очеркҳои хуб

навиштанд. Чунки дар ҳамон вақт мо шоҳиди он будем, ки дар рӯзномаи «Точикистони Советӣ» бисёр насрнависони маъруф кор мекарданд. Инчунин ин кас қиссаҳои хуб ҳам навиштаанд ва охирин асари навиштаи эшон дар бораи шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд аст, ки хеле ҷолиб мебошад. Ва бояд гуфт, ки қиссаҳои навиштаи М. Шукурзода ҷанбаи ҳуҷҷатӣ доранд ва ин бисёр муҳим ҳаст.

Тавре ки маълум аст, воқеаҳои солҳои 90 дар ҳаёти ҷумҳурии мо як ҳодисаи бисёр норомро ба вуҷуд овард, ки боиси ҷанги шаҳрвандӣ ва парокандагии аҳли фарҳанг гардид ва бисёр касон ватанро тарк гуфта, кори худро иваз намуданд. Азбаски Шукурзода бисёр рӯзноманигори варзида буданд ва ҳамон солҳо дар Эрон дар садову симои ин кишвар кор мекарданд, кору фаъолияти худро дар Эрон идома доданд ва хеле хуб шуд, ки дар ҳамон давра он кас асосан ба корҳои фарҳангӣ машғул шуданд ва беш аз 12 соле, ки дар Теҳрон буданд, ман шоҳиди он будам, ки тамоми вақту ҳастии худро барои корҳои илмию фарҳангӣ сарф намуданд.

Он солҳо дар Эрон Тоҷикистонро хеле кам мешинохтанд. Ҳатто аксари зиёиёни Эрон дар бораи Тоҷикистон маълумоти кофӣ надоштанд. Вақте Тоҷикистон мегуфтанд, онро мисли ҷумҳуриҳои дигар мепиндоштанд ва намедонистанд, ки тоҷикон бо онҳо ҳамзабону ҳамфарҳанг ҳастанд. Дар ҳамон давра зарурати ошно кардани ин ду қавми дурафтода пеш омад ва инро Мирзо Шукурзода хеле хуб дарк карданд ва тамоми ҳастии худро баҳри шиносонидани тоҷикон ба эрониён сарф намуданд ва бояд гуфт, ки дар ин масир хеле муваффақ ҳам шуданд: Беҳтарин ва кушотарин касе, ки дар ин замина кор кардааст, Мирзо Шукурзода мебошад.

Мо шоҳиди он ҳастем, ки дар ҳамон давра ва дар ҳамон солҳо чандин мақолаҳои эшон дар бораи фарҳанг ва адабиёту таърихи халқи тоҷик ба чоп мерасиданд ва ҷамъбасти ҳамаи ин кӯшишҳо китоберо рӯи чоп овард, ки «Тоҷикон дар масири таърих» ном дошт. Ин китоб барои шиносоии тоҷикон, дар ҳақиқат, саҳми босазое гузошт ва чор бор дар Эрон ба чоп расид. Ҳарчанд қабл аз нашири ин китоб донишмандони гуногуни ғарб, русу амрикоӣ роҷеъ ба тоҷикон маълумот дода бошанд ҳам, вале ҷои ин китобро гирифта наметавонанд, зеро тамоми заҳматҳои муаллиф махсус ба рӯзгор ва таърихи тоҷикон бахшида шудааст.

*Рӯзӣ АҲМАД*
*номзади илми филология,*
*корманди АУ Тоҷикистон*

## БАРОДАРИ ҲАМСАФАРИ МАН

Мирзо Шукурзодаро банда аз наздик мешиносам. Ин кас як шахсияти фарҳангӣ ва нотакрор барои кишвар ба ҳисоб мераванд. Мо ҳамроҳи эшон дар Афғонистон ба ҳайси тарҷумон кор мекардем ва аз ҳамон давра эшонро ҳамчун одами ростқавл, ростгӯ, бовиҷдон ва донишманди фарзона мешиносам. Эшон вақте, ки дар Эрон кор мекарданд, 12 китоб ба нашр расониданд. Инчунин китобҳои донишмандони тоҷикро дар нашриётҳои бонуфузи Эрон ба чоп расониданд. Аз ҷумла, ашъори устод Лоиқро бо номи «Рӯҳи Рахш» интишор намуданд. Инчунин дар бораи падари Мирзо Аҳмадов бо номи «Кӯҳкане аз користони дил» рисола навиштанд. «Себи Самарқандро» ба нашр расониданд. Ин кас дар масири рӯзгорашон ҳамеша барои рушду нумӯи фарҳанги тоҷик содиқона хизмат кардаанд.

Китоби «Тоҷикон дар масири таърих», ки чаҳор бор ба нашр расид, худ хизмати мондагор аст ва на ин ки барои тоҷикон, балки барои тамоми форсизабонони дунё хизмати бебаҳост. Ин кас дар боробари ин қадар пуркорӣ шоири тавоно ҳам ҳастанд. Инчунин муҳаққиқ ва олими мушикоф мебошанд. Ва банда устоди роҳнамои эшон ҳастам ва ҳатто барои эшон мавзӯи илмие ҳам дода будам дар бораи «Мавқеи рубоӣ дар ҳаёти маънавии тоҷикони водии Зарафшон». Ин рисолаи илмиашон буд. Ҳарчанд эшон ин корро анҷом надоданд, аммо ба андозаи беш аз 10 доктор барои фарҳангу илми тоҷик хидмат намуданд.

Имрӯз Мирзо Шукурзода дар иттифоқи нависандагони Точикистон ба ҳайси мудири шӯъбаи наср адои хидмат мекунанд ва мақолаҳояшон дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» ба чоп мерасад. Ман гумон мекунам, ки корҳое, ки устод Шукурзода анҷом додаанд, кори як институти илмии тадқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Тасаввур кунед, 12 китобро дар тӯли 7-8 сол дар Эрон ба чоп расонидан худ чи машаққате мехоҳад! Ман эшонро ба мунсибати 60-умин солгарди ҳаёташон табрик гуфта, ба он кас умри дароз ва хизматҳои бештаре дар ин ҷода аз эшон умедвор мебошам.

*Мансур БОБОХОНОВ*
*роҳбари маркази тоҷикони*
*ҷаҳон дар назди ДМТ,*
*доктори илми таърих, профессор*

## МУБАЛЛИҒИ ТОҶИКОН ВА ТОҶИКШИНОСОН

Имрӯз дар Тоҷикистон метавон гуфт дар Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон низ аз байни аҳли зиё кам касеро пайдо кардан мумкин аст, ки номи Мирзо Шукурзодаро нашиносад ё нашунида бошад. Ӯ ҳам дар садову симои тоҷик ва ҳам дар саҳифаҳои васоити ахбори умум фаъол аст. Гуфтаҳои эшонро бо шавқ мешунаванд ва навиштаҳояшро инчунин бо диққат мехонанду мутолиа мекунанд. Достони ӯ – «Емилиян Пугачёви тоҷик» дар рӯзномаи «Фараж» ва мақолаҳои дигари эшонро, ки дар рӯзномаҳои тоҷик ба табъ мерасанд, дар назар дорам.

Нависанда, олим ва шоири маъруфи тоҷик, муаллифи беш аз 15 китобҳои пурмӯҳтаво ва ҳазор номгӯй мақолаҳои илмиву публисистӣ мебошад, ки онҳо дар Тоҷикистону Эрон, Афғонистону Покистон ба табъ расида, Тоҷикистону тоҷиконро барои ҷаҳониён чун кишвари қадим ва ҳамчун халқи бофарҳанги дунё муаррифӣ намудаанд. Қарзи худ медонам, ки ба ифтихори 60 солагии зодрӯзи эшон меҳрномаи худро ба ин инсони бузург эҳдо намоям, аммо аз имкон дур аст, ки фаъолияти бисёрпаҳлӯи Мирзоро фаро гирифта тавонам. Аз ин хотир мехоҳам танҳо дар бораи чанд паҳлӯи хизмати эшон андеша ронам.

Мирзо Шукурзода диққати маро бори аввал соли 1990 бо «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» ном маҷмӯаи мақолаҳои олимони машҳури ҷаҳон С. Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик», С. Нафисӣ «Сарзамини поки ниёгонам», В. Бартолд «Тоҷикон» ва дигарон, ки эшон онҳоро гирдоварӣ карда буд, ба худ ҷалб намуд. Вале он гоҳ бо мураттиби ин китоб шарафи шиносоии шахсӣ надоштам.

Аз ибтидои қарни нав то имрӯз бо Мирзо Шукурзода ва аксари китобҳо ва маҷмӯаи мақолаҳои эшон шиносам ва гаштаву баргашта онҳоро хондаам ва дар фаъолияти омӯзгорӣ ва илмии худ аз онҳо баҳраҳо бардоштам. Аввалан мехоҳам, қайд кунам, ки амалу зиндагинома ва асарҳои Мирзо Шукур-

зода дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки эшон ватандӯсту ватанпарвар, миллатдӯсту миллатпарасти қавиирода буда, дар кадом гӯшаву канори дунё набошад, муқаддасоти миллаташро бо далелу бурҳони қотеъ ва бо мантиқи қавӣ муаррифӣ менамояд. Ин маъниро дар бисёр асарҳои шаҳрванди бузурги тоҷик Мирзо Шукурзода дидан мумкин аст.

Камина дар навбати аввал китоби «Тоҷик, тоҷдор тоҷвар»-ро дар назар дорам. Ин маҷмӯаи мақолаҳо маҳсули даврони болоравии шуури худшиносии тоҷикон мебошад ва ҳамзамон ин китоб яке аз зуҳуроти равандҳои он замон ба ҳисоб меравад. Ин китоб ба ақидаи инҷониб асарест, ки барои ба саҳнаи адабиёти форсизабонони ҷаҳон ворид гаштани мураттиби он ибтидо гузошт. Бесабаб нест, ки дар солҳои ноорамии Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон – дар соли бӯҳрони шадиди иқтисодиву сиёсӣ ҳашт ҳазор нусха дар Душанбе ба табъ расид ва дар байни хонандагони сершумор зуд ба фурӯш рафт. Дере нагузашта Мирзо Шукурзода дар Эрон китоби номбурдаро бо номи «Тоҷикон дар масири таърих» аз ҳисоби мақолаҳои нави чеҳраҳои маъруфи миллӣ Аббос Алиев, Абдуқодир Муҳиддинов, Ҷалол Икромӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Рустам Шукуров, Турақул Зеҳнӣ, Мӯҳсин Умарзода, Адаш Истад, Алӣ Девонақул, инчунин аз тоҷикони мамолики шарқ: олимони маъруф Саид Нафисӣ, Ҳумом, Абдулҳамиди Ҷовид, Абдулғиёси Навбаҳор, Ҷалолиддини Сиддқӣ ва дигарон ғанӣ гардонд. Фасли аввали китоб «Сарнавишти калимаи тоҷик ва миллати тоҷик» ва фасли дуввуми он «Болшевикҳо ва табартақсими сарзамини тоҷик» номгузорӣ шудааст. Дере нагузашта 1994 ин китоб дар Теҳрон бо ҳамин ном ба чоп расид, ки хеле такмил ёфта, аз се фасл иборат аст ва дар Эрону Покистон бо иловаҳои нав чаҳор бор ба табъ расид ва соли 2006 аз ҷониби ҳафтаномаи «Вароруд» китоби беҳтарини сол эълон гардид.

Яке аз китоби навбатӣ ва пурмӯҳтавои Мирзо Шукурзода «Тоҷикон, ориёиҳо ва флоти Эрон» мебошад, ки он аз чанд нуктаи гирдоваранда ва аз «Шиносномаи миллати тоҷик»-и Доро Наҷот, инчунин ду фасл: фасли аввал – «Тоҷикон дар Хуросони Бузург» (аз китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров, «Сомониён ва туркон»-и Солеҳи Паргорӣ, «Тоҷикон»-и Юсуфшоҳи Яъқубшоҳ, «Орёиён, тоҷикон ва флоти Эрон»-и Сируси Эзидӣ, «Бештаре дар сӯи тоҷикон ме-

буда» – и Аҳмад Кисравии Табрезӣ; «Хуҷанд ва хуҷандиён дар оинаи адаби форсӣ»-и доктор Ризо Муставафии Сабзаворӣ ва фасли дуввум «Сӯгномаи Балху Бухоро» номида шуда, аз мақолаҳои Абдулло Мамадалибеки Лангарудӣ – «Хаёлбофии пантуркистҳо – воқеияти таърихӣ», Лоиқ Шералӣ – «Вуруде ба боргоҳи китоби устод Шакурӣ», Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой – «Маънавиёт ва эҳёи миллӣ», Намоз Хотамов – «Дар Бухоро бухор гардидем», Ҳазрат Сабоҳӣ – «Умри дуруғ кӯтоҳ аст» ва дар охир аз китоби Саъид Саъдизодаи Самарқандӣ – «Аз таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон» мураттаб гаштааст. Ҳамаи масъалаҳои номбурда ба мавзӯҳои хеле актуалии таърихи тоҷикон бахшида шуда, дар бедор намудани шуури шаҳрвандӣ ва миллии кишвар аҳмияти калони тарбиявиро дорост. Бояд илова намуд, ки олим ва адиби пухтакор дар тули 12 соли дар Эрон зистанаш боз дигар китобҳои барои миллати тоҷик ва форсизабонон хеле зарур ва аҳмиятнок офарид.

Мирзо Шукурзода дар Эрон бо фаъолияти пурмаҳсули эҷодиаш дар байни хонандагон ва аҳли фазл обрӯву эътибор ва маҳбубияти зиёде пайдо кард. Бо номи нек ва бо сарбаландӣ ба ватани азизаш баргашт. Китоби тозанашри эшон бо номи «Тоҷикон дар қаламрави ориёно» давоми пажӯҳиши мавсуф мебошад. Он аз чаҳор бахш иборат буда, 478 саҳифаро дар бар мегирад. Ин асар ҳам ба мисли китобҳои пешин аз 35 мақолаҳои муаллифон иборат буда, паҳлуҳои гуногуни таъриху фарҳангу ҷуғрофиё ва мардумшиносии тоҷикону эрониёнро дар бар мегирад.

Инҷо мехоҳам, як нуктаро махсус таъкид намоям: шояд барои баъзе аз хонандагони ноогоҳ чунин ба чашм расад, ки дар як китоб ҷамъоварӣ намудани мақолаҳо чӣ мушкилие дорад? Таъкид бояд кард, ки Мирзо Шукурзода бо амри виҷдон, бо амри вазифаи меҳану миллатпарастӣ амалеро ба ҷо овард ва меорад, ки иҷрои он хеле мураккаб ва душвор мебошад ва на ҳар фард метавонад аз ӯҳдаи иҷрои он барояд. Пайдо кардани мақолаҳо дар бораи тоҷикон ва паҳлӯҳои мухталифи он хеле душвор аст. Онҳо дар тӯли сад сол дар мамлакатҳои аврупову осиё ба забонҳои русиву форсӣ ва ҳуруфи арабиву лотиниву крилӣ дар рӯзномаҳову маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо ва қомусҳо дар шакли пароканда ба табъ расидаанд. Аз ин сабаб ба даст овардани онҳо барои муҳаққиқон вақти зиёд ва

душворихои мухталифро ба миён меорад. Аз ин ҷост, ки олимони шинохтаи Тоҷикистон ва берун аз он ба мисли М. Шакурӣ, Л. Шералӣ, Д. Наҷот, В. Самад, П. Нидоӣ ва дигарон ба китобҳои Мирзо Шукурзода ҳамчун як навъ қомус оид ба тоҷикон муроҷиат мекунанд. Онҳо хизмати гирдоварандаро махсус таъкид кардаанд. Аз ҷониби дигар китобҳо – қомусҳое, ки олим Мирзо Шукурзода таҳия намудааст, дастраси хонандагони Тоҷикистону Эрон, Афғонистону Покистон, Ҳиндустон ва инчунин кулли дунё гардида, дар фаъолияти илмии онҳо ёрии амалӣ расонидааст ва мерасонад.

Ҳамзамон китобҳои навиштаи ӯ «Теғи ҷонбахш», «Кӯҳкане аз користони дил», «Ҳамосаи родмардони Хуросон» ва амсоли инҳо дар муаррифии тоҷикону Тоҷикистон, умуман форсизабонон нақши бузург бозидаанд. Дар ин бора тақризҳои сершуморе чоп шуд. Таҳлили асарҳои М. Шукурзода шаҳодат медиҳад, ки мӯҳтавои маҷмӯаҳои эшон беш аз пеш беҳтар мегардад ва дар эҷодиёти нависанда дигаргунии куллӣ ба амал омадааст. Мирзо Шукурзода ба мисли соли 1990 гирдоварандаи оддии мақолаҳо нест. Агарчанд онҳо дар муаррифии тоҷикону форсҳо аҳамияти бузурги тарғиботӣ ва тарбиявӣ доштанд.

Солҳои баъд худи ӯ чун муаллифи мақолаҳои олиҷанобитаърихӣ муаррифӣ гардид, ки дар ин бора мақолаҳои эшон «Тоҷику эронию афғон чаро?», «Ҳамзистии тоҷику турк», «Ориёиҳо ва паҳнаи Эрон», «Сухан аз вожаи тоҷик ва сарнавишти ин қавм» ( ниг. «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно», Душанбе: Деваштич, 2007) ва ғайра ва инчунин маҷмӯаи мақолаҳои ӯ «Ҷонпайванд» хеле равшан ва боварибахш шаҳодат медиҳанд. Ватанпарастӣ, дӯст доштани миллати хеш, ҳимояи манфиати он дар «Ҷонпайванд» низ хеле хуб ба чашм мерасад.

Китоби «Тоҷикон, ориёиҳо ва флоти Эрон»-ро ба мисли китобҳои дигар эшон бо меҳнати пурбори худ, бо як ҷаҳон меҳри саршор аз тоҷику форсҳо, бо хуни ҷигар дар бедорхобиҳо ҳарф ба ҳарф, калима ба калима, ҷумла ба ҷумла суруду офарид. Суруд дар назм, суруд дар наср барои насли имрӯза ва фардои мо! Ба қавли олим ва адиби тоҷик Шаҳобиддини Шуҷоъ: «Мирзо Шукурзода пас аз гузашти 12 сол бо як бағал дастовардҳои арзишманди фарҳангӣ» ба ватан баргашт. Яке аз он дастовардҳои эшон «Тоҷикон дар

қаламрави Ориёно» мебошад, ки соли 2007 дар нашриёти «Деваштич» ба табъ расид ва мақолаҳои донишмандони маъруфе чун С. Айнӣ, С. Нафисӣ, Б. Ғафуров, В. Бартолд, М. Шакурӣ, олимон Ю. Яъқубшоҳ, Н. Ҳотамов, А. Табрезӣ, С. Эзидӣ, Р. М. Сабзаворӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Онҳо ҷанбаи таърихӣ ва мардумшиносӣ дошта, аз ягонагии нажодӣ ва фарҳангии тоҷикону эрониёну афғонистониён далолат медиҳанд. «Тоҷикон, ориёиҳо ва флоти Эрон» дар байни хонандагон хеле хуб пазируфта шуд. Тасодуфӣ нест, ки соли 2002 бори дуввум дар Теҳрон чоп шуд ва дастраси ҳаводоронаш гашт.

Илова ба он хислатҳои беҳтарини соҳибчшни мо: миллат ва меҳанпараст, ҳимоягари беҳтарин арзишҳои миллату меҳан, ки дар боло дидем, мехоҳам, боз дар бораи як харктери хоси эшон ёдовар шавам: мавсуф ҳимоятгари оддӣ танҳо дар сухан нест. Ҳастанд чунин шахсони меҳанпарасти «хонашеру майдонғариб». Мирзои мо натанҳо ору номус, балки дилу гурда ва ҷасорат дорад. Берун аз ҳудуди кишвари худ дар байни ашхоси ношинос ё камшинос ному нишони муқаддаси халқу замини поки худро бо далелҳои қотеъ ва мантиқи қавӣ дифоъ карда тавонистан, ин худ гувоҳи шердилӣ ва ҷасорат аст. Мирзо Шукурзода илова ба ин ҳама, ҷони ҷавони худро зери хатар монда, бо амри дилу виҷдон барои зиёрати қаҳрамони Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд монеаҳои зиёдеро паси сар намуда, бар хилофи ҳама гуна хатари марг бо эшон мусоҳиб шуд ва оиди ин шахси афсонавӣ силсилаи мақолаҳо навишта, ба мардум муаррифӣ намуд. Бурҳониддин Раббонӣ ва симоҳои барҷастаи тоҷикони ин мамлакати оташзадаро ба ҷаҳониён ошно сохт.

Ҳамин тавр, дар шахсияти соҳибҷашни мо Мирзо Шукурзода шаҳрванди бузурги Тоҷикистонро мебинам, ки чун нависанда, шоир, публицистӣ оташинсухан, олим, мутафаккири меҳанпараст фаъолият намуда, обрӯву эътибори тоҷику Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ менамояд.

Маҷмӯаи мақолаҳои эшон «Ҷонпайванд»-ро варақ мезанам. Дар номаи саркушодаи Мирзо Шукурзода «Ман дигарам? Ту дигарӣ», ки 19 майи 1993 дар рӯзномаи «Кайҳони ҳавоӣ»-ӣ Теҳрон нашр шудааст, муаллиф аз муносибати дӯстонаи Эрону мардуми он ёдовар шуда, ҳамчунин сафарҳои худро ба Исфаҳону Машҳаду Шероз зикр карда, менависад:

«Бародарону хоҳарони гиромитар аз ҷони мо бо шунидани калимаи тоҷик ва исмҳои Тоҷикистону Самарқанду Бухоро ёд аз Бӯи Ҷӯи Мулиён карда, ашк рехтанд. Пас ормонҳо ва дардҳои мо чун таърихи мо муштарак буданду муштарак ҳастанд» (Ҷонпайванд, 2006. саҳ 95). Барои тасдиқи маънии боло муаллиф аз китоби С. Нафисӣ «Аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ» иқтибос меорад: «Бухоро маъруфтарин маркази забони мо шуд, чунон, ки пас аз ҳазору чанд сол забони аксарияти мардуми Бухоро ва забони бозори он порсист ва ҳанӯз аксарияти мардуми он аз нажоди эронианд, ки имрӯз эшонро тоҷик меноманд». Баъди ин иқтибос муаллиф фикри худро идома медиҳад: «Мутаасифона, калимае, ки имрӯз ба чашми шумо, оқои Ботинӣ ва теъдоде аз бародарони мо дар Эрон бегона менамояд, ин ҳамон вожаи тоҷик ва номи тоҷикон аст». Барои тақвият додани хулосаи худ муллиф афзудааст: «гоҳо ҳисси кунҷковӣ боло мегирад ва аз ҳамсуҳбатони хеш суол мекунам:

– Шумо қавмеро ё миллатеро бо номи тоҷик мешиносед?

– Не, валлоҳ. Тот, балуҷ, курт, лур, осурӣ, афғонӣ ҳастанд туи Эрон.

– Исми Тоҷикистонро чӣ? Шунидаед ин номро?

– Оҳо… Тоҷикистон… ин дар Гурҷистон аст?... Шӯравӣ?... Ҳамин тур не?

– На, ин тур нест!...

…

Дар вазорат ва идораҳо борҳо пурсидаанд, ки банда «Форсиро куҷо ёд дорам». Посух медиҳам, ки: «ман тоҷикистониам ва забони модарии мо форсист».

– Оҳ-ҳо, шумо моли мо будед як замоне.

– На бародарони фаромушкор! Мо ба ҳеҷ сурат яке моли дигаре набудем. Дар дарозои таърих фақат сарнавишти наҳс баробари мил кашидан ба чашмони Рӯдакӣ моро низ бе басорат ва як қалби воҳидро чандин қисмат кард, ки на фақат макони худро аз ёд бурдем, балки номи худро аз ёд бурдем. Теғи Темур ва Чингиз на фақат ҷисми мо, ҳатто ҳофизаи таърихии моро абгор ва захмӣ намуд, ки ҳанӯз ҳам ниёз ба дармони онро дорем». (ҳамон ҷо, с 98-99)

Мирзо Шукурзода дар ҳамон номаи саркушодаи худ ба ҷаноби М. Ботинӣ аз мақолаи шоири тавоно Нодири Нодирпур иқтибос оварда, бо таассуф ба Ботинӣ муроҷиат мекунад

«... Оне, ки маҷмӯаи ашъораш бо теъдоди зиёде дар Тоҷикистон борҳо ба табъ расид ва ҳазорон дилбохтагони шеъри эшон сурудаҳояшро аз бар медонанд ва дар яке аз маҳфилҳои адабӣ дар симпозиуми байналмилалии шеъри муосири форсӣ дар Душанбешаҳр эшонро рӯи каф бардошта, ба саҳна хонданд, тоҷикро бо чи ақвоме дар як ҷойгаҳ ва он ҳам бошад, дар сафи охир қарор медиҳад... Яъне эшон мефармояд, ки тоҷик (оне, ки ворисӣ Рӯдакиву Бӯаливу Камолу Мавлавӣ ва Ҷомист) чун арманӣ, ҳинду ва турк аз ақвоми наздики эрониён маҳсуб мешавад... (таъкид аз М. Шукурзода)».

Ин ҳама ноогоҳӣ ӯро ба фиғон меорад, оҳ мекашад ва нола мекунад:

*Шиша наздиктар аз санг надорад хеше,*
*Ҳар балое, ки ба мо мерасад, аз хештан аст.*

Ангушти таассуф ба лаб мегазад, ки оқои Нодирпур бо он ҳама огаҳӣ аз ашъори гузаштагон ва чирадастие, ки дар сурудани шеъри муосири форсӣ доранд, наход дар ҳеҷ баёзе бо калимаи тоҷик дучор нагашта бошад» (саҳ 100-101). Чунон мисолҳоро метавон бисёр овард. Онҳо дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки нависанда ва олими тоҷик чун шаҳрванди Тоҷикистон, миллату меҳанпараст наметавонад нисбати ин ҳама беадолатиҳо бетараф бошад.

Дӯстам Мирзоҷонро ба синни камолоти шаст аз таҳти дил табрик намуда ба эшон ва хонадони шарифашон тансиҳатии бардавом, бахту саодат чун ҳамеша парвози баланди илҳом, некномиву сарбаландиро таманно дорам. Бо чунин байте ба сухани худ ҳусни хотима мебахшам.

*Ба олам нахли умрат чун дарахти борвар бодо,*
*Ки фонуси хаёлат равшан аз субҳи саҳар бодо.*

*Мирзо АҲМАДЗОДА,*
*доктори илмҳои филологӣ,*
*профессори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

# ДӮСТӢ БО МАРДУМИ ДОНО НАКӮСТ

Сипас Яздони покро, ки дар тӯли зиндагӣ дӯстони ҷонии зиёде пайдо кардам, ки бароям аз ҳамаи неъматҳои дунё азизтаранд. Яке аз ин нафарон адиб, муҳаққиқ ва рӯзноманигори тавоно, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи адабии ба номи Садриддини Айнӣ Мирзо Шукурзода мебошад. Инак, 41 сол мешавад, ки мо ҳеҷ гоҳ бе ёду дидори ҳамдигар зиндагӣ накардаем, фосилаи дӯстии хонадонҳои мо танҳо 40-50 соли нимаи дуюми асри бист набуда, балки таърихи мадиде дорад, ки аз ибтидои садсолаи гузашта ибтидо мегирад.

Хушбахтона, пайвандони арҷманди хонадони падарӣ ва модарии Мирзо Шукурзода Ҳоҷӣ Мулломуҳаммади Салим, Муллоибодуллоҳ, Мирзоамир ва дигарон аз шахсиятҳои китобдон, китобхон ва китобнавис буданд. Ҳоҷӣ Мулломуҳаммади Салим мударриси мадрасаи Қӯқанд, Муллоибодуллоҳ шоир ва фақеҳ, Муллосаъдуллоҳ таҳсилкардаи мадрасаи Бухоро, Мирзоамир мударрис ва устоди забони форсии мактаби деҳа қабл аз зуҳури болшевикҳо низ бо китоб бо «Қуръон»-у «Чаҳор китоб» ва таърихи илму адаб сарукор доштанд. Дар баробари ин аҳли хонаводаи Мирзо Шукурзода, ки дар деҳаи Худгифи Соя истиқомат доштанд, бо тамоми аҳли фазли ноҳия ишқу муҳаббати хос доштанд. Чунончи, аз деҳаи Худгифи Боло ба эшони Абдулҳақ, аз деҳаи Роғ бо эшони Муллоикром ва Муллоабдураҳим, аз Эсиз бо Муллозокир, аз Падаск бо Муллонизом, аз Ревомутк бо Усто Абдулазиз ва Муллонеъмат, аз Оббурдон бо Махсуми Хатиб робитаи дӯстӣ ва фарҳангӣ доштанд. Номбурдагон ҳама аҳли китоб ва донишманди улуми исломӣ ва ирфонӣ буданд. Дар баробари ин шахсиятҳои маъруф ниёгони бофазлу камоли Мирзоҷон табиист, ки бо қиблагоҳи банда эшони Муфтӣ (Мулоаҳмад Мираминзода) ва тағоии модариам Муллоумар (ҳар ду аз деҳаи Падрохин) робитаи хеле қавии фарҳангӣ ва дӯстӣ доштанд. Зеро эшони Муфтӣ (1879-1955) дар ибтидои садаи бистум қозӣ ва муфтии водии Зарафшон буданд ва мӯҳрҳояшон то ба имрӯз маҳфуз

мондаанд. Эшон шарикдарси Садриддин Айнӣ ва Муллоикром (падари Ҷалол Икромӣ) мебошанд (Дар ин хусус нигаред ба маҷаллаи «Фарҳанг», соли 1999, №5-6). То он ҷое, ки маълум аст, эшони Муфтӣ аввалин шоири соҳибдевони дар қаламрави Мастчоҳ маҳсуб мешаванд ва аслан олими тавонои илмҳои исломӣ ва ирфонӣ буданд. Ҳар субҳ дар пеши чароғ се-чор пора аз «Қуръон»-ро қироат мекарданд ва чунон ба ҳаяҷон меомаданд, ки оби дида ба ду рухсораи муборакашон равон мешуд (Дар бораи шахсият ва бузургии эшон дар мавриди дигар таваққуф хоҳем кард).

Муллоумар низ аз шахсиятҳои маъруфи улуми динӣ ва ирфонӣ буданд. Шахси ниҳоят фурӯтан, поку тоза, қаноатпеша ва маҳбуби ҳамагон ба шумор мерафтанд. Табиист, ки ниёгони Мирзоҷон бо ин ду шахсияти маъруф низ муносибати хеле қавии дӯстӣ доштанд ва аз фазлу дониши ҳамдигар баҳра мебардоштанд. Чунончи, худи Мирзо Шукурзода дар яке аз навиштаҳояш овардааст: «Аммо нигини халқаи аҳли китоб дар сар то сари Мастчоҳ Эшони Муфтӣ ва Эшони Муллоумар маҳсуб мешуданд. Хушбахтона, ин ду бузургвор ҳар гоҳ, ки ба зодгоҳи мо – Худгифи Соя қадам ранҷа мекарданд, пеш аз ҳама ба суроғи падар ва амаки камина меомаданд. Яъне, аз солҳои 20-40-уми асри гузашта то имрӯз зикри хайри ин ду абармард дар хонаводаи мо насл ба насл, аз даҳон ба даҳон гузашта меояд. Муҳаббати аҳли авлоди мо, ба хусус, падарам ва амаки ҷаннатмаконам – Эшони Муллораҷаб бо Эшони Муфтӣ шояд мероси гаронбаҳое аз ниёгони дар боло номбаршудаи мо бошад ва аз он дарёи лутфи бекарона, Худоро шукр, ки қатрае ҳам ба мо расида». Агар мо ба ин лафзу ҳарфҳо ба ибораи Шайх Камоли Хуҷандӣ, чун хома равон нагузашта, ба ҳар ҳарфаш чун сиёҳӣ фурӯ биравем, ин ҳамон панду андарзҳои хотирмону судманди авлоду аҷдодони донишманду бомаърифати ниёгони Мирзоҷони мо мебошанд, ки аз насл ба насл гузашта, то ба замони мо омада расидаанд ва ба воситаи наслҳои имрӯзу фардо идома меёбанд. Камина, ки солҳои зиёде аз сӯҳбатҳои муфиди Эшони Муфтӣ баҳра бардоштаам, дар бораи дӯстиву рафоқати ин ду хонадон нақлҳои аҷиби зиёде дар хотирам нақш бастааст. Дӯстии самимии онҳо оқибат ба хешиву таборӣ табдил ёфт. Эшони Муфтӣ Саидмухтор ном додарзодаи меҳрубоне доштанд ва ӯро бо яке аз духтарони авлоди

Мирзоҷон хонадор карданд, ки аз онҳо наслҳои зиёде ба мерос мондааст ва ин риштаи дӯстӣ то имрӯз побарҷост.

Фазли Худоро бинед, ки фарсангҳо дур аз задгоҳ, дар шаҳри Душанбе ба фарзанди арҷманди ин хонадон Мирзоҷон, ки боре ҳам дар қаламрави ноҳия вонахӯрда будем, ошноӣ пайдо кардам ва ситорааш бо як дидан чунон писандам омад, ки аз он соли шиносоӣ то ба имрӯз ҳамеша шефтаи дидор ва сӯҳбаташ ҳастам. Яъне тавре зикр шуд, зиёда аз 40 сол мешавад, ки дар Душанбе ҳеҷ гоҳ бе ёди ҳамдигар зиндагӣ накардаем. Аз ин ҷост, ки ин байти ҳазрати Бедил ҳамеша вирди забонаш ҳаст:

*Шохи аз гулбун ҷудо масруфи гулхан мешавад,*
*Зиндагӣ бо дӯстон айш асту танҳо оташ аст.*

Азбаски банда ба синну сол бузургтар ҳастам, Мирзо Шукурзода мудом ба суроғам меояд. Абӯшакури Балхӣ байти пандомӯзе дорад, ки бо вуҷуди таърихи зиёда аз ҳазорсола доштанаш ҳоло ҳам барои имрӯзу фардои мо бояд дастури зиндагӣ бошад:

*Боадабро адаб сипоҳ бас аст,*
*Беадаб бо ҳазор кас танҳост.*

Мирзоҷони мо ана дар ҳамин рӯҳия тарбия гирифтааст ва бо одобу ахлоқи ҳамидаи худ хурду бузургро мафтун месозад. Ба тамоми хислатҳои неки инсонӣ ороста ва пероста мебошад. Агар касе боре сӯҳбаташро дарёфта бошад, аз он дил канда наметавонад ва орзу мекунад, ки бори дигар аз сӯҳбаташон баҳра бардорад.

Ӯ бо қобилияту истеъдоди худододи муҳаққиқӣ, шоирӣ, нависандагӣ, ходими намоёни матбуот будани худ фахри мардуми тоҷик аст. Касе китобҳои очерку мақолаҳои Мирзо Шукурзода «Ситораҳои рахшон», «Теғи ҷонбахш» маҷмӯаҳои тартибдодааши «Тоҷик – тоҷдор, тоҷвар», «Тоҷикон дар масири таърих», «Себи Самарқанд», рисолаҳои илмии «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон», «Парниёну ҳариру абрешим» «Кӯҳкане аз куристони дил», «Ҷонпайванд», беш аз 500 мақола ва дигар таълифоти ӯро мутолиа карда бошад, борҳо шукр мекунад, ки тоҷикон чунин фарзандони барӯманде доранд, ки ба халқ чунин мероси гаронбаҳое ҳадя кардааст.

Мирзо Шукурзода чандин соли умр бобаракати худро дар кишварҳои ҳамдину ҳамзабону ҳамфарҳанги ба мо дӯсти Эрону Афғонистон сипарӣ карда, бо таълифоти гаронқадри худ пайвандгари ҷону дилҳо шудааст. Ӯ яке аз таблиғгарони асосии тамаддуни ориёӣ ва мардуми ориёнтабор буда, бо чунин иқдоми неки худ маҳбуби аҳли фазли форсизабонҳо гардидааст. Вай ба Қаҳрамони миллии Афғонистон, шери Панҷшер Аҳмадшоҳи Масъуд, собиқ Президенти Давлати Исломии Афғонистон устод Бурҳониддини Раббонӣ, аввалин маршали тоҷик Фаҳим борҳо мусоҳиб гардида, доир ба маҳорати ҷангӣ ва дигар корнамоиҳои эшон силсилаи очеркҳо ва повести хотирмоне таълиф кардааст, ки кас онҳоро беҳаяҷону изтироб мутолиа карда наметавонад. Ӯ бо бисёр ходимони давлативу сиёсии Эрону Афғонистон ва даҳҳо шахсиятҳои маъруфи фарҳангиву адабии ин мамлакатҳо муносибати дӯстиву эҷодӣ дорад.

Мутаассифона, дар як навиштаҷоти кӯтоҳ наметавон доир ба фаъолияти густурдаи илмиву адабии серпаҳлӯи ин бародари бузургамон изҳори ақида кард. Бо вуҷуди ин корнамоии бузургу шоистаи Мирзоҷонро, ки сабаби як умр сарфарозии аҳли хонаводаи мо гаштааст, дар ҳеҷ сурат фаромӯш карда наметавонем. Ин ҳамон таълифоти эшон аст, ки бахшида ба қиблагоҳии банда бо хеле заҳамоти сангин бо унвони «Кӯҳкане аз користони дил» дар Эрон ба хатти форсӣ ва бо теъдоди муносиб ба табъ расидааст. Унвони ин китоб бевосита ба худи Мирзоҷон ҳам дахл дорад ва сабабаш ин аст, ки Эшони Муфтӣ чунонки зикр шуд, як шахсияти хеле тавоно ва маъруфи исломӣ буданд ва таъсири ин ақида дар кулли таълифоташон равшан эҳсос карда мешавад, вале он ба мафкураи ҳукмрони замони шӯравӣ мусоидат намекард. Бо вуҷуди он, ки дар матбуоти даврӣ гоҳ-гоҳ намунаи ашъорашон ба табъ мерасид, барои чопи комили девонашон имконият набуд ва чунин имконият танҳо пас аз пош хӯрдани сохти шӯравӣ фароҳам омад ва девони ашъорашон бо кӯшиши инҷониб ва кӯмаки дӯстони хайрандеш тавассути нашриёти «Шарқи озод» ба табъ расид. Хизмати шоистаи Мирзоҷон аз он иборат аст, ки намунаи ашъори Эшони Муфтиро бо шарҳи пурраи зиндагиномаашон ба форсизабонҳои дунё пешкаш намуд. Соли 2007 ин таълифоти Мирзо Шукурзода ба хатти сириллик дар маҷаллаи «Адаб» ба табъ расид ва бад-ин васи-

ла хонандаи тоҷик ба ҳаёту эҷодиёти шоир бештар огоҳӣ пайдо кард. Воқеан, бо кӯшиши Мирзо Шукурзода ва номзади илмҳои филологӣ Шодӣ Шокирзода рисолаи олими тавоно, вале ҷавонмарг Шодӣ Асроров «Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» низ соли 2006 тавассути нашриёти «Адиб» ба нашр расид.

Инак, Мирзо Шукурзода собит намуд, ки дӯстиву рафоқати хонадонҳои мо таърихи беш аз садсола дорад ва умедворем, ки ин риштаи дӯстӣ ҳамеша побарҷо бошад. Дар бораи Мирзоҷон ҳар қадар сухани меҳромез бигӯем, он кам аст ва дар рӯи варақ баён кардани он ҳама ихлосу садоқату муҳаббати мо аз имкон берун аст.

Ба қарибӣ дарак ёфтем, ки Мирзоҷони азизи мо ба синни мубораки шаст қадам мегузорад. Ҳарчанд ки кас ба ин бовар намекунад (зеро ба зоҳир хеле ҷавонтар менамоянд), он чи ки дар замир нуҳуфтааст, мехоҳам баён кунам. Яъне аз Худои мутаол умед мекунем, ки ба ин бародари фидоии мо умри дарозу ризқи фаровон, ҳаёти пурнишоту бобаракат ва саодату сарбаландиро арзонӣ дорад.

*Муборак зодрӯзат, ҷони ширин,*
*Ҳумоюн шому рӯзат, ҷони ширин.*
*На кам бинад, на ғам бинад, на озор,*
*Вуҷуди дилфурӯзат, ҷони ширин.*

*Усмон НАЗИРИ ОТАШ,*
*номзади илми филология*

## ДОНАКОРИ МАЗРАИ АДАБ

*Бо тапиш сар мекашид он ҷо дили нолони ман,*
*Сурмаи саднаргиссистонибрат аст аҷзои мо.*
Мирзо Бедил

Суханро дар тарозуи ақл бояд бисёр бо эҳтиёт баркашид, то беимону дурӯғгӯят машмаранд. Ситоиши шахсе, ки арҷгузорӣ мекунӣ, осон нест. Изҳори меҳру эҳтиром ба қаламкаше, ки аз нӯги хомааш зар мерезаду гули маънӣ мебо-

рад, мушкил аст. Метарсам аз он, ки зарро бо ҷав ҳамсанг нагуморанд. Аллоҳ ба Инсон гуфта: «Худи худро бишнос. Худ бишносӣ, ҳамаи мавҷудот бишносӣ». Аз шоири асри IX аъраб Ибн ал-Мӯътоҷ пурсиданд: Ҳаёт чист? Ҷавоб дода: Лаҳза. Лаҳзаи аз марг duздида. Ҷавоби андешабарангез.

Нишастам сари мизи корӣ. Ба андеша рафтам, баҳри сайри чамантирозии сайёд... Мақсад шикори маънист. Мехоҳам ба ҳамдиёри азизу маҳбубу қаламкашам, ки гап-гап аст бар рахши шаст нишастанист – Мирзо Шукурзода сайди андеша тӯҳфа бикунам. Андешидам, ки зиндагиномаашро ба шайдоён пешкаш менамоям. Дар дафтари андеша нагунҷид. Чун фарзанди кӯҳ асту болину бистараш санг, ба гӯшам ин садои дилаш бирасид:

*Қуллаи ман то дари афлок рафт,*
*Пои ман бар магз-магзи хок рафт...*
*Пеш рафтӣ кор осон мешавад,*
*Қуллаи нав ҳам намоён мешавад.*

Аз синни навҷавонӣ ва бахусус аз лаҳзаҳои дарки худшиносӣ Мирзо аз пайи фатҳи қуллаҳои мурод аст. Дар ин шоҳроҳ ҳиммати баланд дорад. Махдуми Аъзам (а. 15-16) хуб гуфта:

*Ҳиммат ар дорӣ, ба ҷре мерасӣ,*
*Бенавоӣ, бо навое мерасӣ.*

Навиштаҳои зер, ки тиллоарзишанд, меваи ҳамин ҳиммату азхудгузариҳои Мирзостанд: «Ситораҳои рахшанда», «Теғи ҷонбахш», «Кӯҳкане аз користони дил», (Теҳрон, 1999), «Парниёну ҳарирy абрешим» (Теҳрон, 2004), «Рӯҳи Рахш» (баргардони гузидаи ашъори Лоиқ ба хати форсӣ, 628 саҳифа), омода ва нашри ду маҷмӯа аз Гулрухсор, «Тоҷикон дар масири таърих», «Тоҷикон, ориёиҳо ва флоти Эрон», «Аз Ҳиндикуш то бекарон», «Гулчини дурри дарӣ» ва ғайра. Ҳар сатре, ки аз хомаи суханвар мечакад, бақои хуни ӯст. Навиштаҳои М. Шукурзода ҳидоят ба худшиносиву родмардӣ, хок бар сар, расан ба гардани ҳар баду даду манқурткешанд. Сухансолор аст Мирзо. Гуфтанист:

*Ман рақибамро чу мехи хайма мехоҳам мудом,*
*Сар ба хоку, мушт бар сар, ресмон бар гарданаш.*

Ифтихор дорам аз М. Шукурзода, аз навиштаҳову таҳияҳояш. Чаро? 3-он, ки ғаввосест зарёб. Дар об, дар дарё, дар баҳр, дар уқёнуси рӯяк шино намекунад, ба жарф меравад, бар рӯй аз мавҷу тӯфонҳо ҳарос надорад, илми кимиёиву дунёӣ медонад. Даъвӣ дорӣ, мепурсед? Дорам. Бо заҳмату қудрату тавонойӣ, ин кушандаи торикиву хоб, дар матбуоти Тоҷикистону Эрон ва дар «Донишнома»-и адаби форсӣ ( чопи Теҳрон) беш аз ҳазор мақолаи чоп карда. Яку дую даҳу сад не, беш аз ҳазор мақола. Аз қалами як тоҷик як боғистони ҳамешасабз бунёд шуда. Офарин Мирзо! Месазад ситоемат:

*Аз ҷону ҷаҳони ту самар мерезад,*
*Аз умқи дилат ҳамеша зар мерезад.*
*Эҳёгарӣ, дарёи вуҷудат, эй дӯст,*
*Доруи шифо баҳри башар мерезад.*

Чун саҳифаи аввали Қомуси таҳиякардаи олими заррабин Мирзо Шукурзодаро бикушоем, мехонем: «Тоҷикзамини муқаддас! Шукуфоӣ, саъодат ва абадияти туро аз Худои бузург таманно дорам. Мураттиб». Ин чанд сатри олӣ маҳбубияти бепоёни мураттибро оид ба Ватани таърихии мо ифода мекунанд. Метавон гуфтаҳои фавқро маромнома ва мақсади пажӯҳиши адиб номид. Устод М. Шакурӣ барҳақ навишта, ки: «Мирзо Шукурзода дар сафи онҳоест, ки дар даҳ – дувоздаҳ соли охир дар Эрон як ҷараёни қавӣ, бо номи тоҷикистоншиносӣ ба вуҷуд оварданд. Ва ширкати ӯ дар тоҷикистоншиносии Эрон як падидаи ватандӯстӣ ва миллатпарастӣ буда, ба вижа дар истиқлоли Тоҷикистон аҳамияти калони иҷтимоиву сиёсӣ дорад, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он мустаҳкам мекунад». Оре, чунин аст. Мирзо Шукурзода бо китоби худ шиносномаи ивазнашавандаро ба мо дод ва бо масъулият фармуда: Худро бишинос! Худ нашиносӣ, ҳеҷ наӣ! «Тоҷикон дар қаламрави ориёно» боргоҳи бегазанди илм аст. Бояд ба ин боргоҳи мунаққашу мондагор, чун ба боргоҳи хирад ворид шуд ва бо симои нави пурҷило ҳамчун тимсоли ҷовидони давронсозу пайвандгару арҷгузори гузаштаи боифтихори хеш, бурун омад.

Мирзо ҳам рӯзноманигор, ҳам нависанда, ҳам файласуф, ҳам сӯфӣ, ҳам ориф, ҳам ринд, ҳам родмардест, ғарқаи

хаёлҳои аврангӣ. Ҷонаш беқарор, бисту чаҳор соат дар кор: ҳам дар бедорӣ ва ҳам дар хоб. Шӯраш беш аст, андешаманду хизматкеш аст. Дар силки суханварон гуҳарҳои ноб дорад. Ба тортанакҳои худнамо нидо дармедиҳад: Эй заллакаши хаёл, неъмат дигар аст!

Чун гоҳ-гоҳе шӯълаи чашми мо дар шароб афтад, бо завқ мегӯяд: Нӯши ҷон бод! Маънисиришт аст Мирзои ҳамагон. Бехудиҳояш ҷарасфиғонанд. Гоҳ-гоҳе «Гарчи худ бебаҳрам аз айшу нӯши дигарон», мугӯяд. Ба Оташ гоҳ мефармояд: «Домани хум фарох аст, давре тамом гардон» ва хоҳиш мекунад: Садқатон шавам, як чиз гӯед. Мегӯям:

*Пеш биншин, соғаре бистону табъ озод кун,*
*В-ин парасторони маъниро ба гуфте шод кун.*
*Дар намозам дил зи махмурӣ ба сад ҷо меравад,*
*Қибла гум шуд, мӯҳтасиб, майхонаро обод кун.*
*Шукри ин давлат, ки даврон бар муроди ҳусни туст,*
*Бода дар ҷоми Назирӣ то хати Багдод кун.*

*(Назирии Нишопурӣ)*

Бо завқ, қоҳ-қоҳ зада, сарафрозона механдад. Хандаи бе бода маст. Сухане мепартоям баҳри оташафрӯзӣ: Бӯсамуштоқон чаманҳо зери лаб хун кардаанд (Бедил). Садои хуши «ваҳ-ваҳ», баланд мешавад... Мефармояд : Боз якто аз ҳамон обназадаҳош гӯед. Дар бораи ҷононаҳо бошад. Афзудам, ки ба ҷононае гуфтам:

*Иҷозат деҳ ба дандон барканам хол аз лаби лаълат,*
*Муносиб нест ҳинду бар лаби кавсар макон гирад.*

Ва:

*Ман нахоҳам бар тавофи Каъба рафт,*
*Чашми духтарҳо бароям Макка аст.*

Ӯҳ, бахудо занҳо обмешаванд...

Аз забонаш боре чунин маънӣ берун шуд: «Дили бебоки маро завқи гунаҳкорӣ деҳ». Гуфтам, гӯш андозед Мирзоҷон: Агар ба Шумо «завқи гунаҳкорӣ диҳанд», ними ҷаҳон оташ мегирад. Қоҳ-қоҳи мастонаву орифона баланд шуд. Гуфтам, гӯш кунед, ки чунин ҳам гуфтаанд:

*Бош нодон то ба базми рӯзгорат ҷо диҳанд,*
*Мекунанд аз ҷаннатат берун, агар одам шавӣ.*

(Бедил)

Гуфт: *Аз ҷаннат берун будан беҳ нест?...*
Афзудам:
*Булбул ба қафас асиру зогон ба ҷаман,*
*Симург гарибу каргасон аҳли ватан.*
*Оҳу ба харобот, сагон дар маскан,*
*Агёр ба кӯи ёру саргардон ман.*

(Абдуллатиф, шоири асри 17)

Ва:
*Бараҳна дид сари лоларову шабнам гуфт:*
*– Кулоҳи сабзи ту аз боғи субҳ чун афод?*
*Ҷавоб доду бихандиду гуфт: Нашнидӣ?*
*«Забони сурх сари сабзро медиҳад барбод».*
Дар ҷавоб хеле баланд гуфт:
*Нафаси поки Масеҳост, бурун меояд,*
*Юсуфо, шод бизӣ, Мисри вафо меоӣ!*

Дили эшон лабрез аз муҳаббат ва шеъраш исёни ӯст. Ба қавли нависандаи машҳури рус Некрасов: «Где тяжко дышится, где горе слышится, будь первый там». Ҳар куҷо аввалқадам аст.

Ба зиндагӣ, воқеоти олам, тӯфонҳои Нӯҳи олам, маънавиёт, нигоҳи хосаи худро дорост Мирзо. Китобхонаи азиме дар сина дорад. Дилаш дарёи шеър аст. Заршинос аст. Асоси даъвӣ «Себи самарқандӣ» (Гулчини ҳазор рубоӣ аз фолклори тоҷик, гирдоварӣ, таҳқиқу тасҳеҳи М. Шукурзода, Теҳрон 1379) мебошад.

Ба олими ҷаҳонэътирофи рус В. В. Бартолд ин сухани баргузидаи англисӣ бисёр маъқул будааст: «Беҳтарин коре, ки инсон мумкин аст бикунад, он аст, ки ӯ беҳ аз ҳама метавонад бикунад». Ин гулчинкитоб шоҳкории ӯст, ки омода ва чоп карда. Мирзои дар гирдоварии рубоӣ заршинос, рубоиҳои гирдовардаи худро «ганҷи беинтиҳо» номида, ки ҳақ аст. Рубоиҳои саркардаи Мирзо, ки онҳоро ростин «Гулҳои худрӯй аз гулшани диёри Одамушшуаро» номидааст, зебову пуртаровату ҷоннавозу ҳузурбахшанд.

Бо овардани ду рубоӣ барои тасдиқи фикр суханро кӯтоҳ мекунам:

*Дар дашт будам зилзилаи ҷанг омад,*
*Шамшери мугул ба гарданам танг омад.*
*Мирбача будам гурехтанам нанг омад,*
*Хуни ҷигарам ба ҳар сари санг омад.*

***

*Аз лоларухе гули суман мемонад,*
*Аз булбули хушнаво чаман мемонад.*
*Беҳ аз ҳама чиз нишон ҳарфе гирӣ,*
*Ман хон шавам, хате зи ман мемонад.*

Шоири ғӯрамаргу тозагӯйи мастчоҳӣ Қувват Давлат дар шеъре бисёр олӣ гуфта:

*Хомаро то кардам оташкоби сӯзи синаам,*
*Розҳоям фош мегардад ба ифшои қалам.*

Хомаи оташкоби сӯзи синаи Мирзо ва фошгари розҳояш ҳамроҳи соҳибаш дар ақсои олам бисёр қадамфарсоӣ карда. Борҳо обила карда ҳам пойи хома, ҳам пойи дили Мирзо, то сухани нишонрас пайдо бикунад, то суханаш дар ғайби муаллифаш низ силаҳшӯрӣ намояд. Ф. Энгельс дуруст навишта, ки: «фардияти шахс на танҳо дар он аст, ки чӣ кор мекунад, балки боз дар он аст, ки онро чӣ тавр ба ҷо меорад». Кори сухан зӯртар аз ҳамаи қувваҳост ва адиб фонуси роҳи орзуст:

*Шоирон фонуси роҳи орзу,*
*Бояд афзоянд аз баҳри зиё.*
(Сулаймон Сталиский)

Устод Мирзо Турсунзода навишта, ки: «Агар шеър намебуд, дар аморати Бухоро, дар ин мамнӯъгоҳи ҷаллодон, ҷаҳолатпарастон, риёкорон девона мешудам» (М. Турсунзода. Пешгуфтор ба романи С. Айнӣ «Ғуломон», М., 1975, саҳ. 8, ба забони русӣ).

Мирзо Шукурзода шоири ҳассосу равшангӯст. Шеъраш равшангари дилу дидаҳост. Кам шеър мегӯяд, вале гулшанафрӯз мегӯяд, бо сӯз мегӯяд, маҷлисоро мегӯяд, тараб

андар дил меандозад. Ороминопазир аст Мирзо. Дар Раҳи Каҳкашони хаёл шоҳини дар парвоз аст. Шоираи рус Раиса Ахматова аҷиб гуфта, ки ба кору пайкори Мирзои мо ҳамнавост:

*Покой мне чуждо*
*Без стонов и без жалоб.*
*Пойду вперед и жизнь*
*вспашу, как поле*
*Чтоб время календарь опережало,*
*Чтобы судьба была покорна воле.*
*Ва Маргарита Алигер афзуда:*
*Жить всегда светло и весело,*
*Даже если плакать хочется.*

Мирзо ҳаёти рахшон, хомаи аз меҳр гулборон дорад. Хун мечакад аз хомааш то қут бахшад ҷонро... Навмедӣ барои Мирзо Шукурзодаи фароҳандеша ва саропо лабрези каломи рӯҳбахш бегона аст.

На ҳама асарҳо, на ҳамаи номаҳои умрашро зикр кардам.

Хислатҳои хоса дорад Мирзо. Кору амалаш мувофиқу баробаранд. Месазад, ки ин фармудаи суханвари покгуфтор Абӯсаиди Абулхайрро пиндори Мирзо донем:

*Бо илм агар амал баробар гардад,*
*Коми ду ҷаҳон бо ту баробар гардад.*

Чашму дилу дида ва хомаи Мирзо некро неку бадро бад менигорад. Зеро халқ чунин мебинад:

*Халқ оинаи чашму дили якдигаранд,*
*Дар оина нек-неку бад-бад бинанд.*

Кашф кардам Мирзоро барои худ ҳини сафар ба Эрон ва фаҳмидам, ки ба ҷон бори дил мекашад ва таъкидаш ин аст:

*То битвонӣ, бикаш, ба ҷон бори диле,*
*Мекӯш, ки то шавӣ зи дил ёри диле...*
(Абӯсаиди Абулхайр)

Рубоии зери Абӯсаиди Абулхайр гӯё барои ман ва ба рағми дили ман эҷод шуда. Онро метавон ҳам Оташномаву ҳам Мирзонома ҳисобид:

*Ман кистам? Аз қайди ду олам фарде,*
*Анҷоманише, баландҳиммат марде.*
*Девонаи бехуде, биёбонгарде,*
*Лабрези муҳаббате, саропо дарде.*

Мирзо омада аз қаъри таърих, барои имрӯзу фардоҳои дигар. Адабиётшиноси санҷидагӯй, таърихнигори ростбин, васлгар аст Мирзои мо. Касе наметавонад гӯяд: Буданаш чию набуданаш чӣ? Нисбати худ айни муддао гуфта:

Манам он уқоби гардун, ки парам сипеҳр сояд,
Зи калоғу қилу қолаш ба ҳавои дил паридам.

Сазовор аст гӯем, ки Мирзо Шукурзода пайвандгари дилҳову кишварҳост. Бо асарҳои баландпояи худ дар хусуси Эорну Афғонистон, мардони сутурги ин макону манзилҳо, гузаштаи мардуми ин сарзаминҳоро бо разму назмашон, хеле хуб қаламдод карда. Китоби ӯ «Кимиёгари дурри дарӣ» (Душанбе: «Деваштич», 2008), ки шаммае аз корҳои бузургу арзандаи сорбони корвони нур, дӯсти арҷманди тоҷикону Тоҷикистон, доктор Алиасғари Амири Шеърдӯст аст, аз он қабил мебошад. Ин китобро метавон номаи меҳр дар шинохти дӯстамон А. Шеърдӯст номид. Муаллиф дар ин китоб беҳтарин андешаҳои олимону қадршиносони тоҷикро гирд оварда, барҳақ дар дебоча менависад: «Кохи дӯстӣ ва равобити ҳасанаи фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон, ки ҳеҷ газанде бар он аз тундбоди ҳаводиси рӯзгор нарасид, акнун шукӯҳу шаҳомати хешро дучандон мефизояд ва мо мадюни хадамоти пурарҷ ва таърихии афроди соҳибкиром ва донишварони гаронмояе амсоли Арбоби шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, доктор Алиасғари Шеърдӯстем, ки дар ҳифзи шукӯҳу ҷалоли мероси ниёгони мо хидмати содиқона ба харҷ медиҳанд ва ин амонатро ба нерӯи ақлонӣ Рӯдакивор саломат нигоҳ медоранд». Оре, Устод Алиасғари Шеърдӯст барои васлгарӣ, меҳрубонӣ, дастгирӣ ва ҷонфишонашон дар дилпайвандии тоҷикону эрониён ба волотарин ситоишу сипосгузорӣ сазоворанд.

Тиллорезаҳои хомаи адиби доно ва дар майдони сухан

паҳлавони тавоно Мирзо Шукурзодаро пайваста матолиа мекунам, мезавқам, аз бар мекунам, илҳом мегирам. Ҳар навиштаи Мирзо Шукурзодаро мушти Коваи оҳангар бар фарқи ҳар бадбини диёр, ҳар шахси нотавонбину номарду камхираду бадгӯй нисбати Мастчоҳу мастчоҳиён меҳисобам. Суханаш Парчами шарафу ватандорӣ, ҷонсахтиву ғурури ҳамдиёрон аст.

Мирзо! Асарат «Ашки сари мижгони ман» маро шефта гардонид. Туро барои худам шинохтам ва кашф кардам. Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи Рӯдакӣ Гулназар дар фотиҳаномааш ба китоби мавриди назар амиқ навиштааст, ки: «Мирзо низ чун фарзандони барӯманди ин обу хок ба қисмати гузашта, имрӯза ва фардои диёраш бетараф нест. Арзиши корҳои дар кишварҳои ҳамкешу ҳамзабони мо анҷом додаи ӯ дар он аст, ки бори дигар дар маҳфили густурдатар ва пурҷамоттар аз фарҳангу суннату ойинҳои вижаи тоҷикӣ сухан гуфт ва дар шиносонидани ҳаммилатонаш нақши носутурданӣ гузошт». Ҳақ аст устод Гулназар. Дар хусуи шеъри Мирзо хуб гуфта, ки «забони шеъри ӯ равон, суханаш қавӣ, андешаҳояш равшану нишонрасанд». Пурра ба гуфтаҳои фавқ ҳамовозем.

Чун фазои синаи шоир Мирзо аз дӯст пур аст, суханаш низ аврокро рангину гулборон карда. Китоби мавриди таваҷҷӯҳ аз дебочаи Гулназар бо номи «Шеъри ман исёни бисёри ман аст» (сатр аз М. Шукурзода аст), пешгуфори муаллиф «Шеъре, ки нола аст», шаш бахш: Гиряи дил; Ғазалвораҳо; Бешаи сабз (гулчини рубоиёт); Обилаборон (гулчини дубайтиҳо); Хори ба дил нишаста; Аз китоби «Равзаи розҳо» иборат аст. Чаро номи бахшҳоро зикр кардам? Зарурат он буд, ки ҳар бахш баёнгари андешаҳои якгуна не, балки баёнгари домани фарохи пиндорҳои шоиранд. Аз ин китоб хеле баҳра бардоштам. Аз калимаҳои писандида, ибораҳои бикрэҷод, равонии чашмасори сухани Мирзоҷон шеърҳову рубоиҳо сохтам, яъне пайравӣ кардам баёни фасеҳи оҳанрабои дӯстамро. Мирзои азиз аз шеърҳои «бӯалии мулк»-ат хеле сатрҳоро ба дафтари дил насб кардам, аз он радда сатрҳои зерро:

*Шеъри ман исёни бисёри ман аст,*
*Шеъри ман Мансури ман, дори ман аст.*
(«Шеъри ман»)

*Қисмато, хоки Фаридунро дигар қисмат макун,*
*К-аз азал парвардаи як маҳду пистонем мо.*

(Аз шеъри «Савганд»)

***

*Паси даҳ қарн сомон ёфт Сомон-ш,*
*Шукӯҳу фарри Сомонро нигаҳ дор.*

(Аз шеъри «Муноҷот»)

***

*Ними ҷоне монда з-ин дарвешу бас,*
*Ними ҷонро бар, ту бар Масчоҳи ман.*

***

*Замин мемирад аз бедардӣ имрӯз...*

***

*Медарад синаи ман гурги ситам хомохом...*

***

*Бӯи ҷаннат медиҳад дасти сахойи модарам...*

***

*Эй хокии воло зи арш...*

***

*Решаи тоҷикон бимонад сабз,*
*То ҷаҳону ҷаҳониён боқист.*

***

*Арӯси қудсойин омад аз роҳ.*

***

*Газофи сӯҳбати ёрони садрӯ кардааст пирам.*

***

*Будӣ ҳамболи ману болу парам бишкастӣ...*

***

*Дар хандаи хуршеду маҳ хунсардӣ мебинем мо...*

***

*Зи ҳар базре, ки киштам дар ҷигар номи ту сар бар зад,*
*Ту дар девони ҳасратҳои ман байти муҷаллоӣ.*

***

*Ҳазор анҷумане наҷми як нигоҳи ту нест...*

***

*Мо май на барои кайфи як дам хӯрдем,*
*Гар шоми нишасту субҳи мотам хӯрдем.*
*Рӯзу шабу моҳу сол аз соғари дил*
*Заҳробайи хун барои Одам хӯрдем.*

***

*Ту абри сафеди шоҳсавори роҳӣ...*

***

*Холу хати рӯйи ту – китоби дили ман..*

***

*Ҷони ману ҷони ту шакарпайванд аст...*

***

*Эй шаҳри Душанбе, рӯҳи волойи манӣ,*
*Ту маснади дил, забони гӯёи манӣ,*
*Бо Айниву Лоҳутиву фарзанди Ғафур,*
*Шерозу Самрқанду Бухоройи манӣ.*

***

*Мазан бар шохи танҳои дилам санг...*

***

*... Ҳар дӯсте дар ҳадди хеш ҷойгоҳе дар дилу дидаҳо дорад.*

***

*Миллати худро ҳарчанд муртакиби ҷурму хатост, набояд нафрат кард.*

*Мо онгоҳ дар бистари марг орому осуда мехобем, ки эҳсоси нобудии забонамон ва меҳанамонро ба гӯр набарем.*

***

*Маҳрумият аз забони модарӣ маҳрумият аз эҳсоси инсонӣ аст.*

Навиштаҳои болоро шарҳ намедиҳам. Онҳо симои Мирзо, баёнгари Мирзо, садои Мирзо, навойи хуши Мирзо, ҳастии Мирзо мебошанд. Ифтихор мекунам аз Мирзо, ки садояш бо Ватанаш, бо Мастчоҳаш, бо Ҷаҳон ҳамсадост.

На ҳамаи рози диламро дар хусуси Мирзое, ки бошараф бори қалам мекашад, рӯи варақ гулрезӣ кардам. Шояд навиштаҳоям ба баъзе бахилакон маъқул наоянд. Суханвари асил, марди Сухани марди Худо, шоистаи ситоиш аст. Мирзои суханвар бунёдгари бӯстони андешаи рӯҳпарвару одамсоз аст.

Мирзои азиз! Андак ба ту, андак ба хонанда, андак ба худ роз гуфтам. Худро ба ифтихори азизиат андак аз ғавғои ҷаҳон озод кардам. Сухан аз арш омада. З-н рӯ суханвар сазовори ситоишу арҷгузорист. Гуфтаанд:

*Сифати бодаи ишқ зи мани маст мапурс,*
*Завқи он май нашиносӣ, ба Худо, тоначашӣ.*

Бо ҳазрати Бедил ҳамандешам, ки гуфта:

*Дар назарбозии мо бехаборон ҳайронанд,*
*Ман чунинам, ки намудам, дигар эшон донанд.*

Дӯсти азиз Мирзо! Гап-гапи шастсолагит аст. Боке нест. Боз як шасти дигаратро бинем, садтагӣ занем, баъд боз маслиҳат мекунем, ки чӣ кор кунему ба куҷо равем: Ба хонаи хаммор, ба хонаи хумори «шӯхи сад чаман», ба хонаи «гулхонайи чашми оне, ки китоби панд аст», ё ба хонаи хок. Дер намешавад ба хонаи дили хок рафтан. Як дам ғанимат аст, ҳар дам ғанимат аст, зиндагӣ ғанимат аст. Шод бизеҳу сарафрозӣ бикун. Сурурат мехоҳам, ҳузурат мехоҳам.

Шасти камолат муборак бод дӯстам! Бароят умри об, комёбиҳои беназир, зиндагии дилпазир орзу мекунам.

Мирзо, ту донакори мазраи адабӣ. Дил чунин садо дод:

*Мирзои Шукур дарахти пурборӣ ту,*
*Як тоҷики кӯҳпайкари боорӣ ту.*
*Як шасти дигар ба гарданат овезам,*
*Зеро, ки Сиёвуши зафарёрӣ ту.*
*Зинда бош!*

*Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН*

## АДИБЕ ЖАРФАНДЕШ ВА ШОИРЕ ДАРДМАНД

Ҳарчанд бештари муаллимони ахлоқ тарбиятро амре зарурӣ барои парвариши инсон ва рушди зеҳнии ӯ номидаанд, аммо боз ҳам бузургони Шарқу Ғарб мукаррар аз асаргузории азими сиришту гавҳар дар сарнавишти башар сухан ба миён овардаанд. Оре, мо ҳар андозае тарбиятро ситоиш бикунем, боз саранҷом гавҳар аст, ки нек ё бад, фаришта ё дад ба бор меоварад. Ғараз аз овардани ин суханон ва таъкиди акид бар сарнавиштсоз будани аслу нажод тасодуфӣ нест. Ин гуфторро ба рӯзгору осори касе оро доданием, ки богавҳар аст ва насаб аз дудмоне карим дорад.

Номи устод Мирзо Шукурзода ба хосу оми ҷомеъаи Тоҷикистон ошност ва маҳбубияти ӯ дар доираҳои илмиву адабии Эрону Афғонистон гуфтори ҷудогонаро тақозо дорад. Ин марди солору андешаманд, ифтихори ҳамдиёрону фидоийи фарҳанги асил инак, ба синни шаст қадам ниҳодааст. Ӯ аҳли қалам аст ва ҳар чӣ навиштааст зебову самимист ва ҳатто гоҳе касонеро тамҷид кардааст, ки дар донишу биниш ва хидмат ба халқу миллат дар марҳилаи поёнтар аз худи ӯ қарор доранд. Мехоҳам доир ба рӯзгори ин озодамард рӯзе китобе бинависам ва бешубҳа, ӯву зиндагиномаи ғамангезу пурмоҷаро, вале сарбаландонааш арзиши чанд рисоларо дорост. Ин лаҳза танҳо бо зикри ҷамили Шукурзодаи бароям азиз чанд варақро сиёҳ карда, шаммае аз нухбаҳаводиси умрашро арзёбӣ мекунам.

Дар тамоми қаламрави Масчоҳ деҳаи Худгифи Соя чун аксар деҳаҳои кӯҳистон бо адабпарвариву дурри маънӣ суфтани сокинонаш маъруф аст. Тақрибан аз тамоми хонадонҳои ин русто дар давоми дусад соли охир ҳадди ақал нафаре зуҳур карда, ки бо шеъру сухан сару кор гирифта, аз худ ғазал, рубоӣ, наът, марсия, мадҳия, ҳаҷвия ва ё байте ба ёдгор мегузошт, ки намунаҳои он то кунун бар забони сокинони ин деҳа ва ҳамсоядеҳаҳо мондагоранд. Яке аз чунин хонадонҳои наҷиб, ки дар қарни гузашта ба ҷомеъаи мо ду марди равшанравон эҳдо кард, хонадони бобои Муллониёз фарзанди Маҳмадраҷаб аст, ки қаҳрамони мо низ парвардаву баркашидаи он аст.

Рӯзгори ду фарзанди барӯманди ин дудмон Муллораҷаб ва Муҳаммадшукур мавод барои офаридани романҳои ҷудогонааст, чун ҳар кадом покизарӯзгору усвае писандида барои садҳо ҷавонони даврони моянд. Банда аз падари бузургрвор ва модари марҳумам дар бораи Бобои Муллораҷаб ончунон хотираҳои неку ҷаззоб зиёд шунидаам, ки нодида (замони реҳлати эшон чорсола будам) он касро фарзандвор дӯст медорам ва ба поси мардумдӯстиву хидматҳои саршори эшон ба халқи Худо ворисони солеҳи ин бузурворро низ эҳтиром мекунам, чун онон низ ҳама шоистаи ҳурматанд. Гиромитарин фард барои Шукурзодаи оламу одамдида низ амаки марҳумашон Муллораҷабанд ва ҳамеша намунаи инсони комилро дар симои эшон ҷуста, соатҳо хастанопазир аз аҳволи мавсуф қиссаҳое орифона ва шуниданиву хотирмон нақл мекунад, ки ҳамагӣ ҳокӣ аз бузургвориву шоистагии эшонанд.

Дар қатори фазилатҳои бешумор падари Мирзои мо Муҳаммадшукур ба таърих ва таҷрибаи гузаштагон ишқ меварзид ва ҳаводиси саду панҷоҳ соли охири Мастчоҳ ва бештари деҳоти водии Зарафшонро бо ҷузъиёташ аз бар медонист. Касоне аз гӯшаву канор меомаданд ва аз аслу насаб, ҳодисаҳои муҳим ё баҳсталаб ҷӯё мешуданд, ҷавоби қотеъ мегирифтанд. Ин марди мутадаййин ба Пайғамбару асҳоби кибораш муҳаббати беандоза дошт ва саргузашти Фаридуну Эраҷ, Суҳробу Сиёвӯш, Исфандиёру Баҳман, Искандару Темур, Чингизхону Олимхонро низ медонист. Худ шоҳиди пирӯзии артиши сурх ва юриши болшевикӣ ба диёри азизаш буд, мазлуми даврон ва ситампешагиҳои диктатори хуношоми қарни гузашта Сталин ва югурдакҳои маҳаллии он хунхор маҳсуб мегашт. Ҳанӯз аз марги он саффоки заҳҳокманиш се сол нагузашта ва лаби мардум ба нон нарасида буд, ки фармони муҳоҷирати кӯҳистониён ба дашти лабташнаи Дилварзин содир гашт ва Муҳаммадшукур низ ҳамроҳи бародару ҳамдеҳагон ва ҳазорон масчоҳии дигар бо дидагони пурнам хоки поки зодгоҳ ва қадамҷойи ҳафтпуштаро ба хотири ободсозии мулки дигар тарк гуфтанд.

Таърихи панҷ қарни ахири Тоҷикзамин оганда аз мусибатҳост, вале шояд мусибати аз ҳама таассуфбор гум шудани хотираи таърихии мардум бошад. Дар гузаштаи начандон дур аз шоҳону вазирон сар карда, то деҳгону кишоварзи хокпош аслу нажодро медонистанд ва саъй дар ҳифзи номи

ниё ва шинохту дарки ҳуввияти хеш мекарданд. Аммо бо гусастани риштаи васли фарзандони як модар ва қарор гирифтани кор дар қабзаи муште ғаддор, бисоти маърифату сарафрозӣ аз хиттаи гуҳархези Варорӯд барчида шуд ва меҳтарон бо кеҳтарон омехтанду залилон азиз ва азизони рӯзгор хор гаштанд ва ба фармуди Фирдавсии покзод: «бузургиву гавҳар кам омад ба кор».

Муҳаммадшукур дар замони дигаргуниҳои куллӣ ва авзои даҳшатзои солҳои 30-50-уми асри гузашта ташаккул ёфта, ба яке аз аркони муҳими озодагиву сарбаландӣ, яъне зулмситезӣ ҳамвора пойбанд монд. Касе ёд надорад, ки он аҳрори даврон боре ҳам ҳуккоми асолатбохтаи шуравӣ ё гумоштагону доғулиҳои бемазҳабро тамҷид карда бошад ва ё ҳадди ақал дар хусуси он ситампешагону чокарони маҳаллияш ҳарфе мусбат гуфта бошад, ҳарчанд ин ҷафопеша аз ошноёну табори ӯ бошанд. Аҳмади Дониш мефармояд, ки: «асли шақовати фарзандон аз адами таҳорати волидон аст». Ин ҳарфе дуруст ва бо пуштвонаи муҳкам аст. Бобои Муҳаммадшукур, ки покниҳоду баркашидаи хонадоне бонаҷобат буд, умре миннати бозувони хешро кашид ва фарзандонро бо нони ҳалол парваронд.

Агар аз модари арҷманди Мирзо зикре ба миён наёварем, роҳи адолат напаймудаем ва фазилати фаровони ӯро низ зикр накарда наметавон. Чун домони модар нахустомӯзгори кӯдак аст. Он мастураи марҳумаро низ фазилатҳои фаровон буд, аммо муҳимтарини он, ки дар сиришти фарзандон низ асароти фаровон ба ҷой гузошт, зарофат ва нуктадонии беш аз ҳадди тавсифи ӯст. Банда, ки бо хонадони акойи Мирзо ҳам дар кӯҳистон ва ҳам дар водӣ ҳамтабору ҳамсояем, борҳо сӯҳбатҳои модарони марҳумамонро шунидаам ва ҳар бор, ки суханпардозиву масалгӯӣ ва лутфи каломи модари Мирзоро мешунидам, мани хом, ки қаламбадаст ва дар маркази ҷумҳурӣ ба корҳои фарҳангӣ машғул будани фарзандашро медонистам, гумон мекардам, ки ин зебогуфториҳову суханпардозиҳои модар аз баракати вуҷуди фарзандони суханшиносанд. Бо гузашти солҳову қатрае андӯхтани таҷрибаи рӯзгор дарёфтам, ки баръакс, ин зебобаёниву сухансанҷии фарзандон мероси модар будааст.

Муҳаббати беолоиш ба Меҳанро, ки волидайн дар замири фарзанди худ кошта буданд, сарнавишти ӯро дар тамоми

рӯзгори минбаъдааш рақам зад. Таҳсил дар мактаби миёнаи рақами чори ноҳияи Масчоҳро Мирзо ҳамеша бо муҳаббати ҷӯшон ёдовар гашта, онро Донишгоҳ меномад ва инро ба ҷиддият ба забон оварда, сатҳи дониш ва фарҳанги устодони ин мактабро бо маърифати устоди имрӯзаи Донишгоҳ баробар мекунад. Дар воқеъ, пас аз волидайн устод аст, ки метавонад инсонро ба касбе дилбаста ё дилмонда созад. Аз ин рӯ ба устодони худ пайравӣ карда, нахуст ба шӯъбаи ғоибонаи Донишгоҳи Хуҷанд шомил гардид ва ҳамзамон пешаи омӯзгориро интихоб карда, муддате ба толибилмони ҳамдиёраш таълим дод. Агар маҳдудиятҳои идеоложиро сарфи назар созем, муаллим дар замони шуравӣ ба ҷойгоҳе воло расида, намунае барои тақлид гашта, дар тарбия ва раҳнамунии ҷомеъаи худ нақши муассир мегузошт ва дареғу дард, ки дар марҳилаи сарнавиштсози истиқлолият мо то кунун мақоми ин синфи мумтозро муқаррар накардаем ва иллати костиҳои замонамон низ аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад.

Фаъолияти рӯзноманигории Мирзо аз замони дар мактаби миёна таҳсил кардан оғоз ёфт ва аз заҳмату ҳақталошиҳои мардони кордони диёр дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ мақолаҳо чоп мекард. Барои он ки рӯзноманигори касбӣ гардад, озими пойтахт шуд ва ба шӯъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатӣ қабул гардид. Пас аз хатми бобарори ин боргоҳи илму ҳунар чандин сол дар рӯзномаи рақами яки ҷумҳурӣ – рӯзномаи пуртираж ва бонуфузи «Тоҷикистони советӣ» фаъолият намуд. Дар ин идора ҳамзамон бо фаъолияти рӯзноманигориву қаламкашӣ андешаҳои ватанхоҳиву миллатдустии Шукурзода шакл мегиранд ва рушд мекунанд.

Қишри солиму рушанфикри наслҳои солҳои 60-70-уми тоҷик дар чунин пойгоҳҳои маънавӣ ҷамъ меомад ва ба интишори ормонҳои волои миллӣ мепардохт. Баъзе тангназарон бо ҳидояти «роҳнамоён»-и сатҳи қабилавӣ дар ҳамон солҳо ҳам дар шӯразорони тафаккури муште ақимтабъ базри маҳалгароиву нифоқафканиро мекоштанд. Барои баъзе фурсатталабону ҷоҳхоҳон агар минбари давлатӣ «трамплини» ҷаҳиш ба мансаб ё бархурдорӣ аз имтиёзҳои вижаи ҳизбӣ бошад, он барои Мизо василаи дигари хидмат ба мардум гардид ва бо нирӯи қалам дасти ҳазорон корафтодаро гирифта, доди садҳо имдодталабро ба гӯши мақомоти дахлдор расонидааст.

Ҳилолӣ дуруст мефармояд:

*Рақибо, гар туро андешаи мо нест, маъзурӣ,*
*Куҷо бедардро аз дардмандон ёд меояд.*

Китоби нахустини Шукурзода «Ситораҳои рахшанда» (бо ҳаммуаллифии Ҷ. Тошматов) ҳокӣ аз корномаи созандаи фотеҳони заминҳои нав ва талоши пайгири онон дар роҳи иртифоъи зиндагии мардумони маҳрум аст. Бо гузаштани сӣ сол имрӯз ҳам, ки онро варақ мезанед, ҳеҷ ормоневу васфе кӯҳна нагаштааст ва умуман, аз хислатҳои писандидаи фурутании Мирзост, ки ҳамнишинӣ бо табақаи поёнии ҷомеъаро аз сӯҳбат бо «нухбагони сиёсии даврон» тарҷеҳ медиҳад. Инро ба вижа замони ба зодгоҳ – Кӯҳистони Масчоҳ ташриф овардани ӯ ба хубӣ метавон мушоҳида кард. Дар ин маврид пиру барно, кишоварзу муаллим ва марду зани диёр ба истиқбол ё гусели ҳамдиёри шарафманди хеш шитофта, ҳамагон қудумашро хайра мақдам мегӯянд. Бешубҳа, сабаби дар ҳарими ҷони муштоқонаш бебокона қадам ниҳодани Мирзо сабаб он аст, ки дар давоми панҷоҳ соли берун аз ин хок зистан даме бе ёди ёру диёр ба сар набурдааст. Дар чакомаи боихлос сурудаи хеш ин ҳолатро чунин тасвир менамояд:

*Бӯйи хокат Каъба бурдам дар машом,*
*Эй Ватан, эй Каъбаи дилхоҳи ман.*
*Кош бар гӯши дару бомат расад,*
*Шевани ҳар субҳу ҳар бегоҳи ман.*

Нияти инсон, ба фармуди Пайғамбари ростгӯй амали ӯро муайян месозад. Ишқу алоқа ба фарҳангу адаби форсӣ Шукурзодаро ба матни рӯзгори ориётабороны соҳили чапи Ҷайҳун овард ва дар Афғонистон низ ӯро ҳамвора дарди миллату сарнавишти фоҷеабатбори тоҷикони Хуросон лаҳзае ором намегузошт. Камтар дидаам рӯзноманигорону қаламкашони тоҷики дар Афғонистон ифои вазифа кардаро, ки нисбат ба ин сарзамини мардхезу душманситез бо чунин муҳаббату самимият ҳарф зананд. Ҳар гӯшаи ин хоки пургуҳарро азиз медонад ва дар ғамҳои онон худро шарик медорад, соатҳо аз ҷавонмардиву сарфарозӣ ва авсофи ҳамтабороны он тарафи рӯди Омӯ ҳикоёти дилнишин меорад.

Дар китоби худ «Хамосаи родмардони Хуросон» Шукурзода аз рӯзҳои муборизаву пайкори як тоҷики сарбаланду озода бо номи Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, ки барои дифоъ аз ҳарими шариъати ислом ҷон бар каф гирифта, ба ҳукумати ғарбгарои вақт ситезид ва муддате ба унвони «ходими дини расулуллоҳ» аморат кард, ҳикоят мекунад. Забони баёни ин асар ҳатто адибони тирози авали кишварро шефта сохт. Арқоми фаровону ҳаводиси пуртазоди бо забони шевои форсии тоҷикӣ тасвиргаштаро дар ин гуфтори кӯтоҳ баён намесозам. Мехоҳам, танҳо бигӯям, ки агар яке аз ангезаҳои қиёми Ҳабибуллоҳи Каллаконӣ дидани вазъи риққатбору ошуфтаи муҳоҷирони Бухорои истилогардида ва ризояти режими вақти Афғонистон аз ин манзараи таассуфбор бошад, пас муҳаррики Шукурзода дар таълифи ин асари хонданӣ боз ҳамон фарёди бедори виҷдони ӯ ва нерӯ гирифтани ҷараёни тоҷикситезӣ дар Афғонистон мебошад. Банда бист сол инҷониб устод Шукурзодаро ҳамчун шахсияти фарҳангӣ аз наздик мешиносам ва дар ин бист сол ӯ ҳамвора дар андешаи дифоъ аз ҳарими фарҳангиву растахези маънавии Тоҷикзамин аст. Гӯш фаро диҳед, ки худ чӣ мегӯяд:

*Ба разми хасми миллат кор бастам,*
*Бияфтодам, намурдам, боз растам.*
*Аду аз ҳимматам рӯ дар гурез аст,*
*Ки ман то зиндаам, миллатпарастам.*

Дар остонаи истиқлолияти Тоҷикистон сиёсӣ будану аз сиёсат ҳарф задан муд гашта буд. Баъзе коммунистҳо, ки солҳо сар дар охури истабли ҳизбӣ доштанд, барои бо замона ҳамнаво гаштан билетҳои сурхро оташ зада, ба корвони навпойи ҳизбҳои чун занбурӯғҳои пас аз борон дамида мепайвастанд ва имтиёзи наву имкони нави рифоҳро ҷустуҷӯ мекарданд. Вақт нишон дод, ки ин ашхоси бемоя, ҳангомаҷӯёну пешхабарони даҷҷолсифат омодаанд бо баҳои ҳадар додани хуни бегуноҳон ба қудрат ё ба мансабоне расанд ва чанд сабоҳе комронӣ кунанд.

Танҳо гурӯҳе, ки дар ин ҷода фарҳангу динро бар маслиҳатандешиву сиёсатбозӣ тарҷеҳ доданд, миллигароёни ҷонибдори ҳамбастагии қавмҳои форсизабон бо номи созмони «Куруши Кабир» (баъдтар «Ориёнои Бузург») буданд, ки

дар садри муассисони ин созмон Шукурзодаву ҳамақидаҳои эшон қарор доштанд.

Аммо сафинаи истиқлоли кишвар ҳанӯз дар оғози ҳаракат ба бероҳа рафт ва ҷони ҳазорон нозанинро тӯъмаи карагсони мӯрдорхор гардонид. Дар натиҷа ситорасӯхтагони диёри хуршедӣ аз бахти шӯр сари худро гирифтаву ба акнофи олам раҳсипор гаштанд. Иддае он рӯзҳо ин нияти хайру писандидаро орзуе беш намедонистанд, вале ҳамакнун бо гузашти бист сол аз он моҷарои азим ормонҳои волову барномаи кори ин ватанхоҳон аз ҷониби мақомоти давлатии кишвари мо пиёда мегардад ва ҷузъи мафкураи миллии давлатӣ гардида, ин амри хайр имрӯзҳо ҳам нотавонбинонро дар дохилу хориҷи кишвар ноором месозад.

Дар рӯзгори камогоҳӣ ва набудани шинохти кофӣ аз фарҳанг ва таъриху тамаддуни тоҷикон сӯитафоҳумҳои зиёде дар миёни мардуми ҷаҳон пайдо гардид. Ҳатто дар кишваре чун Эрон, ки маҳди ташаккули тамаддуни қавми тоҷик буда, то аҳди ҳукумати Қоҷор (асрҳои 18-19) сарчашмаҳо аҳолияшро тоҷик номидаанд, роҷеъ ба тоҷикон ва сарнавишти эшон чизе намедонистанд. Хушбахтона, афроде огоҳу фаҳмида дар ҳамаи даврaҳои таърих аз миёни тоҷикон бархоста, бар муқтазои замон, фаъолият намуда, пӯстҳои захиму зишти ноогоҳиро шикастаанд. Ҳосили талоши эшон даҳсолаҳо дар рӯшангарии афкори наслҳо таъсири босазое гузоштааст.

Китоби арзишманди «Тоҷикон дар масири таърих» беш аз понздаҳ сол аст, ки ба доираҳои илмиву адабии Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон ва маҳофили эроншиносии ҷаҳон ошност. Тайи ин солҳо перомуни мазоёи фаровони ин асари таҳқиқотӣ ва накши он дар муаррифии ҷадиди тоҷикон суханони зиёд гуфта шуд ва накдҳое ҳам аз ҷониби олимони се кишвари форсигӯ бар ин дастури худогоҳӣ навиштанд. Ин маҷмӯа бар ҳақ, ба фармуди устодон Валӣ Самад ва Доро Наҷот «ҳамосаи хунинҷигарон» ва «шиносномаи миллати тоҷик» хонда шуд. Мӯҳтавои асар ва арзиши илмии мақолоти он олими покистонӣ Билоли Аморро водошт, ки дар шаҳри Пешовар ин китобро (бо каме тағйирот) таҷдиди чоп намояд.

Дар интишороти байналмиллалии «Алҳудо» «Тоҷикон дар масири таърих» бори дуввум бо бештар аз сад саҳифа иловаҳо аз нав ба зевари табъ ороста гардид. Ин китоб бо ҳиммати

фозили арҷманд ва адиби барӯманд Мирзо Шукурзода аз нав дар ихтиёри форсизабонон қарор гирифт. Месазад, ки тоҷикони ҳақшинос ва фарҳангдӯст ба поси хадамоти саршори эшон ба таъриху фарҳанг ин донишманди ватандӯстро гиромӣ доранд. Зеро ба ҷуз ин асар Мирзо Шукурзода таи солҳое, ки муқими кишвари Эрон буд, беш аз дувоздаҳ асари дигарро низ ба чоп расонд, ки ҳамаи он ба таъриху фарҳанги тоҷикон бахшида шуд. Ин осор аҳамияти муҳими илмӣ доранд. Дар ҳоле, ки даҳсолаҳои гузашта дар ин кишвари ҳамзабон ҳеҷ донишманд ва ё адиби тоҷик китобе дар ин ҳад нашр накарда аст.

Дар давраи ноороmиҳои сиёсӣ замоне, ки иддае аз ҳамватанони мо дар хориҷ аз марзҳои Тоҷикистон ба гапфурӯшиву сангпартоӣ алайҳи бародарон банд буданд ва, барои рӯзи бозгашт аз ҳисоби ҳомиёнашон ҳамёни хеш пур мекарданд, ин адиби пухтакор бо талошҳои пурдавоми шабонарӯзӣ ва сарфи ҳиммату ихлоси бедареғ аз миёни саҳифаҳои таърихномаву сафарномаҳо ва мақолоти маҷаллаҳову фарҳангҳои гузашта танҳо зикре аз тоҷиконро ҷустуҷӯ карда, дар маҷмӯае онро фароҳам овардааст. Сарсухани ҳар се нашр ҳам орӣ аз сиёсатбозиҳову худситоиҳо буда, гувоҳе бар нуктасанҷӣ ва пухтакории гирдоварандаи он аст. Нашри осоре, ки ба дурӣ аз ҳар зинда боду мурда бод эҷод гаштаву, бе таассуб сарнавишти пуршебу фарози тоҷиконро баён дорад, барои ҳар замоне ҳоизи аҳамият аст ва хоса агар китоб дар хориҷ аз марзҳои Тоҷикистон ба табъби расад.

Дар дебочаи нашри саввуми «Тоҷикон дар масири таърих» дар мусоҳибае, ки ба шарафи чопи нахустини китоб ороста шуда аст, мураттиби он дар хусуси зарурати гирдоварии асар ҳарф зада, рӯзгори ифтихорофарии тоҷикон ва пойдориву наҷобати фитрии ононро авомили кӯшишҳояш барои нашри асар дониста, мегӯяд, ки «донишмандони ҷаҳон хадамоти шоистаи қавми тоҷикро дар таҳкиму густариши ислом ба хатти зарин навиштаанд.... мутаассифона, хадамоти таърихии қавми тоҷик дар чанд қарни охир камранг нишон дода шуд ва фоҷеаҳои бузургеро мутаҳамил гардид ва банда тасмим гирифтаам, ки бо истифода аз осори пажӯҳишгарони маъруфи ҷаҳон ва манобеъи фаровони фарҳангӣ ба муаррифии дирӯзу имрӯзи ин қавм бипардозам».

Дар асари мазкур танҳо беҳтарин мақолоти пажӯҳишӣ

гирд омадаанд ва навиштаҳои бузургоне чун Саъид Нафисӣ, устод Айнӣ, Бартолд, Эраҷи Афшор, доктор Ҳумом, Муҳити Таботабоӣ, Дабири Сиёқӣ, Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ, Алӣ Девонақул, Ҷалол Икромӣ, Муҳаммадҷон Шукурӣ, устодон Лоиқ, Раҳим Масов ва дигарон гирдоварӣ гаштаанд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки маҳз тавассути ҳамин маҷмӯаи хуб хонандагони эронӣ ва афғонӣ бо мақолаи баландмазмуни устод Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик» ошно гардиданд. Ин навишта, ки аз нигоҳи замонӣ қабл аз ҳамаи мақолоти дигар (ба истиснои мақолаи Бартолд) таълиф шуда, бо забони силис ва лаҳне тунд ва далелҳои қотеъу кӯбанда эҷод гардида, ҳуввияти тоҷиконро баён медорад ва ба арзёбиҳои дур аз мантиқи баъзе фарҳангҳо (аз ҷумла «Ғиёсул-луғот) посӯх мегӯяд.

Таҳқиқоти донишманди ворастаи рус Бартолдро шояд битавон беҳтарин мақолаи илмӣ роҷеъ ба этноними тоҷик номид, зеро ба истиснои баъзе хулосаҳои муаллиф, он танҳо бар асоси мадорики мӯътамад таълиф гашта, ғараз аз нигориши он танҳо дифоъ аз ҳақиқати таърихӣ будааст. Нахустин бор ҳам ӯст, ки искон ёфтани кӯчиҳои саҳронишинро омили дар тангно қарор гирифтани тоҷикон дониста, гароиш ба кӯҳистонро аз хусусиёти миллии мо ҳисобидааст. Бартолд буд, ки омадани русҳоро сабабгори маҳдудшавии истифодаи забони форсӣ дар қаламрави Осиёи Миёна номид. Ин ҳамон чизе буд, ки дунболпарварони хоми сиёсати ғалати шовинист-коммунистии шӯравӣ то ба ҳол аз зикри он парҳез менамоянд ва ҷуръати эътирофашро надоранд. Бартолд дар поёни ин рисолаи худ бо тарзи мармузе менависад, ки таҷдиди ҳудуди миллатҳо, ки дар соли 1924 сурат гирифта, то чӣ ҳад муҷиби эҳёи қавмияти тоҷик хоҳад гашт, мавзӯест, ки оянда рӯшан хоҳад. Оре, замони Шӯравӣ бар асари таҳоҷуми моддият ва сиёсати маънавизудоӣ он андешаи мутаъолии тоҷиконро муталошӣ сохт ва бар асари табартақсиму авоқиби накбатбори он пас аз Искандару Чингиз ва Манғит чаҳорумин зарбаро бар пайкари ин миллати ҷафокашида ворид сохт.

Тамоми ин ҳаводисро Мирзо Шукурзода дар пешгуфтори нағзи худ, ки дар нашри нахустини асар ҷой дошт, бо дард ба қалам додааст, вале ин сарсухани равону босӯз эҷодгашта дар нашри навин ғунҷонда нашудааст, ки ҷои таассуф аст. Аз баракати китоби «Тоҷикон дар масири таърих» аст, ки мо

тоҷикон бо пажӯҳиши олими забардасти Эрон Дабири Сиёқӣ зери унвони «Тот, тоҷик ва тозик» ошно гардидем. Ин бузургтарин мақолаи маҷмӯъа буда, муаллифи он беш аз шонздаҳ намуди истифодаи калимаи тоҷикро аз сад асари илмиву адабӣ пайдо карда, кори муҳаққиқони дигарро ҳам осон сохтааст. Таваҷҷӯҳ кунед ба ин бозёфти ӯ:

*Тег мебояд гушуду ишқ мебояд кашид,*
*Нест дар туркӣ намак, тоҷик мебояд шудан.*

Ашъори фаровоне, ки дар осори шуарои форсу тоҷик сабт шуда ва аз рӯзгорони мардуми тоҷик ҳикоят дорад, дар ин ва дигар мақолаҳои маҷмӯа фароҳам омадааст. Аммо воқеъият он аст, ки бар асари ҳамлаҳои селбори аҷнабиён ҳамвора «нойи туркӣ бар сӯги тоҷикон муя ҳамехондааст».

Дар ин маҷмӯъа, ки воқеъан ҷомеъи пажӯҳишҳои умда дар илми эроншиносӣ роҷеъ ба истилоҳи тоҷик буда, сайри иҷмолӣ ба таърихи гузаштаи тоҷиконро низ дорад, нуқтаҳои муфид хеле зиёданд. Банда ба андешаи шоири тавоно Доро Наҷот мувофиқам, ки «Тоҷикон дар масири таърих»-ро дар сайри маънавии миллат дар радифи «Намунаи адабиёти тоҷик», «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Тоҷикон»-и академик Ғафуров қарор додаст. Ин асар бо гузашти замонҳо аз тағири идеологияҳо (бар хилофи баъзе осор, ки бо дигаргуниҳои сиёсӣ ранг мебозанд) низ зарар надида, барои доираи хонандагонаш, ки хеле зиёданд (чун на бо хатти сирилик аст) ҳамчун шиносномаи миллати тоҷик хидмат мекунад.

Мутолиаи китоби нодирро ба ҳамагон алалхусус донишҷӯён ва тӯдаҳои заҳматкаш тавсия мекунам, то ба саҳифаҳои таърихе, ки аз хуни тоҷикон гулгун буда, ошно гарданд ва сарфарозиву солориро бар тамаллуқу чоплусӣ тарҷеҳ диҳанд ва аз муқовимати ҳазорсолаи аҷдодонашон бар алайҳи ситамгарону кавданҳои ҳукуматгари таърих бохабар шаванд. Зеро таърих оинаи ибрат аст, на мояи тафохур ва такаббур ва мубориза бо авомили шару фасод ва куфру илоҳод сармашқи рӯзгори наҷибзодагони озода аст. Ин китоб, ки ҳовӣ ва ҷомеъи бӯстону гулзорҳост, барои худогоҳии ҳамқавмони муҳаққиқ ва гирдоварандааш тозиёнаи бедорист.

Самти пайгиронаи дигари осори Мирзо Шукурзода арзёбии решапайвандҳои фарҳангӣ миёни ақвоми эронӣ ва фор-

сизабонони дунё ва таҳкимёбии гусастагиҳои фарҳангист. Аз он ки байни форсизабонону фарзандони як модар ҳамдиливу ягонагӣ камранг ва ҳатто халалпазир аст, ӯ ғусса мехӯрад ва бо навиштаҳояш моро ба худогоҳӣ ва васлат даъват мекунад. Ҳосили чунин андешаҳо ва талошҳои доимии мавсуф чандин китоб ва мақолаҳои таҳқиқотӣ аст, ки яке аз онҳо маҷмӯи «Ҷонпайванд» мебошад.

Маҷмӯи мазкур, ки барандаи ҷоизаи ба номи С. Айнӣ гардид, бисту ду мақолаи бузургҳаҷми илмӣ ва пажӯҳиширо дар бар гирифтааст. Мақолаҳо мавзӯъҳои муҳими фарҳангию маънавии ақвоми порсизабон, ба вижа тоҷиконро дорост. Муаллиф дар тамоми навиштаҳои маҷмӯъа роҷеъ ба поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ, дарки таърихи пур шебу фарози мо, накӯҳиши тафриқаандозону нигилистҳо, ҳифзи асолати фарҳангу тамаддуни ориёӣ, гиромидошти осори миллӣ, муқаддас доштани сарзамин ва ватани аҷдодӣ ва амсоли инҳо ба тафсил сухан ороста, моро ба кӯйи худшиносӣ ҳидоят месозад. Мирзо Шукурзода на танҳо сабабу таъсири дурафтодагиҳоро баррасӣ мекунад, балки роҳҳои бартараф кардани онро низ нишон додаст ва умед аст, ки пешниҳодоти созандаи ӯ рӯзе дастуруамали кори фарзандони Меҳани арҷманди мо гардад.

Шукурзода чун шеър равон менависаду бооҳанг ва лаҳзае таваҷҷӯҳ намоед ба унвони мақолоти ин маҷмӯъа, ки ҳамагӣ шоиронаанд: «Мо яке рӯҳем андар се бадан», «Пайванди бегазанд», «Мақоми Ҳофиз дар диёри Рӯдакӣ», «Сайре дар жарфои шеъри тоҷик», «Шабнами як субҳи хондонем мо», «Аз чаманҳои Бадахшон то мазорҳои Самарқанд», «Ман дигарам, ту дигарӣ?!»ва ғ.

Ҳамаи навиштаҳои ин маҷмӯа чун замири муаллиф оганда аз ғурури миллӣ, ифтихор аз тамаддуни эронинажодон аст. Фарохандешӣ аз вижагиҳои тафаккури Шукурзода аст. Вусъати андеша ва ҷаҳонбинии милливу инсониаш маҳдуд ба марзе ва ё сарзамине нест ва ӯ ҳар як ваҷаб хокеро, ки дар он тоҷикону эронитаборон ба сар мебаранд, барои худ ватан медонанд, сарнавишти он сарзамину мардумонашро меҳвари пажӯҳиш ва баррасӣ қарор медиҳад. Профессор Абдулманнони Насриддин менависад, ки «аҳдофи аслии таълифот ва пажӯҳишҳои Мирзо Шукурзода овоза ва таблиғи фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ ва одобу русуми мардуми ориёитабор аст».

Устод Шукурзода насри равон офаридааст ва махзани шеъру суруд ва абёти фаровон аст. Дар ҳар бобе садҳо байти ноб медонад. Худ низ аз дер замон шеър мегӯяд ва танҳо чор сол муқаддам нахустин гулчини ашъори худро бо номи «Ашки сари мижгони ман» ба табъ расонид. Гулназар Келдӣ шоири халқии Тоҷикистон дар пешгуфтори ин маҷмӯъа эътироф месозад, ки ифтихору ҳаяҷону нигароние, ки Мирзо Шукурзода дар асарҳояш нисбат ба таъриху фарҳанги миллат дорад, дар шеърҳояш низ роҳ ёфтаанд.

Рӯзноманигори эронӣ Пунаи Нидоӣ пас аз як сӯҳбати ихтисосӣ бо Мирзо перомуни фаъолиятҳои пажӯҳандагии ӯ навишта буд: «ӯ на танҳо нависанда, балки шоир низ ҳаст. Ашъори бисёреро дар ҳофизаи бебадали худ дорад, ки ба муносибати ҳар мавзӯе адо мекунад ва мехонад. Ӯ бо лаҳҷаи ширини форсии тоҷикӣ сӯҳбат мекунад ва ҷонаш дар шӯълаҳои шӯру бедорӣ нисбат ба меҳани якпорчаи Хуросону Эрон месӯзад. Дар шиёрҳои чеҳрааш андӯҳи Бухоро ва Самарқандро метавон дид ва дар танини садояш шавқи бедорӣ ва овои бозгашт ба решаҳои фарҳанги асилро метавон шунид». Гӯш диҳем ба ин сурудаи шоир, ки дарду ормони сад соли охири тамоми тоҷикон аст ва инсофан Шукурзода шевани ҷонкоҳи ҳар шому субҳи моро чи хуб баён месозад:

*Бухоро, синаам дарди ту дорад,*
*Сарам савдои ҳар фарди ту дорад.*
*Ду чашмам чун шаби тори Душанбе,*
*Барат то рӯзи маҳшар хун биборад.*

ё дар дубайтие фармуда:

*Ғарибам бо ҳазорони хешу нохеш,*
*Чу қабри Оли Сомон дар Бухоро!*

Тавлиди ҳар китоби ӯ бароям ҳодисаи фараҳбахш аст, чун қаламкашӣ кори ҳар кавдан нест ва Шукурзода ҳар чӣ менависад, танҳо аз пирӯзиҳову нокомиҳо ё аз шодиҳову дардҳо навиштааст. То чопи маҷмӯъаи шеър Мирзо беш аз даҳ китобу ҳазор мақолаи дигар таълиф намуда буд ва дар маҷмӯъ, ӯ нахустин ҳамдиёри ман аст, ки соҳибкитоб гардид. Касоне пайдо гаштанд, ки ба ҷои ифтихору сипос аз доштани чунин ҳамдиёр (дар дусад соли охир ӯ меҳтари ҳамаи арбобони қалами диёри мост!) муаллифро озор дода, масъалаи ба коми

оташ кашидани маҷмӯаи шеърро пеш гузоштанд ва китоби шеърашро аз сӯи ҳасудон истиқболи гарме насиб нашуд ва муҳтавои эътироз он буд, ки шоир бояд муҳри хамӯшӣ бар лаб мезаду дардҳои худро ба гӯр мебурд. Бесабаб нест, ки машҳуртарин байти мардумӣ дар диёри мо иттифоқан ҳамон нолаи

*Ман мемурамо, ду гӯр ковед бари ман,*
*Якташ бари ҳасратому якташ бари ман,*

буда, дар хотир надорам, ки онро худ аз чанд солагӣ аз бар кардаам. Яъне дар гузари таърих ашхоси фарҳехтаро озору ранҷ расонида, азият мекардаанду боз намегузоштаанд, ки лаб ба шиква боз намояд. Дар асри бисту як, ки бузургтарин дастовардаш озодбаёнист, ин талаб бемантиқие беш нест. Зеро ҳазорсолаҳост, ки сухани машҳури «чу шоир биранҷад, бигӯяд ҳиҷо, бимонад ҳиҷо то қиёмат ба ҷо» дар афвоҳи мардумон нишастааст ва ҳарфи дурустест.

Аз номи ин гулчини шеър пайдост, ки нолаву ҳасрат дар он мавҷ мезанад ва шиква басо бештар аз шодмониву зикри айшҳост. Нахустин сурудаи ин маҷмӯъа «Шеъри ман» ном дорад ва бо хондани ин шеъри равону дилнишин дармеёбем, ки шеъри Шукурзода асосан *исён, нола, ашк, кулфат, беморӣ* ва дардҳои дигар аст ва танҳо аҳли дард ин дардномаро мехонаду дарк мекунад. Рӯзгори пурмоҷаро, фироқи азизон, ҷафои лаимон, дунҳиммативу разолати бебасарон ҳамвора ӯро азият додааст ва шоир бар асоси боварҳои дурусти мазҳабӣ аз фалак Ниву аз заминиёни каҷбоз шикоят мекунад. Шиква аз номард, сияҳгилем, ҳасуд, кавдан, бахил, сифла, тарсу ва дигар нопокони даҳр ҳазорсолаҳост, ки мавзӯи адабиёти мост. Агар ин маҷмӯъаро низ ғамномаи як шикастадили озурда хонем ғалат накардаем ва таваҷҷӯҳ намоед ба истилоҳоти муаллиф кор гирифта: *носазо шунидан ба поси табаҳҳур, дар остин мор парваридан, мавриди тири ҳасуду теги тӯҳматҳо гаштан, шикастани ойинаи дил, хунфишонии синаи садчоку намак пошидан бар решҳои кӯҳна, ба дидаву дил тир хӯрдан* ва ғ. Аммо бо ин, ки «ҷӯҷачаҳои жулидаи хом» ӯро ҳамвора «тарфанд» мезананд, ӯ ончунон ки ба солормардони сарбаланд хос аст, худро яли маҷрӯҳ ҳисобад ҳам, аз душман намеҳаросад ва ба даргоҳи Яздон чунин менолад:

*Худо! Аз қалби бедардам нигаҳ дор.*
*Само аз ёри дилсардам нигаҳ дор.*
*Ба душман худ ҳисобӣ мекунам ман,*
*Қазо! Аз ёри номардам нигаҳ дор!*

Дар ин маҷмӯъа бо беҳтарин вожагону тамсилҳо гулгаштҳои нозаниндиёри мо тавсиф шудаанд, муаллиф ба фарзандони неки диёр шеър бахшида, дар сӯги азизонаш марсияҳои ҷонгудоз сурудааст, ақимтабъони ҳасуд, суханчинони дадманиш, макру реви шайтонсифатонро маззамат кардааст. Яъне ба рисолати азалии шеъру шоирӣ, ки тарбияи инсон аст (тамҷиди некувон ва мазаммати бадон) нек пойбанд мондааст:

*Ман душмани макру реви ҳар шайтонам,*
*Исёнгару кӯбандаи номардонам.*
*Тӯфон накӯшад маро, ки оҳанҷаҳонам,*
*Ҳирмон бикӯшад маро, яқин медонам.*

Ӯ хислати руккагӯӣ дорад ва дӯстонашро табарвор насиҳат мекунад, то аз хиёнату разолат ва хабосат бипарҳезанд, агар ислоҳ шуд, дӯсттараш медорад, вагарна шоистаи дӯстияш намеҳисобад. Намедонам, дигаронро, аммо ман вақте ашъори гулчини устод Шукурзодаро дар китоби тақдим кардаи эшон варақ мезанам, дар ҳошияҳо қайдҳоямро мебинам ва танҳо ашъореро хат кашидаву *олӣ, зиҳӣ, офарин, чӣ тасвири зебое* навиштаам, ки дар васфи Меҳану Миллат ва фарзандони сазовори онанд. Мӯътаризон танҳо мазамматҳои бадкирдорони (бе зикри ному насаб)-ро дида, ситоиши некмардону тасвирҳои ҷолибу манзараҳои биҳиштогин, ифтихороти ғуруроfаринро нодида мегиранд. Дар ҳар сурат, банда дар ашъори эшон ормонҳои худро меҷӯям, на сифатҳоямро чун бе ин ҳам ҳамвора ба аҷзу қусур мӯътарифам.

Дар китоби Инҷил матлаби зебое омадааст ва он ин аст, ки *имоне, ки дар хилвати шабҳо аз гуфтанаш бим доред, рӯзе хоҳад расид, ки бар фарози бомҳо эълом хоҳад шуд*. Дар хатми калом наметавонам, ҳақиқатеро, ки бисёриҳо медонанд, вале аз гуфтанаш ор доранд, нагӯям. Шукурзода илова бар он, ки як ҷавонмарди воқеъӣ ва фарҳехтаи саршинос аст, барои садҳо зиёиёни мо ҳаққи устодӣ дорад, иддаеро даст гирифтаву по ба по бурда, дасти тарбият ба сар гузоштааст. Гурӯҳеро

дар интихоби пеша роҳнамоӣ карда, дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ ба ёрияшон шитофтааст. Касони зиёдро ҳам дар ҷодаи қаламкашиву рӯзноманигорӣ ва пажӯҳишу таҳқиқот мадад карда, ба шоҳроҳи зиндагӣ ҳидоят фармуд. Аҷиб он аст, ки дар ин бора боинсофон мегӯянд, аммо на Шукурзода-ро аз ин фахр асту на дастпарваронашро ёрои изҳори сипос!

Бо ҳама носипосиву ҷафоҳои аз ёрон ва аз рӯзгор дидааш устод Мирзо Шукурзода боз ҳам меҳрубон аст бо дӯстон, гузашт дорад нисбат ба душманон, хайрхоҳ аст ба нотавонбинон, зеро фазилатҳои бешуморе Худо ба ӯ арзонӣ доштааст, ки ба шукронаи он ҳама неъмат масали «бадро бадии хеш кифоят бошад»-ро, кор баста, ҳамаро бахшидааст. Пас аз мусофиратҳои тӯлониву пурбор дар пойтахти кишвар маъво гирифта, бо ормонҳои волои худ ба сар мебарад. Панҷ сол аст, ки аз сӯҳбату ҳамнишинии ӯ баҳравар гашта, вуҷуди чунин донишманди ҳамтаборро арҷ мегузорам. Ногуфтаҳои фаровонеро дар рисолаи ихтисосӣ рӯзе хоҳам гуфт, иншоаллоҳ. Чун навиштаи фавқ ба рӯзгори марде хӯшойин бахшида шудаст, мехоҳам, ки хатми он низ мушк бошад ва онро бо андарзе аз «Равзаи розҳо»-и соҳибҷашни арҷманд ба поён мебарам: «Аз дуриҳои дур садойе маро гушмол медиҳад ҳар дам, ки: Эй заминиён! Шумо ҳама озурдаед ё озор дида! Аз ин пас ҳамвора бо Худойи хеш бошед ва бикӯшед, то аз кафи якдигар ҳама умр шароби офият, дӯстӣ ва сафо бинӯшед».

*Саидшоҳи АКРАМЗОД*

## ҚАНДИ МАСЧОҲРО БА МУЛКИ ФОРС БУРД

*Яздон, ки ҷаҳон ба қабзаи ҳиммати ӯст,*
*Ду чиз туро дода, ки он ҳар ду накӯст:*
*Ҳам сирати он ки ҳамаро дорӣ дӯст,*
*Ҳам сурати онро, ки туро доранд дӯст.*

Катибаи рӯи санг

Мирзо Шукурзода зодаи Худгифи Соя – «Чашмаи шоирон» буда, ба монанди сатрҳои абёти дар боло зикргардида, бандаи хоси худост. Худованди мутаол ба вай сирати ошиқон,

ватандӯстӣ, саховаткорӣ, одоби ҳамида, меҳр ба таъриху фарҳанги миллат, муҳаббат ба шеъру шоириро бахшидааст. Дар зиндагӣ кам шахсеро вохӯрдан мумкин аст, ки сурати вай ба сираташ мувофиқ бошад. Хушбахтона, парвардигор ба Мирзо Шукурзода сурати зебо ва сирати покро арзонӣ доштааст. Сурати зебо падидаи худоист. Сирати зебо дар натиҷаи тарбияи арзанда ва баҳравар гаштан аз илму фарҳанг пайдо мегардад. Тамоми ҳастии Шукурзода баёнгӯи хислати орифии ӯст. Аз нигоҳи Мавлоно:

*Эй, бародар, ту ҳама андешаӣ,*
*Мобақӣ худ устухону решаӣ.*

Нигоҳи Мирзо Шукурзода орифона ва саршор аз андеша ва муҳаббат мебошад. Камина бо падар ва модар (равонашон шод бошад)-и Мирзо аз наздик шиносоӣ доштам. Эшон одамони наҷиб буданд. Падараш қариб ҳамаи шахсони машҳури деҳаҳои Мастчоҳро ном ба ном мешинохт, инчунин аз кадом авлод будани онҳоро медонист. Табъи шоирӣ дошта, таърих ва сиёсатро хуб медонист, инсони бовиқор, ватандӯст ва аҳли тақво буд. Зоҳиру ботини Мирзоро дошт.

Модараш меҳрубон, меҳмондӯст, накӯкор ва аҳли заҳмат буд. Аз ин рӯ, шахсияти Мирзо тасодуфӣ набуда, сарчашмаи табиӣ дорад. Солҳои тӯлонӣ фарзандашон аз онҳо дур – дар Душанбе ва Афғонистону Эрон бо зарурияти вақту замон зиндагонӣ ва фаъолият дошт, вале ҳеҷ гоҳ шикояте аз падар ва модари он кас намешунидам. Онҳо, ифтихор доштанд, ки нури чашмонашон дур аз диёр барои миллати тоҷик ва ояндагон заҳмат мекашад ва номи падару модари худро ҷовид мегардонад. Хушбахтона дуои неки онҳо ҷомаи амал пӯшид ва ин дурӣ натиҷаи пурҳосил дод. Имрӯзҳо дар миёни мардуми форсизабони дунё Мирзо Шукурзода низ аз беҳтарин тоҷикшиносон ва беназир аст.

Шукурзода рамзи васлати тамоми форсизабонони дунё мебошад. Ӯ дар солҳои мудҳиши ҷанг дар Эрон кор ва зиндагонӣ кардааст. Яке аз саҳифаҳои равшантарини зиндагонии ин марди наҷиб дидор ва сӯҳбат бо ҷавонмардтарин инсон – Аҳмадшоҳи Масъуд мебошад. Матни сӯҳбати Мирзо бо Аҳмадшоҳи Масъуд қариб дар тамоми рӯзнома ва моҳномаҳои форсии дунё дарҷ гаштааст.

Ҳар сол Шукурзода дар рӯзи марги Аҳмадшоҳ – 9 сентябр

ба Панҷшер меравад ва дар ёдбуди солори шаҳидон сухан мегӯяд. Соли гузашта дар сӯгвории Аҳмадшоҳ шеъри худро дар назди оромгоҳи ӯ қироат намуд ва дар соли 2006 беҳтарин сухангӯи ин анҷуман шинохта шуд. Инчунин бо устод Раббонӣ ҳам якчанд маротиба сӯҳбатҳо намуд. Пас аз вохӯриҳо қиссае аз зиндагии ӯ эҷод кард.

Дар зиндагонии воқеии Мирзо Шукурзода дӯстии табиб Муллошодӣ Боқиев таъсири амиқ гузошт. Дӯстии байни ин ду марди бузург, ки дар пояи меҳр буд, тавонист М. Боқиев (собиқ сардухтури беморхонаи марказӣ)-ро аз захми сактаи дил, ки аз бадкории шахсони бераҳм пайдо гашта буд, наҷот бахшад. Китоби «Теғи ҷонбахш» ва очерки «Шодие дар дилҳо» барои Муллошодӣ Боқиев нӯшдору гашт. Ҳақ ба ҷониби Низомист, ки мегӯяд:

*Ба май хӯрдан туро садҳо бувад ёр,*
*Якеро баҳри рӯзи ғам нигаҳ дор.*

Воқеан Мирзо Шукурзода ҳам дӯсти рӯзи шодӣ ва алалхусус рӯзи ғам мебошад. То рӯзи вопасини зиндагонии худ Муллошодӣ аз Мирзо бениҳоят сипосгузор буд ва дуои хайр мегуфт. Дар бораи қаҳрамонони меҳнат ва солҳои аввали зиндагонӣ дар дашти ташналаби Дилварзин, бахусус оиди ҳастии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, дорандаи ду ордени Ленин, деҳқони асил, марди фурӯтан Сафарбек Давлатов китоби «Баҳодури Дилварзин» (дар ҳамкорӣ бо рӯзноманигор М. Боқиев)-ро дарҷ намуд.

Яке аз шоҳкориҳои Мирзо Шукурзода ин интишори ашъори Муллоаҳмад Мираминзода аст, ки бо дебочаи пурмӯҳтавои Шукурзода ва ба хатти ниёгон бо номи «Кӯҳкане аз користони дил» интишор гашт. Ин тӯҳфаи бузург ва дастовези хубе барои ҳамаи мухлисони шеър ва хусусан мардуми Мастчоҳ аст. Ин китобро дар соли 1999 нашриёти Алҳудои Теҳрон чоп кард. Пас аз чопи ин китоб Муллоаҳмадро (Эшони Муфтӣ) на танҳо дар Тоҷикистон, балки форсизабони дунё шинохтанд ва аз фазлу адаби ин орифи тавоно лаззат баранд. Ба қавле «қанди Масчоҳро ба мулки форс бурд».

Ногуфта намонад, ки Шукурзода аз сентябри 1992 то 2004, зиёда аз 12 соли умри бобаракати худро дар Эрон гузаронд. Мақсади ин шахси поксиришт на ҷамъоварии пулу мол, балки аз худ кардани сарвати маонӣ ва фарҳанг, инчунин нашри

китобҳои зиёде барои ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани тоҷикон ва Тоҷикистон, интишори намунаи шеъри аҳли адаби Тоҷикистон буд. Фақат дар китоби «Донишнома», (чопи Теҳрон, 1996) ки бисёрҷилда аст, Шукурзода зиёда аз 400 мақолаи илмӣ дар бораи олимон, аҳли адаби Осиёи Миёна чоп кардааст. Китоби олими шодравон – ҳамдиёрамон Шодӣ Асрор «Шоҳбайтҳо»-и «Шоҳнома» ва ду рисолаи ӯ «Симои Сиёвуш дар «Шоҳнома»-ро дар Душанбе ба чоп расонд.

Нахустин китоби ӯ, ки мафҳум ва маънои калимаи тоҷикро ҳаматарафа шарҳ додааст, ин китоби «Тоҷик, тоҷвар, тоҷдор» низ дар Душанбе бо хати кириллӣ нашр гардид. Ин китоб бо ҳуруфи ниёгон ҳам баргардон шуд ва дар Теҳрон дар 400 саҳифа се бор чоп гашт. Бародарони форсизабони мо аз ин китоб маълумот дар бораи тоҷикон пайдо карданд. «Тоҷикон дар масири таърих» китоби комилтар буда, дар Эрон ва Покистон нашр гашт. Ба воситаи ин китоби пурмӯҳтаво маълумоти форсизабонони он тарафи марз дар бораи тоҷик густариш ёфт. Ҳоло бошад, китоби такмилёфтаи «Тоҷикон» омодаи чоп аст. Худо агар хоҳад, ин китоб, ки рамзи шиносномаи миллат аст, дар рӯзҳои наздик дастраси хонандагон хоҳад гашт. Ба монанди Фирдавсии бузургвор, ки 30 соли умри худро барои навиштани «Шоҳнома» сарф намуд, Мирзо Шукурзода тамоми умри худро барои китоби «Тоҷикон»-и худ сарф намуд ва дар ҳоли ҳозир бо шарофати ин марди наҷиб тамоми форсизабонони дунё – хоҳ дар Эрону Афғонистону Покистон ва хоҳ дар Ҳиндустон ва Лос-Анжелосу Амстердам ва Лондон аз фарҳанг ва таърихи пурэъҷози тоҷикон огаҳ гаштанд. Калимаи тоҷик барои Мирзо Шукурзода рамзи зиндагонии пурмеҳри вай гаштааст. Бо ин ном нафас мекашад, сухан мегӯяд ва гом бар зиндагонӣ мениҳад. То ба ҳол дар таърихи адабиёти ягон миллати дунё шахсеро пайдо кардан имкон надорад, ки ҳадафи вай таҳқиқи як ном бошад: яъне, тамоми ҳастии Мирзо як ном – тоҷик мебошад. Калимаи «тоҷик» барои ин донишманди бузург маънои ҳамаи форсизабонон ва эронтаборони дунё аст.

Китобҳои дигаре, ки Шукурзода таҳия ва интишор кардаанд: «Себи Самарқанд», «Қуръон ва табиат», бахше аз эпоси қирғизии «Манас», маҷмӯаи «Сафири Кабир», рисолаи Муртазо Мутаҳаррӣ «Масъалаи Ҳиҷоб» дар Душанбе ва Теҳрон ба чоп расиданд.

Чанд китоби дигар «Гулчини дурри дарӣ» ва «Аз Ҳиндукуш то бекарон» омодаи нашр аст. Фаъолияти фарҳангии ӯро адибони барӯманди Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон баҳои баланд додаанд. Ҳазрати Мавлоно фармуда:

*Ман чу лаб гӯям, лаби дарё бувад,*
*Ман чу ло гӯям, мурод илло бувад.*

Мақсади асосӣ ва мурод аз суханони дар боло зикргашта китоби «Ҷонпайванд»-и Мирзо Шукурзода мебошад. Дар осори хеш талош ба он дорад, ки пайвандҳои фарҳангӣ миёни ақвоми эронӣ ва форсизабон густариш ёбад, гусастагиҳо пайванд шаванд. Аз он ки байни форсизабонон ва ҳамтаборон ҳамдиливу ягонагӣ камранг ва ҳатто халалпазир аст, ӯ ғусса мехӯрд ва ба воситаи навиштаҳояш моро ба худшиносӣ ва васл даъват мекунад. Маҳсули чунин андешаҳо ва талошҳои доимӣ чандин китоб ва мақолаҳои таҳқиқотӣ аст, ки яке аз онҳо «Ҷонпайванд» мебошад. «Ҷонпайванд» дар нашриёти «Адиб» бо сифати аъло ба дасти дӯстдорони фарҳангу таърихи тоҷикон расид. Дар китоб маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва публитсистии муаллиф фароҳам омада, перомуни пайвастагиҳои фарҳангӣ миёни кишварҳои форсизабон: Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон сӯҳбат мекунад. Дар тамоми навиштаҳои ин маҷмӯа ғурури миллӣ, ҳисси ифтихор аз фарҳангу маданияти ориёӣ, ки муаллиф дар замири худ мепарварад, эҳсос мешавад.

Мухолифони ӯ касоне ҳастанд, ки мехоҳанд ҳамбастагии форсизабононро халалдор кунанд. Ва касоне ҳастанд, ки мехоҳанд сарзамини тоҷиктаборро хеле маҳдуд ангошта, намехоҳанд эътироф намоянд, ки паҳноии Эрони бузург ва Самарқанду Бухоро, Балху Нишопур, Вахшу Хатлону Ҳироту Шаҳрисабз, Хуҷанду Хоразму Фарғонаву Тирмиз ва мисли онҳо, нисфи Осиёро фаро мегирифт. Чун муаллиф табъи самимии шоирӣ дорад, ягонагии тоҷикборонро чунин баён мекунад: «Мо яке рӯҳем андар се бадан».

Муаллиф дар маҷмӯаи мақолаҳои «Ҷонпайванд» аз ҳамдилию ваҳдати эронитаборон сухан гуфта, ҳушдор медиҳад, ки бояд якпорчаву ягона бошем. Аз ин рӯ ин асар беҳтарин асари тадқиқотии дар солҳои охир таълифшудааст, ки дар шинохти робитаҳои муштараки форсизабонони се қитъа судманд аст. Аз ботини ин навиштаҳо фарёди дар гулу-

печидаи марди худшинос ва меҳандӯсту миллатпарваре ба гӯш мерасад, ки ормони аслиаш ягонагии фарҳанги форсизабонон аст. Аз ин рӯ мехоҳам зиёдтар аз шахсияти Шукурзода сухан гӯям.

Мардуми ҷумҳурӣ ин шахсро на танҳо ҳамчун нависанда, таърихнигору шоир мешиносанд, балки яке аз беҳтарин нотиқон медонанд. Худо ба вай истеъдоди фаровони нотиқиро арзонӣ доштааст. Вақте Мирзо Шукурзода аз минбар сухан мегӯяд, ҳушу гӯши сомеонро ба худ мерабояд. Шунавандагон як ҷаҳон ҳиссиёти саршор аз муҳаббат ва ҳаяҷони амиқ аз сӯҳбати ӯ бар медоранд.

Мирзо Шукурзода орзу дорад, ки дар солҳои наздик хонае дар Бӯстон бунёд намояд ва дар он ҷо бузургтарин китобхонаи шахсиро барои мардуми Мастчоҳ таъсис намояд. Ногуфта намонад, ки ин шахси арҷманд дорандаи китобҳои зиёде аст. Мо, дӯстон, ҳамдиёрони Мирзо Шукурзода, боварии комил дорем, ки эшон на танҳо дорандаи ҷоизаи Садриддин Айнӣ, балки аз ҳисоби силсилакитобҳои бахшида ба тоҷикон, иншооллоҳ, дар солҳои наздик шарафёби ҷоизаи Рӯдакӣ мегардад.

*(«Машъал», 23 июни с. 2007).*

*Комилҷон САИДОЛИМОВ*
*Олимҷон САИДОЛИМОВ*

## ФОРИҒ АСТ АЗ МАДҲУ ТАЪРИФ ОФТОБ…

*Паёгомбари гиромии дини мубину муқаддаси Ислом, ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с.) дар яке аз хутбаҳояшон мефармоянд: «Росттарин сухан китоби Худову устувортарин ресмон калимаи тақво ва беҳтарин кешҳо кеши Иброҳиму беҳтарин суннатҳо суннати Муҳаммад (с. ) ва гиромитарин сухан зикри Худо ва накӯтарин достон Қурьон… ва кӯртарини кӯрӣ гумроҳӣ пас аз ҳидоят аст ва беҳтарини кирдорҳо он аст, ки суд расонад ва бадтарини кӯрӣ кӯрии қалб аст…»*[1].

[1] Таърихи Ибни Кассир. С. 227.

Чун хома ба даст гирифтему хостем, то дар мавриди ин ё он ҷанбаи фаъолияти эҷодии инсони фозилу нексиришт ва шахсияти боасолат Мирзо Шукурзода андешаҳои хешро бинвисем, пеши назар, пеш аз ҳама, симои хирадмандона ва вуҷуди саршор аз самимияту муҳаббати эшон ҷилвагар шуд.

Аз каломи бузургон шунидаему хондаем, ки шарифтарин тавозӯи инсон он аст, ки хештанро бар ҳеҷ кас фазл набинад ва ин навъи тавозӯъро, бе муболиға, дар рафтору кирдори бародари арҷманду донишмандамон Мирзо Шукурзода борҳо мушоҳида кардаем.

Ба андешаи ин ҷониб, олим, рушандил ва ё худ зиёӣ будан яке аз вазнинтарин масъулиятҳост назди ҷомеъа, зеро ҳам ҳидоят ёфтан ва ҳам ба залолат фурӯ рафтани ин ё он иҷтимоъ аз сухани ӯ низ вобаста аст. Аз ин хотир, пайғомбари акрам (с. ) гуфта буд: «*Агар се тоифа аз уммати ман: уламо, умаро ва туҷҷор табоҳ шаванд, ҳама умматони ман табоҳ гарданд*».

Қалами нависанда ва умуман эҷодкор, амсоли теғ ва ё худ силоҳест, ки онро метавон ҳам ба нафъи инсоният ва ҳам бар зиёни вай истифода кард ва осори аксари бузургони дунё ба он далолат мекунад, ки бори дарахти илмро на ҳама қудрати бар дӯш гирифтану таҳаммул кардан доранд.

Зиндагии рӯзмарраи мо инсонҳо бароямон ҳар лаҳзаву ҳар қадам имтиҳоноти саҳлу сангинро пеш меорад, ки гузаштан аз он танҳо бо лутфу марҳамат ва кӯмаку нерӯи Илоҳӣ имконпазир аст. Дар акси ҳол, агар инсон аз марҳамати Илоҳӣ ғафлат варзаду умед ба ғайри Ӯ бандад, ноумеду залил хоҳад гашт. Худованди аззаву ҷалл дар каломи ҷовидонааш ба расули гиромиқадр (с. ) мегӯяд: «*Бигӯ, эй Худо! Эй соҳиби қудрат! Ту ба он кас, ки бихоҳӣ, қудрат медиҳӣ ва аз он кас, ки бихоҳӣ, бозмеситонӣ, ҳар киро хоҳӣ, иззат диҳӣ ва ҳар киро хоҳӣ залил месозӣ, некӣ дар дасти туст ва ту бар ҳама чиз тавоноӣ*»[1].

Хадамоти устод Мирзо Шукурзода дар таҳияву омода сохтану як силсила мероси арзишманди адабӣ, илмӣ ва фарҳангии шоирону нависандагони гузаштаву муосири тоҷику форс ва, ҳамзамон, тавассути хати форсӣ интишор сохтани онҳо ба хонанда маълум аст. Дар ин мавриди мо

[1] Қуръон, сураи Оли Имрон, ояи 26.

таваққуф намекунем. Вале тайи чанд соли ахир бо тақозову дархости бархе аз ёрон устод рӯ ба шеър оварданд, ки ин албатта бесабаб нест.

Дар пешгуфтори маҷмӯаи «Ашки сари мижгони ман» (Душанбе, 2005. С. 6. ) устод ба ин андешаи орифи раббонӣ ва пири маърифат Мавлавии Румӣ, ки шеър гуфтанро мояи беҳосилӣ мегӯяд, ҳамовоз аст. Вале чун ба чакидаҳои хомаи Мавлоно дар китоби «Фиҳи мо фиҳӣ» таваҷҷӯҳ менамоем, аён мегардад, ки ӯ ба калому шеър арзиши зиёдеро қоил аст ва онро ҳатто ба офтоб ташбеҳ медиҳад, ки ба ҳамагон гармӣ мебахшад. Каломи мавзуни ҳикматбору орифона низ нерӯбахшу гармидиҳандаи қалбҳост. Ба қавли Мавлоно: «*Калом (сухан) ҳамчун офтоб аст, ҳамаи одамиён гарму зинда аз ӯянд ва доиман офтоб ҳасту мавҷуд аст ва ҳозир асту ҳама аз ӯ доиман гарманд, илло офтоб дар назар намеояд ва намедонанд, ки аз ӯ зиндаанду гарманд*»[1].

Шеъри пурмазмуну воло аз андешаву тафаккури солим гувоҳӣ медиҳад ва вақте мо нафареро ба унвони «зиёӣ» ном мебарем, дар шинохти ӯ, пеш аз ҳама, арзиш ва қимати андешаро меъёр қарор медиҳем.

Устод Мирзо Шукурзода ҳамеша хайргӯю хайрхоҳ ва кушодботин аст, ки ин вижагии шахсияти он кас аст. Дар ин маврид низ Мавлоно мегӯяд: «*Агар касе дар ҳаққи касе нек гӯяд, он хайру некӣ бар вай оид мешавад ва дар ҳақиқат, он санову ҳамд ба худ мегӯяд. Назири ин чунон бошад, ки касе гирди хонаи худ гулистону райҳон корад. Ҳар боре, ки назар кунад, гулу райҳон бинад, ӯ доиман дар биҳишт бошад. Чун (инсон) хӯ кард ба хайр гуфтани мардумон, чун ба хайри яке машғул шуд, он кас маҳбуби вай шавад ва чун аз вояш ёд ояд, маҳбубро ёд оварда бошад ва ёд овардани маҳбуб гулу гулистон асту равҳу роҳат аст. Ва чун бади яке гуфт, он кас дар назари ӯ мабғуз шуд, чун аз ӯ ёд кунад ва хаёли ӯ пеш ояд, чунон аст, ки мор ё каждум, ё хору хошок дар назари ӯ пеш омад*»[2].

Устод Мирзо шеъри волову накуро ҳамду ситоиши Худованд медонанд: «*Волотарин шеър ва некутарин калом, ки дилро*

[1] Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ. Фиҳӣ мо фиҳӣ. Бо тасҳеҳоту ҳавошии Б. Фурӯзонфар. Теҳрон, 1369 ҳ. ш. С. 196.
[2] Ҳамон ҷо, с. 201.

*қувват, рӯҳро нишот ва чашмро сурмаи басират ато кунад, ҳамду ситоиши Худост. Ва ӯ, ки «Даст ба кору дил ба Ёр» бошад, чун парӣ аз хато барӣ бошад»*[1].

Ҳамду ситоиши Ҳақ (ҷ) на танҳо нишотбахши рӯҳу сафои қалб, инчунин, боиси покиву наҷот аз нохубиҳову хабисот аст (Вазкуруллоҳа касиран лаъаллакум туфлиҳун):

*Зикри Ҳақ пок аст, чун покӣ расид,*
*Рахт барбандад, бурун ояд палид*[2].

Расули гиромӣ (с. ) дар яке аз аҳодиси муборакашон фармудаанд: «*Ҳуббул ватанӣ миналимонӣ*»[3], яъне, «Дӯст доштани Ватан аз имон аст» ва ин муҳаббату ифтихор аз меҳану миллат дар шеъри устод Мирзо ҳам садо медиҳад:

*Худоё, Тоҷикистонро нигаҳ дор,*
*Тулӯъи нуру имонро нигаҳ дор…*
*Ҳама мастийи мо аз ҳастийи ӯст,*
*Ту шӯру шавқи мастонро нигаҳ дор.*
*Шумори хасмаш аз муру малах беш,*
*Алайҳи хасм хосонро нигаҳ дор.*
*Ба рағми хасми рӯбаҳфеъли бадкеш,*
*Паёпай хези шеронро нигаҳ дор…*[4].

Дар ғазали дигари устод хитобае ба назар мерасад, ки моро ба ҳифзи меҳан даъват мекунад:

*Шермардони Ватан ғулғула эҷод кунед,*
*Ватан аз панҷаи тӯфони ғам озод кунед…*
*Доми найранги хуношомии Хусрав то кай?*
*Ҳазар аз оҳи дилу тешаи Фарҳод кунед*[5].

Дар назму насри устод Мирзо номуси милливу мазҳабӣ, кишвардорӣ ва сарнавишти сангини миллати кӯҳанбунёди мо дарҷ гардида, илова бар ин, масири тайнамудаи камолот ва шикасту рехти тоҷикон мавриди тасвир қарор дода шудааст. Чунончӣ, дар абёти зайл фармудаанд:

---

[1] Шукурзода М. Ашки сари мижгони ман. Душанбе, 2005. С. 106.
[2] Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Маснавии маънавӣ. Бо тасҳеҳи Рейналд Никольсон. Теҳрон. 1374ҳш. С. 347.
[3] Фурӯзонфар Б. Аҳодиси “Маснавӣ”. Теҳрон, 1347ҳш. С. 126.
[4] Шукурзода М. Ашки сари мижгони ман. Душанбе, 2005. С. 15.
[5] Ҳамон ҷо. С. 42.

*Он қадар садсолаҳо мо путк бар сар хӯрдаем,*
*Сахтимон, сахтҷон аз сангу сандонем мо…*
*Қудсиён то шеъри Ҳофиз ҷумла аз бар мекунанд,*
*Ахтари тобандаи ҳар бурҷу кайҳонем мо.*
*Шири Модар нӯши ҷони Румиву Аттор бод,*
*Ворисони барҳақи Эрону Туронем мо.*
*Дар дифоъи моми миллат ҷони мо арзонӣ бод,*
*Дар Намангон ё Самарқанд, ё ки Гелонем мо.*
*Дар Самарқанд тоҷи мо турид аз тӯфони гуз,*
*Дар Бухоро интизори Оли Сомонем мо*[1].

Вожаи «Ватан» дар ин шеър маъмулан ҳамон ҷову маконест, ки мо умр ба сар мебарем ва дифоъ аз он, дар воқеъ, вазифаи ҳар фарди боимон аст. Вале чун ба шеъри орифона таваҷҷӯҳ кунем, илова бар маънии аввал, вожаи «Ватан» мафҳуми охиратро низ ифода мекунад, ки то мо инсонҳо онро дӯст надорем, меҳанпарасту инсондӯст нахоҳем шуд. Мавлавӣ дар ин маврид фармуда:

*Аз дами ҳуббулватан бигзар, маист,*
*К-ӯ ватан он сӯст, ҷон ин сӯй нест.*
*Гар ватан хоҳӣ, бирав он сӯйи Шат,*
*Ин ҳадиси ростро кам ҷӯ ғалат.*
*Дар сафар гар Рум бинӣ ё Хутан,*
*Аз дили ту кай равад «Ҳуббулватан»…*

Садои ғайбие, ки ба заминиён мерасаду аз он устод Мирзо ёд мекунанд, аз ҳамон Ватани аслист: «*Аз дурии дуриҳо садойе маро гӯшмол медиҳад ҳар дам: «Заминиён! Шумо ҳама озурдаед ё озордида! Аз ин пас ҳамвора бо Худои хеш бошед ва бикӯшед, то аз кафи якдигар шароби офият, дӯстӣ ва сафо бинӯшед*»[2].

Чун ба рисолати анбиёву инсонҳои асил таваҷҷӯҳ мекунем, аёнамон мегардад, ки ҳадафи аслии онҳо инсонсозист ва беҳуда ҳам нест, ки расули гиромӣ (с. ) касонеро, ки воқеан меросбари илм ва масъулияти таълиму тарбияро бар дӯш доранд, «*ворисони паёмбарон*» гуфтааст. Устод Мирзо низ дар чакидаҳои ҳикматомӯзи хеш бо истифода аз санъатҳои гуно-

---

[1] Ашки сари мижгони ман. С. 13.
[2] Ҳамон ҷо. С. 119.

гуни лафзиву бадеӣ хонандаро ба худсозиву хештаногоҳӣ ва худошиносӣ водор месозанд: «*Ай накӯмарди некандеш! Накӯмарду накӯкор будан кам аст. Хоҳӣ, ки накӯмарди баркамолат бихонанд, аз ёрону хешони худкома ва ҳақиру тарсӯ накӯмард бисоз*»[1].

Ҳадиси набавии «Худро бишносед» бояд шиори зиндагии ҳар инсони бедордил бошад. Дар ин бора устод мефармоянд: «*Шумо ҳақшиносед ё ҳуқуқшинос, ё талош бар Худошиносӣ меварзед, дар ҳар сурат, ин ҳадиси набавӣ чун ҳалқаи зар бар гӯши ҷон супоред: аввал худро бишносед*»[2].

Дар андешаи устод муқаддастарин рисолати инсон ёди Ҳақ ва бандагии ӯст: «*Муқаддастарин рисолати инсон ва ширинтарин шуғли ӯ ибодати Худост. Ибодате, ки олудаи риё набошад; пешонӣ ба хок соида, саҷда назди Офаридгор овардан, бо забони дурбор ва лаҳни малоиквор ояҳои осмонӣ тиловат кардану зикри Ҳақ гуфтан дили мо ва рӯҳи моро болҳои фулодин мебахшад. Оё панҷаи касифи шайтон тобу тавони шикасти чунин қалбу чунин рӯҳро дорад? Ҳаргиз*!»[3].

Каломи мавзун ва насри устод Мирзо олами ботинии инсонҳоро ба хонанда кашф намуда, ӯро ба ибратгирӣ аз сифоти нописандида водор месозад. Симои афроди нотавонбину пастфитрат дар китоби «Равзаи розҳо» чунин ҷилва мекунад: «*Ҳар киро ҳиммат паст, фикрат паст ва ин пастиҳост, ки кавданро дар чоҳу зиндони тарс андозад ва хори чашми дӯстонаш созад… Бо Худо наздик шудан хоҳӣ ва ё ҳузури Худоро дар хонаи дили хеш таманно дорӣ, аз ноодамон ва аз мункирони Худо бигрез*»[4].

Дар воқеъ, мункари Худо ва Расули ӯ будан аз адами имон ва баста будани равзанаи қалби инсон аз нури маърифат аст. Устод Мирзо дарду эҳсосоти ботинии худро нисбати мункирони Ҳақ дар чанд мисраъ ба тариқи зайл баён кардаанд:

*Бувад ӯ мункири асҳоби Аҳмад,*
*Надорад заррае нури Муҳаммад (с. )…*
*Нафас – олуда, рӯ – зишт, даст – нопок,*

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 113.
[2] Ҳамон ҷо. С. 106.
[3] Ҳамон ҷо. С. 117.
[4] Ашки сари мижгони ман. С. 107, 117.

*Худовандо! Чӣ сон роҳаш диҳад хок?!*
*Ҳадиси қудсиро кай бишнавад ӯ?*
*Сироти мустақимӣ кай равад ӯ?*
*Ба магзи ӯ Каломи Ҳақ нагунҷад,*
*Ҷаҳон сӯзад, варо мӯйе наҷунбад.*
*Нишони манзилаш мекун фаромӯш,*
*Чӣ бошӣ бо каломӯше ҳамогӯш?*[1]

Мункари Ҳақ дар ниқобҳои мухталиф зӯҳур мекунад, ӯ ғофил аз ин фармудаи Худованд аст, ки дар Каломи ҷовидонааш мегӯяд: «*Аз сирри махфии шумо огоҳам*». Мавлоно низ ин гуна инсонҳоро дар симои Абӯҷаҳл вонамуд месозад:

*Чун набуд Буҷаҳл аз асҳоби дард,*
*Дид сад шаққулқамар, бовар накард…*
*Шамъи Ҳақро гар кунӣ пуф, эй аҷуз,*
*Ҳам ту сӯзӣ, ҳам сарат, эй гандапуз.*
*Ҳар кӣ бо шамъи Худо орад пуф ӯ,*
*Шамъ кай сӯзад, бисӯзад риши ӯ…*
*Ҳаркиро оташ паноҳу пушт шуд,*
*Ҳам маҷусӣ гашту ҳам зартушт шуд.*

Чеҳраи берӯву ноаслро бошад, ин тавр тасвир мекунанд: «*Берӯ киро гӯянд? – Он ки қадри хеш ва ҳадди хеш нашносад ва ба ҳар кӯйе сар занад, раҳбаладаш нафси саг бошад… Лаимон ба бунёди дӯстӣ чаро меоранд шикаст? Сабаб мушаххас аст: онон мекӯшанд дар ин «тиҷорат» маводи моддиро аз ғизои маънавӣ боло гузоранд, яъне хари нафсро бар гардани фариштаи раҳмат савор кунанд… Бо ҷоҳпарастон, насабгумкардагон, ҳуққабозон ва беҳунарону беватанон ва ломазҳабон аз ваҷҳи ғурури Миллӣ, Номуси Миллӣ, Озодиву Ободӣ дам назанед*»[2].

Сирату тинати поки инсоне, ки макони шафқату меҳр аст, барои ӯ беҳтар аз сурати зебо ва қудрату дунёист: «*Доно, зебо, тавоно ва доро будан ҳеч аст, агар бандаи Худо чун Офаридго-*

[1] Ҳамон ҷо. С. 98.
[2] Ҳамон ҷо. С. 117.

*ри хеш бахшоянда ва меҳрубон набошад*»[1].

Шеъри устод Мирзо дорои мазмуну мӯҳтавои баланд, вижагиҳои хос ва ҷанбаҳои маърифатист. Дар «Рамзи хилқат», «Солик», «Лаби хешро газидам», «Мӯяи дил» ном шеърҳо ва ғазалвораҳояшон ин хусусиёт баръало намоён аст. Аз ҷумла:

*Ту, эй ҷони бародар, ҷоми иззатро чӣ медонӣ?*
*Мақому маънии қонуни ҳурматро чӣ медонӣ?*
*Гусаста лахта-лахта хилъати кавну макони хеш,*
*Бақои ҷавшани имону ваҳдатро чӣ медонӣ?*
*Туро чашми хирад камнур, пойи маърифат кӯтоҳ,*
*Тавофи Каъбаи кӯйи фазилатро чӣ медонӣ?*
*Ҳалолҳо аз ҳаром нашносӣ, илҳод аз мусулмонӣ,*
*Ту фармони Худо, ҳукми шариъатро чӣ медонӣ?*
*Ҳузурат коҳиши рӯҳу набудат хори пойи дил,*
*Ту нуқли сӯҳбату ҳаззи ҳаловатро чӣ медонӣ?*
*Ту к-аз донишгаҳи ишқи азал мағзи тиҳӣ бурдӣ,*
*Дабири орифи дарси садоқатро чӣ медонӣ?*
*На ҳангат дар ҷигар дидам, на аз фаррат гуле чидам,*
*Ту фарҳанги фараҳзои рафоқатро чӣ медонӣ…?*
*Китоб дар фаҳми ту коҳ аст, котиб низ каҳбеда,*
*Азобу лаззати ранҷи китобатро чӣ медонӣ?*
*Нафасганду табаҳдасту сияҳшӯраст бунёдат,*
*Итобу пурсиши рӯзи қиёматро чӣ медонӣ?*
*Ҷаҳон маҳви рамузи хилқатат, эй хокии links,*

Баррасии мазмуну мӯҳтавои ашъори устод Мирзо Шукурзода аз ҷониби муҳаққиқин як тадқиқоти ҷудогонаро тақозо мекунад.

Умедворем, Худованд ба ин накӯмарди баркамол, фарзона ва наҷобатманд, ки ба синни муборакӣ 60 қадам мегузоранд ва, инчунин, ба хонадону пайвандони он кас умри дарозу пурбаракат ва зиндагии босаъодату охирати ободро насиб гардонад.

[1] Ҳамон ҷо. С. 115.
[2] Ашки сари мижгони ман. С. 86.

*1-уми июли соли 2009, ш. Душанбе.*

*Тилав РАСУЛЗОДА*

## МУНОДИИ ПАЙҒОМҲОИ ХУДШИНОСӢ

*Эҳдо ба устод Мирзо Шакурзода, ба ифтихори пешниҳод шудани китоби «Ҷонпайванд»-и ӯ барои дарёфти Ҷоизаи ба номи устод Садриддин Айнӣ.*

Худогоҳӣ аз устод Садриддини Айнӣ оғоз гирифта, онро устодони азиз Сотим Улуғзода, Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммадҷон Шакурӣ ва шогирдону дастпарварони онҳо чун Лоиқу Бозор, Тоҳири Абдуҷаббору Муҳиддин Олимпур, Ардамеҳр, Қодири Рустаму Сафари Абдулло, Искандари Хатлонию Мирбобо Мирраҳим ва Мирзо Шукурзода идома доданд. Дар бораи заҳамоту ранҷҳои кашидаи он азизони миллату меҳанпараст чизе намегӯям, зеро наметавон ва нашояд бо чанд калимаю ҷумла хидмати онҳоро ироа кард. Фақат ҳамин қадар мегӯям, ки шукр мар-Худои меҳрубонро, ки он меҳрубононро ба сӯи мо фиристодааст. Инҷо сухане чанд дар ҳаққи устоди донишёру бедордилу бедормағз ва миллатпарасту худшинос Мирзо Шукурзода ироа кардониям. Ин абармард наздики ду даҳсола умри азизи хешро сарфи гирдоварию тадвин, пажӯҳишу таҳқиқи таърихномаи тоҷикон карда, мӯи сиёҳи хешро дар осиёби гирудори пажӯҳишу заҳматкашиданҳо, кофтанҳо ва ёфтанҳо сафед кардааст. Ӯ тасмим гирифтааст, то тоҷиконро барои ҷаҳониён, аз ҷумла ба бародарону хоҳарони ҳамхуну ҳамзабони мо – тоҷикони муқими Эрону Афғонистон, Покистону Ҳиндустон ва фаротар аз он мулку қаламравҳо муаррифӣ намояд. Ман мутмаинам, ирониён, ки бешак, ҳамқавму ҳамрешагону ҳамширу ҳамхуну ҳамзабону ҳамфарҳангу ҳамдилу ҳамнавою ҳамгуни мо ҳастанд, дар китоби «Тоҷикон дар масири таърих»-и устод Мирзо Шакурзода на танҳо бо таърихи тоҷикон, балки бо таърихи ниёи худ, рӯзгори бародарону хоҳарони худ, ки бинобар ҷафои таърих инсӯи рӯди Омӯ мондаанд, ошно шуданд. Онҳо бешак, чеҳраи таърихии хешро дар ин оинаи тамомнамо бидиданд. Вале ҷои масаррат он аст, ки ҳар қадар тоҷикони Ирону Афғонистону Покистону Ҳиндустону ҷаҳон бо таърихи гузаштаю имрӯзини тоҷикон шинос бишаванд, мо ба

ҳамон андоза худро бештар хоҳем шинохт.

Устод дар китоби «Ҷонпайванд»-и хеш аз сӯҳбаташ бо қаҳрамони халқи тоҷик Аҳмадшоҳи Масъуд, ки ба қавли устод Мирзо Шакурзода «чеҳрае шукуфотар аз боғи орзуҳои як орифро дорад» қисса мекунад. Номи ин абармарди таҳамтан хисол дар китоби таърихи навини тоҷикон, бешубҳа бо хати зарин сабт хоҳад шуд ва баробари ба забон овардани номи он ёри ошно дили ҳар тоҷик дар синаю пайкараш гармтару қавитару устувортар хоҳад тапид. Зеро, маҳз зиндагӣ ва муборизаи беш аз бистсолаи Аҳмадшоҳи Масъуд буд, ки назари ҷаҳониёнро ба тоҷикон тағйир дод… Ӯ бо зиндагии худ нишон дод, ки тоҷикон метавонанд ва бояст, дар мақоме қарор бигиранд, ки дар офариниши тақдири худ дастёр ва ёвари Худованд бошанд».

Оре, ҳар фаслу қисмати китоби «Ҷонпайванд», аз қабили «Хаймаҳои мо ҷудо, дилҳо якест», «Мо барои васл кардан омадем», «Баргу сози мо китобу ҳикмат аст», «Кӯҳкане аз кӯристони дил» баёнгари талошу иштиёқи бепоёни устод Мирзо Шакурзода дар роҳи муаррифию шиносоии мардуми тоҷик барои ҷаҳониён аст. Мутолиаи пайвастаи онро ба ҳамватанони худ амри воҷиб мешуморам. Вале ман мехоҳам аз як номаи саркушодаи муаллиф ба корманди маҷаллаи «Одина», ҷаноби Муҳаммадризои Ботинӣ ва дигар бародарони ноошно, ки ба таърихи 19 майи соли 1993 дар рӯзномаи «Кайҳони ҳавойӣ», чопи Теҳрон таҳти унвони «Ман дигарам? Ту дигарӣ?» ба нашр расидааст, ёдовар шавам. Дар ин нома устод Мирзо Шукурзода ба Муҳаммадризои Ботинӣ, ба Аҳмади Шомлу, ки дар Амрико зиста, бо ғарази ҷонибдорӣ аз Заҳҳоки мардуд ба Фирдавсии покзод ҳуҷум овардааст, ба ҷумла ҳаводорони онҳо, ки он Худованди шеъри порсиро «феодал ва тарафдори низоми табақотӣ» номидаанд, ба Нодири Нодирпур, ки қавми тоҷикро дар радифи ҳиндуён, туркҳо ва афғонҳо ақвоми наздик ба эрониён гузошта, зикр кардааст, посухе бо далоили мӯътамад ва раднопазир додааст. Ман мефаҳмам, ки барои устод Мирзо Шукурзода чи сон душвору сангин буд миллати моро надиданҳо, нашнохтанҳо, таҳвин кардани шоире чун Аҳмади Шомлу шоиреро чун Фирдавсии бузург.

Дар ин дунёи ҷаҳонишавӣ ва манқуртшуданҳо, ба бегонагон пайвастанҳо, дар пеши абарқудратон ва пулдорон сар фурӯафгананданҳо ва бузу занмизоҷ шуданҳо, ба қавли аллома

Иқбол «бутони тоза тарошиданҳо» ва «даруни хеш наковиданҳо», бемеҳриҳо ва хиёнатпешагиҳо дар олами ҳастӣ арзи вуҷуд кардани китобҳои устод Мирзо Шукурзода бисёр бамаврид ҳастанд. Ҳар он кас, ки дар рагаш хуни тоҷикона ҷӯш мезанад, вай ба хидматҳо ва заҳматҳои ин абармард арҷ мегузорад. Вале бисёр иттифоқ меафтад, ки барои даъват ба хештаншиносӣ мо силиро на аз бегонагон, балки аз худиҳо хӯрдаем. Ва ононе аксар қадру пуштибонӣ меёбанд ва аҳсант мешунаванд, ки ҷуволи коҳ ҳастанд, на хирмани гандум. Дар ин миён муждае расид, ки китоби «Ҷонпайванд»-и устод Мирзо Шакурзода, ки соли гузашта бо эҳтимоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон ба табъ расидааст, барои дарёфти ҷоизаи устод Садриддин Айнӣ пешниҳод шудааст. Ростӣ аз ин хабар гулҳои пажмурдаи дилам дубора ҷон гирифтанд ва шодмон шудам. Ин як иқдоми хуб аст. Вале дастранҷу заҳамоти устод Мирзо Шукурзода, ки дар китобҳои «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар», «Тоҷикон дар масири таърих», ки ду маротиба дар Эрон ва як маротиба дар Покистон нашр шудаанд, «Кӯҳкане аз користони дил», «Тоҷикон, ориёиҳо ва флоти Эрон» (ду маротиба дар Эрон чоп шудааст), «Парниёну ҳарири абрешим», «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно» (ду бор дар Душанбе ба нашр расид)мунъакис шудаанд, бидуни шак сазовору лоиқи ҷоизаҳои аз ин ҳам баландтару мӯътабартар ҳастанд. Ва банда мутмаинам, ки ин китобҳо барои дарёфти ҷоизаҳои Рӯдакию Сино низ шарафёб хоҳанд шуд. Гузашта аз ин, он ҳама китобҳое, ки зикрашон дар боло рафт, осори илмию таърихшиносӣ ҳастанд ва Академияи Улуми Тоҷикистонро зарур аст, сари қадршиносии ин фидоии миллат биандешад ва барои китобҳои гаронмоя ва гаронқадру пурарзишаш ба устод Мирзо Шукурзода унвони ифтихории академики фахрии Академияи Улуми Тоҷикистонро арзонӣ дорад. Алҳол устод Мирзо Шукурзодаро барои номзад шуданаш ба дарёфти Ҷоизаи устод Садриддин Айнӣ табрик мегӯям. Ҳама ба пирӯзии устоди азиз шак надорем.

Устод дар як мусоҳибааш гуфтааст, ки китоби «Тоҷикон дар масири таърих»-ро то чаҳор ҷилд хоҳад навишт. Ба ин мо, шогирдону ҳамватанонаш ризоманд нестем. Мо мутмаинем ва умед дорем, ки лоақал теъдоди онро ба даҳ ҷилд хоҳад расонид. Зеро устод қодир аст аз ин беш низ гавҳарҳо ба ин миллат тақдим намояд. Иншооллоҳ! Фақат аз даргоҳи эзиди

лоязолу маннон тани сиҳату хотири ҷамъи ӯро илтиҷо дорем.

*Ҳафтавори «Нигоҳ», 31 майи с. 2007*

*Нурмаҳмад ЗУҲУРӢ*

## САЙҲАГАРЕ АЗ БОМДОДИ МАСТИИ ТАЪРИХ

Рӯзгори пур аз фарозу нишеби имрӯзини мо саршор аз ғароибот аст: аксаран зимоми сарварию намояндагии арсаҳои сиёсат, иҷтимоъ, илм, ҳунар, иқтисод, рӯзноманигорӣ ба дасти касонест, ки аз нигоҳи чаҳорчӯбаҳои даступогири расмӣ гӯё унвону имтиёзеро фароchанг овардаанд, вале бо ин ҳол аз раҳгузори риштаи дахлдор чошние набардоштаанд, рисолати худро ба дурустӣ нашинохтаанд, ба ҷуз адои расмиёт дар ин ё он бахш сӯзу гудози қалби хешро ба ҳангоми ҷустору ковишҳои ҳирфавӣ ҳеҷ гоҳ буруз надодаанд ва шояд ягона ҳайсияташон ин бошад, ки пеши роҳи чанд ҳамоварди фитратан соҳибзавқи худ садде дуруст кардаанд. Баръакс, дар миёни намояндагони касбу пешаҳои гуногун ҷӣ басо инсонҳои хокиеро рӯ ба рӯ меоем, ки дар сар дағдағаи бузургтарошию мансабталошӣ намепарваранд, вале бо амалу ибрати шахсии хеш дурахши чашмхиракунандаи қобилиятро ба намоиш мегузоранд…

Мирзо Шукурзода аз зумраи чунин покбозони арсаи илму фарҳанги муосир аст, ки тақрибан ҳудуди сию панҷ-чил соли ахир номи муборакаш бар сари забонҳост. Тӯли ин солҳо дилпораҳоеро дар паҳнои рӯзноманигорӣ, гузоришгарӣ, наср, назм, фарҳанг, накди адабӣ, осри шифоҳии мардум, таърих, мардумшиносӣ ва … рӯйи коғаз рехтааст. Шояд баъзеҳо эътироз ҳам кунанд, ки афроди дигаре низ фаъолияти чандбӯъдӣ дошта ва ё доранд, Вале ин ҷо сухан аз бобати кайфияти офариниш, сӯзу сози шахси қалам – бадаст, навҳаи адои рисолат меравад, ки тимсолашро дар фароянди ҳунарии дигарон камтар мушоҳида кардаем. Агар ҳаққи доварӣ дар мавриди фаројандҳои ҳунарии ин шахси барӯманд ба ман буд, инҷониб ҳатман се арсаро барои муаллиф пуртавфиқтар медонистам: якум, рӯзноманигорӣ. Ба пиндошти коршиносони бахши мазкур, нигоштани очерк кори заҳматталабест, ки Фазлиддин Муҳаммадиеви марҳум жанри мазбурро як пораи ҳаёт номида буд. Дар ин росто дар эҷодиёти М. Шукурзода махсусан муосирони мо – аз қабили Шодӣ Боқӣ, Мунира

Маҳмудова, Каромат Маҳмудова, Мулло Боқӣ, Сафарбек Давлатов, Ҳоҷӣ Кӯчакбоқӣ Муллоҷонов, доктор Алиасғари Шеърдӯст ва дигарон тамоми ҷилоҳои қалами чеҳраофариниро дар симои зоҳирию ботинии худ ламс намудаанд. Дуюм, бахши фарҳанг. Барои ин ҳақир меросбарии тоҷикон аз «Шоҳнома» ва офаридгораш (посухи М. Шукурзода ба даъвоҳои бухломези марҳум Аҳмади Шомлу) ва тарсими муҳити адабию ҳунарии Хирот хеле ҷолиб менамояд, ки шаҳри мазкур яке аз чаҳор иқлими Хуросони бузург буда, то имрӯз рисолати азалию абадии худро, хушбахтона, аз даст нададааст (фурӯ нишастани шамъи маърифатафрӯзро дар яке аз ин иқлими чаҳоргона, яъне Марв ҳама шоҳид будаем). Сеюм, таърихнигорӣ.

Бахши сеюм гӯиё барои Мирзо Шукурзода бар рӯи тасодуф ба роҳ меафтад ва ибтидо ин дӯстдори бетимсоли таърихнигорӣ фармудаҳои андешамандони бешумореро дар ситоиш ва ҳатто накӯҳиши халқи тоҷик гирдоварӣ намуда, шарҳе бар ҳошияи онҳо мебандад, баъзеи онҳоро мӯшикофона муаррифӣ мекунад, ағлаби маводро аз русӣ ба тоҷикӣ бармегардонад, бо баъзе муаллифон сари баҳс менишинад. Ҳосили ин ковишҳо ҳамон асари хушноми «Тоҷикон дар масири таърих» аст, ки чаҳор бор хориҷ аз Тоҷикистон ба нашр расида, саранҷом ғулғуле дар фазои таърихнигорӣ афканд ва баъдан бо вокунишҳои гуногуне аз манфӣ то мусбӣ рӯ ба рӯ омад. Шоистатарин коре, ки дар мавриди нигоштаи мазкур анҷом гирифт, он аст, ки тибқи назарсанҷиҳои баргузошуда дар Хуҷанд зубдагони илму адаб онро китоби сол эълом карданд (барои соли 2007). Шояд дар оянда низ перомуни ин маҷмӯаи дар навъи худ нодир баҳсҳое сурат гиранд, вале зикри як нуктаро бамаврид медонем: аз ин ба баъд хеҷ пажӯҳишгаре ҳангоми хомазанӣ перомуни таърихи муосири халқи тоҷик аз канори ин маҷмӯа бе кунҷковӣ гузашта наметавонад.

Гӯиё дар идомаи ҳамин маҷмӯа рисолае ба сурати посух ба як муаллифи гумноми паштузабон – Самсури Афғон зери унвони « Сақовии дуввум» дар се шумораи «Садои Шарқ» (соли 2008) таҳти номи «Ҳамосаи родмардони Хуросон» рӯи чоп омад. Ба назари банда, тамоми истеъдоди фитрӣ, сӯзиши қалб, мӯҳкамии ирода, тавонмандии рӯҳонӣ ва дирояти андешаи М. Шукурзода маҳз ҳангоми таълифи ин рисола даст

ба дасти ҳам додаанд, то саранҷом такону бӯҳтзадагиеро дар ниҳоди ҳар хонанда ба бор оранд. Ин нигошта, бо ҳама бурду бохташ, аз нодиртарин офаридаҳо перомуни рӯзгори сиёсии тоҷикон дар қаламрави Афғонистони ҳамсоя ба ҳисоб меравад. Сарзамине, ки садсолаҳо қабл – пеш аз он ки вожаи «афғон» рӯи номаш итлоқ шавад, пойгоҳу ҷойгоҳи бебадали тоҷикон ва лафзи дарӣ будааст; пас аз интишори ислом низ шахсиятҳои барӯманде чун Саноӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Байҳақӣ, Гардезӣ, Мавлавӣ, Робиаи Балхӣ, Абушукури Балхӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Ҳотифӣ ва … аз ин марзи фарҳангпарвар бархостаанд, ки ҳамагӣ дар қолиби забони ноби дарӣ афкори илмӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ё ҳунарии хешро дамидаанд. Агар аз пайкари тамаддуни маънавии қаламрави имрӯзаи Афғонистон осори катбии форсиро берун кашем, дар он сурат ба ҳоли зори фарҳанги ин хитта ҳатто мурғони ҳаво зор-зор хоҳанд гирист. Дар ҳоли гузор бояд арз шавад, ки тақрибан аз 260 соли мавҷудияти Ҳукумати Афғонистон тоҷикон танҳо 13 сол зимоми ҳокимиятро дар даст доштаанду бас?! Мутаассифона, тоҷикони бумӣ имрӯз дар қаламрави ин кишвар, ончунон ки дар Ӯзбакистони муосир шоҳидаш гаштаем, гӯиё ақаллияти миллиро ташкил медиҳанд. Ҳолатест, ки тимсоли бадеии онро устоди фақид Лоиқ чунин ба доираи тасвир мегирад:

*Агарчи шери ҳузарбам, тазоди қисмат бин,*
*Ба дасти як саги дунболагир асир шудам.*

Бар хилофи чашмдошт, дар осори таърихии садаи XX гӯиё ҳама чиз – аз ороиши зоҳирии фароянди илмӣ, сарчашмаҳо, арқому далоил гирифта то хулоса – ҳамагӣ ба чашм мехӯрад. Аммо осори мазкур ғолибан аз чаҳорчӯби хушки аҳкоми сиёсии вақт фаротар нарафта, дардҳои миллиятҳои мазлумро камтар бозгӯ менамуданд.

Рисолаи М. Шукурзода «Ҳамосаи родмардони Хуросон» дар риволи осори таърихии пешиниён навишта шуда, ҷо-ҷо бо абёти сара, таъбирҳои саршор аз бадеият музайян гашта, нигоранда омезиши огоҳонаи услубҳои илмию публитсистиро таҷриба кардааст. Мавзӯи рисола асосан бар рӯи сарнавишти бадфарҷому то андозае ҳамсони ду сипаҳсолори беназири Хуросон – Ҳабибуллохони Калаконӣ ва қаҳрамони миллии

даврони ҷиҳоди Афғонистон, яъне шаҳиди гулгункафан Аҳмадшоҳи Масъуд мечархад. Ду сиёсатмадоре, ки бар хостаю ниёзҳои миллии кишвари худ арҷ гузошта, ҳадафҳои муғризонаи қудратҳои ҷаҳониро ҳеҷ ба ҳисоб наёвардаанд. Бад-ин тартиб, Ҳабибуллохони Калаконӣ чун такя бар арикаи қудрат зад, фавран эълом дошт, ки бояд дар пайи озодии Бухоро аз зери султаи русҳо шавад, яъне дилаш барои қиблатулислом метапид, ба ҳамон андозае, ки Мавлавӣ дар тавсифаш мефармояд:

*Гарчи дил чун санги хоро мекунад,*
*Ҷони ман азми Бухоро мекунад.*

Саранҷом ӯ фирефтаи ҳуққабозиҳои даъвогари тоҷу тахт Нодиршоҳ гашта, ба сурати бисёр фаҷеъ ва ноҷавонмардона кушта мешавад.

Аҳмадшоҳи Масъуд ба соли 1987 зимни мусоҳибае бо хабарнигори «Известия» изҳор дошт, ки чун ниёгонаш аҳли Даҳбеди Самарқанданд, мехоҳад ба зодбуми пешиниёни худ сафаре дошта бошаду дар Регистони Самарқанд ду ракъат намози шукрона гузорад. Сардамдорони вақти Маскав фавран ин ҳарфи холисонаро ба таври худ таъбир ва ӯро бо доштани қасду ғарази ғосибӣ муттаҳам карданд. Ҳамчунин зимни нахустин ва охирин дидори расмии худ аз Брюсел ба намояндагони паймони Отлонтики Шимолӣ сароҳатан ҳушдор дод, ки ҳузури низомии хориҷиёнро дар Афғонистон дар ивази ҳеҷ навъ кӯмаку мусоидатҳои ҳангуфт пазиро нахоҳад шуд! Ва дере напоид, ки бар асари тавтеаи дастгоҳҳои ҷосусии кишварҳои ғарбӣ ва шарқӣ ӯ низ ҷоми шаҳодат нӯшид.

Бидуни шакку тардид, метавон арз намуд, ки рисолаи «Ҳамосаи родмардони Хуросон» ба қатори гаронбаҳотарин осори таърихии муосир дохил шуда, онро наметавон бе сӯзиши қалбу эҳтироси баланд мутолиа намуд. Аз сатр-сатри он ҳиссси масъулияти гӯянда дар баробари сарнавишти талхи миллати ҷафокашидаи мо ба назар мерасад. Дар миёни нигоштаҳои М. Шукурзода шояд рисолаи мазкур аз ҷумлаи пуртобутабтарин осор бошад.

Тавре ки дар оғози сӯҳбат арз кардем, неши қалами нигоранда дар нигоштани се навъи осор – рӯзноманигорӣ (манзур очерк аст), фарҳанг ва таърих тарашшӯҳи бештаре доштааст.

Агар зарурати аз миёни ин се бахш баргузидани яке пеш ояд, ҳатман масоили таърих ҳаққи авлавиятро ба худ ихтисос хоҳад дод. Ба пиндошти инҷониб, ҳолати мазкур ба ду далел ҳодис шудааст: якум, дилбастагӣ ба мавзӯи таърих, ҳамоса, ҷангнома ва қаҳрамонӣ дар сириштиМ. Шукурзода иктисобӣ набуда, як ангезаи зотӣ ба ҳисоб меравад. Зеро қиблагоҳии ӯ – амаки Маҳмадшукур (хонаи охираташон пурнур бод!) аз беҳтарин донандагони устураю ҷангномаҳо ба ҳисоб рафта, нуқли нишасти хоссаи тамоми сокинони колхози собиқ Орҷоникидзе (ҳолия ҷ/с «Сомониён»-и ноҳияи Масчоҳ)-ро ташкил медоданд. Ҳар бор ки аз факултаҳои филологияи тоҷики донишкадаҳои Самарқанд, Хуҷанд, Душанбе шогирдони таҷрибаомӯз ба мавзеи ёдшуда ташриф мебурданд, ҳатман роҳбарони колхози мазкур дар қатори чанд донандаи осори шифоҳии мардум амаки Маҳмадшукурро пешниҳод менамуданд. Он вақт буд, ки дар ҳалқаи зикри ин ровии беназир шогирдони кунҷков ҷамъ омада, шоҳиди пораҳои дидание аз корзору пайкори размоварони бетимсоли шоҳномаҳои мансуру манзум мегаштанд, то ин ки раҳораҳ дар дафтари ёддошти худ саҳнаҳои зиёдеро ба сабт мерасонданд…

Дуюм, тоҷикон дар даҳаи ҳаштоди қарни гузашта дубора мутаваҷҷеҳи бохту гумкардаҳои худ дар паҳнои таърих гаштанд. Ҳамин тариқ, донишмандони зиёде аз ҷумлаи муаррихон, шарқшиносон, адабиётшиносону рӯзноманигорон рӯи мавзӯи мазкур ба ковишу пажӯҳиши ҷиддӣ ва боровар пардохтанд. Ҳолате даст дод ба ин шаклу сурат:

*Дар бомдоди мастии таърихем:*
*Дар мо хаёлу хотира оташ гирифтааст!*

Ҳудуди сӣ соли ахир пайваста аз файзи сӯҳбати ин инсони хушгуҳар, мушфиқ, баландназар, вораста ва боҳиммат ҳаззу баҳраҳо мебардорам. Тақрибан зимни ҳар дидор аз забони М. Шукукрзода панде, андарзе, ҳикмате, талмеҳе, хушгӯие, такбайте, масале, ҳикояти ғарибе, латифаи намакине ё маслиҳати дӯстонаеро ба гӯши ҳуш месупорам; ҷунге, рисолае, китобе, мақолае, баёзеро ба армуғон мегирам; дар чандин маҳфилҳои расмии адабӣ ё илмӣ шоҳиди суханрониҳои пуртобу табаш низ гаштаам. Дар муқобил, ҳеҷ суде аз мани бедасту по то кунун ба эшон нарасидааст ва аз ин нигоҳ худро дар баробари

ин шахси бароям азиз хиҷилу шармсор ҳисоб мекунам. Фақат як нукта бароям рӯшан боқӣ мемонад: тамоми иродату муҳаббате, ки ин инсони шариф ба ин фақир арзонӣ медорад, на ба он хотир аст, ки дар вуҷуди банда ҳайсиятеро ба мушоҳида гирифта бошад, балки подошу ҳосили нишасту хез ва дамсозӣ аз айёми мактабхонӣ бо бародари калониям мебошад.

Чанд лаҳзаю соате пеш аз таҳвили соли 2009-и мелодӣ бо эшон тамоси телефонӣ доштам ва дар баробари арзи таманниёту шодбошӣ афзуда будам, ки имсол, барҳақ, соли Шумост! Ва ба дунболи ҳамин гуфта мехоҳам аз забони Мавлавӣ иродату сипос ва маваддату ихлоси худро нисори мақдамаш гардонам:

*Эй қилу в-эй қоли ту хуш, эй ҷумла ашколи ту хуш,*
*Соли ту хуш, моҳи ту хуш, эй солу маҳ чокар туро!*

*Боби дуввум*

# ТАҚРИЗҲО
# ВА
# КИТОБИЁТ

*Валӣ САМАД,*
*Корманди Шоистаи Тоҷикистон*

# ҲАМОСАИ ХУНИНҶИГАРОН

Адиби соҳибистеъдод, донишманди ватандӯст Мирзои Шукурзода соли 1990 китоби дастҷамъие бо номи «Тоҷик – тоҷдор, тоҷвар» мураттаб сохт, ки онро нашриёти «Адиб» бо теъдоди 7 ҳазор ба нашр расонд. Дар китоби мазкур мақолоти зиёде фароҳам омадааст, ки дар бораи миллати тоҷик, сарнавишти талху ширини он, роҳу воситаҳои пурпечутоби зинда монданаш, рисолати таърихӣ ва фарҳангии ин миллати бузург, ҷонсахт ва бадбахт баҳс мекунанд.

Инак, ба наздикӣ нашриёти байналмилалии «Ал-ҳудо»-и давлати Эрон китоби тозаи ӯро бо номи «Тоҷикон дар масири таърих» ба дасти табъ расонд, ки онро метавон ҳамосаи хунинҷигарон хонд! Китоби мазкур барои фарзандони ҳақиқии миллат ва давлат, муҳаққиқони ҳақиқатпараст армуғони азиз, гаронбаҳо ва фархунда мебошад.

М. Шукурзода дар пешгуфтори ба китоб навиштааш, бо дарду алами ҷонсӯз иқтибосе аз ховаршиноси шаҳири рус Н. Павлов меоварад: «Мо акнун шоҳиди эҳёи ин миллати ҷонсахт, боистеъдод, яъне тоҷикон ҳастем. Аз ин қабл онҳо на зиндагӣ, балки ҳақирона рӯз кӯр мекарданд ва ин фақру аҷз натиҷаи се зарбае буд, ки Чингизхон, Темури Ланг ва Манғит ба пайкари ӯ заданд ва дар дунё кам миллате ёфт мешавад, ки чунин зарбаро таҳаммул карда бошад. Тоҷикҳо аз ҳама ақвоми дигар сахтҷонтаранд, қадре фурсат кофӣ бувад, ки онҳо боз дубора ҷон бигиранд ва эҳё шаванд».

Ин иқтибос дар асл як шиносномаи китоби мазкур аст ва хонандаро аз он дарак медиҳад, ки ба саволҳои дар дилу тафаккураш аз китоби аввал пайдо шуда, пурра ҷавоб медиҳад.

М. Шукурзода дар гирдоварӣ, таҳқиқ ва тарҷумаи маводи китоби мазкур заҳмат ва муҳаббати бузург ба харҷ дода, бо ҳамин як маҷмӯаи дилхоҳро дар сурати як китоби зебо ва хоно манзури куллияи хонандагони порсизабони олам гардонид. Гузашта аз ин сарсухани ӯро бетарафона хондан мумкин нест.

Аз ҷумла М. Шукурзода таъкид мекунад, ки доираҳои махсуси миллатгаро тоҷикро чашми дидан надоранд: «Гоҳе ба

нажоди араб ва гоҳе ба табори турк нисбат додани асилтарин қавми ориёӣ, яъне тоҷикон агар аз ҷониби иддаи каме аз фарҳангнависони пешин иштибоҳан рух дода бошад, дар замони мо иддае онро аз камиттилоӣ такрор мекунанд. Аммо доираҳои махсуси миллатгаро, ки ободиву шукуфоии таърих ва фарҳанги хешро дар нобудии қавми тоҷик ва ному нишони он меҷӯянд, аз ин иштибоҳ ба таври фаровон истифода мекунанд».

Хушбахтона, ин андешаҳои пурдарди М. Шукурзода дил ва тафаккури тоҷикони бедор ва ҳушмандро нерӯи нав бахшид, ба олами андешаҳои амиқ роҳнамун сохт. Устод Лоиқ аз ин андеша, бахусус ва китоби мазкур, умуман шод шуд. Аллома Муҳаммадҷон Шукуров дар олами нотакрори ҷустуҷӯҳои хеш аз ин китоб баҳрабардориҳо кард. Китоб пешгуфтори дигаре дорад, ки ба қалами ношири он, киёи Алиасғари Шеърдӯст марбут аст, ки дар он ишон аз таърихи талхи тоҷикон ва эрониён бо сӯзу гудоз сухан ронда, аз ҷумла фармудаанд;

«Ин китоб посух ба ниёзи ҷомеаи тоҷикон аст».

Олими бузурги Эрон Саъид Нафисӣ дар мақолааш хотирнишон месозад, ки забони форсии дарӣ аслан лаҳҷаи аҳолии Хуросони бузург, Самарқанд ва Бухорост, ки он ҷойҳо ватани аслии тоҷикон аст ва то алҳол он ҷо тоҷикон зиндагӣ мекунанд. Ин мақола ҳамаи онҳоеро, ки ба сайри таърихии забони форсии тоҷикӣ сару кор доранд, водор месозад, ки ба масъала назари нав андозанд. Мақолаи машҳури устод Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик» маҳз ҷавҳари маҷмӯаро ташкил медиҳад. Ӯ бо як фаросат ва заковати бемисл аввалин бор ба исбот расонд, ки вожаи «тоҷик» аз тоҷи форсист, ба маънои тоҷвар ва тоҷдор ва бо калимаи «тозӣ» ба маънии араб ҳеҷ пайванде надорад. Бурҳонҳои устод Айнӣ қотеъ ва бурро мебошанд. Афсонаро дар он хусус, ки калимаи «тоҷик» аз «тозӣ» маншаъ мегирад ва тоҷик араби дар Аҷам нашъунамоёфта мебошад, баъзе луғатшиносон, мисли муаллифони «Бурҳони қотеъ» ва «Ғиёс-ул-луғот» бофтаанд. Аммо ин афсонаро имрӯз душманони миллати тоҷик дастак карда, собит карданӣ мешаванд, ки тоҷикон қавми аслии Осиёи Марказӣ набуда, аз нимҷазираи Арабистон расидаанд. Ин даъвои бебунёд ва бепояро мақолаи устод Айнӣ батамом ботил месозад.

Хушбахтона, аксарияти фарҳангнависон бар хилофи

арабмаобӣ, бар он ақидаанд, ки тоҷик қавми ғайри араб ва ғайри туркро гӯянд ва ишон аз нажоди холиси эрониан д. Мақолаи Абдулқодири Қочор «Дар таҳқиқи лафзи тоҷик» аз тозатарин матолибест, ки Мирзои Шукурзода дастрас намуда ба китоб ворид намудааст. Муаллифи он дар масъалаи ба кадом ирқу нажод мансуб будани тоҷикон мӯшикофона қалам ронда дар таҳқиқу тавсифи хулқу хӯй, гуфтору кирдор, ахлоқ ва тафаккур, шуғлу касбу кори ишон ниҳоят баинсофона ва то андозае самимона сухан рондааст.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин шахсе, ки пайванди «тоҷик» ва «тозӣ»-ро инкор кардааст, ховаршиноси бузурги рус дар қарни Х1Х Н. В. Хаников мебошад. Рисолаи маъруф ва пурарзиши ӯ дар ин боб «Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Ирон» аст…

Н. В. Хаников пас аз омӯзишу мутолиаи ҷиддии таърих, этнография ва антропологияи тоҷикон ва эрониён ба хулосае расида буд, ки қавми тоҷик аз нажоди орёист ва бо арабҳо ва туркҳо ҳеҷ иртибот надорад. Хонандаи нозукфаҳм пай мебарад, ки байни андешаҳои устод Айнӣ ва натиҷагириҳои Хаников як пайванди ниҳонӣ вуҷуд дорад.

Н. В. Хаников ба исбот мерасонад, ки калимаи «тоҷик» аз тоҷ сарчашма мегирад ва менависад: «Вале ба фикри ман далели қотеътарини фарқи калимаҳои «тозӣ» ва «тоҷик» он аст, ки ин ҳарду ҳанӯз дар замони Ашкониён ва Сосониён, яъне то тохти арабҳои мусулмон дар истеъмол буданд ва чиниён (яъне хитоиҳо) истилоҳи аввалро чун «тошӣ» ва истилоҳи дуюмро ба таври «тяочжи» овардаанд.

Донишманди номдори Эрон устод Муҳаммади Муҳити Таботабоӣ мақолаи пурмағзе роҷеъ ба вожаи «тоҷик» ва «тот» ба қалами нигориш оварда, бо далелҳои тардиднопазир рӯшанӣ меандозад, ки ин калимаҳо ва вожаи «тозӣ» хешовандие надоранд ва баъди футӯҳоти арабҳо ҳамеша ба мафҳуми форсизабонони Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон корбандӣ шудааст. Аҳолии таҳҷоии Ирони бузург вақте ки дар баробари худ турк ё муғулро медид, барои худро аз он ҷудо кардан аз ин вожа истифода ба амал меоварданд. Ду мисол:

*1. Шояд, ки ба подшаҳ бигӯянд,*
*Турки ту бирехт хуни тоҷик.*

(Саъдӣ).

*2. Тоҷики гарданкаши лашкаршикан,*
*Бештарӣ найзавару тегзан.*

(Амир Хусрав)

Худи туркҳову муғулҳо низ ин вожаро ҳангоме ба кор мебурданд, ки миёни худ ва мардуми бумии ин сарзамин фарқ гузоранд.

Дар мақолаи устод Таботабоӣ як иқтибоси ниҳоят муҳим ва ҷолиб аз «Фарҳанги Низом» омадааст. Нигорандаи луғат навиштааст: Асли калимаи «тоҷик» мансуб ба қабилаи тоҷ аст, ки аз қабоили Ирон буда».

Мо дар оянда бояд равшан кунем, ки ин қабила чи қабилае буд ва оё дар таърихномаҳо аз он ёд шудааст ё не?

*Нашрияи «Истиқлол»,*
*15 июни с. 1997*

*Масрури АБДУЛЛОҲ*

## ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО ВА АҚИДАҲО

Баъди сарнагун шудани деворҳои оҳанини давлати шӯравӣ ва боз шудани роҳҳо ба сӯи ҳамзабонон, табақаи равшанфикри тоҷик дар баробари масоили дигари мубрами рӯз, бар он эҳтимом варзид, ки қавмҳои ҳамзабону ҳамҷавор, вале муддатҳои тӯлонӣ дурафтодаро дубора ба ҳам шинос ва наздик намояд. Соли 1991 бархе аз равшанфикрон созмони Орёнои Бузург (аввал Куруши Кабир)-ро ташкил доданд. Ҳарчанд баъзе аз аҳдофи ин созмон хаёлӣ буд, вале ормонҳои олии миллӣ ва инсонӣ дошт. Дар мавриди созмони мазкур метавон гуфт: ҳар аҳдофи олӣ то андозае хаёливу дастнорас низ ҳаст, аз ин дидгоҳ эродҳои баъзеҳо шаҳодати тафаккури маҳдуди онҳо буд. Билохира, ба вуҷуд омадани ин созмон нишон дод, ки дар ҷомеа, махсусан дар муҳити равшанфикрон чунин андешаҳо низ вуҷуд доранд. Имрӯз бо гузашти солҳо мебинем, ки бархе аз аҳдофи Орёнои Бузург ба ҷузъи мафкураи миллии давлатӣ ва сиёсати Раиси Ҷумҳур табдил ёфтааст. Соли 2006-ро соли Тамаддуни Ориёӣ эълон намудан,

ба мардум шинос намудани асли нажодии ононро мисол овардан кофист.

Аз ҳамон даврони бозсозӣ то кунун дар тарғиби ақидаҳои миллии умумитоҷикӣ ё умумиэронӣ беш аз ҳама Мирзои Шукурзода пешгом будааст ва ба ташвиқи умумияти таърихӣ, забонӣ ва фарҳангии ҳамзабонон пардохтааст. Аввалин коре ки ӯ дар ин замина анҷом дод маҷмӯае бо номи «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» (с. 1990) ном дошт. Соли 1993 барои амиқтар шудани пажӯҳиш ва шиносонидани тоҷикон ба эрониён, ба Эрон рафт ва дар он ҷо чандин мақолоти ҷолиб таълиф намуд. Кори бузурге ки ӯ дар рафти мусофирати худ дар Эрон анҷом дод, фароҳам сохтани маҷмӯаи пурмӯҳтавое бо номи «Тоҷикон дар масири таърих» аст, ки то кунун чаҳор маротиба ба табъ расидааст. Соли 2002 мақолоти худро ҷамъоварӣ намуд ва бо номи «Парниёну ҳариру абрешим» дар Теҳрон ба табъ расонид, ки дубора бо унвони зебои «Ҷонпайванд» бо ҳуруфоти сириллик соли 2006 дар Душанбе чоп шуд. Ба ростӣ номҳои чи китобҳо ва чи мақолоти М. Шукурзода хеле зебову дилкашанд, вале номи «Ҷонпайванд» боз зеботар аст. Муҳимтар он аст, ки «Ҷонпайванд» ном гирифтани маҷмӯа дарунмояи ҳар як навиштаи М. Шукурзодаро ба таври нишонрас ифода мекунад, чун ғояи ин китоб тарғибу ташвиқи пайвандиҳои ҷонӣ, хунӣ ва фарҳангии ақвому давлатҳои форсизабон аст.

Ғояи асосии китоб аз ҷиҳати фарҳангӣ пайванд додани мардумони Паҳнои Ориёно аст. Барои М. Шукурзода Эронзамин, Паҳнои Ориёно ва Тоҷикзамин як маъно доранд. Барои вай ба қавли Фирдавсии бузург:

*Самангону Эрону Тӯрон якест*
*Аз ин марз то он басе роҳ нест*

Дар ин маврид ӯ аз донишманди афғон Наҷиб Моили Ҳиравӣ иқтибосе меорад, ки онро устод Лоиқ низ дар пешгуфтори ба китоби устод Шакурӣ «Хуросон аст ин ҷо» навиштааш, овардааст. Ин ҷо низ суханони Наҷиб Моили Ҳиравиро ҷоиз аст бори дигар таъкид намоем: «пас аз ватани ақида, ҳамчунон ақвоми гуногуни сарзаминҳои арабӣ ватане доранд фарҳангӣ (ба номи ватани арабӣ), аҷам низ дар минтақаи мо, хусусан Ориёно (ин ҷо манзур Афғонистон аст),

Эрон ва Тоҷикистон ватане доранд фарҳангӣ, ки сохтори он дар дарозои таърих бештар ва низ амиқтар бо забони форсии дарӣ таҷассум ёфтааст. Ба ҳамин ҷиҳат метавон аз он ба унвони ватани фарҳангии форсизабонон, форсидонон ва форсигӯён ном бурд. Қаламрави ин ватан random онҷунон фарох ва дароздоман аст, ки на танҳо форсизабонон, балки форсигӯён ва форсидононро низ дар самими қалб дар батни худ ҷой медиҳад». Бе муболиға метавон гуфт, ки Мирзои Шукурзода яке аз муҳаққиқон ва тарғибгарони аслии «ватани фарҳангии форсизабонон» ба шумор меояд.

М. Шукурзода дар муайян намудани «ватани фарҳангии форсизабонон» ба пажӯҳиши масоили гуногуни таърихиву фарҳангӣ пардохтааст. Дар миёни мавзӯоти анбӯҳи мақолоти «Ҷонпайванд» ба назари мо се масъалаи муҳимме намудор шуд, ки онҳоро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд: 1. Сабабҳои дурафтодагии форсизабонон ва ба се шоха ҷудо шудани забони қудратманди форсӣ; 2. Таъсири дурафтодагиҳо ба ақвоми форсизабон; 3. Чи гуна дурафтодагиҳо бояд бартараф шаванд.

Дурафтодагии форсизабонону ақвоми эронӣ ҳамеша ба нафъи душманони таърихии тоҷикону эрониён будааст. Маҳз душманон буданд, ки аз боварии содадилонаи ориёиён истифода намуда, «дар қарни бисти милодӣ ин ҳақиқати равшантар аз офтобро таҳриф карда ва бо сухане бепоя хостанд собит намоянд, ки тоҷикон ба Осиёи Миёна аз Эрон омадаанд ва форсиро ҳам эрониён дар Тӯрон густариш додаанд ва пас аз тақсимбандии марзҳои Осиёи Миёна аз ҷониби болшевикҳо кишвари кӯҳистонии кӯчаке ба исми Тоҷикистон ташкил гардид, ки ҷудо аз Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Балх ва Нишопур афтода буд ва барои ин кишвар бегонагон парчам, суруди миллӣ ва ҳатто забону адабиёт ҳам сохтанд ва дастур доданд: забони шумо тоҷикӣ аст, на форсӣ, ватани шумо Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ мебошад, на Хуросони Бузург».

Марзҳои қаламрави ягонаи Аҷам ё Эронзамин ҳанӯз 500 сол қабл дар натиҷаи ҷангу ҷидолҳои мазҳабӣ аз ҳам гусаста шуда буданд. То қарни 15 мелодӣ то давраи Сафавиёни турк-нажод (қизилбошҳо) дар қаламрави паҳновари форсизабонон ҷудоии мазҳабӣ ба он дараҷае ки баъди ҳоким шудани Сафавиён ба амал омад, вуҷуд надошт. Мардум ба мазҳабу

мактабҳои мухталиф боварӣ доштанд, вале мазҳаби асосӣ, мазҳабе ки аксарияти форсизабононро фаро гирифта буду *ягонагии мазҳабии ононро таъмин менамуд ва кафили ваҳдати миллии онон буд, мазҳаби тасаннун буд.* Ба ин нукта ҳанӯз устод Айнӣ дар пешгуфтори «Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул вақоеъ» бо такя ба муаррихи маъруфи эронӣ Ризоқулихони Ҳидоят ишора намуда буд. Дар ин бора донишманди шинохтаи эронӣ, яке аз пешвоёни аҳли ташайюъ Муртазо Мутаҳҳарӣ чунин менигорад: «*... на шиъаёни аввалия эронӣ буданд ва на аксари эрониёни мусалмон шиъа шуданд. Балки дар садри ислом аксари уламои мусалмони эронинажод дар тафсир ё ҳадис ё калом ё адаб суннӣ буданд... ва ин ҷараён то қабл аз Сафавия ҷараён дошт. То замони Сафавия аксари билоди Эрон суннӣ буд. Аксарияти уламои эронӣ ва аксарияти тӯдаи мардуми Эрон то қабл аз Сафавия суннӣ буданд*». Ҷудоиҳои марзиву мазҳабӣ аз ҳамон давраҳо оғоз шуда буданд. Ин ҷудоиҳо ба забону адабиёти ягонаи форсӣ, ба вазъи равонӣ ва ҳайсияти ақвоми ориёнажод низ таъсир гузошт ва бешубҳа таъсири манфӣ. Забону адаби форсӣ рафта-рафта ба се шоха ҷудо шудан гирифт ва нобоварӣ байни мӯътақидони ду мазҳаби асосии исломӣ амиқтар мешуд. Як баҳонаи ночиз, як дасисаи кӯчаки душманон кифоя мешуд, ки байни сунниёну шиъаён низоъ бархезад. Низоъи шиъаву суннии соли 1911 дар Бухоро ба вуқӯъ пайвастаро ба хотир овардан кофист. Ҳамин тафриқаи мазҳабӣ боис гардид, ки ҷавонони бухороии аввали қарни XX барои таҳсил роҳи Туркияро пеш гирифтанд, на роҳи Эронро. Мактабу маорифи туркӣ шуури онҳоро бо пантуркизм заҳролуд сохт, зидди миллати хеш равона кард. Баъди бозгашт ба ватан ин ҷавонони бухороӣ ба сари миллати хеш чи балоҳое оварданд, ба аҳли равшанфикр ба хубӣ маълум аст.

Дар ин маврид ҷоиз аст зикр намоем, ки мо он хатои аввали қарнро имрӯз ҳам, ба шакли дигар такрор карда истодаем. Имрӯз мактабҳои хусусии туркӣ дар қаламрави худамон амал мекунанд ва беҳтарину бақувваттарин мактабҳои миёнаи Тоҷикистон, мактабҳои туркӣ ҳастанд. Ба ҳамин хотир, ашхоси пеш аз ҳама доро, кӯшиш мекунанд фарзандони хешро ба ин мактабҳо диҳанд ва онҳоро барои ин кор коҳиш наметавон кард. Ҳар кас мехоҳад, ки фарзандаш таълими хуб бигирад ва мактабҳои имрӯзаи тоҷикӣ ба талаботи рӯз мувофиқ

нестанд. Аммо мутаассифона чи мафкурае дар мактабҳои туркӣ тарғиб мешавад касеро коре нест. Ҳол он ки дар Ӯзбекистони ҳамсоя, ки он ҷо низ аввали солҳои 90-уми қарни гузашта мактабҳои туркӣ боз шуда буданд, хавферо пай бурда онҳоро зуд бастанд. Гузашта аз ин, дар замони ҷаҳонишавӣ, ки хонандаи тоҷик ғайр аз забони худ, боз бояд ду забони дигарро ҳатман омӯзаду донад, яъне забони русӣ ва англисиро ва каме ҳам бошад барои аз асли хеш дур нашудан аз хатти ниёгонамон бохабар бошаду матни арабиасоси тоҷикиро (ҳамчунон китобу матбуоти дар Эрону Афғонистон чоп мешударо) ақаллан ҳиҷҷо карда хонда тавонад, *омӯзиши забони туркӣ магар сарбории гарони равонӣ нест барои як навраси тоҷик?*! Ин қадар забономӯзии оммавӣ ба кӣ лозим аст?! Барои ин полиглотҳо ҳастанд, ки метавонанд даҳҳо забонро аз худ кунанд. Чи манфиате аз омӯзиши оммавии забони туркӣ аст?! Магар аз туркӣ чандин маротиба бақувваттар нестанд забонҳои англисиву русӣ?! Магар забони форсии Эрон аз забони туркии Туркия беқувваттар аст? Магар аз англисиву русиву форсӣ (ё фаронсавию немисӣ, ки низ забонҳои неруманди аврупоанд!) мо наметавонем ҳамаи он иттилооти сиёсӣ, илмӣ, адабӣ ва техникиро, ки барои замони имрӯз зарури зарур аст, ба даст орем?! Пас бо чи нияте туркҳо забону маорифи худро дар ватани мо интишор мекунанд?!

Бармегардем ба баҳси аввала Вале ҷудоии панҷсадсолаи форсизабононро, бо он ҷудоии ҳафтодсолае, ки баъди сарнагун шудани Аморати Бухоро ва ташкили ИҶШС ба амал омад, наметавон баробар кард. Дар давоми панҷсад сол новобаста аз тафриқоти мазҳабӣ ва марзбандиҳои сиёсӣ тоҷикону эрониён метавонистанд озодона ба кишварҳои ҳамдигар рафтуомад кунанд, дар кишварҳои ҳамдигар иқомат варзанд, равобити фарҳангиву адабӣ дошта бошанд. Ҳоҷиёни бухороӣ ба қасди ҳаҷ озодона марзҳои Афғонистону Эронро убур мекарданд. Замоне ки Осиёи Марказӣ мустамликаи Русияи подшоҳӣ гардид, низ марзҳо баста набуданд. Деворҳои оҳанини марзи байни давлатҳоро, ки шаҳрвандон наметавонистанд озодона, бо риояи муқаррароти одии рафтуомад убур намоянду бозпас ба ватан баргарданд, маҳз давлати шӯравӣ ихтироъ карда буд. Ба ин хотир, аз охирҳои солҳои бистум ва аввали солҳои сиюми қарни гузашта робитаи байни тоҷикони Вароруд бо Афғонистону Эрон куллан

қатъ гардид. Агар ба деворҳои оҳанини коммунистӣ боз ду бор иваз шудани алифбои тоҷикон, бидуни шаҳрҳои қадима ташкил шудани Тоҷикистон дар як гӯшаи кӯҳистонии ватани таърихиашон, нобуд, табъид ва ё зиндонӣ намудани зиёиёни миллӣ, иваз намудани тарзи насабсозии миллӣ ба русӣ, таҳмили рӯзафзуни забони русӣ ва шадидан танг шудани доираи истифодаи забони тоҷикиро илова намоем, вазъи милливу фарҳангии миллати тоҷик то даврони истиқлол ба таври равшан аён мегардад.

Ҳамчунон ки М. Шукурзода дар ин маврид қайд мекунад, дар даврони шӯравӣ «ба ҷуз як ё ду сафари фарҳангӣ, ки он ҳам сирф ҷанбаи расмӣ дошт, ҳеҷ ҳамкории муштараке миёни ин ду сарзамини порсигӯй сурат нагирифт... баргузории симпозиумҳои фарҳангӣ, ки дар чанд сол як бор бо амри тасодуф пеш меомад ва таҳти назорати нерӯҳои амниятию иттилоотии режимҳои вақт қарор дошт, наметавонист орзуҳои ёрони ҷудоафтодаро бароварда созад». Яъне куллан масдуд шудани марзҳо ва қатъан мавҷуд набудани равобити фарҳангӣ, чи ба эрониёну афғонҳо ва чи ба тоҷикон таъсироти хеле ва хеле манфӣ дошт. Тоҷикон бо сабабҳое ки дар боло зикраш рафт аз ин ҷудоӣ бештар зарар диданд, вале қариб ҳар як тоҷик дар ҳамон овон ҳам медонист, ки Эрон ном давлате ҳасту мардумаш бо тоҷикон ҳамзабонанд. Ҳар як хонанда метавонист Эронро аз харитаи сиёсӣ ба осонӣ пайдо намояд. Ҳар як тоҷик шеъри Эраҷ Мирзо «Гӯянд маро чу зод модар»-ро аз ёд медонад ва аксарият медонистанд, ки ӯ шоири эронист. Солҳои 80-ум ба экранҳои шӯравӣ филми ҳунарии эронии «Шаби ялдо» баромад, ки дар он хонум Гугуш нақши асосиро мебозид. Дар филм таронаҳои зиёди Гугуш садо медоданд. Аҷоибаш он буд, ки таронаҳои Гугуш баргардони русӣ нашуда буданд, тарҷумаи онҳо навишта мешуданд. Ин бори аввал буд, ки ҷавонони тоҷик Гугуши зиндаро бо таронаҳои зиндааш медиданд. Аз он ба баъд шӯҳрати Гугуш дар Тоҷикистон хеле афзуд ва сабтҳои таронаҳои эрониву афғонӣ низ рӯз аз рӯз зиёд мешуданд. Ҷанги Афғонистон ва сафарҳои хидмативу ҳарбии тоҷикон ба ин кишвар низ барои паҳн шудани мусиқии эрониву афғонӣ мусоидат кардаанд. Хуллас, ки тоҷикон каму беш аз Эрону эрониён бохабар буданд. Вале эрониён куллан (шояд ба истисноӣ ду-се нафар равшанфикр) аз мавҷудияти тоҷикону Тоҷикистон бехабар

будаанд, ба ин сабаб эҳсоси бегонагӣ ва то андозае нодида гирифтани тоҷикон, дар дили онон бештар реша давондааст. *Манфитарин таъсир ба эрониён, ки аз ҷудоиҳои ҳафтодсола расидааст, бехабарии онҳо аз мавҷудияти миллати форсизабони тоҷик буд.* Ба ин сатрҳои дардолуди М. Шукурзода таваҷҷӯҳ намоед:

«Гоҳо ҳисси кунҷковӣ боло мегирад ва аз ҳамсӯҳбатони (теҳронии) хеш суол мекунам:

– Шумо қавмеро, ё миллатеро бо номи «тоҷик» мешиносед?

– Не воллоҳ. Тот, балуҷ, курд, лур, осурӣ, афғонӣ ҳастанд туи Эрон

– Исми Тоҷикистонро чӣ? Шунидаед ин номро?

– Оҳо…Тоҷикистон…ин дар Гурҷистон аст?...

Шӯравӣ?... Ҳамин тур не?

– На, ин тур не!...

Ва ноумед мешавам ман… Ҳамсӯҳбатам низ худоҳофизӣ мекунад ва бо шитоб меравад аз канори ман».

Чунин таъсиргузории манфӣ ва эҳсоси бегонагиро, ки аз ҷониби ҳатто баъзе аз зиёиёни эронӣ рӯ задааст, М. Шукурзода дар мақолаи «Ман дигарам? Ту дигарӣ?!» хеле хуб таҳлил кардааст. Вай дардолудона менависад: «мутаассифона, калимае, ки имрӯз ба чашми шумо оқои Ботинӣ ва теъдоде аз бародарони мо дар Эрон бегона менамояд, ин ҳамон вожаи тоҷик ва номи Тоҷикистон аст». Ва ё: « агар ҳамсӯҳбати ман дар хиёбонҳои Теҳрон надонад, ки Тоҷикистон чӣ кишварест ва самарқандиён бо шерозиён ва хуҷандиён бо табрезиён чӣ гуна муштаракоти нажодӣ ва фарҳангӣ доранд, он қадар вахим нест ин дард. Аммо чун шоир ё рӯшанфикре ғофил аз гузаштаи хеш бошад, пас доди хеш ба кӣ бигӯем»?

Ғафлати баъзе аз зиёиёни эронӣ аз аслу нажоди тоҷикон то дараҷае будааст, ки «ҳатто дар Эрони феълӣ низ баъзе аз донишпажӯҳон Туронро Туркистон ва турониёнро турк қаламдод мекунанд». Агар воқеан ҳамин тур аст, пас тоҷик на танҳо барои бегонанажодон, балки ҳатто барои ҳамнажодони хеш бояд исбот бикунад, ки ниёгони вай тӯрониён, бахши бузурге аз нажоди ориёӣ маҳсуб меёфтанд.

Аммо, аҳли зиёи тоҷик новобаста аз дурафтодагиҳои марзӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ эҳсоси хешовандиро бештар ҳифз намудаанд ва «барои як тоҷики огоҳ фарқе надорад забони мо-

дарии ӯро дарӣ бихонанд, форсӣ бигӯянд ё тоҷикӣ. Муҳим он аст, ки ин чашмаи нур шаффофӣ, боландагӣ ва асолати дерини худро олудаи селобҳои хасмонаи замон насозад, аз ривоҷ наафтад ва аз байн наравад». Гузашта аз ин барои рӯшанфикрони тоҷик ки аксари онон дар рӯҳияи миллии дунявӣ тарбия шудаанд, тафриқаи мазҳабии тоҷикону эрониён низ он қадар аҳамият надорад. Муҳим он аст, ки дину фарҳанги ягонаи исломӣ ваҳдати онҳоро таъмин намояд.

М. Шукурзода на танҳо сабабу таъсири дурафтодагиҳоро баррасӣ мекунад, балки роҳҳои бартараф кардани онро низ нишон дода, аз ҷумла пешниҳод мекунад, ки «дар пойтахтҳои ҳар се кишвар марокизи ҳамоҳангии табъу нашри китобҳои форсӣ ва осори адибони муосир таъсис гардад… интишороти хусусӣ ва давлатии ҳар се кишвар ва дигар конунҳои адабиро зарур аст масоили пайвастагиҳои фарҳангӣ, таърихи тамаддуни аҷвоми ориёӣ ва эҳёи асолати забони форсии дарии тоҷикӣ ва нашри осор дар ин заминаро дар авлавияти барномаҳои рӯзмарраи хеш гузоранд ва дар ҳифзи он ҳамвора дар сангари ҷиҳод сайфу қалам дар даст дошта бошанд».

Кунун замонест, ки онро ҷаҳонишавӣ ё глобализм мавсум кардаанд.

Яке аз заминаҳои ҷаҳонишавӣ тараққиёти босуръати технологияҳои коммуникатсионии имрӯза аст, ки (ба мисли Интернет, телевизиони моҳвораӣ, радиои рақамӣ, телефонҳои мобилӣ…) марзҳои давлатҳо ва низомҳои иҷтимоиву сиёсиро шикаста, қавму миллат ва инсонҳоро ба ҳам наздик месозад. Агар се кишвари форсизабон бо риояи баробарҳуқуқии ҳар се давлату миллат, ҷанбаҳои мусбати ҷаҳонишавиро истифода карда, барои эҷоди «ватани муштараки фарҳангӣ» ҷидду ҷаҳд кунанд, қавмҳои ҳамзабони дурафтода ба ҳам тадриҷан наздик мешаванд. Наздикшавӣ аз тариқи технологияҳои коммуникатсионӣ, фарҳангу забони муштараки мо ва билохира, мардумони ҳамзабони се кишварро боз ҳам бештар қаробат мебахшад. Дар ин росто аллакай пешниҳодҳои мақомоти олӣ вуҷуд доранд. Ҳангоми сафари расмии худ ба Тоҷикистон раиси ҷумҳури Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод пешниҳод намуда буд, ки се кишвари форсизабон бояд телевизиони моҳвораии муштараки форсизабон таъсис бидиҳанд. Ин пешниҳодро раиси ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба хушӣ пазируфт. Агар ин телевизиони моҳвораӣ воқеан рӯзе

таъсис гардад, гоми бузурге хоҳад шуд дар роҳи худшиносии муштараки мардуми ҳамзабони се кишвар.

Рӯзе фаро мерасаду дар минтақаи сукунати форсизабонон оромии куллӣ ва сулҳу субот устувор хоҳад гардид, қабл аз ҳама дар сарзамини ҷабрдидаи Афғонистон. Он гоҳ се кишвари форсизабон метавонанд низоми визоро байни худ бекор намоянд ва рафтуомади шаҳрвандони се давлат бамаротиб осону озод хоҳад шуд. Рафтуомад хоҳ-нохоҳ қаробатро бештар хоҳад кард. Чунин корро Туркия ҳамин шабу рӯз барои кишварҳои туркзабони собиқ шӯравӣ татбиқ карданист ва вазири корҳои хориҷаи Туркия Абдуллоҳ Гул гуфтааст, ки қарори ҳукумат дар ин бора аллакай омода асту рӯзҳои наздик ба тасвиб хоҳад расид. Бешубҳа дер ё зуд ба ин рӯз миллатҳои форсизабон низ мерасанд, зеро ба қавли Мавлонои бузург:

*Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Он афкоре ки аввали солҳои 90-ум як идда равшанфикрону ҷавонони тоҷик матраҳ мекарданду дар китоби «Ҷонпайванд» ва китобҳои дигараш Мирзои Шукурзода тарғиб, ташвиқ ва асоснок кардааст, имрӯз гомҳои нахустини амалӣ шуданро мегузорад. Ба ин хотир китобҳои Мирзои Шукурзода, маҷмӯаҳои таҳиянамудаи ӯ барои фарҳанги муштараки се кишвар, барои тарбияи худогоҳии эронзаминӣ ё тоҷикзаминии (агар чунин гуфтан ҷоиз бошад) наслҳои навини миллатҳои тоҷику эрониву афғонистонӣ аҳамияти хеле бузург доранд. Аҳли ҷомеа ва давлат бо дарки муҳим будани чунин афкору ақидаҳои миллатпарварона, хидматҳои Мирзои Шукурзодаро қадр намуданд ва китоби «Ҷонпайванд» ба ҷоизаи ба номи устод Садриддини Айнӣ мушарраф гардид. Қадр кардани афроди пешгоми миллӣ аз ҷониби давлату ҷомеа ниҳоятан зарур аст, онҳоро рӯҳбаланд месозад, зеро ба қавли аллома Иқбол:

*Фард мегирад зи миллат эҳтиром*
*Миллат аз афрод меёбад низом!*

*Анзурати МАЛИКЗОД*
*номзади илмҳои филология*

## ПАЙВАНДГАРИ ҶОНҲОИ БЕДОР

Муаллифи маҷмӯаи «Ҷонпайванд» Мирзо Шукурзода аз қаламкашони маъруфи тоҷик аст, ки осори ӯ на танҳо дар диёри мо, балки дар кишварҳои Эрону Покистон низ ба нашр расида, мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст. Ба таври мисол маҷмӯаи «Тоҷикон дар масири таърих»-ро, ки ӯ омодаи чоп кард, чаҳор бор дар Эрону Покистон таҷдиди чоп шуд. Мақолоти ин маҷмӯа дар таблиғи таъриху тамаддуни тоҷикон аз аҳамияти вижа бархурдор аст. Ин китоб аз мақолаҳои номдортарин муҳаққиқону донишмандони ватаниву хориҷӣ фароҳам омада, акнун омодаи чопи панҷум бо алифбои тоҷикӣ мебошад. Китоби мазкур барои худшиносии миллии тоҷикон дастури муфид хоҳад буд.

Мирзо Шукурзода ин муҳаққиқи пуркор ва ҷӯянда тайи чанд соли охир дар кишвари дӯст ва ҳамзабон бо мо Ҷумҳурии Исломии Эрон бо умури фарҳангӣ, баргардон ва муаррифии осори адибони тоҷик даст зад. Самараи ин кори арзишманд таълиф ва таҳияи чаҳордаҳ китоб дар Эрон аст. Илова бар ин дар «Донишномаи фарҳанг ва адаби форсӣ» (Теҳрон 1996, чопи дувум 2002) беш аз чаҳорсад мақолаи илмӣ аз ӯ ба нашр расид. Дар осори хеш, Мирзо Шукурзода талош бар он дорад, ки пайвандҳои фарҳангӣ миёни ақвоми эронӣ ва форсизабон таҳким ёбад, гусастагиҳо пайваст гарданд. Аз он ки байни форсизабонон ва ҳамҷаворону ҳамтаборон ҳамдиливу ягонагӣ камранг ва ҳатто халалпазир аст, ӯ ғусса мехӯрад ва тавассути навиштаҳояш моро ба худшиносӣ ва васлат даъват мекунад. Маҳсули чунин андешаҳо ва талошҳои доимии мавсуф чандин китоб ва мақолаҳои таҳқиқотӣ аст, ки яке аз онҳо маҷмӯаи «Ҷонпайванд» мебошад.

«Ҷонпайванд» чанде пеш тавассути нашриёти «Адиб» дар ҳафтсад нусха бо сифати аъло ба дасти дӯстдорони фарҳангу таърихи тоҷикон расид. Ин китоб аз маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва публитсистии муаллиф фароҳам омада, пиромуни пайвастагиҳои фарҳангӣ миёни кишварҳои форсизабон: Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон сӯҳбат мекунад. Маҷмӯаи мазкур бисту ду мақолаи бузургҳаҷми илмӣ ва пажӯҳиширо

дар бар дорад. Ҳар яке аз мақолаҳо аз назари фарогирии мазмун ва мавзӯъҳои муҳими фарҳангию маънавии ақвоми порсизабон ба вижа тоҷикон пажӯҳиши арзишманди алоҳида ва яклухтеро ташкил медиҳад, ки дар се фасл гирдоварӣ шудааст. Муаллиф дар тамоми мақолоти ин маҷмӯа роҷеъ ба поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ, таърихи пур аз фарозу фуруди он, масоили ҳифзи асолати фарҳангу тамаддуни ориёӣ, гиромидошти осори миллӣ, муқаддас доштани сарзамин ва ватани аҷдодӣ ва амсоли инҳо ба тафсил сухан ороста, хонандагонро ба кӯйи худшиносӣ ҳидоят месозад. Дар тамоми навиштаҳои ин маҷмӯа ғурури миллӣ, ҳисси ифтихор аз фарҳангу маданияти ориёӣ, ки муаллиф дар замир мепарварад, эҳсос мешавад. Риштаи андешаҳо ва тафаккури олимонаи нигорандаи «Ҷонпайванд» пиромуни ормонҳои миллӣ мечархад. Аз навиштаҳояш бармеояд, ки муаллиф фарохандеш аст. Вусъати назар ва диди милливу инсониаш маҳдуд ба марзе ва ё сарзамине нест ва ӯ ҳар як ваҷаб хокеро, ки дар он тоҷикону эронитаборон зистаанду мезиянд, барои худ ватан медонад, он сарзамин ва он мардумро меҳвари пажӯҳиш ва баррасӣ қарор медиҳад.

Мирзо Шукурзода ҳамин диди пурвусъат ва шинохти хирадмандонаи хешро аз фалсафаи таърих ва дарки ҳувияти миллӣ дар маҷмӯаи мақолаҳои «Ҷонпайванд» мунъакис намудааст. Муаллиф аз ин нигоштаҳо ҳадаф ва мухотаб дорад. Мухотаби ӯ касоне ҳастанд, ки мехоҳанд ҳамбастагии форсизабононро халалдор кунанд. Миёни онҳо ҳисорҳои оҳанин эҷод намоянд. Ва касоне ҳастанд, ки сарзамини тоҷиктаборонро хеле маҳдуд ангоштаанду намехоҳанд эътироф бикунанд, ки паҳнаи Эрони бузург аз Самарқанду Бухоро, Балху Нишопур, Вахшу Хатлону Ҳирот, Хуҷанду Хоразм, Фарғонаву Тирмиз, Шаҳрисабзу Миёнкол ва мисли инҳо шурӯъ шудаву нисфи Осиёро фаро мегирифт.

Муаллиф баъзан бо тундӣ, гоҳе бо нармӣ, орому ботамкин, гоҳе бо шӯру ҳаяҷон дар мавриди муносиб алайҳи бегонаситезону бадхоҳони миллати хеш ҳамлавар мешавад. Он ҷо, ки андешаҳои пурэҳсосу баландмояи миллии ӯ дар қолаби мақолоти илмӣ намегунҷанд, ин ормонҳо дар либоси шеър ҷилвагар мешаванд. Гоҳе аз ашъори бузургмардони Аҷам кӯмак меҷӯяд ва лаҳзаи дигар бо овардани иқтибос аз асарҳои мӯътабари илмию таърихӣ иктифо меварзад.

Чун муаллиф табъи салими шоирӣ дорад, унвони мақолот ва забони онҳо низ зебову шоиронаанд. Масалан, «Мо яке рӯҳем андар се бадан», «Пайванди бегазанд», «Мақоми Ҳофиз дар диёри Рӯдакӣ», «Сайре дар жарфои шеъри тоҷик», «Шабнами як субҳи хандонем мо», «Аз чаманҳои Бадахшон то мазорҳои Самарқанд» ва мисли инҳо, ки ҳама шоирона ҳастанд ва мантиқи қавӣ доранд.

Мақолаи «Ҳирот: мактаби ҷадиди фикрӣ ва вижагиҳои он» аз калонтарин мақолаи маҷмӯаи мавриди таҳлил буда, дар бораи рисолати таърихӣ ва фарҳангии Ҳирот дар садаи нӯҳуми ҳиҷрӣ ва таъсиси мактаби комили адабии ин шаҳр олимона ва ифтихормандона сухан ба миён меорад. Чашмандози таҳлилии Мирзо Шукурзода дар ин мақола пургунҷоиштар аз дигар навиштаҳои ӯ буда, матолиби зиёдеро ба доираи таҳлил кашидааст. Мавзӯъҳои минётур ва худшиносӣ, таъсири мактаби Ҳирот дар равнақи шеъри форсӣ, пайравӣ аз устодони қадим, ошноии шоирон бо ҳунар, мусиқӣ, хушнависӣ ва…, сароиши шеъри туркӣ ва арабӣ, ривоҷи ғазалсароӣ, тасаввуф ва ирфон, ҷойгоҳи маснавӣ дар мактаби адабии Ҳирот, қасидасароӣ, мақоми қитъа ва рубоӣ, санъатҳои асосии шеър аз мазомини муҳим ва ҷолибест, ки кӯтоҳу мӯъҷаз ба доираи пажӯҳишу баррасӣ гирифта шуда, нигоранда аз дастовардҳои ҷаҳоншумули Ҳироти бостонӣ – хиттаи овозадору адабпарвари тоҷикон сӯҳбат мекунад.

Дар ин мақола ном ва унвони зиёди адибону олимон ва донишмандон, муаррихони намоёни тоҷику форс, шоҳону ҳокимон ва аҳли касбу ҳунар зикр ёфтаанд. Чунин шеваи нигориш гувоҳи он аст, ки муҳаққиқи меҳандӯсте дар бораи сарзаминҳои аҷдодии ниёгонаш ва таърихи он қалам мезанад. Сухани ӯ мустанад, равшан ва ифтихорофарин аст. Дар поёни ҳар матлаб манобеъи истифодашуда зикр ёфтааст, ки ҷанбаи илмии мақоларо қавӣ месозад.

Муаллиф дар маҷмӯаи мақолаҳои «Ҷонпайванд» аз ҳамдилию ваҳдати эронитаборон сухан гуфта, ҳушдор медиҳад, ки бояд якпорчаву ягона бошем. Аз ин рӯ ин асар шояд аз беҳтарин асари таҳқиқотии дар солҳои охир таълифёфта аст, ки дар шинохти робитаҳои муштараки форсизабонони се хитта судманд ва муфид хоҳад буд.

Масалан, номаи саркушода, таҳти унвони «Ман дигарам, ту дигарӣ?!», ки ба донишманди эронӣ доктор Муҳаммадризои

Ботинӣ ирсол шудааст, хитоб намуда хонандаро водор ба андешаи амиқ менамояд. Дар номаи М. Шукурзода омадааст: «…Осори адабии форсӣ, ки аз падарбузургонамон барои мо мерос мондааст, ба хати русӣ баргардон ва нашр мешавад. Мо аз фарҳанг ва ҳунари дирӯзу имрӯз ҳеҷ гоҳ дар ғафлат набудаем. Аз ибтидои қарни XX то ба имрӯз матбуоти Тоҷикистон, ба вижа моҳномаи «Садои Шарқ» намунаи осори адибон ва муҳаққиқони эрониро пайваста ба нашр мерасонад. Суруду мусиқии эронӣ барои ҳар тоҷик чун навҳаи лолойихонии модарон азиз ва гиромӣ будааст…» (саҳ. 95).

Аз ботини ин навиштаҳо фарёди дар гулӯ печидаи марди худшинос ва меҳандӯсту миллатпарваре ба гӯш мерасад, ки ормони аслиаш ягонагии фарҳангии форсизабонон аст. Муаллиф тавассути таълифоти хеш хостори он аст, ки қавмҳои ориёиро дар зери парчами ҳамдиливу ҳамзабонӣ ва якрангӣ, якандешиву якмаромӣ бубинад. Ин андеша дар ҷумлаҳои зайли мақолаи ёдшуда равшантар садо медиҳад: «…Дар вазорат ва идораҳо борҳо пурсидаанд, ки банда форсиро куҷо ёд дорам? Посух медиҳам, ки: ман тоҷикистониям ва забони модарии мо форсист.

– Оҳ-ҳо, шумо моли мо будед як замон!

– На бародарони фаромӯшкор! Мо ба ҳеҷ сурат яке моли дигаре набудем дар дарозои таърих! Фақат сарнавишти наҳс баробари мил кашидан ба чашмони Рӯдакӣ моро низ бебасорат ва як қалби воҳидро чандин қисмат кард, ки на фақат макони худро аз ёд бурдем. Теғи Темур ва Чингиз на фақат ҷисми мо, ҳатто ҳофизаи таърихии моро абгор ва захмӣ намуд, ки ҳанӯз ҳам ниёз ба дармони онро дорем…» (саҳ. 98-99).

Ин гуна хитобаҳои ваҳдатхоҳонаи муаллиф дар ҳар матлабе аз «Ҷонпайванд»-и ӯ сари ҳар ҷумлаву ибора баландтару муассиртар садо медиҳанд, ки дар рӯзгори мо ҳамвора аҳамияти бештаре касб мекунанд. Риштаи пайванд ва хатти сайри андеша ва тафаккури М. Шукурзода дар китоби «Ҷонпайванд» (дигар навиштаҳо ва шеърҳояш низ) тараннуми ваҳдати қавмҳои эронитабор аст. Ин китоб бо чунин вусъати назар ва ҳалли пургунҷоиши масоили мавриди таҳқиқ метавонад дар силки беҳтарин осори илмӣ дар риштаи робиташиносӣ эътироф гардад.

«Ҷонпайванд» баъд аз навиштаҳои устод Муҳаммадҷони Шакурӣ шояд аз таҳқиқоте аст, ки ҳамзабонон ва

ҳамтаборонро госме ба ҳам наздиктар хоҳад кард. Зеро ба қавли донишманди маъруфи тоҷик Абдулманнони Насриддин: «…аҳдофи аслии таълифот ва пажӯҳишҳои Мирзо Шукурзода овоза ва таблиғи фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ ва одобу русуми мардуми ориёитабор аст…» (саҳ. 4).

Аз ин рӯ китоб бо чунин арзиши созандааш сазовор аст, ки ба Ҷоизаи адабии ба номи устод Садриддин Айнӣ мушарраф гардад.

*Ҳафтавори «Адабиёт ва санъат»,*
*8 майи соли 2007.*

*Доро НАҶОТ*

## ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

*Нақде бар китоби «Тоҷикон дар масири таърих» аз рӯзномаи «Сомон», нашрияи Бунёди забони форсии тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе, 15 урдибиҳишти 1375 ҳ. ш. (1994-и милодӣ)*

Интишороти байналмилалии «Алҳудо» китоберо мунташир карда, ки «Тоҷикон дар масири таърих» ном дорад. Бе ҳеҷ тардид, метавон ин китоби бисёр гаронбаҳоро дар радифи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чун сипари маънавии миллат муаррифӣ кард. Алҳақ, миллати тоҷвар ва бостонӣ, ки дар тӯли буду боши хеш бузургтарин кушторҳо, турктозиҳо, яғмогариҳои ба сараш омадаро сипарӣ кард ва дар қарни мо низ ҳадафи ноҳақшиносиҳо ва маҳрумиятҳо қарор гирифт, месазад, ки барои дифоъ аз худ сипарҳои маънавӣ дошта бошад. Аз ин лиҳоз китоби «Тоҷикон дар масири таърих» аҳамияти вижае дорад.

Аввалан, бояд аз Мирзо Шукурзода – ин донишманди мӯҳтарам ва ҳамватани гиромии мо қадршиносӣ кард, ки дар гирдоварӣ ва таҳқиқи китоби мазкур ранҷҳо бурда ва ҳамакнун муваффақ шудааст онро дар интишороти бонуфузи байналмилалии «Алҳудо» чоп кунад, то дастраси куллияи порсизабонон ва порсидонони олам қарор гирад.

Китоби номбурда маҷмӯаи мақолаҳоест, ки чун шиносномаи як миллати ҷафокашида ва ҷонсахт пешкаш мешавад. Ин мақолаҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ интишор шудаанд.

Ба гунае, ки ҷаноби оқои Алиасғари Шеърдӯст, сарпарасти интишороти байналмилалии «Алҳудо» дар муқаддимаи худ гуфтаанд: «Ин китоб посух ба ниёзҳои ҷомеаи тоҷикон аст». Нoшири мӯҳтарам ҳамчунин овардаанд: «Аз он рӯз, ки дастҳои палид санги тафриқа дар миёни мо афканд ва бо кашидани марзҳое маснӯъӣ қавми воҳидеро тика-тика намуд ва сиёдати динӣ ва фарҳангии муштаракро табартақсим ва хадшадор намуд, ҳамвора ин қавм, яъне тоҷикҳо дар талаби дӯстӣ ва бародарии фаромӯшшудае аст, ки гузашти рӯзгор онро дастхуши дигаргунӣ намудааст».

Мақолаҳое, ки дар ин китоб фароҳам омадаанд, ба қалами донишмандон, адибон ва сиёсатмадорони бузурге мансубанд, ки бо онҳо худ ошно ҳастем ва ҳамчунин шомили мақолаҳои муҳаққиқоне низ аст, ки таълифоташон то имрӯз дастраси мо набудааст. Китоб иборат аст аз ду фасл: Фасли аввал «Сарнавишти калимаи тоҷик ва миллати тоҷик» ва фасли дуввум «Болшевикҳо ва табартақсими сарзамини тоҷик» мебошад. Дар фасли аввал чунин таълифоти арзишманд ҷой гирифтааст: Саъид Нафисӣ «Сарзамини поки ниёконам», Садриддин Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик», Владимир Бартолд «Тоҷикон», Эраҷи Афшори Сиистонӣ «Муқаддимае бар шинохти қавми тоҷик», профессор Ҳумом «Тоҷикҳо», Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ «Дар бораи лафзи тоҷик ва тот», Сайид Муҳаммад Дабири Сиёқӣ «Тот ва тоҷику тозик», Сайидмуҳаммадалии Саҷҷодӣ «Боз ҳам тот ва тоҷик», Абдулаҳмади Ҷовид «Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо», Тӯрақул Зеҳнӣ «Калимаи тоҷик дар осори гузаштагон», Ҷалолиддин Сиддиқӣ «Тоҷикон», Мӯҳсин Умарзода «Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст», Абдуқодирхон Оқобоши Қоҷор «Дар таҳлили лафзи тоҷик», доктор Пошину «Дар аҳволот ва аслу насаби тоифаи сорт», Маҳдии Сайидӣ «Тоҷикҳо ва Тоҷикистон то ҳамлаи муғул» ва... фасли дуввуми «Тоҷикон дар масири таърих» шомили матолиби зер аст: доктор Алиакбари Вилоятӣ «Нигоҳи дубора ба таърихи Осиёи Марказӣ», Амир Сайид Олимхон «Таърихи ҳузналмилали Бухоро», Аббос Алиев «Дифоъ аз ҳақиқат», Абдулқодир Муҳиддинов «Мардум шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё

ӯзбак?», Муҳаммадҷон Шакурӣ «Порае аз таърихи тақсиме, ки бо зӯри табар сурат гирифт», Рустам Шукуров «Тоҷикон дар харобазори бузургӣ» ва....

Барои ин ки мазмун ва мӯҳтавои ин китоби пурқиммат рӯшан шавад, тасмим гирифтем, ки аз пешгуфтори бисёри хуби гирдоваранда ва муҳаққиқи он Мирзо Шукурзода якчанд порчаро пешкаши хонандагони гиромӣ кунем, аз ин ки гуфтаанд: «Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст».

«Бояд ёдовар шуд, ки дар таълифоти қариб ҳамаи нависандагони гиромиқадр, ки дар ин маҷмӯа фароҳам омадааст, на фақат дар бораи вожаи тоҷик ва сайри таърихии ин калима дар осори хаттӣ сухан меравад, балки аксари ин азизон ба таърихи пайдоиши ин қавм, ҷуғрофиёи густариши он, пайвандҳои ҷониву нажодӣ ва фарҳангии ӯ бо дигар ақвоми Эрон, таърихи давлатдории тоҷикон ва суқути ин давлат ва дигар фоҷиаҳои сарнавишти ӯ низ дахл кардаанд. Аз ҷумла кишваршиноси шаҳири рус Н. Павлов дар китоби «Таърихи Туркистон» роҷеъ ба вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии тоҷикон дар садаи гузашта (дар қарни нуздаҳ – М. Ш. ) менависад: «Мо акнун шоҳиди эҳёи ин миллати ҷонсахт ва боистеъдод, яъне тоҷикон ҳастем. Пеш аз ин рӯзгор, онҳо на зиндагӣ, балки ҳақирона рӯз кӯр мекарданд ва ин фақру аҷз натиҷаи се зарбае буд, ки Чингизхон, Темур ва Манғит ба пайкари онҳо зад ва дар дунё кам миллате ёфт мешавад, ки чунин зарбаро таҳаммул карда бошад. Тоҷикҳо аз ҳама ақвоми дигар сахтҷонтаранд, қадаре фурсат кофӣ буд, ки онҳо боз дубора ҷон бигиранд ва эҳё шаванд».

Дар ин китоб ҳеҷ мақолае иттифоқӣ роҳ наёфтааст ва аз манобеъ ва сарчашмаҳои мушаххас, ки дар замонҳои мухталиф таълиф шудаанд, истифода шудааст. Аммо тозатарин матолибе, ки дар ин замин ба даст омад, мақолаи Абдулқодирхони Қоҷор бо унвони «Дар таҳқиқи лафзи тоҷик» аст, ки тақрибан саду панҷоҳ сол қабл аз рӯзгори мо таълиф ёфтааст ва нигорандаи он дар бораи ба кадом ирқу нажод мутааллиқ будани тоҷикон мунсифона қалам ронда, дар тавсифи хулқу хӯй, рафтору ахлоқ, шуғл ва касбу кори онҳо одилона ва то андозае бо самимият назар кардааст.

Чунончи аз таҳқиқот ва таълифоти донишмандон ва мардумшиносони мӯҳтарам бармеояд, макони буду бош ва ҷуғрофиёи густариши қавми тоҷик ба Тоҷикистони кунунӣ маҳдуд набуда, балки ба маротиб фарохтар аз ин марзҳост...

Ҳарчанд мавзӯи ҷуғрофиёи густариши тоҷикҳо аз ҷониби ҳеҷ яке аз тоҷикшиносон пажӯҳиш нашуда аст, ҷаноби Ҳенрӣ Филд дар ин бора ишораи чашмгире дорад. Эшон мефармояд: «Тоҷикҳо мардуми машҳур ҳастанд, ки сартосари Машриқзамин парокандаанд ва на танҳо дар кишварҳои Эрон ва Афғонистон, балки дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва кишварҳои таҳти тасаллути ӯзбакҳои totор сукунат доранд ва ба қавли баъзеҳо онҳо то марзҳои Чин, лоақал то Тибет пахш шудаанд»...

Дар теъдоде аз мақолаҳои китоб баҳсе рӯи ин мавзӯъ аст, ки тоҷикон ба истилоҳ аз ақвоми наздик ба эронианд ё худ эрониёни тоҷик будаанд? Чунончи дар «Луғатномаи Деҳхудо» омадааст: «Тоҷик ғайри араб ва ғайри туркро гӯянд». Ва «Фарҳанги форсӣ»-и Муъин мегӯяд: «Тоҷик (тозик) ва тот раъият ва ҷик пасванди тасғир буда, умуман ғайри турк. Он ки турк ва муғул набошад». Ва дар «Фарҳанги Нафисӣ» манқул аст: «Тоҷик ғайри араб, ғайри турк, яъне мардуми порсӣ», соҳиби «Фарҳанги Низом» мегӯяд: «Тоҷик насли эронӣ ва форсизабон... »

Ҳамин тавр, дар таҳқиқ ва баррасии ин калима, маъно ва тобишҳои он беш аз яксаду шаст нафар донишманд заҳмат ба харҷ додаанд, ки фишурдаи таҳқиқ ва натиҷаи пажӯҳиши аксари онон чунин аст: Вожаи тоҷик дар ибтидо ба яке аз қавмҳои Хуросони бузург ва сипас ба тамоми форсизабонони дунё итлоқ шуд ва тамоми уламо ва удабои Машриқзамин аз замонҳои қадим то садаи нуздаҳ калимаи тоҷикро мутааллиқ ба ҳамаи форсизабонон донистаанд.

Мирзо Шукурзода дар пешгуфори таҳқиқии ин китоби басо арзишманд назари хешро аз дидгоҳи таҳқиқ ба ҳамаи матолибе, ки дар бораи тоҷикон, маънои калимаи тоҷик ва ҷуғрофиёи манзалати онон, таърихи пур аз нокомиҳои ин мардуми ҷонсахт ва ҷафокаш таълиф шуда, иброз доштааст ва ба ҳар навишта баҳои илмӣ додааст. Муаллиф дар поёни сарсухани хеш овардааст: «Таърих собит намуда, ки аз ин пас ҳеҷ душмане қодир ба нобуд сохтани тоҷик нест, агар ӯ бо дасти худ худашро нобуд насозад». [1]

[1] Яъне низоъҳои дохилӣ, тафриқагаройӣ ва ҷангҳои бародаркушии тоҷикони Хуросон ва Осиёи Миёнаро дар гузаштаи дур ва наздик дар назар дорем (М. Ш. ).

Интишори ин китоб дар Эрон боз аз он ҷиҳат судманд аст, ки мардуми ин кишвари ҳамзабони мо равшантар хоҳад донист, ки бародари ҳамхунаш бо номи тоҷик дар миёни оташи муборизот алайҳи пантуркизм, ки шадидтарин душмани ин миллати ориёнажод будааст, обутоб ёфта, забон, фарҳанг, расму ойин ва суннатҳои бостонии худро ба ивази қурбониҳо ва маҳрумиятҳо ҳифз кардааст.

Китоби «Тоҷикон дар масири таърих» 29 мақолаи пурбаҳои олимони шинохтаро дарбар гирифтааст, ҳамчунин аз густариши равобити фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳикоят мекунад. Ин китоб акнун аз сӯи фурӯшгоҳи китоби «Алҳудо» дар Душанбе ба фурӯш мерасад, ки дӯстдорони фарҳанг ва таърихи миллати тоҷик метавонанд онро харидорӣ кунанд.

*Абдуманнони НАСРИДДИН,*
*профессор*

## ХУДРО ЗИ ҶАҲОНИ ХЕШ ПАЙДО КАРДАМ

Сонеъи нақшбанди бемонанд бо фазлу ҳикмати хоси хеш дар доираи дерпой, таҳти ин гунбади миноӣ инсонҳоро ба қадри тобу тавон боре бар дӯш, вазоифе дар пеш мегузорад. Дар ин бодия бахту иқбол ҳамсафари онҳоест, ки соҳиби ҳиммате бештар ва азму имоне росихтар ҳастанд. Онҳое, ки боли парвоз ва азму ҳиммати олӣ доранд, ба баландиҳо суъуд карданд ва аммо беҳимматон чун мӯр дар чоҳ монданд.

Мирзо Шукурзода фарзанди арҷманди диёри мо, муҳаққиқ ва донишпажӯҳи тоҷик аз ҷумлаи он зумра роҳиёни илму фарҳанг аст, ки ҳиммате мардона доранд ва имон бадрақаи роҳи онҳост. Ӯ инсонест, ки дар синааш диле саршор аз ишқ ба меҳан метапад.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки дар замоне, ки мо ба сар мебарем, бузургтарин дастовардҳои фаннӣ ва технологӣ бар асари падид омадани чанд илм ва дар марзҳои муштарак махлут гардидани онҳо арзи ҳастӣ намудааст. Истилоҳоти физикӣ, шимиёӣ, ҷуғрофиёи иқтисодӣ, риёзиёти кайҳонӣ аз он

ҷумлаанд. Ҳар кадоме аз улуми зикршуда ҳовии масоили муҳимме мебошанд, ки дар иртибот бо дигар улум фазоили худро бештар ба зуҳур меоваранд.

Нависандаи ин сатрҳо солиёни зиёде ба ин тараф шоҳиди талош ва заҳамоти Мирзо Шукурзода дар майдони сухан мебошам. Ӯ чун рӯзноманигори ҳирфаӣ ба ин майдон ворид гардид ва дар ин майдон батадриҷ бо таҳқиқу пажӯҳишҳои илмӣ пайванд хӯрд. Беҳтар он аст, ки бигӯем: нигоҳи хештанро бо гавҳари таҳқиқ умқ ва сафои бештаре бахшид. Зеро як рӯзноманигори ҳирфаӣ бидуни тасаллут ба сесаду шаст банди кори пажӯҳиш наметавонад осоре ба қалам диҳад, осоре, ки посухгӯи меъёрҳои илмӣ бошад.

Афзун бар он имкон дорад, ки як нафар муҳаққиқ дар умури фарҳангӣ дар риштаи навиштан таълифоти шоистае ба анҷом бирасонад, вале сабку наҳваи ба алоқамандон ва кулли ҷомеъа манзур намудани натоиҷи пажӯҳишҳои худро дарнаёбад. Дар ин росто метавон гуфт, муаллифи ин китоб, адиби соҳибном Мирзо Шукурзода ба комёбиҳои чашмгире даст ёфтааст. Заҳамоти чандинсола ва талошу ҳаммияти ӯ дар амри ба майдон овардан ва бо ҳам имтизоҷ додани беҳтарин абъоди рӯзноманигорӣ ва кори пажӯҳишӣ бозтоби худро ёфтааст.

Китобҳои адиб ва муҳаққиқ чун аз ин гуна фазилати вижа бархурдоранд, мавриди истиқбол ва ишқу алоқаи ақшори гуногуни ҷомеъа ва метавон гуфт, фузалои ҳамаи кишварҳои форсизабон ҳастанд. Зеро аҳдофи аслии таълифот ва пажӯҳишҳои Мирзо Шукурзода овоза ва таблиғи фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ ва суннату одобу русуми мардуми ориёитабор аст. Як силсила китобҳо, ки муҳаққиқи пуркор то имрӯз дар Эрону Тоҷикистон ба нашр расонд, баёноти хадамоти пурарзиши ӯст. Ба таври мисол маҷмӯъаҳое, ки ӯ гирдоварӣ, таҳқиқ ва тадвин намуд, аз ҷумла: «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» (Душанбе, 1990), «Тоҷикон дар масири таърих» (Теҳрон, интишороти «Алҳудо», 1373 ҳ. ш., нашри дуввум; Пешовар, интишороти «Фазл», 1378 ҳ. ш. ), «Тоҷикон, ориёиҳо ва флоти Эрон» (Теҳрон, интишороти «Суруш» 1380 ҳ. ш. ) дар заминаи асноди мӯътабари илмӣ, адабӣ ва таърихӣ ба қалам омада, ҷузви муҳим ва арзишманди ин силсила китобҳоро ба худ ихтисос додаанд.

Маҷмӯъаи ҳозир, ки дар Эрон бо унвони «Парниёни

ҳарири абрешим» (с. 2002) чоп шуда буд, моро ба ёди тарҷеъбанди маъруфи Ҳотифи Исфаҳонӣ меандозад ва аз ҳамин бароъати истеҳлол пайдост, ки дар ин асари пурарзиши Мирзо Шукурзода сухан аз ваҳдати қавмҳои эронинажод, аз дурдонаҳои гаронбаҳои фарҳанги ориёӣ меравад. Дар ин китоб истеъдоди хос ва нигоҳи жарфи муаллиф ба масоили адабӣ ва таърихӣ буруз кардааст. Се бахши асосӣ ва бунёдии ин маҷмӯъа: «Хаймаҳои мо ҷудо, дилҳо якест», «Мо барои васл кардан омадем», «Баргу сози мо китобу ҳикмат аст», гулчине аз мақолоти илмӣ, суханрониҳо ва ёддоштҳои Мирзо Шукурзода мебошанд, ки ҳар як аз ин таълифот бо дидгоҳи муҳаққиқона ва меҳру муҳаббати ҷӯшон навишта шудаанд. Аз лобалои ин мақолот чеҳраи як тан донишпажӯҳи пуркор, нуктасанҷ ва инсоне падид меояд, ки дар ҳифзи ормонҳои миллӣ ва гиромидошти сухану одоби ниёкони хеш маҳкам ва побарҷост ва ҳамагуна заҳматро ба ҷон мепазирад.

Ин маҷмӯъа, ки шумо хонандаи арҷманд дар даст доред, ҳосили андешаҳо, бардошт ва мушоҳидаҳои чандинсолаи Мирзо Шукурзода ва самарае аз боғи тафаккури ин марди фидоист, ки мазраъаи онро пайваста бо чашмаи ишқу ормони миллӣ шодоб кардааст. Мақолоти илмии ин китоб, ки ҷиҳати равшан кардани гӯшаҳои торики таърих ва адабиёту фарҳанги тоҷик навишта шудаанд, бидуни тардид аз тавфиқи муаллиф дар ҳаллу фасли масоили муҳим гувоҳӣ медиҳанд ва умедворем, ки мавриди писанду қабули ёрон бошад.

Низомии Ганҷавӣ сипаҳсолори тавонои кохи бегазанди назми аҷам ва бузургтарин шоири романтики адабиёти форсӣ фармудааст:

*Назарро нагз кун, то нагз бинӣ,*
*Гузар аз пӯст кун, то магз бинӣ.*

Ба ақидаи банда фазилати дигаре, ки дар ин китоб ва ҳатман дар муаллифи он мебинем, назари нағз ба инсон аст. Табиист, ки инсони ҳушманд дар умқи дили хеш сурати рӯҳонии азизон ва зубдагони башар, ба вижа нухбагон ва фарзонагони даврони хешро ҷой медиҳад ва аз саодати ошноӣ бо эшон меболад, зеҳни ӯ аз ёди онҳо равшан ва нуронӣ мегардад. Мирзо Шукурзода дар бархе аз навиштаҳои хеш, ки ба сурати ёднома ё ихвония таълиф шудаанд, чеҳраҳои дилписанди азизони рӯзгори мо, шоири шаҳир,

шодравон Лоиқ Шералӣ, муҷоҳиди қаҳрамон Аҳмадшоҳи Масъуд, донишманди фозил, вале ҷавонмарг Шодии Асрор ва амсоли онҳоро аввал дар оинаи дили меҳрбори худ мутаҷаллӣ сохта, сипас ҷузверо, ки қалам тавони бардошти онро дошт, рӯи сафҳаи ихлос рехтааст. Ин мақолот пандномаи муассире аз рӯзгори мо низ маҳсуб хоҳанд шуд.

Мирзо Шукурзода дил ба дарё додаст ва гавҳарҳое, ки бар асари заҳамоти ҷонкоҳ аз амвоҷи пурталотуми он ба даст меоварад, пуроб ва дилрабоянд.

*Шамсиддини СОЛЕҲ,*
*номзади илми филология*

## МО БАРОИ ВАСЛ КАРДАН ОМАДЕМ

Мирзо Шукурзода аз ҷумлаи он фидоиёни фарҳанги миллии мост, ки ба таъбири суханшиноси маъруф Абдулманнони Насриддин «дар синааш дили саршор аз ишқ ба меҳан метапад». Вай солиёни зиёде чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар Эрон ба хотири мардуми тоҷикро бо гузаштаи пурифтихораш иншо кардан ва боло бурдани худшиносию худогоҳии тоҷикон заҳмат мекашад, китобҳо таълиф мекунад, мақолоту навиштаҳои фарзандони бедордилу равшанзамири халқро аз фаромӯшхонаи таърих ҷустуҷӯ намуда, дастраси хонандагони имрӯз месозад. Махсусан китоби «Тоҷикон дар масири таърих», ки бо заҳмати зиёди ӯ чанд маротиба дар Тоҷикистону Эрону Покистон ба нашр расид, аз ҷумлаи асарҳои рӯимизии ҳар як тоҷики бедордил ва худогоҳу хештаншинос гаштааст.

Мирзо Шукурзода ҳар кореро, ки анҷом медиҳад, бидуни ғараз бо як меҳру садоқати беандоза ба ватан ва халқу миллати хеш мекунад ва ба қавли рӯзноманигори эронӣ хонум Пунаи Нидоӣ «ҷонаш дар шӯълаҳои шӯр ва бедорӣ нисбат ба меҳани якпорчаи эронӣ месӯзад. Дар шиёрҳои чеҳрааш андӯҳи Бухоро ва Душанберо метавон дид ва дар танини садояш шавқи бедорӣ ва овои бозгашт ба решаҳои фарҳанги гузаштаи пурифтихорро метавон шунид. »

Инак, китоби дигари тозанашри ин адиб ва муҳаққиқи

ҷӯяндаро зери унвони «Парниёну ҳариру абрешим», ки дар Теҳрон чанде пеш ба табъ расидааст, дар даст дорем ва онро варақгардон мекунему унвони мақолотро мехонем: «Хаймаҳои мо ҷудо, дилҳо якест», «Тоҷику эронию афғон ҷаро?», «Тоҷикӣ чӣ тавр ҷойгузини форсӣ шуд?», «Мақоми Ҳофиз дар диёри Рӯдакӣ», «Мо барои васл кардан омадем», «Тоҷикон чӣ қуллаҳоеро раҳсипор хоҳанд шуд?», «Турк ва тоҷик», «Диёре дар билоди қуббатулислом дар билоди шарқ», «Аз чаманҳои Бадахшон то мазорҳои Самарқанд» ва ғайра.

Чунон ки аз унвони навиштаҳои муаллиф бармеояд, ӯ ҳадафи бузургеро аз ин хомаронӣ пайгирӣ менамояд, ки он ба ҳам ошно кардани пораҳои ба амри таърих аз ҳам гусасташтаи як миллати таърихсозу соҳибфарҳанг бо номи ориёӣ, эронӣ ё тоҷикӣ аст.

Вақте аз мавҷудияти Тоҷикистону тоҷикон бехабар будани як нафар эрониро ӯ мебинад ва ба тоҷике вомехӯрад, ки ҳамтаборию ҳамзабонии тоҷику эронӣ ва афғониро қабул надорад, дилаш ба дард меояд, азият мекашад ва ба рағми ҳаводиси таърих, ки боиси азҳамҷудоӣ ва бегонагӣ аз ҳамдигар гаштааст, хома ба каф мегирад ва менависад: «Мо барои васл кардан омадем…», «Тоҷику эронию афғон ҷаро?», «Мо дар ин дунё, ки аз як модарем!... »

Китоби мазкур бо мақолаи «Парниёну ҳарира абрешим» оғоз мегардад, ки дар он муаллиф таъкид ва собит намудани рисолат ва назокати забони аҳли биҳишт, забони форсиро ҳадаф қарор медиҳад. Бо шоҳиду далелҳои зиёде аз гуфтаҳои ҳазрати Расули акрам, Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ, Унсурии Балхӣ, Аллома Иқболи Лоҳурӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон ба исбот мерасонад, ки:

*Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,*<br>*Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.*

Ва ё:

*Самангону Эрону Тӯрон якест,*<br>*Аз ин марз то он басе роҳ нест.*

Дар ҳақиқат донишмандони тирози аввал дар ҳар се кишвари имрӯзаи форсизабон «забон, фарҳанг ва таърихи моро аз

як табор ва аз як реша медонанд ва ҳатто хостгоҳи нажоди ориёиро сарзаминҳои Хоразм ва Вароруд ва маҳалли шукуфоии забони форсӣ ва адабиёти ҷаҳонгири Эронро Бухоро ва Самарқанд маҳсуб кардаанд». Муаллиф баҳсҳои атрофи истилоҳи «адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» ба миёномадаро матраҳ намуда, нақши устод Айниро дар собит намудани мероси муштараки тоҷикҳою эрониҳо ва якӣ будани адабиёти ҳазорсолаашон махсус таъкид менамояд.

Воқеан, асари миллатсози устод «Намунаи адабиёти тоҷик» ва муқаддимаи олимонаю фозилонаи он путке буд бар сари душманони миллати тоҷик, ки дар он айёми сарнавиштсоз ҳастии ин халқи куҳанбунёдро инкор мекарданд.

Далели дигари ҳамтаборию ҳамнажодӣ ва ҳамдинии тоҷикону эрониҳо ин маҳбубияти бузурги Саъдию Ҳофиз дар диёри Рӯдакию Сино ва Носири Хисрав аст, ки он дар мақолаи дигари китоби Мирзо Шукурзода мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф дар иртибот ба ин масъала менависад:

«Аз замонҳои пеш то рӯзгори мо чароғи маҳфилҳои Ҳофизхонӣ дар шаҳрҳои бузург ва ҳатто дар кунҷу канори кӯҳистон то ба имрӯз зинда ва фурӯзон аст. Модарон бо тамоми ихлос ва орзую умеди он ки фарзандашон эмин аз газанди рӯзгор бимонад ва баҳраманду шодоб аз чашмасори илму адаб бошад, зери болини гаҳвораи ӯ девони Ҳофиз мегузоранд». Мирзо Шукурзода ба хонандаи эронӣ бо далелҳои раднашаванда собит менамояд, ки маҳбубияти ин шоири малакутӣ дар байни тоҷикон ва умуман мардуми Вароруд на камтар аз эрониҳост.

Дар мавриди ошно намудани мардуми Эрон бо адабу фарҳанги тоҷикон дар китоби мазкур аз хидматҳои шоиста ва меҳанпарастонаи дӯсти бузурги мардуми тоҷик доктор Алиасғари Шеърдӯст ёд мешавад. Воқеан, намунаҳои ашъори шоирони маъруфи тоҷик, ки дар Эрон бо ҳиммату кӯшиши Шеърдӯст ба табъ расид ва китоби пурмӯҳтавою бомуҳоботи он кас «Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон» барои муаррифии шеъри муосири тоҷик дар Эрон дар масири ба ҳама ошно кардани ҳамқавмони ба амри тақдир аз ҳам дурафтода хизматест шоиста. Мирзо Шукурзода дар мақолааш пешниҳод мекунад, ки Шеърдӯст барои ин хизматҳояш сазовори унвони «Арбоби шоистаи фарҳанги Тоҷикистон» аст.

Фасли дуввуми китоби мазкур «Мо барои васл кардан омадем» унвон шуда, ки аксари мақолоту мусоҳибаҳояш бозгӯкунандаи ин аҳдофанд. Аз ҷумла дар мақолаи «Турк ва тоҷик» муаллиф ба бисёр каҷфаҳмиҳои таърихӣ равшанӣ андохта, оини ростини исломро дар аҳди сомониён аз ҷумлаи омилҳои муҳими муттаҳидкунандаи ин қавмҳо донистааст.

Аксари мақолоти китоби мазкур дар баробари оҳанги нигориши публисистӣ дорои ҷанбаҳои амиқу жарфои пажӯҳишию таҳқиқианд. Ин ҷиҳати шеваи нигориши Мирзо Шукурзода дар мақолаҳои «Зарафшон дар сарчашмаҳои адаби форсӣ ва тоҷикӣ», «Диёре дар ҳошияи қуббатулислом дар билоди шарқ», «Нуре дар зулмот» ба хубӣ эҳсос мешавад.

Дар фаслҳои дигари китоб мақолаю гузориш ва навиштаҳое ҷой дода шудаанд, ки аксаран характери пажӯҳишӣ доранд. Дар мақолот пайванди адабиёту фолклор, алоқаю баҳамтаъсиркунии онҳо, таърих ва вижагии минтақаҳои тоҷикнишини Фароруди таърихӣ, нақди китобҳои боарзише мисли «Қуръон ва табиат»-и Беозори Шерозӣ ва ғайра мавриди баҳс қарор дода мешаванд. Мақолаҳои «Нуре дар зулмот», «Ғуруби ситораи саҳарӣ», «Ҳамсанги Сиёвуш», «Соате бо шери ситеғи Панҷшер», «Сад қофила дил ҳамроҳи ӯст», «Кӯҳкане аз кӯристони дил», «Шерзани бешаи хомӯшон» чеҳраҳои ашхоси бузурги таърихию фарҳангӣ ва адабиро чун Садри Зиё, Аҳмадшоҳи Масъуд, шоир Аҳдӣ, устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ, олими ҷавонмарги тоҷик Шодӣ Асрор, профессор Саъдинисо Ҳакимова, дӯсти азизи мардуми тоҷик, ҷаноби Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ барои хонанда бозгӯ месозад ва ёдрас менамояд, ки ин қабил ашхоси фидоӣ чизеро ҷуз хидмати халқу ватан ба ҳайси мароми зиндагии хеш напазируфтаанд. Ва худи муаллифи китоб ҳам дар зиндагӣ, дар навиштаҳо ва дар кору амалаш низ аҳдофи зикршударо пайгирӣ менамояд, ки далели он китоби «Парниёну ҳариру абрешим» аст. Месазад, ки ватан хизмати чунин сарбозону сарпарастони фарҳангро қадрдонӣ кунад.

*Аз маҷмуаи «Ҷонпайванд»,*
*Адиб, Душанбе, 2006, саҳ. 327.*

*Шарифи ИСРОФИЛНИЁ*
*Устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

## ОЗОДМАРДЕ АЗ ДИЁРИ ҲАБИБ

*Ман аз диёри ҳабибам, на аз билоди рақиб,*
*Муҳайяро, ба рафиқони худ расон бозам.*
*Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ*

Китоби нависанда, муҳаққиқ ва рӯзноманигори соҳибистеъдоди тоҷик Мирзо Шукурзода «Тоҷикон, Ориёиҳо ва фалоти Эрон», ки соли 1380 ҳиҷрӣ дар нашриёти «Суруш»-и Теҳрон ба табъ расид, аз таърихи пурфоҷеа ва дар айни замон, пурифтихори мо ҳикоят мекунад. Мирзо Шукурзода аз зумраи он фарзандони сарсупурдаи миллат аст, ки тайи чандин сол талош дорад, то ба ҷаҳониён, алалхусус ба порсизабонону порсидонон мероси адабию фарҳангӣ ва маънавии моро муаррифӣ кунад ва саҳми халқи тоҷикро дар тамаддуни башарӣ ба гӯши бехабарон расонад ва ба мо, меросдорони ин фарҳанг огаҳӣ диҳад, ки посдор ва меросхӯри воқеии ин фарҳангу тамаддун бошем, зеро то ба ҳол тангназароне ҳастанд, ки саҳми ниёгони моро дар ин ҷода нодида мегиранд ва мехоҳанд ин фарҳанги волоро ба миллати худ нисбат диҳанд. Соҳибдилоне, ки аз китоби ӯ «Тоҷикон дар масири таърих» (интишороти «Алҳудо», Теҳрон, 1994 чопи аввал; интишороти «Фазл», Пешовари Покистон, 1996, чопи дуввум) огаҳӣ доранд, хуб медонанд, ки ин асар чӣ нақше дар шинохти қавми тоҷик ва худшиносии мо, тоҷикон дорад. Маҳз бо кӯшиши ин озодмард ашъори теъдоде аз шуарои муосири мо дастраси форсизабонону форсидонон гашт. Ӯ аз тариқи китобу мақола, рӯзномаву садову симои худиву бегона аз тоҷикон, аз фарҳангу тамаддун, забону расму русуми онҳо ҳарф мезанад, то ба ҷаҳониён нишон диҳад, ки дар қалби Осиёи Вусто кишваре ҳаст бо исми Тоҷикистон, ки сокинони он аз нажоди ориёӣ ҳастанду ба форсӣ ҳарф мезананд ва дар ғановати фарҳанги эронӣ саҳми азим доранд. Мухотабати мақолоти ӯ на танҳо бегонагон, ҳамчунин ҳамзабонони бурунмарзӣ ҳастанд, ки гоҳе дониста ва гоҳе ноогоҳона саҳми тоҷикро дар камолоти тамаддуни ориёӣ-эронӣ нодида мегиранд. Аз ҷумла номаи ӯро ба ҷаноби оқои Муҳаммадризои Ботинӣ ба

унвони «Ман дигарам? Ту дигарӣ?», ки дар рӯзномаи «Кайҳони ҳавоӣ» ба табъ расидааст, ба ёд биёварем, мебинем, ки ӯ бо чӣ дарде аз ин масъала сухан мегӯяд. Дарди дигаре, ки ӯро беш аз ҳама ранҷ медиҳад, ноогоҳӣ ва бетаваҷҷӯҳии худи тоҷикон ба забон ва фарҳанги волояшон аст. Аз ин рӯ, китоби «Тоҷикон, Ориёиҳо ва фалоти Эрон» метавонад дар худшиносии миллии мо ва муаррифии тоҷикон саҳми арзанда дошта бошад.

«Тоҷикон, Ориёиҳо ва фалоти Эрон» аз пешгуфтори гирдоваранда ва муҳаққиқ, ду фасл ва хотимаву феҳрасти маъхаз иборат аст. Баъд аз пешгуфтори Мирзо Шукурзода тақризи шоир Доро Наҷот бо номи «Шиносномаи миллати тоҷик» бар китоби «Тоҷикон дар масири таърих» омадааст. Аз мӯҳтавои китоб метавон хулоса кард, ки Шукурзода ин китобро низ ба масъалаи сарнавишти тоҷикон ва масири таърихи онҳо бахшидааст ва он идомаи китоби аввал аст. Фасли нахуст «Тоҷикон дар Хуросони бузург» унвон дорад. Дар ин бахш мақолаи пурмӯҳтавои Владимир Бартолд бо унвони «Дар бораи фарҳанги ориёиҳои Осиёи Марказӣ» ҷой дода шудааст. Ин мақола чандин сол қабл иншо шудааст, аммо муҳаққиқро зарур омада, ки бархе аз нуктаҳоеро, ки дар замони иншои ин мақола номакшуф монда буду баъдан рӯшан гардид, дар ҳошия шарҳ диҳад. Академик Бартолд дар натиҷаи таҳқиқи фарҳанги ориёиҳои Осиёи Марказӣ ба чунин хулосаи амиқи илмӣ меояд, ки гузаштагони қавми тоҷик аз сокинони бумӣ ва аслии Варорӯд, яъне Осиёи Марказӣ будаанд ва ақвоми чодарнишин, амсоли туркҳо баъдҳо ба ин сарзамин сарозер шудаанд. Донишманди мазкур мардуми бумӣ ва аслии Осиёи Марказиро ақвоми ориёӣ медонад. Таҳқиқоти академик Бобоҷон Ғафуров дар мавриди ташаккули мардуми тоҷик ва созмони давлатии он: давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён дар қарнҳои нуҳуму даҳуми милодӣ бахши дигари ин фаслро ташкил медиҳад, ки хонандагони тоҷик бо он ошноӣ доранд, аммо барои эрониён ва дигар форсизабонон матлаби тоза аст. Бахши дигари ин фаслро мақолаи доктор Солеҳи Паргорӣ «Сомониён ва туркон» зеб медиҳад. Донишманди дақиқназар дар ин навишта аввалан перомуни хостгоҳи туркон, вазъияти туркон дар Эрони баъд аз суқути Сосониён, сабабҳои фурӯпошии давлати Сомониён ҳарф задаст. Қисмати чаҳоруми ин фасл бо унвони «Тоҷикон» ба

қалами таърихшиноси тоҷик Юсуфшоҳи Ёқушоҳ тааллуқ дорад. Аз ин навишта низ хонандагони тоҷик огаҳӣ доранд. Қисмати панҷуми ин фасл ба қалами донишманди эронӣ Сируси Эзидӣ бо номи «Ориёиҳо, тоҷикон ва фалоти Эрон» тааллуқ дорад. Ин навиштаи Сируси Эзиди дар муқаддимаи китоби Е. Э. Бертелс «Таърихи адабиёти форсу тоҷик», ки аз ҷониби ӯ тарҷума шудааст, баргузида шудааст. (Бояд зикр кард, ки дар тарҷумаи исми ин китоб калимаи тоҷик ҳифз шудааст. Гумон меравад, ки мутарҷим тоҷику форсро яке медонад – Ш.И.). Аз ин нигоҳ донишманди дақиқназар менависад: «Мо (мақсуд эрониён-Ш. И. ) ва тоҷиконе, ки дар сарзаминҳои дигар ҳастанд ва давлатҳои дигар доранд, ҳама аз як табор ва дорои як забон ҳастем ва аз дастовардҳои адабию илмӣ ва фарҳангии ягона ва пуровоза бархӯрдорем ва ҳеҷ кадом бар дигаре дар ин бора бартарӣ надорем». Дар бахши шашуми ин фасл мақолаи Муҷтабои Минуйӣ бо номи «Турк ва тозик дар асри Байҳақӣ» ҷой дода шудааст. Марҳум Муҷтабои Минуйӣ баъд аз баррасии масъала таъкид мекунад, ки «аз тамоми амсалае, ки оварда шуд, рӯшан мешавад, ки мурод аз тоҷик ва тожик ва тозик дар кутуби форсӣ итбоъ ва саканаи эронӣ дар заминҳои эронинишин аст, дар муқобили туркон ва муғулон, ки бар он арозӣ мусаллат будаанд». Қисмати ҳафтуми ин фаслро пажӯҳиши донишманди эронӣ Аҳмади Касравӣ бо унвони «Бештарӣ дар сӯи тоҷикон мебуда» ороиш медиҳад. Аҳмади Касравӣ таърихи забонҳои бостонии Озарбойҷонро таҳқиқ намуда, ба хулоса меояд, ки пеш аз тасаллути Озарбойҷон аз ҷониби муғулон ва туркҳо, сокинони аслии ин сарзаминро тоҷикон ташкил медодаанд. Муҳаққиқ иллати туркӣ шудани озорбойҷониҳоро бо мадракҳои илмӣ собит мекунад. Бахши ҳаштуми ин фаслро навиштаи дуктур Ризо Мустафавии Сабзаворӣ бо унвони «Хуҷанд ва хуҷандиён дар ойинаи адаби форсӣ» дар бар гирифтааст. Агар бигӯям, ки ин навиштаи дуктур Сабзаворӣ аз пурмӯҳтавотарин ва волотарин таҳқиқ перомуни шаҳрҳои бостонии мо, алалхусус Хуҷанд аст, ҳарфи газоф нагуфтаам, зеро то кунун таърихи шаҳрҳои мо ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Муҳаққиқ бо як меҳри беандоза ва муҳаббати тамом дар бораи Хуҷанд, таърихи он, урфу одот ва расму русуми мардуми он сухан мегӯяд ва бо овардани шавоҳиди таърихӣ собит мекунад, ки Хуҷанд яке аз шаҳрҳои

қадимии тоҷикон ва тирози ҷаҳони пешин аст. Қисмати охири ин фаслро мақолаи саркорхонум Нодираи Бадеӣ бо номи «Омезае аз афсона ва таърих» зеб медиҳад, ки ба фарҳанг, расму русум, урфу одот, иду ҷашнҳо, сару либос ва хонаву ҷойи тоҷикони Чин бахшида шудааст.

Фасли дуввуми китоб «Сӯгномаи Балху Бухоро» унвон дорад ва ҳар як мақолоти онро наметавон бидуни оби чашму ҷӯшиши хуни дил хонд ва аз тасаввури ман берун аст, ки муаллифон онро ба чи азоби алиме навиштаанд. Бахши аввали ин боб бо мақолаи Абдуллоҳ Муродалибеки Лангарудӣ бо унвони «Хаёлбофии пантуркистҳо – воқеияти таърихӣ» оғоз ёфтааст. Лангарудӣ бо далоили илмӣ ва мадракҳои гӯёю пӯё ақоиди бебунёди пантуркистонро дар мавриди ақвоми бумии Вароруду Хоразм рад карда, собит месозад, ки ақвоми бумӣ ва аслии ин сарзамин қавмҳои ориёинажоданд. Ба ҳамин минвол ӯ низ нахустин сарзамини мардуми ориёиро «миёни рӯдҳои Сирдарё ва Омударё ва масири ҳаракоти онҳо то перомуни дарёчаи Хоразм» медонад. Қисмати дуюми ин фаслро дардномаи устод Лоиқ Шералӣ бо номи «Вуруде ба боргоҳи китоби устод Шакурӣ» ташкил медиҳад, хонандагони тоҷик аз ин сӯгвории устоди зиндаёд тавассути пешгуфтори китоби устод Муҳаммадҷон Шакурӣ «Хуросон аст ин ҷо» хабар доранд. Бахши сеюми «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» ба қалами устод Шакурӣ («Маънавиёт ва эҳёи миллӣ») тааллуқ дорад, ки он низ дорои аҳамияти вижа аст. Дар қисмати чаҳоруми ин китоб мақолаи донишманди тоҷик Намоз Ҳотамов бо номи «Дар Бухоро бухор гардидем» ҷой дода шудааст. Ин мақолаи пурсӯз аз чигунагии сиёсати зиддитоҷикии пантуркистҳо нисбати халқи тоҷик ҳикоят мекунад, ки наметавон онро саҳл пиндошт. Ҳотамов дар ин сӯгномааш, аввалан дар бораи тоҷикони Узбакистон, баъдан дар бораи тоҷикони Бухоро, миқдор ё нуфуси аҳолӣ ва таркиби қавмии он, вазъи мукотиби тоҷикӣ дар Бухоро, муносибати тоҷикон ба забон ва миллати худ ҳарф зада, дар охир андешаҳои худро пешниҳод мекунад. Бино ба таҳқиқи ӯ, тоҷикони Бухоро дар муносибат ба забон ва миллати худ ба се даста тақсим мешаванд: 1)Онҳое, ки ба забон ва миллати худ содиқанд ва барои эҳёи он талош меварзанд, вале дастгиру мутакое надоранд. 2)Онҳое, ки ба забон ва миллати худ бетафовутанд ва баракси гурӯҳи аввал чун дар сари дастгоҳи роҳбарӣ ҳастанд, аз дига-

рон бештар дар несту нобуд кардани забони тоҷикӣ саҳм мегузоранд, зеро барои онҳо мансаб болотар аз миллату забон ва дин аст. 3) Ба ин гурӯҳ касоне дохил мешаванд, ки забону миллати худро комилан фаромӯш кардаанд ва намедонанд, ки аслан ва урфан тоҷиканд. Андешаҳои Ҳотамов дар мавриди ғамхорӣ нисбати тоҷикони Узбакистон ва эҳёи забони тоҷикӣ дар ин остон қобили таваҷҷӯҳ аст. Худо кунад, ки нияти неки ӯ ҷомаи амал пӯшад. «Умари дуруғ кӯтоҳ аст» – матлабе аз Ҳазрат Сабоҳӣ қисмати панҷуми фасли дуюмро ташкил мекунад, ки низ ба масъалаи нодида гирифтани саҳми тоҷикон дар эҷоди ҳунарҳои мухталифи аҳди бостон ва қуруни вусто бахшида шудааст. Ҳамчунин дар бахши дуюм муаллиф ба мақолаи пур аз дурӯғи олими ӯзбак Худойбердӣ Дониёров, ки Афросиёбро турк ва Самарқандро «Симизкинт» хондааст, ҷавоб мегӯяд. Дар қисмати охир мақолаи пурмӯҳтавои Саиди Саъидзодаи Самарқандӣ бо номи «Таърихи сиёсати тоҷикони Афғонистон» ҷой дода шуда, ки перомуни таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми таҳҷоии ин сарзамин, яъне тоҷикон баҳси доманадор меравад. Аз навиштаи Саъидзода бармеояд, ки он сарнавиште, ки тоҷикони Ӯзбакистон доранд, тоҷикони Афғонистон дар замони салтанати Нодиршоҳ аз сар гузаронида буданд.

Ин ҷо сари он надоштам, ки дар бораи бурду бохти мақолоти ин китоб ҳарф бизанам. Муроди ман он буд, ки аз мӯҳтавои ин китоб шаммае ба ҳаммилатонам бирасонам, то ҳама онро мутолиа кунему аз таърихи Ватану миллат ва вазъи кунунии он огаҳ шавем ва агар битавонем заррае ба дарди он дармон бахшем. Агар мо ҳамагӣ чун муаллифони мақолоти ин китоб ва алалхусус гирдоваранда ва муҳаққиқи он Мирзо Шукурзода дар ғами миллат бисӯзему дар талоши ободии Ватан бошем, ба қавли устод Лоиқ «бемуҳобо, хонаи душман бисӯзад». Аз Худованди мутаъол таманнои онро дорам, ки «танашон ба нози табибон ниёзманд мабод», зеро саломатии миллат аз саломатии эшон аст. Бемуҳобо китоби «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» тозиёнаи бедорӣ барои ҳар яки мо – тоҷикони Осиёи Миёна ва хориҷ аз он хоҳад буд.

*«Тоҷикон дар қаламрави Ориёно», чопи дуввум, Душанбе, с. 2009, саҳ. 450.*

*Шералӣ МӮСОЗОДА*

# ҶОНПАЙВАНД

Аввали моҳи июли соли ҷорӣ ҳафтаномаи «Адабиёт в санъат» хабари хуш расонд. Рӯйхати адибонеро ки ба Ҷоизаи адабии ба номи устод Садриддин Айнӣ мушараф гаштаанд дарҷ гардид ва дар байни онҳо номи Мирзо Шукурзодаро хондам. Аз ин муждаи нек табъам шукуфт. Диламро ҳисси шодмоние фаро гирифт. Албатта, ин сабаб дошт. Чанде пеш Мирзо Шукурзода китоби «Ҷонпайванд»-ро бо соядаст ба ман тӯҳфа карда буд: «Эҳдо барои қаламкаши пуркор ва соҳибном, ҷаноби Шералии Мӯсо:

*Шералӣ Мӯсо ба ҷон пайванд бош,*
*Арҷмандӣ, беш аз ин арҷманд бош!*
Мирзо Шукурзода – муаллифи «Ҷонпайванд».
5 апрели соли 2007».

Ин тӯҳфаест бароям бебаҳо!

Ва чунин тӯҳфаро инсони дорои дили сафед карда метавонад. Ин аст, ки гуфтаи устод Фазлиддин Муҳаммадиев ба ёдам омад: «Хислати одам ба дилаш мувофиқ мешудааст. Дил сафед бошад, даст кушод, назар баланд мешудааст. Дигар гап не. Ба халқ ҳар қадар зиёд бахшӣ, ба худат ҳамон қадар зиёдтар мемонад».

Китобро на танҳо бо шавқу лаззат, балки бо андӯҳ ва дарду алам хондам. Ва ҳамзамон фармудаи Президенти кишвар, Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ёдам омад: «Мо бояд аз таърих шӯъла бардорем, на хокистар…».

Барҳақ, китоби «Ҷонпайванд» шӯълаест, ки муаллиф аз андешаҳо, бардоштҳо ва мушоҳидаҳои чандинсола барафрӯхтааст. Ва хушбахтона, дар он ормон, иддао ва талабу таманнои худро дарёфтам. Ба фикри ман сирри аз тарафи хонандагон хуш пазируфта шудани китоб ҳам дар ҳамин аст.

Ин сатрҳоро менигораму андешаҳоям ба гузашта мераванд. Оре, ҳамеша фикру хаёл инсонро ба олами бекаронаи хотираҳои дуру наздик мебаранд. Ман дер боз бо Мирзо Шукурзода дӯстӣ дорам. Чашмони меҳрбор, ситораи гарми ин марди қадбаланди хушчеҳра аз маънии ҳаёти ӯ шаҳодат

медиҳад. Ниҳоят хоксор, хеле камгап ва ботамкин аст. Илова бар ин вай фардест накӯкору накӯрафтор ва шарики ғаму шодии дӯстон. Борҳо аз меҳрубонию маслиҳатҳои ӯ бархӯрдор гаштаам. Мирзо Шукурзода аввал чун рӯзноманигор ва очеркнависи ҳақиқатҷӯй ва ҳақиқатнигор маълум гашт. Эҷодиёти рангину намакинаш пур аз масоили доғи рӯзанд. Аслан вай хеле кам менависад. Бештар дар ҷустуҷӯст. Аз ин рӯ дар ин роҳ ӯ раҳгум намезанад. Бад-ин минвол қонуни пайвандгарӣ вайрон намешавад. Андешаҳо ҳалқа ба ҳалқа бамаънӣ пайванд мегардад. Адиб дар офариниш худро озод эҳсос мекунад. Зеро такя ба ирода ва рӯҳи баланд дорад. Аз маҷмӯа ба маҷмӯа пеш мерафт, ба барорҳои эҷодӣ соҳиб мегардид, азми қуллаҳои нав мекард. Комёбиҳои ӯ бошад, мо, дӯстонро шоду мамнун менамуд.

Лоиқи зикр аст, ки саҳми Мирзо Шукурзода дар инкишофи жанри як қадар костаи публитсистикаи адабиёти тоҷик кам нест. Гузашта аз ин ӯ тавонист хеле моҳирона публитсистикаро бо бадеият биёмезад. Ин омезиш забони осорашро рангин ва хотирнишин сохтааст. Очерку эссе ва рисолаҳои Мирзо Шукурзода – «Рӯҳи бешикаст», «Теғи ҷонбахш», «Сангнавишт», «Шодие дар дилҳо» далели ин гуфтаҳоянд.

Боиси хушнудист, ки баътар Мирзо Шукурзода ба эҷоди шеър шурӯъ намуд. Ҳамзамон ба таҳқиқу пажӯҳишҳои илмӣ камар баст. Ва дар ҳамаи ин ҷодаҳо ба комёбиҳои чашмгире даст ёфтааст.

Ӯ то ки ба қуллаи мақсуд бирасад, ранҷу азоби зиёдеро аз сар мегузаронад, вале ба ҳамаи он тоқат мекунад. Вай медонад, ки бе азоб ба қулла баромада наметавонад ва пайроҳаи осонро намеписандад. Ғизои моддиро як сӯ гузошта, ҳамеша аз паи серии ақл кӯшидааст.

Соиби Исфаҳонии Табрезӣ:

*«Умрҳо бояд, ки то як кӯдаке аз рӯи завқ*
*Олиме гардад наку ё шоире ширинсухан».*

«Олим шудан осон, одам шудан мушкил». Ин зарбулмасали халқӣ фаровон истифода мешавад. Дар саволу ҷавобҳои Нӯшервони Одил ва Бузургмеҳр омадааст: «Кадом кас аст, ки ҳар ҷо, ки равад, ӯро дӯст доранд?». «Соҳиби илму адаб».

Ҳамин илму адаб буд, ки ӯ осори пурбаҳое офарид. Ва ин

осораш на танҳо дар диёри мо, балки дар кишварҳои Эрону Покистон низ ба нашр расида, мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифт. Аммо худи ӯ тағйир наёфт. То кунун бо ман чун дӯст ва бародар муносибат мекунад.

Маҷмӯаи «Ҷонпайванд» бисту ду мақолаи бузургҳаҷми илмӣ ва пажӯҳиширо дар бар дорад. Аввалан, унвони мақолот ва забони онҳо низ зебову шоиронаанд. Сониян, ҳар яке хеле нозук ва мӯшикофона таълиф шуда, мантиқи қавӣ доранд. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин нест. Зеро мавзӯи таҳқиқи муаллиф таҳриф ва саҳлангориро намепазирад. Наметавонад дурӯғ занад, сиёҳро сафед маънидод кунад. Бояд ҳақиқатро навишт ва масъулиятро шинохт.

Вале чӣ мушкил аст ин!

Бале, мушкил агар эътимод набошад. Ва Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун чӣ ҳақ менависад: «Маҳаки ростини садоқат ба Ватанро танҳо аз мағзи эътимод меёбӣ».

Бале, дар синаи Мирзо Шукурзода диле саршор аз ишқ ба меҳан метапад!

Ва китоби «Ҷонпайванд», ки бо амри виҷдон офарида шудааст, нишони садоқатмандию меҳанпарастист. Ман ин китоби пурарзишро на танҳо беҳтарин публитсистикаи тоҷик, балки беҳтарин осори илмӣ дар риштаи робиташиносӣ маҳсуб медонам. Ҳеҷ ягон рӯйдоди ин олам берун аз қонуни фалсафа – сабаб ва натиҷа – рух намедиҳад. Нигоштаи муаллиф ҳам бесабаб нест. Ҳам ҳадаф ва ҳам мухотаб дорад.

Миллати тоҷик душвориҳои зиёдеро аз сар гузаронид. Ба мулки тоҷикон киҳое, ки лашкар накашид – Искандари Мақдунӣ, Арабҳо, Чингизхон, Турку Темур ва бисёр қавмҳои тороҷгару харобкор. Ҳамаи онҳо як мақсад доштанд: куштану сӯхтану бурдан ва миллати тоҷикро нобуд кардан. Муаллиф ҳам дар мақолаи «Ман дигарам? Ту дигарӣ?» менависад: «…Дар вазорат ва идораҳо борҳо пурсидаанд, ки банда «форсиро куҷо ёд дорам». Посух медиҳам, ки: «Ман тоҷикистониям ва забони модарии мо форсист».

– Оҳ-ҳо, шумо моли мо будед як замоне!

На бародарони фаромӯшкор! Мо ба ҳеҷ сурат яке моли дигаре набудем дар дарозои таърих, фақат сарнавишти наҳс баробари мил кашидан ба чашмони Рӯдакӣ моро низ бебасорат ва як қалби воҳидро чандин қисмат кард, ки на

фақат макони худро аз ёд бурдем, балки номи худро аз ёд бурдем. Теғи Темур ва Чингиз на фақат ҷисми мо, ҳатто ҳофизаи таърихии моро абгор ва захмӣ намуд, ки ҳанӯз ҳам ниёз ба дармони онро дорем…».

Имрӯз ҳам ҳастанд чунин сияҳдилон ва бадниятону бадкирдорон. Мухотаби муаллиф ана ҳаминҳоянд. Ва боз онҳое ҳастанд, ки мехоҳанд, ҳамбастагии форсизабононро халалдор кунанд. Миёни онҳо ҳисорҳои оҳанин эҷод намоянд. Ҳадафи ӯ поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарӣ, ҳифзи асолати фарҳангу тамаддуни ориёӣ, гиромидошти осори миллӣ ва муқаддас доштани ватани аҷдодӣ мебошад.

Ин нияти хеле нек аст. Нияти нек ними давлат. Аз ин рӯ ҳар касе, ки ватани худро, миллати худро, гузаштаву имрӯзаву ояндаи худро дӯст медорад, бояд ин китобро мутолиа бикунад.

Бале, «Ҷонпайванд» китобест, ки бояд ҳама хонад!

Суханро эъҷоз мегӯянд. Рост аст. Вале сеҳри қалами Мирзо Шукурзода ин эъҷозро тахти равон мебахшад. Ва ҳар як навиштааш дили хонандаро ба хурӯш меорад. Зеро ба қавли Шоири халқии Тоҷикистон Сафармуҳаммад Айюбӣ:

*«…Чун ҳақиқат талху ширинам,*
*Чун садоқат софу рангинам.*
*Чун рафоқат сахту сангинам,*
*Ростипарварду бекинам.*
*Чун муҳаббат поку ҷаззобам…».*

Ва боз муҳимтар он аст, ки адиб бо хуни дил навишта, фарёди синасӯз аз ҷигар кашида, бо забони дилу ҷон сухан меронад. Ва туро дар ту эҳё мекунад. Ва ба худи ту мешиносонад. Туро дар ту ба ҳаракат меорад. Ва ба қуллаи Помир, қуллаи худшиносӣ ва нангу номус мебарад. Бале, мебарад, то ки ту:

Якум – Ба осмону ахтарон дар гуфтӯгӯ бошӣ ва ба ҷаҳон бинигарӣ;

Дуюм – Ба умқи ин мисраҳо бирасӣ:

«Тоҷику эрониву афғон чаро,

Мо дар ин дунё, ки аз як модарем?».

Сеюм – Забони модарии худро, ки забони шеър аст, забони завқ аст, забони дил аст, забони рӯҳ аст пок бидорӣ;

Чорум – Бо Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Ҳофизи Шерозӣ ҳамсафар бишавӣ;

Панҷум – Дӯстро аз душман ҷудо карда тавонӣ;

Шашум – Аз дил кинаро дур намуда, синаро аз буғзу ҳасад пок бисозӣ.

Дили Мирзо Шукурзода барои миллат месӯзад, ҷони ӯ барои миллат дард мекашад. Аз ин рӯст, ки талошҳои ӯ дар ин бобат барабас нарафтанд. Ва ҳар як рисолаи китоб арзиши асари адабии ҷудогонаеро молик аст. Шоир дар ин маврид баҷо гуфта:

«Ба манзил расид он, ки пӯянда буд,
Беҳӣ ёфт он кас, ки ҷӯянда буд».

Бе ягон муҳобот китоби «Ҷонпайванд» пайвандгари ҷонҳои бедор мебошад. Ва талоши муаллиф талоши равшангарӣ, талоши бедоргарӣ ва қудратзост. Ин хеле ва хеле хуб аст. Зеро ба фармудаи худои ғазал ва орифи тавонои порс, бо нерӯи иттиҳод ва ҳамбастагӣ метавон ҳама гуна орзу ва мақосиди олиро бароварда кард:

«Ҳуснат ба иттифоқи малоҳат ҷаҳон гирифт,
Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт!».

Мехоҳам, ки ҳамаи мардуми мо дар ҳаёт низ чунин бошанд ва аз гуфтору пиндор ва рафтори мо ҷаҳониён ибрат гиранд. Ба гуфти Ҳилолии бузург:

«Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад».

*15 июли соли 2007*

*Юсуфи АКБАРЗОДА*

## МАЪНИИ ЯК БАЙТ БУДЕМ…

Китобе роҷеъ ба хизматҳои пурсамари фарҳангӣ ва илмию адабии донишманди тавонои Эрон Алиасғари Шеърдӯст ба табъ расид, ки ба қалами як нафар фидоии фарҳангу адаби тоҷик, ки фаъолияти қариб сисолаи хешро ба пайвастани робитаҳои адабии Эрону Тоҷикистон бахшидааст, Мирзо Шукурзода мутааллиқ буда, «Кимёгари дурри дарӣ» (Душанбе, 2008) ном дорад.

Мирзо Шукурзода, ки чанд сол дар Ҷумҳурии Исломии Эрон маъмурияту мусофират дошт, дар роҳи ба ҳам пайвастани риштаҳои баркандаи илмию адабии Эрону Тоҷикистон корҳои шоистае анҷом додааст, зеро заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист?

Аҳли илму адаби ҷумҳурӣ нек медонанд, ки ӯ дар радифи фарҳангиёни номвари тоҷик Азимқул Насимов, Комил Бекзода ва дигарон дар ташвиқу тарғиб ва муаррифии беҳтарин намунаҳои осори илмию адабӣ ва фарҳанги форсӣ хизмати шоиста кардааст. Номбурда дар солҳои баъди истиқлолияти давлатии Тоҷикистон яке аз интишордиҳанда ва ташвиқгари забону адабу фарҳанги тоҷикӣ дар байни эрониён маҳсуб мешавад.

Китобҳои пурарзиши М. Шукурзода «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» (Душанбе, 1990), «Тоҷикон дар масири таърих» (Теҳрон, 1373 ҳ. ш., Пешовар, 1378 ҳ. ш. ), «Ҷонпайванд» (Душанбе, «Адиб», 2006), китоби мавриди назар ва мақолаҳои сершумори ӯ дар саҳифаҳои матбуоти Эрон дар роҳи худогоҳию хештаншиносӣ, ҳувияти миллӣ ва қавитару устувортар гардонидани пайвандҳои илмию адабии байни ду кишвари бародар нақши муҳим бозидаанд.

Муаллиф дар рисолаи «Кимёгари дурри дарӣ» кӯшидааст, ки пажӯҳишҳои илмии доктор Алиасғари Шеърдӯстро муфассалу мукаммал, бо ҳама ҷузъиёташ, сифатҳои неки инсонӣ ва офаридгорию созмондиҳияш дар қаламрави забону адаби форсӣ, дар Осиёи Марказию Озарбойҷон бо забони поку шевои форсии тоҷикӣ ба мардум муаррифӣ намояд. Аз ҳар сатри китоби «Кимёгари дурри дарӣ» садои ҷӯшишу зарабони қалби нигоранда, ки оганда аз меҳру муҳаббат ба ҳамкасб ва дӯсти содиқи эронист, шунида мешавад. Ӯ таҳқиқот ва одамияти баланд, ҷавонмардиву фидокориҳои ҷаноби оқои Шеърдӯстро мавриди пажӯҳиш қарор дода аз ҷумла нигоштааст: «Дар ниҳодҳои мухталифи фарҳангиву сиёсии Эрон борҳо аз забони ашхоси ҳақгӯй ва хушбин шунидаам, ки гуфтаанд: Шеърдӯст марди орифмашрабест аз табори Мавлонову Шамс ва ҷои дил дар сина офтоби ишқу отифа ба инсонҳоро мепарварад. Ӯ роҳи каромат ва некӯӣ ба дили инсонро меҷӯяд ва барои ӯ ҳеҷ фарқе надорад, ки ин Инсон (Инсоне, ки Мавлонову Саъдиву Аттор дар орзуяш буданд) аз кадом тираву табар аст, куҷоӣ асту бо чӣ забоне такаллум мекунад… Эро-

ниву эроният, ишқ ба ислому мусалмони воқеъӣ ва муҳаббат ба забони малакутии форсӣ ҷойгоҳи хоссе дар сарочаи дили ӯ дорад… Амали ҳамарӯзаи Алиасғари Шеърдӯст дар олами фазл, дар таҳқиқу баррасии мӯшикофонаи маҳсули фикру андешаи аҳли қалам монои мушкест, ки фазои дилу димоғи дилбастагони адабро атрогин мекунад. Илова бар вироиш ва нигориши муқаддима ба садҳо китоб, дар Эрон ва хориҷ аз он…, ҳашт унвон китоб аз таълифоти эшон ба чоп расидааст» (саҳ. 25) М. Шукурзода афзудааст, ки аз донишмандон ва шахсиятҳои сиёсиву дипломатию фарҳангии кишварҳои ҳамсоя касеро намедонем, ки дар ҳадду мақоми доктор Алиасғари Шеърдӯст барои эҳёву бозсозии анъаноту суннатҳои миллии мардуми тоҷик, бахусус наҷоти ин миллат аз бӯҳрони амиқи солҳои ҷанги шаҳрвандӣ талош варзида бошад. Дар ин солҳои сангин ӯ баробар бо мо барои хомӯш кардани оташи ҷанг даҳҳо маъмурият дошт ва ба ҳайси мушовири аршади Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон дар таҳкими равобити сиёсӣ ва иқтисодии ду миллати бародар хидмати боарзиш ва мондагори таърихӣ анҷом дод. Доктор Шеърдӯст мақомоти олирутбаи ватанашро пайваста водор ба авзои Тоҷикистон месозад. Ӯ талош варзидааст, ки раванди наздикшавӣ, қаробати забони дарии Афғонистон, тоҷикии Фарорӯд ва форсии Теҳронро суръат бибахшад. Ин аст, ки беш аз сад китоб аз муаллифони тоҷик дар заминаҳои мухталиф ба нашр расонд…

«Форсии дарии тоҷикӣ аз нигоҳи доктор Шеърдӯст занҷири тиллоии васлати миллатҳои мусулмони мухталифи минтақа аст. Бо нирӯи халлоқ ва собиқаи дурахшони таърихӣ ва ҷаззобияти хосе, ки ин забони малакутӣ дорад, метавон ҳама гуна шайтанатҳо ва дасисаҳоеро, ки душманони хориҷии мо эҷод мекунанд, хунсо кард» (саҳ. 28-29).

Чунонки дар рисолаи «Кимёгари дурри дарӣ» зикр ёфтааст, яке аз хидматҳои писандида ва боарзиши доктор Шеърдӯст дар пойтахти тоҷикон ба роҳ андохтани нашри фаслномаи «Пайванд»-номаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон аст, ки ба алифбои форсӣ ва сириллик ва забони инглисӣ низ тарҷума ва нашр мешавад. Ин фаслнома моро аз Чин то ба қалби Аврупо мепайвандад. Фаслномаи «Пайванд» дар шароити феълӣ чи рисолатеро бар ӯҳда дорад? Дар саҳифаҳои он дар имтидоди панҷ-шаш соли охир кадом масъ-

алаи муҳими рӯз матраҳ шуд ва мавзӯъ ва мӯҳтавои матолиби он то чӣ ҳад посӯхгӯи ҷомиаи форсизабонон аст ва доктор Шеърдӯст имрӯз дар нашр ва умури илмиву созмондиҳии ин фаслнома чӣ саҳме дорад.

Ба ин суолҳои муаллифи китоби зикршуда посӯхи дақиқ ироа намудааст. Доктор Шеърдӯст комилан дуруст таъкид кардааст, ки Эрону Афғонистону Тоҷикистон се миллат нестанд, балки ҷони воҳид ва фарзанди як модар ҳастанд, ки аз як пистон шир нӯш кардаанд. Ба қавли Муҳаммад Иқбол «Шабнами як субҳи хонадонем мо» ва «Шабнами боғҳои фарҳанг дар Рай, Табрез, Шероз, Балх. Ҳирот, Хуҷанд ва Хатлон якест».

Фаслномаи Анҷумани эронишиносони кишварҳои собиқ Шӯравӣ – «Эроншинохт», ки низ бо ибтикори доктор Шеърдӯст таъсис ёфтаву (1995) дар Теҳрон ба забонҳои форсиву русиву инглисӣ тарҷума ва нашр мешавад, дар инкишофу равнақ ва густариши забону адаби форсӣ дар кишварҳои Шарқу Ғарб хизмати шоистае ба ҷо меорад. Бахши дуюми «Кимёгари дурри дарӣ» «Ҷовидон пайванд» унвон дорад. Муаллиф дар ин фасл ба таҳқиқи китоби арзишманди Алиасғари Шеърдӯст «Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон» пардохтааст. Доктор Шеърдӯст дар рисолаи «Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон» ба саргаҳу сарчашмаҳои азалии шеъри форсӣ чашми диққат дӯхта, ба далелу санадҳои раднопазир собит кардааст, ки забони дарӣ ва баъдан адабиёти дарӣ пеш аз давраи Сомониён ба шаклу сурати шифоҳӣ ҷойгоҳ дошт аммо бо тадриҷ ба сурати мактуб зуҳур ёфт. Рӯдакӣ поягузори баргузидаи марҳалаи расмии шеъри дарӣ худ бархоста аз Мовароуннаҳр (Фарорӯд) аст. Шоироне чун Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Робиъаи Балхӣ, Дақиқии Тӯсӣ ва … ҳама дар ҳавзаи ҳокимияти Сомонӣ мезистанд ва аз ҳимояти амирон бархурдор буданд. Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ – ҳамосасарои бузург ҳам аз шоирони ҳавзаи адабии Хуросону Мовароуннаҳр буд» (саҳ. 17).

Таркибҳои ҷадиди «забони тоҷикӣ», «адабиёти тоҷикӣ», «фарҳанги тоҷикӣ» ва… пас аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Сусиолистии Тоҷикистон (1924) арзи ҳастӣ карданд. Дар ҳоле ки ин забону адабиёту фарҳанг қисми таркибӣ ва обхӯрда аз ҳамон сарчашмаи файёзи забону адабиёти бузурги форсист. Муҳимтарин хусусият ва «нави»-и ин забону адабиёт дар

содагардонӣ, тарҷумазадагӣ ва ба фаҳму дарки оммаҳои васеи мардум мутобиқ кардан, аз ғановату латофату назокату покию нобии забони ҳазорсола дур рафтану омиёна гардидани онҳост.

Танҳо аз охирҳои солҳои панҷоҳуму солҳои шастуму ҳафтодуми садаи бист ба ин тараф кӯшиши ҷиддие дар роҳи ба маснади асливу азалии хеш баршинонидани ин забону ин адабиёт ба роҳ андохта шуд.

Доктор Шеърдӯст ҳамин давраи шеъри тоҷикиро, ки хеле ғаниву пурбор аст, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ӯ нигоштааст:

«Иддаи маҳдуди шуарои ибтидои қарни бистум баъд аз пойдор шудани сохти Шӯравӣ дар Тоҷикистон то охири умрашон дар ҷараёни «таҷаддуд»-и шеър, яъне омиёна кардани сухани шоирона ширкат варзиданд, ҳарчанд баъзе аз онҳо, мисли Садриддин Айнӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, (Абдурауфи Фитрат – Ю.А.), Пайрав Сулаймонӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва… дар замони худ дар роҳи таҳаввули шеъри тоҷикии даврони Шӯравӣ хадамоте аз худ зоҳир намудаанд.

Меъёрҳо ва рукнҳои асосии шеъри тоҷикии даврони Шӯравӣ дар осори Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҳабиб Юсуфӣ… муайян шуд. Аз нимаи солҳои панҷоҳуми қарни бистум.

Шуарое мисли Ғаффор Мирзо, (Аминҷон Шукӯҳӣ – Ю.А.), Мӯъмин Қаноат ва аз солҳои 60 Лоиқ, Гулрухсор, Бозор Собир, Гулназар ва чанд тани дигар ба шеъри тоҷикӣ тағйироти сифатӣ ворид намуданд» (саҳ. 21-22).

Таваҷҷӯҳи асосии доктор Шеърдӯст маҳз ба ҳамин давраи таҳаввулоту таҷаддуд ва «тағйироти сифатии» шеъри тоҷикӣ, ки давраи тиллоии адабиёти тоҷикии айёми шӯравӣ маҳсуб мешавад, ҷалб ва мутаваҷҷеҳ шудааст, ки бузургтарин ва шоистатарин шоирони ин «давраи тиллоӣ» Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир ба ҳисоб меравaнд.

Бесабаб нест, ки нахустин гулчини ашъори шоирони тоҷик, ки бо ташаббуси доктор Шеърдӯст дар Эрон ба табъ расид, «Гулчини ашъори устод Лоиқ Шералӣ» (1372-1996) буд.

Яке аз масоил ва мақолаҳои асосии китоби мазкури Мирзо Шукурзода «Сайре дар жарфои шеъри имрӯзи тоҷик» аст, ки дар ҳамкорӣ бо устод Ардамеҳр (Фотеҳи Абдуллоҳ) таълиф шудааст.

Дар ин мақола одилона зикр шудааст, ки ин китоби арзишманд ва пурмӯҳтаво «нахустин рисолаи илмӣ дар бораи шеъри қарни бистуми тоҷикони Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар Эрон мунташир шудааст ва он натиҷа ва пайомади заҳамот ва мутолиъоту ковишгариҳои ин донишманди мӯҳтарам тайи солҳои зиёд аст, ки бидуни тардид армуғони нағз ва бамағз ба дӯстдорон ва пажӯҳишгарони шеъри форсии мовароимарзҳои сиёсӣ аст.

Бояд тазаккур дод, ки ин асар дар ҳаёти адабии мо низ ҳодисаи чашмгирест, зеро дар наздиктарин солҳо роҷеъ ба вазъи шеъри имрӯзи Тоҷикистон ба ин амиқию дақиқию саҳеҳию фарохӣ асаре арзи вуҷуд накардааст. Китоб бисёр навбиниҳое дорад, ки қаблан дар нақди адабии мо ифшо ва гуфта нашудаанд. Аз ҷумла доктор Шеърдӯст зикр намудааст, шоирони кунунии тоҷик дар таквини тасвир ғолибан аз сабки ҳиндӣ ва шоирони романтики рус баҳраҳо бардоштаанд, ин дар илми адабиётшиносии мо сухани нав аст.

Нигорандагони мақола дар дунболаи ин биниши тоза афзудаанд, ки муҳаққиқи мудаққиқ «дар шеърҳои тасвиргаро шоирон (Лоиқу Бозор – Ю. А)-ро чун наққошони чирадасте мебинад, ки рӯҳи зебописанди онон зеҳнашро ба сӯи шаклҳо ва рангҳои гуногуни табиат мекашонад ва бо ёрии рангҳо ашъори дилангез ва шаффофе офаридаанд, ки дар батни ин манзараҳои каломӣ ҳаяҷону изтироб, меҳр ва эътирози иҷтимоӣ ва инфиродии мардум махсус аст ва беҳтарин намунаҳои нақш пироии шоирон қодир аст хаёлоти наққошони воқеиро барангезад ва ба эҷоди нигораҳо ё тоблуҳои нодир ва ғайритакрорӣ ва... ҳидоят намояд» Ҳамчунин таъкид шудааст, ки доктор Шеърдӯст «тасаллути комил ба таърихи фарҳанг ва адаби форсӣ дорад. Лизо гоҳе нуқоти қуват ва заъфи шеъри тоҷикро дар қиёси намунаҳои дирӯзин ва имрӯзини шеъри форсӣ ба риштаи таҳқиқ мекашад ва аз ҷумла дар мавриди навпардозиҳо дар корбурди парадокс андешаҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ баён медорад... Метавон гуфт, тасвирҳои парадоксии шеъри Тоҷикистон ағлаб муваффақтар аз намунаҳои эронии он аст... Пай гирифтани ин шева дар борварии тасвирииояндаи шеъри тоҷик асаргузор хоҳад буд.

Овардаанд, ки муҳаққиқи дақиқбин дар фасли «Дарунмояи шеър» овардааст; «Шеъри қарни бистуми тоҷик ба намунаҳои

дилпазир ва шевои худ дорои рӯҳи эътирозӣ ва исёнӣ буд ва дар сангарҳо пинҳонӣ ва ошкор алайҳи режими коммунистӣ қарор дошт ва аз арзишҳо ва бунмояҳои бузург ва мутаъолии миллӣ, амсоли забони модарӣ, фарҳанги мардумӣ, таърихи меҳан, сарзаминҳои аздастрафтае чун Бухорову Самарқанд дифоъ мекард ва бузургони қавмро бузург медошт ва миллатро аз бӯҳрони ҳувият барҳазар менамуд. Шоироне ба унвони ҳофизони ҳофизаи таърихӣ ва посдорони забони модарӣ дар ҷустуҷӯи ҳувияти гумшудаи миллӣ, мазҳабӣ ва фарҳангии хеш буданд ва бо ҳасрату пажмон аз шукӯҳ ва ҷалоли сипаришудаи қавм ва мақому ҷойгоҳи таърихии ӯ сухан мегуфтанд.

Муаллифони мақола яке аз бозёфтҳои Алиасғари Шеърдӯстро дар шеъри тоҷикӣ дар ибтикороти шоирони тоҷик дар кашфи қобилиятҳо ва тавонмандии вазн, қофия, радиф ва калима, «айбҳо ва нуқсҳои шеъри тоҷикӣ» дарёфтаанд, ки «бо далоил ва қароини гӯё иддаои худро ба субут» расонида, ин навоқиси аносири оҳангсозро «бурҳони вазну қофия» номгузорӣ кардаанд. Таъкид шудааст, ки шуарои тоҷик аз «чашмасорони файёз ва шодоби устодони шеъри форсӣ Нимо Юшиҷ, Фурӯғи Фаррухзод, Нодирпур, Маҳдии Ахавони Солис, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва… ташнагӣ шикастаанд, ки худ ангезаи аслии зуҳури шеъри нав ё шеъри сафед дар ин марзу бум гардид ва алъон басо таронагӯён дар шева ва сабки нимоӣ тағаззул мекунанд» (саҳ. 47).

Яке аз қисматҳои асосӣ, арзишманд ва пурмӯҳтавои китоби мазкури доктор Шеърдӯст «Таърихи шеъри Эрон бар шеъри муосири Тоҷикистон» аст. Қаблан дар атрофи он «баҳсе» сурат гирифт ва дар вақташ аз тарафи устод Шакурӣ ва инҷониб ба он даъвогарон ҷавоби дандоншикан дода шуда буд.

Дар ҷаҳон забону адабиёту фарҳанге бидуни асарбардорӣ аз дигарон вуҷуд надорад ва устодони шеъру адаби форсӣ инчунин.

Ҳарчанд дар тӯли асрҳо тоҷикон, аз ҳамзабонони эрониву афғонии хеш дур афтода ва расман ҷудо буданд, робитаҳои адабию фарҳангӣ комилан қатъ нагардида, ба ҳар ҳол ошкору ниҳон ва каму беш идома доштанд.

Масалан соли 1948 рӯзҳои ҷашни панҷсадсолагии зодрӯзи Алишери Навоӣ дар Тошканд шоири тавонои Эрон Алиасғари Ҳикмат бо устод Садриддин Айнӣ вохӯрда буд, ки

ҳосили ин вохӯрӣ шеъри «Риштаи пайванди милал. Як зарбулмасали тоҷикӣ» аст:

*«Ҳамсоя зи ҳамсоя басе панд бигирад,*
*Ангур зи ангур ҳаме ранг бигирад».*
*Оре, масал аст ин ба бари мардуми тоҷик,*
*Аз ҳар масале аҳли адаб панд бигирад.*
*Ҳар ҷониvару сангу дарахте, ки ба гетист,*
*Сад панд аз ин марди хирадманд бигирад.*
*Ин қитъа ниёзест ба ширинсухане, к-ӯ*
*Сад тунги шакар аз лаби чун қанд бигирад.*
*Садри адабу айни ҳунар Айни доно,*
*К-аш даҳр наёрад, ки ҳамонанд, бигирад…*

Чун ин сатрҳо ба гӯши устоди доно Садриддин Айнӣ расид, ҷавобияе навишт, ки «Барги сабзи дӯстона аз қабили тиккаи муҳаббат» унвон дошт ва дар ин «тиккаи муҳаббат» аз ҷумла зикр шудааст:

*Ҳамсоя зи ҳамсоя ба худ ранг бигирад,*
*Ҳар тор зи тори дигар оҳанг бигирад.*
*Оҳанг ду гунаст – мухолиф ва мувофиқ…*
*Доно натавонад, ки ҳар оҳанг бигирад.*
*Донишвари бемисл – Алиасғари Ҳикмат,*
*Ҳикмат созад, аз дониши ӯ ранг бигирад.*
*Асғар буданаш ном, вале маънии Акбар –*
*Дар хеш чу огӯши хирад танг бигирад.*
*Алмос агарчанд бувад хурд ба зоҳир,*
*Оби рухи ёқути гаронсанг бигирад…*

Дар омади сухан бояд бигӯем, ки 38 сол муқаддам (1971) дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№12) роҷеъ ба равобити адаби (ва баҳрабардории шоирони ҷавони тоҷик аз шоирони эронӣ)-и муқими Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон бо номи «Созҳои ҳамнаво» мақолае ба чоп расонида будам, ки боиси норизоӣ ва баҳсу талоши адибону муҳаққиқин гардид. Эроди асосии баъзе мунаққидони тоҷик аз ин навишта ин буд, ки поягузори шеъри нави Шӯравӣ Владимир Маяковский аст ва мо тоҷикон шеъри навро на аз эрониёну Нимо Юшич, балки аз адабиёти рус ва албатта аз Владимир Маяковский

омӯхтаем ва адабиёти муосири тоҷик дар таркиби адабиёти шӯравӣ аз пешқадамтарин адабиёти ҷаҳон аст. Биноан на мо аз эрониён, балки эрониён бояд аз мо биомӯзанд». Аз асари чунин танқидҳои беасосу сиёсатолуда буд, ки ман шакли мукаммали ин мақоларо то соли 1990 дубора чоп карда натавонистам. Ин мақола танҳо дар китоби «Ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ ва ахлоқӣ» (1990, саҳ. 97-132) пас аз бист сол дубора ба чоп расид.

Доктор Алиасғари Шеърдӯст ин масъаларо басо фароху амиқу дақиқ ва бо далелҳои раднопазир собит кардааст. Ӯ дар интиҳои китоб ба сифати хулоса овардааст: «Акнун ҷараёни таомули адабӣ миёни Эрон ва Тоҷикистон рӯй ба суръату густариш ниҳодааст ва бад-ин тартиб таъсиру таассури мутақобили шеъри ду кишвари ҳамзабон низ рӯй ба фузунӣ хоҳад ниҳод ва ин амр дар таҳаввули шеъри форсӣ бетаъсир нахоҳад буд… Ва аз ин раҳгузор шеъри ду кишвар дигарбора дар ҳам гиреҳ хоҳанд хӯрд ва якӣ хоҳанд шуд» (саҳ. 258).

Муҳаққиқони тоҷик аз ин андешаҳои муҳаққиқи арҷманди эронӣ ба чунин натиҷа расидаанд: «Мо бо доктор Шеърдӯст ҳамназарии комил дорем ва бар он пиндорем, ки пас аз чанде дар бораи адабиёти ягонаи форсӣ сухан хоҳем гуфт…

Рисолаи донишманди арҷманд Шеърдӯст аз нахустин гомҳои муборак ва ҳумоюн дар роҳи бозёбӣ ва бозшиносии порае аз шеъри форсӣ мебошад, ки сарзамини модар бо он ошноӣ надошт.

Мирзо Шукурзода дар мақолаи «Таровиши қанди порсӣ дар зебокаломи доктор Шеърдӯст» аз пажӯҳишҳои доктор Шеърдӯст тамҷид менамояд. Ӯ одилона қазоват кардааст, ки аз оғози фурӯпошии Шӯравӣ то айёми мо дар Эрони гиромӣ ҳеҷ фарде дар ҳадди ӯ дар ҳавзаи адабии Қафқозу Осиёи Миёна рӯи масоили ҳувияти миллӣ ва фарҳангии минтақаи зикршуда корҳои чашмгири пажӯҳишӣ анҷом надодааст. Ӯ осеберо, ки забони форсӣ дар Арон (Озарбойҷони шӯравии собиқ) ва Мовароуннаҳр мутаҳаммил шуд, амиқ дарк кард ва тавассути қалами бурро ва андӯхтаҳои гирои илмии хеш ба пайвастани гусастагиҳои фарҳангӣ даст зад. Ё худ дар мақолаи «Таҳкими пайвастагиҳои фарҳангӣ ва талошҳо дар ин замина» нигоштааст: «Фаъолияти Алиасғари Шеърдӯст дар ин ҷабҳа танҳо ба Эрон ва кишварҳои ҳамзабон бо он –

Афғонистону Тоҷикистон маҳдуд нашуд, балки хориҷ аз ин сарзаминҳо рафт. Ӯ нисбати сарнавишти Афғонистон бетафовут набудааст ва дар навиштаҳояш «риштаҳои аслии фоҷиаи сарзамини суханварони сутурги порсигӯ чун Мавлои Балх, Саноиву Ҷомӣ, Миралишери Навоӣ ва садҳо тан амсоли онон мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Доктор Шеърдӯст дар мақолаҳои арзишмандаш дар вазъи кунунии Афғонистон «на танҳо ба дифои забони ҳамагонии ин хиттаи овозаманди Шарқ, яъне забони форсии дарӣ бархост, балки аз мудохилаи бегонагон дар умури дохилии ин кишвар бо лаҳни тунд интиқод кард.

Ӯ, бинобар таъкиди М. Шукурзода аз камназиртарин муҳаққиқони муосири мо дар ҳавзаи фарҳангии Эрону Афғонистону Тоҷикистон аст, ки шеърро ба забони шеър нақду баррасӣ мекунад. Таъбиру ҷумалоти шеъргуна метаровад аз рангинкамони андешааш, ба ҳадде ошиқони суханро мушаввақ месозад, ки шефтагони маънӣ маҷбур мешаванд, то поёни қисса бо ӯ бошанд. Мушаххас аст, ки бо тамоми маънӣ ошиқи синачоки каломи мавзун аст ӯ ва чун шаҳриёри мулки сухан бо шеър ба сайру сафарҳои дили арбобони фазл мебарояд.

Агар гӯем, ки ҳар сухане, ки Алиасғари Шеърдӯст ба кутуби шеъру насри удабои тоҷик навиштааст, худ як таҳқиқот ва сухани тоза дар шинохти осори онҳост, хато нахоҳад шуд. Ин қисмати фаъолияти Шеърдӯст дар мақолаи «Нақди шеър бо забони шеър ва баёни орифона» бисёр самимона ва дилсӯзона таҳлилу баррасӣ шудааст.

Мирзо Шукурзода дуруст дарк кардааст, ки Шеърдӯст ба навоқис ва костиҳои шеъри тоҷик камтар таваҷҷӯҳ дорад ва шояд ишқи саршор ба тоҷикону сарзамини онон ва шоирону осорашон ба ӯ маҷоли ҷустуҷӯ ва дарёфти каму костиҳоро надодааст».

Касе, ки дастовардҳо, хубиҳоро мебинад, ба дарки айбу ҷурмҳо низ қодир аст. Вале на ҳар кас забони гуфтану гӯши ҷиллату ҷурмшунавӣ дорад. Ман аз таҷрибаи мунаққидии худам медонам, ки камтарин ва ҳақиртарин адиби тоҷик тобу тоқати шунидани ҷузътарин айбу гуноҳро надорад. Устод Лоиқ нақл карда буд, ки чун гулчини ашъорашро ба форсӣ баргардон карданд, бисёр айбу ҷурми шеъраш дар риояи мантиқ, вазну қофия ошкор шудааст ва маҷбур шудааст, ки

ин норасоиҳову ҷурмҳои шеърашро барои хонандаи эронӣ ислоҳ кунад. Пас кулли шоирони мо дар мазмуну мантиқу таносуби сухан ва вазну қофия кам ё беш норасоию камбудӣ доранд. Устод Алиасғари Шеърдӯст ин камбудиҳоро медонад, вале табиати некбинӣ ва дили нарму инсонияти баланди ӯ иҷоза намедиҳанд, ки онҳоро ошкоро иброз дорад, то хотири дӯстонаш озурда нашавад. Ӯ нек медонад, ки:

*Ҳарчанд ки тифл зишт бошад,*
*Дар чашми падар биҳишт бошад.*

(Эраҷ Мирзо)

Дил мехоҳад, ки устоди арҷманд Шеърдӯст дар радифи дидану ошкор кардани дастовардҳо айбу иллати шеъри моро низ баррасӣ намояд, то дар шеъри тоҷикӣ ҷурму нуқсҳо камтар гардад.

Дар муқаддимаи «Кимёгари дурри дарӣ» андешаҳои устоди арҷманд Муҳаммадҷони Шакурӣ ва камина, инчунин сипосномаҳои арҷмандоне чун Худоӣ Шарифзода «Чамани бозёфта», Мирзо Муллоаҳмад «Озарбойҷон дар чашмандози илмии Алиасғари Шеърдӯст», Абдуманнони Насриддин «Фарзанди Хуҷанду Табрез; Шаҳобиддини Шуҷоъ «Доктор Шеърдӯст ва Шаҳриёри шеъри Эрон» роҷеъ ба зиндагинома, эҷодиёт ва талошу кушишҳои доктор Шеърдӯст дар роҳи пайвастани риштаҳои гусастаи робитаҳои адабию фарҳангии кишварҳои ҳамзабон дар боби «Иловаҳо» дарҷ шудаанд, ки низ арзиши баланди илмиву адабӣ доранд ва симои шарифи доктор Шеърдӯстро пурҷилотар, муаззаму мукаррам мегардонанд.

Мазмуну моҳияти ин ҳама талошу фидокориҳоро ин шоҳбайти Соиби Табрезӣ тақвият мебахшад:

*Маънии як байт будем аз тариқи Иттиҳод,*
*Чун ду мисраъ гарчи дар зоҳир ҷудо будем мо.*

*ГУЛНАЗАР,*
*Шоири халқии Тоҷикистон,*
*Барандаи ҷоизаи Рӯдакӣ*

## «ШЕЪРИ МАН ИСЁНИ БИСЁРИ МАН АСТ»

Соҳиби ин маҷмӯаро дар доираҳои адабии Тоҷикистон хуб мешиносанд. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» («Ҷумҳурият») ва нашриёти «Адиб» адои хидмат кардааст. Солҳое, ки Мирзо Шукурзода бо рӯзноманигорӣ иштиғол дошт, мувофиқи бардошти замон масъалаҳои доғи рӯзро ба қалам меовард ва шояд ҳамин дарди модарзод буд, ки оҳиста-оҳиста ба кушодани печидагиҳои таъриху дардҳои миллат даст зад. Чанд китоби шоистаи ӯ: «Тоҷикон дар масири таърих», «Наводири зиёия», «Тоҷикон, орёиҳо ва флоти Эрон», «Себи Самарқанд», «Парниёну ҳариру абрешим» ва ғайра тавассути нашрияҳои мӯътабар ва мухталифи Эрон ба табъ расид, гувоҳи онанд, ки ӯ низ чун фарзандони барӯманди ин обу хок ба қисмати гузашта, имрӯз ва фардои диёраш бетараф нест. Арзиши корҳои дар кишвари ҳамкешу ҳамзабони мо Эрон анҷом додаи ӯ дар он аст, ки бори дигар дар маҳофили густурдатар ва пурҷамоаттар аз фарҳангу суннату ойинҳои вожаи тоҷикӣ сухан гуфт ва дар шиносонидани ҳаммилатонаш нақши носутурданӣ гузошт. Ба назари ман, чун мавридаш фаро расад, месазад, ки ин рисолаҳо дар расмулхати имрӯзи тоҷикон низ ба таъ расанд, зеро чунин амал аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Бояд гуфт, ки ҳама ифтихору ҳаяҷону ҳайрату нигароние, ки Мирзо Шукурзода дар асарҳояш нисбат ба таъриху фарҳанги миллат дорад, дар ин маҷмӯаи шеърҳояш низ роҳ ёфтаанд.

Аз шеъргӯии Мирзо шояд на ҳама ҳамқаламону ҳамқадамонаш огоҳанд. Оре, ӯ ҳамеша шеър мегуфтааст, аммо ин роҳро офтобӣ намекардааст.

Бо исрор ва тақозои чанде аз дӯстон Мирзо Шукурзода шеърҳояшро гирд оварда, ба хонандагони гиромӣ пешниҳод карданист. Забони шеъри ӯ равон, суханаш қавӣ, андешаҳояш равшану нишонрасанд.

Бо ин ҳама фазилатҳо ӯ худро шоир нашуморад ва даъвои

шоъирӣ ҳам надорад. Ин ҷо чанд байт ба шоҳидӣ меорам, то худ қазоват кунед, ки ӯ то кучо шоир аст:

*Нафаси поки Масеҳост, бурун меояд,*
*Юсуфо, шод бизӣ, Мисри вафо меоӣ!*

* * *

*Нашнавад то ҳарфи гайёвони гажд,*
*Аз худо гӯши гарон пурсида буд.*

* * *

*Масеҳи дидаи ту зиндаам кард,*
*Магар бӯи ватан меояд аз ту?*

Аз миёни ғазалу рубоиву дубайтиву маснавиҳои Мирзо Шукурзода мисли байтҳои боло метавон бисёр мисраъҳоро гулчин кард. Аммо беҳ он аст, ки худи хонандаи борикбин бихонаду мутобиқи завқу табъи худ кайфият бардорад.

Ман Мирзо Шукурзодаро дар роҳи эҷодӣ дар шуғлҳои гуногун дидаам. Имрӯз ба ӯ, ҳамчун ба шоир, роҳи сафед ва барори кор орзу мекунам.

*Ҷӯра ЮСУФИ*

## «АШКИ САРИ МИЖГОНИ МАН»

Мирзо Шукурзодаро, ки зодаву парвардаи деҳаи суханофари Худгифи Сояи Кӯҳистони Мастчоҳ аст, метавон як сарсупурдаи фарҳанги миллат номид. Ӯ, ки фаъолияти хешро ҳамчун корманди рӯзномаи он замонҳо маъруфи «Тоҷикистони советӣ» оғоз бахшида буд, дертар бо қиссаҳои мустанад ва ҳикояҳои дилнишинаш «Баҳодури Дилварзин» (дар ҳамкорӣ бо равоншод Мулло Боқӣ, 1976), «Ситораҳои рахшанда» (1986), «Теғи ҷонбахш» (1989) худро чун публитсист ва нависанда муаррифӣ кард.

Понздаҳ соли дар Ҷумҳурии Исломии Эрон кору иқомат карданаш самти фаъолияти Мирзо Шукурзодаро тағйир дод.

Ҳадафи ягонаи ӯ муаррифии тоҷикон ба эрониён ва соири форсизабонони ҷаҳон буд. Бино бар ин ӯ ба хати форсӣ маҷмӯаҳоеро бо унвонҳои «Тоҷикон дар масири таърих», «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон», «Парниёну ҳариру абрешим», мақолаҳои бисёри илмию таҳқиқотие дар матбуот ва «Донишномаи адаби форсӣ» ба табъ расонд, ки ҳамагӣ исботи пайванди ногусастании ақвоми эронӣ мебошанд. Бо саъю кӯшиш ва эҳтимоми Мирзо Шукурзода хонандагони Эрон бо рӯзгор ва осори адибони тоҷик Аҳмад Мираминзода («Кӯҳкане аз користони дил»), Садри Зиё («Наводири Зиёия»), Лоиқ Шералӣ («Рӯҳи Рахш» дар 628 саҳифа), Гулрухсор (ду маҷмӯаи ашъор), рубоиёту дубайтиҳои мардумӣ («Себи Самарқанд») ошно шуданд. Ҳамчунин, Мирзо Шукурзода асарҳо ва мақолоти донишмандони эронӣ Муртазо Мутаҳаррӣ, Беозори Шерозӣ ва дигаронро ба ҳуруфоти кириллӣ барои хонандагони тоҷик баргардон кардааст.

Чанде пеш аз тариқи нашриёти «Деваштич»-и шаҳри Душанбе китоби нави Мирзо Шукурзода бо номи «Ашки сари мижгони ман» дар ҳаҷми 120 саҳифа, бо теъдоди 400 нусха ба табъ расид, ки аз камолоти мавсуф дар шеър дарак медиҳад. Тавре устод Гулназар дар пешгуфтори китоб навиштааст: «Аз шеъргӯии Мирзо шояд на ҳама ҳамқаламону ҳамқадамонаш огоҳанд. Оре, ӯ ҳамеша шеър мегуфтааст, аммо ин роҳро офтобӣ намекардааст... Забони шеъри ӯ равон, суханаш қавӣ, андешаҳояш равшану нишонрасанд».

Худи муаллиф ҳам дар дебочаи китоб мегӯяд, ки ӯ ҳаргиз даъвои шоирӣ надоштааст ва «... агар байтеву таронаеву чакомае аз қалами нотавони ман таровид, ӯ худ ба суроғам омад ва банда ҳаргиз қасди шеър сохтан ва зӯр базӯракӣ ғазал бофтанро надоштаам».

Китоб аз 6 бахш: «Гиряи дил» (ашъори маъмул), «Ғазалвораҳо», «Бешаи сабз» (гулчини рубоиёт), «Обилаборон» (дубайтиҳо), «Хори ба дил нишаста» (манзумаҳо) ва «Равзаи розҳо» (таронаҳои мансур) иборат аст ва хонандаи борикбин бо як гирифтан ба даст, бемуҳобо, онро то охир мехонад ва дар сафи китобҳои рӯимизияш мемонад.

*Вароруд 32(170) 7 сентябри соли 2005*

*Нӯъмони РАҶАБЗОДА*

# ҚАЛАМКАШ БУВАД ЁРИ ШАМШЕРКАШ…

Чанде пеш интишороти «Адиб» маҷмӯаи мақолаҳои нависанда ва муҳаққиқи тоҷик Мирзо Шукурзодаро таҳти унвони «Ҷонпайванд» ба нашр расонд. Ба ин маҷмӯъа донишманди маъруф, профессор Абдуманнон Насриддинов сарсухан навишта, мӯҳтавои матолиби ин маҷмӯъа ва хидматҳои фарҳангии муаллифро дар таҳкими робитаҳои фарҳангии кишварҳои форсизабон самимона васф кардааст. Мо низ муаллифро ба эҷоди китоби тозааш табрик мекунем. Ногуфта намонад, ки Мирзо Шукурзода фаъолияти эҷодии худро дар риштаи рӯзноманигорӣ дар рӯзномаи пуртираж ва овозаманди «Тоҷикистони советӣ» шурӯъ карда буд. Номбурда акнун дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» фаъолият дорад ва хушбахтона, чанде пеш ӯ меҳмони нашрияи мо буд. Инак, мусоҳибае дорем бо муаллифи китоби «Ҷонпайванд», ки ба муносибати рӯзи матбуоти тоҷик доир гардид.

– Назари Шумо дар бораи вазифа ва рисолати як рӯзноманигор дар чист?

– Саволи Шумо маро ба ёди ин мисраи рангин андохт: «Қаламкаш бувад ёри шамшеркаш. » Аллома Садриддин Айнӣ, ки мо эшонро падари адабиёт ва матбуоти тоҷик меномем, ҳанӯз дар оғози солҳои бисти қарни гузашта, ба шогирдони худ мурожиат карда буданд: «Барои эҳёи ҷомеа бояд даст ба домани сайфу қалам занем. » Воқеан, қаламро ба шамшер ташбеҳ намуданд, ҳамин худ баёнгари масъулияти бузурги рӯзноманигор дар назди миллат ва меҳани ӯст. Агар матбуот оинаи ҷомеа аст, журналист оинадори он аст ва дар оина пешрафт ва костагиҳои рӯзгор бояд шаффоф, қотеъона ва бо таҳлили амиқ инъикос ёбад. Қаламкаш он вақт дар кори худ муваффақ мешавад, ки дилсӯзи воқеии ҷомеа бошад. Вақте бо палаштиҳо, коррупсия ва дигар падидаҳои зишт мехоҳад мубориза барад, қабл аз ҳама бояд худашро аз ин гирдоб эмин дорад. Рисолати як рӯзноманигор хидмат ба ватан ва миллат аст ва ӯ бояд ҳаргиз дар баробари нуқсонҳои ҷомеа сабукбор ва бетараф набошад.

– Чӣ фарқе миёни матбуоти замони шӯравӣ ва рӯзгори феълии мо мебинед?

– Албатта, матбуот дар режими гузашта комилан дар хидмати идеологияи он замон буд. Озодии матбуот ба маънои воқеияш вуҷуд надошт. Қалами рӯзноманигорон дар хидмати режим ба сар метохт. Аммо набояд аз ҷанбаҳои хуби матбуоти шӯравӣ ва хидмати рӯзноманигорони он сарфи назар кард. Рӯзнома ва маҷаллаҳои даврони шӯравӣ масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро бисёр амиқ ва густарда таҷлилу баррасӣ мекарданд. Соҳаҳои ақибафтодаи ҷомеа, ашхоси музир ва номатлубе амсоли ришвахорон, бюрократҳо, роҳбарони нолоиқи соҳаҳои иқтисодӣ шадидан мавриди интиқод қарор мегирифтанд. Мавзӯи покизагии ахлоқ, одаму одамгарӣ, лаҷом задани нафси саркаш, умуман, ҳар чизи хуб дар ҳадди олӣ таблиғ мешуд. Ва ин кӯмаке буд аз сӯи журналистон барои дастгоҳ ва мақомоти он рӯзгор.

Дар рӯзгори мо вазифаи матбуот ва қаламкашон самтҳои нав пайдо кард. Матбуоти хусусӣ ва журналистони озод падид омадаанд. Акнун на фақат масоили иқтисодию иҷтимоӣ, балки мавзӯъҳои муҳими сиёсӣ низ аз мадди назарашон дур нест. Вазъи озодии матбуот дар кишвари мо нисбат ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя хеле беҳтар аст. Падидаҳои номатлуби ҷомеа, хусусан, дар рӯзномаҳои озод ва ғайридавлатӣ мунсифона интиқод мешаванд. Рӯзноманигорон талош мекунанд, ки камбудиҳоро аз сари роҳ бардоранд, то кишварамон бӯҳрони иқтисодиро паси сар кунад ва баробари кишварҳои мутараққии ҷаҳон ҳамқадам гардад. Аммо ҷасорати рӯзноманигорон (ба вижа матбуоти давлатӣ)–ро ман нисбат ба даврони шӯравӣ заиф мебинам. Онҳо аз интиқоди нуқсу камбудиҳои ҷомеа, вазирону дигар сарварони ташкилоту вазоратҳо ибо мекунанад, нависанд ҳам, суханашон қотеъ ва бурро нест. Дар ҳоле, ки мақола ва навиштаҳои дорои таҳлили амиқ, каломи бурро ва омӯзанда кӯмак ба мақомоти болоии Ҷумҳурӣ аст. Қаламкаши ростин дар ҳар давру замон фарзанди содиқ ва хидматгузори ҷомеа будааст.

– Шумо, ки хориҷ аз Тоҷикистон сафарҳои зиёде доштед, матбуоти кишварҳои минтақа, хусусан, мамолики форсизабонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Матбуот дар ду кишвари бародари мо – Афғонистон ва Эрон комилан дар ҳоли рушд аст. Дар ҳарду кишвар садҳо номгӯи рӯзномаву маҷалла ҳамарӯза нашр мешаванд ва бо сифати олии полиграфӣ ба табъ мерасанд. Рӯзномаҳои хусусӣ

ва озод дар хидмати ҷомеаанд. Матбуоти ҳарду кишвар, хусусан, матбуоти озод ва ғайридавлатӣ масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳояшонро бо лаҳни шадид мекӯбанд. Агар дар Эрон рӯзноманигорон рӯи ин масъала андоза нигаҳ доранд, вале дар Афғонистон қаламкашон баъзе вақт пой аз ҳадди гилемашон фузунтар дароз мекунанд. Ман дар баъзе навиштаҳои онҳо, на ин ки интиқод, балки таҳқир ва тавҳини ашхоси баландмартабаи кишварашонро мушоҳида кардам, ки ин барои мо, шарқзодагон, аз рӯи одобу инсоф нест.

– Профессор Абдуманнон Насриддинов барои китоби Шумо барои маҷмӯъаи «Ҷонпайванд» муқаддимаи бисёр самимӣ навиштаанд. Аз ҷумла, гуфтаанд, ки «Мирзо Шукурзода масъалаҳои публитсистикаро бо илм омезиш додааст. Ӯ чун рӯзноманигори ҳирфаӣ ба ин майдон ворид гардид ва дар ин майдон ба тадриҷ бо таҳқиқу пажӯҳишҳои илмӣ пайванд хӯрд. Беҳтар он аст, ки бигӯем: нигоҳи хештанро бо гавҳари таҳқиқ умқ ва сафои бештаре бахшид. ». Воқеан, Шумо розӣ ҳастед, ки аз хидмати матбуот раҳо ёфта, рӯ ба илм ва адабиёт овардед?

– Ман, албатта, ҳарчанд ба таълиф ва таҳияи 16 китоб дар Тоҷикистон ва Эрон даст ёфтам, боз ҳам фаъолияти илмӣ ва пажӯҳишии худро хеле андак ва ночиз мешуморам. Мутаассифона, кор дар рӯзнома (он ҳам ҳудуди 15 сол) ба фаъолияти илмии ман, завқи шеърписандии банда латма зад. Шояд ба кори матбуот камтар даст мезадам, дар таълифи осори илмӣ ва адабӣ ва эҷоди шеър, ки хотири мисли оина мусаффоро тақозо дорад, ба чизе мерасидам. Аммо, одам бо умед зиндааст ва агар Худо умре ва хотири хушеву саломатӣ насиб гардонад, шояд дар оянда осори кироманд аз худ боқӣ гузорам. Алҳол ду китоб аз банда, роҷеъ ба мубориза ва зиндагии марди шуҷоъи таърих ва ифтихори мо тоҷикон, шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд ва ёрони ӯ дар дасти чоп аст. Боз корҳое рӯи даст дорам, ки дар мусоҳибаҳои баъдӣ барои хонандагони арҷманди ҳафтаномаи «Варорӯд» қисса хоҳам кард. Ба қавли шоир:

*Ноҷӣ, андар дасти шоир рӯзи майдони сухан,*
*Мисраи рангин кам аз шамшери хунолуд нест.*

*7. 03. 2007 № 10 (248) Вароруд*

*Ҷамшеди АЗИМПУР*

# СӮХТАҶОНИ ШӮЪЛАИ БЕДОРӢ

*назаре ба китоби «Тоҷикон дар қаламрави Орёно», гирдоварӣ, пажӯҳиш ва таҳияи Мирзои Шукурзода, – Душанбе, «Деваштич», 2007*

Мирзои Шукурзода пажӯҳишгар ва нависандаи фарзона аст. Аз виҷдонҳои бедори замон аст, ки «ҷонаш дар шӯълаҳои шӯру бедорӣ нисбат ба меҳани якпорчаи Хуросону Эрон месӯзад. Дар шиёрҳои чеҳрааш андӯҳи Бухоро ва Самарқандро метавон дид ва дар танини садояш шавқи бедорӣ ва овои бозгашт ба решаҳои фарҳанги Эрони исломиро метавон шунид». Мирзои Шукурзода аз он ҳушёрмардони миллат аст, ки бо фароҳам овардан ва таҳқиқу тадвини мақолаҳо ва рисолаҳои нависандагони ҷаҳон дар заминаи таърих, забон, ҳунар, мардумшиносӣ ва дигар масоили марбут ба шинохти қавми тоҷик заҳмате сангин кашид ва китоби пурмӯҳтавои «Тоҷикон дар масири таърих»-ро таҳия намуд, ки нахуст соли 1990 бо номи «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» дар Душанбе нашр гардид ва чаҳор бори дигар дар Эрону Покистон таҷдиди чоп шуд.

«Тоҷикон дар қаламрави Орёно» он гуна ки дар муқаддимаи ношир зикр шуда «барге аз дарахти тановару куҳансоли таърихи қавми муаззами тоҷик аст» ва дорои арзиши бузурги илмист. «Тоҷикон дар қаламрави Орёно», ки муодили тоҷикии «Тоҷикон дар масири таърих» аст, пажӯҳиши жарф дар маънии вожаи тоҷик, ҷанбаҳои гуногуни шинохти тоҷикон ва макони аслии будубоши онҳост. Ин китоби арзишманд, ки ба дурустӣ шиносномаи миллати тоҷик аст, чун осори гаронсанги устод Садриддини Айнӣ, аллома Бобоҷон Ғафуров, Сотими Улуғзода, Муҳаммадҷони Шакурӣ ва Лоиқи Шералӣ дар бедорӣ ва худафрӯзии ҳар фарди миллат, дар намудани роҳи саодат, дар расидан ба шукуфоӣ хидмати шоиста дорад.

Мо ин ҷо ба ташреҳи ин китоби гаронарзиш пардохтанӣ нестем. Танҳо мехоҳем ҳадафи Мирзои Шукурзодаро аз таҳияи чунин як шиносномаи миллат пайгирӣ кунем, ки чӣ будааст. Чӣ дарде дар ҷонаш буда, ки ба чунин коре даст ёзи-

да? Ҳадафи ин муҳаққиқи пуркор аз таҳияи ин китоб чӣ буда, метавон аз як гуфтугӯи шоир ва андешаманди эронӣ Пунаи Нидоӣ бо ӯ ба рӯшанӣ дарёфт. Ин нависанда ва муҳаққиқи сӯхтаҷон (ки ҷонаш дар оташи муқаддаси ишқи меҳану миллат сӯхтан дорад) бо муҳаббате, ки ба миллату меҳан дорад, бо он дарде, ки саропои вуҷудашро фаро гирифта (дарди ин миллати сахтҷон, ки аз беадолатии таърих садсолаҳо дар зери шаллоқи қулдурони вақт дар фақру аҷз рӯз кӯр карда ва бештари осори гаронмояашро дасти андешасӯзи айём аз байн бурда, дарди меҳани азиз, ки душманони таърихиаш ҷисми якпорчаи ӯро пора-пора байни худ тақсим намуданд, дарду ҳасрати парешонии ин қавми фарҳангофарин) мепардозад ба пажӯҳиш ва гирдоварии навиштаҳои бузургони воломақоми меҳаниву бурунмарзӣ, то миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд, халлоқият ва тамаддуни оламгири қавми тоҷикро ба исбот расонад. Ва ба исбот ҳам мерасонад, ки мо бекораву бечора набудаем, миллати халлоқ ва боистеъдодем, тамаддунофаринем, бо чароғи донишамон ниме аз ҷаҳонро рӯшан кардаем (ки донишмандони Ғарб эътироф кардаанд: аз Ховар рӯшноӣ бархост), ба сухани худи ӯ «нобиғаҳое чун Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакии Самарқандӣ, Абурайҳони Берунӣ, Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалии Сино ва Носири Хусрави Қубодиёнӣ..., ки ҳама зодаи сарзамини тоҷикон (эрониёни шарқӣ) буда, хадамоти фарҳангии онҳо назди ҷаҳон рӯшантар аз офтоб аст».

Вале пурсише, ки дарднoктар аз ҳар дардест ин аст, ки бо он ҳама дастовардҳои нодири фарҳангӣ – офаридгори фарҳанги дурахшанда ва тамаддуне намиранда будан чаро ин қавми муаззам аз самараи ваҳдат ва ҳамбастагӣ бебаҳра будааст, чаро тоҷикон доиман дар ихтилоф бо ҳам, «мудом дар андешаи хиёнат намудан ба бародарони худ зистаанд», чаро ин қавми озодманиш бо доштани фарзандони силаҳшӯр ва бонангу номусе назири Рустаму Сиёвуш, Сапитамону Деваштич, Абумуслиму Бобаку Муқаннаъ, Темурмалику, Маҳмуди Торобӣ, Восеъ ва билохира Аҳмадшоҳи Масъуд пайваста зери шамшеру қамчин ва зулми бегонагони саҳроӣ мондааст, чаро ин қавми озоданажоду ҳушманд дар як замони сарнавиштсоз (ки баъд аз ҳазор соли бетақдирӣ мебоист тақдири хеш ба дасти хеш менавишт) гӯли душманони собиқадори хешро хӯрд ва ба ҷони ҳам афтоду хуни якдигар рехт, чаро

қанди порсӣ, ки рӯзгорони дароз забони дувуми ҷаҳони ислом буд, дар зодбуми худ, дар сарзаминҳои куҳансоли Фароруд, Хоразм, Марв, Чоч ва Фарғона дар баробари забони кӯчиёни ба ибораи Бозори Собир «донишгадо» мунҷар ба шикаст гардид ва манзалати ҳазорсолаи худро аз даст дод («Акнун ҳамин нобудии тадриҷӣ ва барномарезишуда ду конуни бузурги фарҳангӣ: Самарқанд ва Бухоро таҳдид мекунад, зеро ин шаҳрҳо дар дохили Ҷумҳурии Ӯзбакистон мондаанд»)? Ба дурустӣ, инҳо пурсишҳое ҳастанд, ки дили ҳар пурсанда ва посухдиҳандаро ба дард меорад ва наметавон ба онҳо «бидуни оби чашму ҷӯшиши хуни дил» посухе гуфт. Зиҳӣ бедормардоне, ки аз ин пурсишҳо хор-хоре дар ҷонашон будааст.

Чӣ дарднок аст хондани ин сатрҳо, ки «Ҳарчанд тоҷикҳо дар тамоми таърихи мавҷудияти хеш ба ҳеҷ хиттае ва кишваре лашкар накашидаанд ва дар зеҳни хешу бегона бо сифоте чун нармхӯӣ, хушгӯӣ, кадхудо ва озода, аҳрор, сонеъ ва деҳқон, шоир ва файласуф, мӯъмин ва мусалмон муаррифӣ гардидаанд, боз ҳам ба подоши ин ҳама фазилатҳо теғ бар сар хӯрдаанд ва нештар бар ҷигар...» Оре, ба қавли устоди равоншод Лоиқ:

*Ҷабри таърих ягон қавм надидаст, ки мо,*
*Заҳри таърих нажоде начашидаст, ки мо.*
*Миллате зери фалак бо ҳама фарҳанги сутург*
*Ин қадар зиллату хорӣ накашидаст, ки мо.*
*Миллате дар раҳи тақдир бад-ин танҳоӣ*
*Ба чунин вартаи муҳлик нарасидаст, ки мо.*
*Миллате аз қалами рафта бар аъмоли башар*
*Ин қадар бӯи уқубат нашамидаст, ки мо.*
*Миллате беҷиҳате бо сари пуршӯру баланд*
*Дар сари дори аҷониб натапидаст, ки мо.*

Чаро ин ҳама ҷабри таърих диданҳо, заҳри таърих чашиданҳо, зиллату хорӣ кашиданҳо, ба вартаи муҳлик расиданҳо, бӯи уқубат шамиданҳо ва бар сари дори аҷониб тапиданҳо насиби миллати мо будааст? Мирзои Шукурзода дуруст дармеёбад, ки «Бар асари адами вуҷуди ҳукумати миллӣ ва раҳбаре вораста ва ботадбир мебинем, ки марҳала ба марҳала дар Хуросону Мовароуннаҳр тоҷикон чӣ аз ҷиҳати маънавӣ ва чӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ саркӯб мешаванд ва

ба гуфтаи Бартолд «ин зулми замин то ибтидои садаи бистум идома доштааст. »

Аммо дар ин китоб ба душманоне бадтар аз ин душманони таърихии миллат ишорат мешавад ва гилаи муҳаққиқ ҳам бештар аз онҳост. Вақте устод Лоиқ мегӯяд:

*Чӣ хабар? Чӣ ҷангу даъво? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Кӣ шикаст муҳраи мо? Ту напурсу ман нагӯям.*
*Кӣ бурид решаи мо? Кӣ бисӯхт бешаи мо?*
*Кӣ рабуд ганҷи моро? Ту напурсу ман нагӯям…*

ишорат ба ҳамин душман мекунад. Ва Мирзои Шукурзода ҳам барои шиносонидани чеҳраи ӯ аз «Ман худамро кушта-кушта»-и Бозори Собир мадад мегирад:

*Бар ман аз наздик бинед,*
*То маро чун ман шиносед.*
*То маро чун ман биёбед,*
*аз хароботи Хуросон,*
*Ҳамчунон таърихи Кӯшон…*
*Вой бар ман, вой бар ман, вой бар ман:*
*Бомиёнро сохтам ман,*
*Бомиёнро сӯхтам ман,*
*Кофиён пардохтам ман,*
*Кофиёнро бохтам ман!*
*Тахти Доро дар раҳи ман буд,*
*ман кардам харобаш,*
*Ганҷи Қорун дар кафи ман буд,*
*ман додам ба бодаш.*
*Коҳи бод овардаву хоки сияҳ кардам ҳисобаш…*
*Дод аз ман, дод аз ман,*
*Алъамон, фарёд аз ман!*

Оре, ин душман, ки Бозори Собир аз сохтанҳо ва сӯхтанҳо, коштанҳо ва куштанҳо, мусалмонӣ ва номусалмониҳо, бародаркушӣ ва душманпарвариҳо ва дигар «ҳунар»-ҳояш дар ин шеър бо дард сухан гуфта, худи мо будаем. Бадтар душмане аз мо ба мо кист? Дар ҳар давру замоне бо хӯрдани гӯли аҷониб, ба қавли устод Лоиқ ба чунин нокасию нохалафӣ хуни ҳамхуни худро макидаем, бо бешарафӣ

синаи модари худро буридаем, баҳри зару сим ҷигари ҳамнасабамонро даридаем, зи сари кин дашнаи ташнаи хунро ба ҷигаргоҳи падар халидаем. Оҳ, оҳ аз ин бародаркушию душманпарварии мо, аз ин нокасию нохалафии мо! Ин аст, ки Мирзои Шукурзода бо пеш кашидани он саҳнаҳои мудҳиш чеҳраи қареҳи моро бори дигар ба худи мо менамоёнад, то хиёнатҳову иштибоҳотамонро, ки ҳамеша моро водор ба сарафкандагӣ месозанд, бишносем ва таҷриба ё дарсе аз гузашти рӯзгор омӯхта бошем.

Дигар ҳам масъалае, ки Мирзои Шукурзода дар ин китоби арзишманд матраҳ карда, таърихи табартақсими болшевикӣ дар Осиёи Миёна ва Афғонистон ва ба сабаби ҷурму ҷиноёти зимомдорони қарнҳои мухталиф, аз замони суқути Сомониён то фурӯпошии ампиротурии шӯравӣ аз ҳам ҷудо мондани бародарони ҳамхун ва гузоштани девори пӯлодин байни онҳо, ба чанд тика тақсим гардидани як қалби воҳид аст, ки дар натиҷа пайвастагиҳои таърихиамон заифу фарсуда шуда ва билохира номи худу бародаронамонро аз ёд бурдаем. Оҳ, чӣ қадр дарднок аст, вақте фарзандон домони модар раҳо мекунанду он бӯйи азизу ошноро аз ёд мебаранд, вақте бародарон аз бародарони хеш фаромӯш мекунанду аз ӯ чун бегона ёд меоранд, вақте намедонанд, ки забон ва зодбуми бародарони ҳамхуни онҳо ва табори онҳо чисту куҷост. Менависад: «чӣ дар Теҳрон ва чӣ дар нуқоти дигари Эрон аксар мардум аз куҷо ва кӣ будани тоҷиконро аз хотир бурдаанд. Ин ҷо теъдоде намедонанд, ки тоҷикон бо онҳо чӣ қаробати нажодӣ ва хешӣ доранд ва бо кадом забон ҳарф мезананд. Тоҷикистонро гоҳе бо Гурҷистон, гоҳе бо Туркманистон ва баъзан бо манотиқе, ки фарсаххо аз эроният дур аст, ба ҳам меомезанд. Ин иштибоҳро баъзан садо ва симои Эрон, маъмурони вазоратхонаҳо, ҳавзаҳои фарҳангӣ, баъзан шоирон, олимон ва рӯзноманигорон низ такрор кардаанд ва ҳатто фаромӯш кардаанд, ки бо тоҷикон аз як таборанд…»

Бинобар ин бо овардани мисолҳои зиёде аз ашъори гузаштагон ва луғатномаҳои мӯътабари форсӣ ба ин бародарони аз бародарон фаромӯшкарда ёдрас мешавад, ки «гузаштагони мо дар тамоми мутуни форсӣ калимаи тоҷикро чун ҷойгузини вожаи эронӣ ва форсизабон мавриди истифода қарор додаанд». Ва дар як теъдод аз мақолаҳои ин китоб ҳам, ки баҳсе рӯи ин мавзӯъ аст ва низ фишурда ва натиҷаи

пажӯҳиши донишмандонро (ба қавли шарқшинос Алии Девонақул беш аз яксаду шаст нафар дар таҳқиқ ва баррасии ин калима қалам задаанд) меорад, ки «Вожаи тоҷик дар ибтидо ба унвони номи яке аз қавмҳои Хуросони Бузург, сипас ба тамоми форсизабонони дунё итлоқ гардид ва тамоми уламо ва удабои Машриқзамин аз замонҳои қадим то садаи нуздаҳ калимаи тоҷикро мутааллиқ ба ҳамаи форсизабонон дониста-анд».

Ин ишора танҳо ба бародарони он сӯйи марзи фаромӯшкарда аз мо нест, балки ба худи мо низ ҳаст, то ҳамеша ёдамон бошад, ки мо тоҷикон воқеан ҳам аз нажоди холиси орёием (ба эътиқоди нависанда Лоруси Бузург). Ва ҳам акнун бояд сазовори ин нажоди баланд бошем.

Сазовор будан ба нажоди баланд, шоистаи озодазода будан, яъне чӣ? Яъне шинохтани сиришти орёии худ ва бозгаштан ба худ: нармиву адолатпешагӣ, имон доштан ба ростиву дурустӣ, дорои андешаи волои башардӯстӣ ва хулқу хӯи офаридгорӣ, дарунгароӣ ва қадршиносӣ ва билохира далериву размҷӯӣ (гарданкашу лашкаршикан) ва таҳаммулнопазирӣ дар баробари фиребу дурӯғ ва ҷабру ситам, ки мутаассифона дар ҳазор соли ахир он қадр аз сиришти орёиамон фаромӯш кардем, ки гарданкашиву лашкаршиканиамон намонд ва дар баробари фиребу дурӯғ ва ҷабру ситам ҳам сукут варзидем ва дар фақру аҷз ба сар бурдем ва ҳар чӣ аз моли дунё доштем, ба душманонамон бахшидему додем. Аз ин ҷост нолаи шоири сӯхтаҷон Лоиқ ки:

*Дарего, тоҷикон аз хеш дуранд,*
*Барои дидани худ ҷумла кӯранд,*
*Ба саршон сангборон хам биборад,*
*Ба сони сангхои худ сабуранд.*

Ин дарси ибрат аст, таҷрибаи рӯзгор аст, омӯхтан мебояд. Ҷои андешидан аст, ҷои роҳ ҷустан аст, ки чӣ гуна аз ин ҳама нокасию нохалафиҳо, аз ин гӯли аҷониб хӯрданҳо, аз ин бефаросативу ноаҳлиҳо, аз ин кӯриву дурӣ аз худ вораҳем. Бубинему бишносем, ҳамеша ёдамон бошад, ки душманони мо дар тӯли таърихи дароз бо мо чӣ карданд, мо худ чӣ кардем ба худамон ва имрӯз чӣ кардан дорем. Боре чашм во кунем, ки кӣ будаем, куҷо будаем ва имрӯз кӣ ҳастем, ба куҷо равонаем. Чаро рӯзгоре бо гирифтани домани кӯҳу думи маркаби хеш аз худ фаромӯш кардем, Миҳану миллатро аз ёд бурдем,

ҳар кӣ омаду худро мусалмон гуфт, ба гӯшамон сафсатта хонд, ҳаммазҳаб донистему хонаву ҷоямонро барояш додем, пойбӯсаш шудем… Оре, ин ҳама таҷрибаи талхи рӯзгори мост, мебояд омӯхт, баҳра мебояд гирифт.

Аз ин ҷост, ки Мирзои Шукурзода менависад: «Хиёнату иштибоҳоте, ки дар гузаштаи дуру наздик аз сӯи баъзе аз бародарони мо сар зад, агар дар қарни XXI, ки офтоби андеша ва тафаккури инсонҳо дар ҳоли дурахшиши аъло мебошад, ҷуброн нагардад ва мо боиси боз ҳам тангтар ва фишурдатар гардидани сарзаминҳо ва ҳавзаҳои фарҳангӣ ва сиёсии ақвоми орёӣ ва забони малакутии форсӣ бишавем ва бо эҷоди ихтилоф ва ё беэътиноӣ ба сарнавишти кишварҳоямон дарси ибрат аз гузашта наёмӯзем ва об дар осиёи душманони таърихии худ бирезем, ба қавли устод Бозори Собир: Вой бар мо, вой бар мо, вой бар мо!... »

Китоби гаронарзиши «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно» ба дурустӣ «ҳамосаи хунинҷигарон», нерубахши дил ва тафаккури тоҷикони бедор ва ҳушманд аст (ибораи Валии Самад), ки месазад ба Ҷоизаи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод ва дастгирӣ шавад.

Талошу заҳмати хунинҷигароне назири Мирзои Шукурзода маро ба ёди як байти оташгунаи устод Лоҳутӣ кашонд:

*Ай модари Ватан, писаронат намурдаанд,*
*Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.*

Худо миллати моро ба сӯи рӯшаноӣ ва худафрӯзӣ роҳ намояд!

Дуруд ба сӯхтагони шӯълаи бедорӣ, ба пешвоёни бедории миллат, бод!

*Пайванди ГУЛМУРОД*

## РЕШАПАЙВАНДИ ДИЛУ ҶОН

Нияти навиштани ин сатрҳоро дар бораи китоби тозанашри «Ҷонпайванд»-и рӯзноманигор, шоир ва муҳаққиқи варзида Мирзо Шукурзода баъди мутолиаи он дар сар доштам, зеро муаллифро дер боз мешиносам ва бо килки қаламаш ҳам хуб ошноям.

Соле, ки ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи ягона (ба маънои дорулфунун)-и давлатии Тоҷикистон дохил шудем, М. Шукурзода ва ҳамсабақонашон шӯъбаи рӯзноманигории факултаро хатм карданд. Вале баҳсу мунозираашон бо садорати факулта то дер давом дошт, ки ҳамсабақашон Давлатбеки Қандил раёсати донишгоҳро ба по хезонда: дар дипломи хатмкунандагони шӯъбаи рӯзноманигорӣ ихтисоси муаллими забону адабиёт сабт гардида буд.

Аз ҷониби дигар, бародару бародарзодаашон ҳамсабақони мо буданд, ки ба туфайли онҳо чанд нафар ба маҳфили гарми як гурӯҳ ҷавонони эҷодкори бедору миллатдӯст ва ормонӣ-кормандони рӯзномаҳои пурнуфузи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони советӣ» ва «Маориф ва маданият» роҳ ёфтем. Баҳси онҳо доман ба қаъри таърихи миллат мезад ва дар замоне, ки гуфтани сухане оид ба фарҳанги миллӣ амри муҳол буда, ҷасорату ғайратро тақозо дошт, чи расад ба гуфтугузоре аз бобати маҳдудиятҳои ҳуқуқи тоҷикон дар давлати абарқудрати шӯравӣ ва беадолатиҳои тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна, ки аҳли маҳфил дар атрофи он баҳси гарме меоростанд.

Он замоне буд, ки на ҳар кас ҷуръати чопи шеърҳои пурдарди Бозор Собиру Лоиқ барин шоирони бедорро дошт. Танҳо Бӯринисо Бердиева – муҳаррири рӯзномаи «Маориф ва маданият» – ягона такягоҳ ва пуштибони олимону адибони миллатпарасту худогоҳ бо вуҷуди борҳо гирифториаш ба накӯҳишу сарзаниши сахт ва ҷазо боз ҳам ба нашри чунин нигоштаҳо ҷасорат мекард, ки чанд сол пештар барои мақолаи пурсӯзу алами адиби ғӯррамарг Ғоиб Сафарзода оид ба муаммоҳои фарҳанги миллӣ дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» – нашрияи КМ ҲК Тоҷикистон ва Ҳукумати Тоҷикистон муҳаррири рӯзномаро аз вазифа сабукдӯш карда буданд. Сиёсати замон баъди солҳои бистуми садаи XX, ки он замон матбуоти тоҷик, дар воқеъ, чун чашми бино, гӯши шунаво ва забони гӯё ифодагари дарду ормонҳои миллӣ буд, чунин имкониятро маҳдуд сохт ва дар нигоштаҳо ҳамеша сухан аз боби сиёсати хирадмандонаи ленинӣ оид ба масъалаи миллӣ ва комёбиву зафарҳои халқи шӯравӣ мерафт. Масъалаи миллӣ дар давлати ягонаи пуриқтидори шӯравӣ гӯё муаммое надошт ва ҳар касе, ки аз хусуси оддитарин манфиати миллӣ лаб мекушод, ҷазо мегирифт....

Ростӣ, таҳаммулу бардошти он баҳсҳо ба ман барин як тан дастпарвари макотиби таҳсилоти ҳамагонии деҳоти дурдасти тоҷикнишин ва илова бар ин, дар дохили ҷумҳурии дигар гаронӣ мекард. Вале ноаён дар сарамон нақше барои мулоҳизаи минбаъда мегузошт ва бархе аз сирру асрори ин муаммо, ҳангоме ки муаллими ҷавонамон – ҳоло доктори илмҳои таърих, Арбоби илму техникаи Тоҷикистон, профессор И. Усмонов баъди хатми аспирантура ва ҳимояи рисолаи номзадӣ аз Маскав баргашта, ба дарс шурӯъ кард, ифшо гардид. Моро ба мутолиаи матбуоти солҳои 20-уми садаи гузашта ҳидоят намуд, ки аз баҳси забон то ба мушкилоти мактабҳои тоҷикӣ ва муаммои тақсимоти ҳудудии миллӣ, поймол гардидани ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон аз ҷониби дастандаркорони вақт дар Осиёи Миёна дар рӯзномаву маҷаллаҳои он замон – «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик» ва «Раҳбари дониш» хеле доманадор ва ҷасоратмандона акс ёфта буд.

Баъди мутолиаи ин нигоштаҳо мо, бархе аз донишҷӯёни тахассуси рӯзноманигорӣ каму беш ба моҳияти суханони маҳфили он ҷавонони бедору эҷодкор сарфаҳм рафтем ва дарк кардем, ки сӯзи дилу ҷигари онҳо аз баҳри чист…

Вале бинобар пешниҳоди одилонаи ҳайати таҳририяи «Адабиёт ва санъат» ин китобро барои дарёфти мукофоти ба номи устод Айнӣ дар иншои мақола таваққуф кардам.

Аввалан, М. Шукурзода аз он адибону рӯзноманигорон ва муҳаққиқоне нест, ки ниёз ба муаррифӣ дошта бошад ва сазовориашро ба ҷоиза таъкид кунем, аз хидмату ҳиммати ӯ дар худогоҳиву худшиносӣ, мушаххастараш, эроншиносиву тоҷикшиносӣ ёдовар шавем.

Сонияи, ҳайати донишманду фозили озмун ниёз ба гуфтаҳои ман барин як мухлиси оддии осору андешаи Мирзо Шукурзода надорад ва хуб медонад, ки ӯ кисту чӣ хидмате ба миллати тоҷик кардааст.

Ва аз ҳама муҳимаш, «*мушк он аст, ки худ бибӯяд, на аттораш бигӯяд*», ки гоҳо ин ҳикмати гузаштагони бузургамонро аз хотир мебарорем. Аз рӯйи мафкураи танги маҳалливу қабилавӣ, ҷамоавиву гурӯҳӣ санги ман як ман мегӯем. Дар таърифу тавсифи «худӣ»-ҳо доди суханро медиҳем. Бе ҳеҷ андешаву таҳаммул ба нигоштаамон унвонҳои болохонадорро низ сабт месозем. Боре аз имону виҷдон андешаву таҳаммул намекунем, ки аз мукофоту ҷоиза ё унвону дараҷаи «худӣ»-и

беҳунару ноқобил ба илму фарҳанг чӣ манфиате мерасад ва чаро «воизӣ»-ро пеша мекунем, яъне гуфторамон ба рафторамон мувофиқат намекунад. Дидаву дониста намехоҳем, ки ҳақ ба ҳақдор расад…

Чи хуш аст, ки ҳайати пурнуфузи озмун аз рӯйи адолат асари тозанашри М. Шукурзода «Ҷонпайванд»-ро сазовори ҷоизаи ба номи устод Айнӣ донистанд ва ба гумонам, он на танҳо қадрдонии як асар, балки арҷгузорӣ ба хидмати понздаҳ-бист соли охири ӯст.

Мирзо Шукурзода ҳанӯз дар оғози солҳои 90-уми садаи гузашта, китоберо таҳти унвони «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» дар Душанбе ба табъ расонд, ки дар қатори ду маҷмӯаи «Дарси хештаншиносӣ» баъди солиёни зиёди карахтӣ дар бедории афкори мардум нақши боризе дошт. Соҳибони таъриху фарҳанг, забону адабиёти қадимиву ғаниро водор сохт, ки ба гузашта бо чашми ибрат нигаранд ва сазовору номбардори аҷдоди бузург бошанд.

Гурӯҳе бо таъсиси созмони Ориёи Бузург (аввал Куруши Кабир), ки ҳадафҳои рангину хаёлиро дар ойинномаи он сабт намуда, боз суханро аз фарҳанги оливу ҷаҳонии гузаштагонашон ба миён оварданд ва Мирзо Шукурзода дар он ҳайат буд.

Баъди гузашти солҳо бо ибтикори қавӣ ва ҷасуронаи Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 соли бузургдошти Тамаддуни Ориёӣ эълон гардид, ки боз ҳам душманону нотавобинони миллати тоҷик аз ҳар гӯшаву канори ҷаҳон сару садоҳое баланд карданд. Сарвари давлат бо маърӯзаву мақолаҳои пурмӯҳтавояш ба ин даъвоҳои беасосу пурғараз ҷавоби сазоворе дода, бори дигар ҷойгоҳи тамаддуни бузурги гузаштагонро дар олами мутамаддин бо мисолҳои мушаххас таъкиду таълил намуд. Ҳадафу мақсади башардӯстонаи ин ҷашни бузургро ёдовар шуд…

Вале дар айёме, ки чун рӯъё орзуву ормони чандинсолаи Мирзо Шукурзода – истиқлолияти миллӣ самар оварда, тоҷикон баъди ҳазор сол соҳибдавлатии комил ба даст меоваранд, ӯ роҳ ба сӯйи диёре гирифт, ки барояш дар ҳеч солу замоне бегонагӣ надошт: талабаи мактабхони тоҷик баробари шурӯъ кардани дарси таъриху адабиёт ба ин сарзамини ҳамзабону ҳамфарҳанг, ҳамтаъриху ҳамтақдир, ба ибораи шоири шаҳирамон Лоиқ ҳамтабору ҳамканор, дар замин

ҳамгаҳвораву дар осмон ҳамситора – Эрони бузург дил мебандад ва аз он даврон орзуи зиёрати оромгоҳи бузургони илму адабаш Ҳаким Фирдавсиву Умари Хайём, Синову Камоли Хуҷандӣ, Аттору Ғаззолӣ, Хоҷа Ҳофизу Шайх Саъдӣ ва ёдгориҳои таърихии тахти Ҷамшеду шаҳрҳои афсонавии Тӯсу Нушобур, Машҳаду Шероз, Табризу Исфаҳон, Кошону Ҳамадонро дар дилаш ҷой медиҳад. Ва ин ҳеч муболиғае нест ва як амри табиист: аз тифлӣ дар доманаи кишвари бузурги фарҳангиаш ба камол мерасад, ки он аз қуллаҳои баланди Помир то ба Саҳрои Кабир тӯл кашида ва дар ҳар куҷои ин диёри нопайдоканор то ба ҳол асареву нишоне аз фарҳанги гузаштагонаш побарҷост.

Дар ин диёри афсонаҳо, ки замоне аллома Сайид Насифӣ ба китоби алломаи дигари ҳамзамонаш Садриддини Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», ҳамон асаре, ки бо хуни дил ишно шуда, дар ватани бобоиаш ба сӯхтан ҳукм карда буданд ва ҳоло дар Тоҷикистони соҳибистиқлол чун шиносномаи миллат эътироф гардидааст, тақризи пурсӯзу гудозе навишта, бо ифтихори беандоза таъкид дошт, ки «*намедонам забони форсӣ ин қадар ширин аст ё ҳар забоне барои касоне, ки ба он забон сухан меронанд, ҳамин ширинӣ ва гувороиро дорад. Дар ҳар сурат, ҳар вақт як китоби порсии тозачопшударо мебинам, дар ман суруру шодии махсус падид меояд.*

*Дар шимоли шарқии Эрон имрӯз замини бисёр ҳосилхез воқеъ аст, ки мо дилбастагии махсус ба он дорем. Бисёре аз уламои бузург ақида доранд, ки нажоди мо, яъне нажоди ориёӣ дар он сарзамин, дар доманаи кӯҳҳои Ҳиндукуш ва дар канори рӯди Ҷайҳун – Сайҳун нахустин рӯзҳои зиндагии хушро гузаронидааст. Уламои таърих ақида доранд, ки мо аз он ҷо омадаем ва Эрони имрӯза ба манзилаи хонаи дуввуми мост. Шуарои Туркистон маъруфтарин ашъори порсиро сурудаанд, шаҳрҳои бузург ва ободи ин ноҳия, ки мисли Самарқанду Бухоро, Балх ва ғайра аст, дорулилми мардуми порс буд.*

*Ҳар китоби порсиро, ки мехонем, ҳамеша моро ба ёди ин водии ниёгон меандозад.*

*Орзуи ман ин сарзамини поки ниёгони худро зиёрат кунам ва як бор дар умри хеш ин забони ширини порсиро аз забони самарқандиён, бухориён ва балхиён бишнавам.*

*Он рӯз, ки дар Теҳрон шунидем, Ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон дар он сарзамини аҷдоди мо таъсис шуд, хурсанд*

*шудем, зеро ки медонистем, ки ҳукумати ҷадид бо мо ҳамзабон аст ва мо ҳар ду бародарем. Дирӯз китобе дар идораи «Шафақи сурх» дидам, ки ҳамон хурсандиро ба ман бахшид ва беихтиёр маро мутаҳаррик шуд, ки ин чанд сатрро бинигорам.*

*Ин китоб маҷмӯа аст ва 626 саҳифа ба исми «Намунаи адабиёти тоҷик», ки дар Самарқанд таълиф шуда ва дар Маскав ба табъ расидааст. Гирдоварандаи ин китоб алломаи муосир Садриддин Айнӣ аз аҳрори он диёр ва удабои номии диёри хеш ва аз зумраи мафохири забони мо дар Туркистон аст.*

*Ин китоб шарҳи аҳвол ва мунтахаби гуфтори дувисту бист нафар аз шуаро ва нависандагони мард ва зан аз мардуми ин сарзамини ниёгони мост, ки нахустини эшон Рӯдакии Бухорӣ – падари шеъри порс бошад ва охири онҳо шуарои муосири Туркистон аст.*

*Тасаффуҳи ин китоб ҳар эронӣ ва порсизабонро аз ёд кардани савобиқи рахшандаи забони порсӣ мағрур мекунад. Барои ҳар касе, ки дар адаби порсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад ва бар ҳар эронӣ низ фарз аст, ки лоақал як бор ин китоби нафисро, ки азизтарин раҳоварди бародарони туркистонии мост, бихонад. Дар ҳар сурат ин китоб маро ба ёди як фариҷаи бародарона андохт ва он ин аст, ки аз дур саломе мутавозиёна ва бародарона ба удабои Тоҷикистон тақдим кунам ва ҳамеша тавфиқ ва саодати он сарзамини муқаддасро, ки шаҳди тамаддуни мо ва хазонаи мафохири мо аст, бихоҳам».*

Ин суханон дар замоне ба рӯйи сафҳа омада буд, ки мавҷудияти қавму миллати тоҷикро дастандаркорони вақти ҷумҳурияти шӯравии Туркистон бо пуштибонии роҳбарони марказ дар сарзамини аслиаш, ба иқрори Сайид Насифӣ «*мо аз он ҷо омадаем ва Эрони имрӯза ба манзилаи хонаи дуввуми мост»* ба ҳар васила инкор ва бо таъсири мадраса форсигӯ шудани бархе аз турконро дар ин сарзамин «собит» мекарданд

Вале Мирзо Шукурзода чун ба зодгоҳи ин аллома омад, ҳолати дигареро мушоҳида кард. Аксарияти кулли ҳамзабонону ҳамзамонони равшанфикри ӯ дар Эрон на танҳо аз забону адабиёти ҳамфарҳагони худ, балки мавҷудияти як кишвари дигари форсизабон бо исми Тоҷикистон хабаре надоранд ва ба саволи «Шумо қавмеро ё миллатеро бо номи «тоҷик» мешиносед, ҷавоб медиҳанд, ки «не, воллоҳ. Тот, балуч, курд, лур, осурӣ, афғонӣ ҳастанд туи Эрон.

– Исми Тоҷикистонро чӣ? Шунидаед ин номро?

– Оҳо…Точикистон…ин дар Гурҷистон аст? Шӯравӣ? Ҳамин тур не…

– На, ин тур не!

Ва ноумед мешавам ман… Ҳамсӯҳбатам низ худоҳофизӣ мекунад ва бо шитоб меравад аз канори ман».

Ё дар вазорату идораҳои ин кишвари ҳамрешаву табор аз форсизабони дигар борҳо пурсон мешаванд, ки форсиро аз куҷо ёд дорад?

Чун посухи «тоҷикистониям, забони модарии мо форсист»-ро мешуниданд, боз ҳам мегуфтанд: – «Оҳ-ҳо, шумо моли мо будед як замоне!

Не, бародарони фаромӯшкор! Мо ба ҳеч сурат яке моли дигаре набудем дар дарозои таърих, фақат санавишти наҳс баробари мил кашидан ба чашмони Рӯдакӣ моро низ бебасорат ва як қалби воҳидро чандин қисмат кард, ки на фақат макони худро аз ёд бурдем, балки номи худро аз ёд бурдем. Теғи Темур ва Чингиз на фақат ҷисми мо, ҳатто ҳофизаи таърихии моро абгор ва захмӣ намуд, ки ҳанӯз ҳам ниёз ба дармони онро дорем…»

Ба ҳамин монанд сӯҳбатҳо, ки мутаассифона, бо аҳли илму фарҳанги ин кишвари бузурги ҳамзабону ҳамфарҳанги мо сурат мегирифт, Мирзо Шукурзодаро таконе ба кори басе заҳматталабу мушкил водор сохт: таърих, фарҳанг, забон, адабиёт ва илму маорифи миллаташро ба бегонагон не, ба ҳамзабонону ҳамфарҳангони худ бозгӯ ва боз суханро аз боби таъриху мероси ягонаи илму адаб, ҳунару фарҳангро оғоз кунад. Яъне мардуми форсигӯи Фарорӯд низ баробари онҳо ифтихори он бузургонро доранд ва соҳиби фарҳанги болову волои ориёӣ ҳастанд. Фаромӯш накунед, ба иқрори бисёре аз бузургони илму адаб нажоди шумо *дар он сарзамин, дар доманаи кӯҳҳои Ҳиндукуш ва дар канори рӯди Ҷайҳун – Сайҳун нахустин рӯзҳои зиндагии хушро гузаронидааст.* Забони форсӣ ба иқрори бисёр донишмандону фозилони Эрон ва чаҳон дар ин сарзамин арзи ҳастӣ карда, нишоне аз он айёму даврон бо вуҷуди тохту тоз ва сӯхтору куштори тасаввурнопазири муғулу турку Темур дар ҳар ёдгории шаҳрҳои бузургу тахтасангҳои кӯҳҳои азимаш барҷост. То забон дорад, бисёр аст ӯ, то забон дорад ватандор аст. Ва ҳамин забону фарҳангаш дар ҳазораи бедавлатиаш давлат кард,

«соҳибдавлатон»-и қудратмандашро маҷбур сохт, ки девондориашонро бо ин забон ба роҳ монанд.

Ва оғоз кард ба иншои мақолот дар саҳифаҳои матбуоти ин кишвар ва дар идомаи китоби «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» шурӯъ намуд ба таълифи китоби дигаре тахти унвони «Тоҷикон дар масири таърих». Гирдоварӣ ва бозгӯ кард он нигоштаҳоеро, ки аз маънии вожаи «тоҷик» то ба таърихи кӯҳани он бо бурҳонҳои қотеъ мавҷудияти чунин қавмеро собит менамуд.

Ин хидмати М. Шукурзода ба иборае як навъ идомаи он кори таърихии устод Айнӣ буд. Тафовут ин ҷост, ки устод Айнӣ бо мақсади поймол нагардидани ҳуқуқҳои ин миллати кӯҳанбунёд дар давлати навтаъсиси шӯравӣ ва мӯҳри хомӯшӣ задан ба даҳони душманони миллаташ кори басе мушкилу заҳматталабро дар муддати кӯтоҳ ба сомон расонид, ӯ посдорони фарҳанги қадимии Ориёиро дар ин сарзамин на танҳо ба мардуми ҳамрешаву пайванди ҷонаш дар Эрон, балки саросари ҷаҳон муаррифӣ кард. То бародарони эронӣ ва форсизабонони дунё донанд, ки тоҷик ҳамрешаи онҳо ва Тоҷикистон кишвари афсонавии форсизабононҳост. Китоб дар муддати кӯтоҳ чаҳор маротиба ба нашр расида, заминаи қавие гардид ба таълифи китобҳои дигари муаллиф…

Дар идомаи ин корҳо соли 2002 дар Теҳрон китоби дигареро бо номи «Парниёну ҳарину абрешим» ба табъ расонд, ки дар он мақолаҳои шаш –ҳафт соли муаллиф аз матбуоти Эрон гирдоварӣ шуда, мӯҳтавои онро баҳсе аз хусуси кишвари ягонаи забону фарҳанги форсиву тоҷикиву дарӣ ташкил медиҳад, ки дар таърих бо номи Ориён ёд мешавад. Гӯшае аз давлати беканори парешон дар чаҳор ақсои олам Афғонистону Тоҷикистону Эрон ном гирифта, ки ёдгоре аз он сарзамини беканори озодазодагон.

Вале, мутаассифона, сиёсатҳову ғаразҳо, нотавонбиниву манфиатҷӯиҳо дар 400-500 соли охир теша ба решаҳо зада, ҷараёни фарҳансӯзу таърихкушро чунон тақвият бахшиданд, ки соҳибони ин тамаддуну фарҳанг дар гӯшае хоби ғафлатро ихтиёр карда буданд. Дар оғози садаи XX ҷавонмарди ҳушёру бедор, маърифатдӯсту маърифатпарвари тоҷик Сайидризои Ализода аз бепарвоиву беғамии ҳамзабононаш дар маркази бостонии фарҳангаш Самарқанд ба фиғон омада, нигошта буд: «*Вайронии ахлоқу одати мо маълум аст. Дар масрафҳои*

*беҳуда мо тугён намудаем. Дар боби хондан ва хонондан парво надорем. Маълум аст, ки диндорӣ ва мусулмонӣ бе илм намешавад. Илмро ба мактаб ва мадраса меомӯзанд. Агар мактабу мадраса хароб бошад, сабаби харобии дин ва дунё мешавад. Агар мактабу мадраса хароб бошад, мардум забон ва хати хешро аз даст медиҳанд*».

Муаллиф барои исботи гуфтаҳои худ тоҷикони Чинро мисол меоварад, ки бинобар надоштани мактабу мадраса забони модариашонро гум кардаанд.

Чи муқоисаи талх, ҷигарсӯз ва дарднокест, ки ҳоло он дар бархе аз манотиқи Фарорӯд самар овардан дорад…

Китоби «Ҷонпайванд»-и М. Шукурзода ҳамон китоби «Парниёну ҳарири абрешим», ки бо ҳуруфи сирилики тоҷикӣ бо дастгирии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 дар нашриёти «Адиб» бо сарсухани пурмӯҳтавои донишманди фарохандеш Абдулманнони Насриддин «Худро зи ҷаҳони хеш пайдо кардам» дар чаҳор фасл ба табъ расидааст. Ва ҳар мақолаи ин маҷмӯа ҳикоятест аз пандҳои таърих ва ҳушдорест ба ҳамзамонону ояндагони қаламрави забони порсӣ, ки аз куҷо ба куҷо расидаем ва ба куҷо хоҳем расид. Дар илоҷи дардҳоямон бояд муштаракан чӣ корҳоро ба сомон расонем ва дар замоне, ки ҷаҳонисозӣ дару девори моро мушт мезанад, бо кадом кӯлвори фарҳанги миллӣ вориди ин раванди бераҳму шафқат гардида, то кадом андоза забону фарҳанги худро эмин дошта метавонем?

Ҷавоби ин суолҳо ва сабақҳои ҷигарсӯзи таърихамон ҳар марди соҳибдилу миллатдӯстро бояд ба андешаи амиқ водор созад, ки дар пешрафти илму фарҳанг ва ҳифзи забони модарии хеш ба қадри имкону тавон хидматеро ба анҷом расонида тавонад.

Дар мақолаи нахустини маҷмӯа «Мо яке рӯҳем андар се бадан» дар фасли аввал таҳти унвони «Хаймаҳои мо ҷудо, дилҳо якест» ба тафриқахоҳону ҷудоиандозони на танҳо бегона, балки худӣ ҷавоби сахте гуфта: «Ҳастанд ашхосе дар Эрон ва иддае дар Тоҷикистон, ки дар миёни фарҳанги ягонаи мо эҷоди тафриқа мекунанд ва об дар осиёби душманони муштараки мо мерезанд. Аммо шумори онҳо беш аз андаке нест. Касе ҳам ба сухани онҳо эътибор намедиҳад, зеро ҳазор сол қабл аз ин рӯзгор Ҳазрати Фирдавсӣ – нобиғаи ҳумоюннажоди Тӯс ба ояндагони сарзаминҳои Эрон ва Тӯрон ҳушдор дода фармудааст:

*Самангону Эрону Тӯрон якест,*
*Аз ин марз то он басе роҳ нест!»*

Ҳамин ҷудоиандозӣ ва тафриқагузориҳо буд, ки бо намояндагони бузурги адабиёту фарҳанги гузаштаи марказҳои ягонаи фарҳангиамон ифтихор дорем, вале «дар Эрон устод Халилӣ «шоири афғонӣ» шинохта мешавад. Дар ҳоле ки ба ғайр аз форсӣ ба ҳеч забоне шеъре ва китобе таълиф накардааст, аммо ҳаммеҳанони устод Халилӣ, амсоли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Заҳири Форёбӣ, Саноии Ғазнавӣ, Шаҳиди Балхӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ…-ро бо тафохур ва ғурури баланд «суханварони эронӣ» мехонанд. Манотиқе, ки ин бузургон ба дунё омада, доди сухан дода, ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонро пурафшон сохтаанд, бахше аз ҳавзаи фарҳангии Хуросони Бузург, Эрон ва Осиёи Миёна буд ва ҳаст».

Вале дар ҳамин чанд садаи охир дар кишваре бо эҷоди тафриқаи мазҳабиву дар кишварҳои дигари форсизабон ба сари қудрат овардани намояндагони ақвоми дигар ба гусастани равобити ҳамешагӣ замина гузошта шуд, ки дар як садаи охир аз ҳам дур шудани ҳамтаборону ҳамканорон решаи амиқ давонд ва ҳатто кор ба ҷое расид, ки дар солҳои 20-уми садаи гузашта барои тоҷикони соҳибзабон забони нав эҷод кардан мехостанд ва гурӯҳе даъво доштанд, ки мардуми ранҷбару заҳмати тоҷик забони китобии мударрису мадрасаро тавони фаҳмидан надорад, чи расад ба забони пурааарабизми матбуоти Эрон. Ва ин кӯшишҳо дар муддати на чандон мадиди таърихӣ самар овард, ки дар як қаламрви бузурги забону фарҳанги порсӣ аз мавҷудияти ҳамтабору ҳамзабони худ дар қаламрави дигари забону фарҳанги порсӣ кам медонанд ё хабар надоранд!

Мирзо Шукурзода дар мақолаву тақриз ва мусоҳибаву мактуби кушодааш кӯшишидааст ҳамзабононро ба сайри таърихии қаламрави ягонаи фарҳангии форсизабонон дар се кишвари ҷудогона–Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон бубарад ва собит созад, ки ин кишварҳо ҳамҷавор набуда, ҳамтаборанд. Ин маънӣ дар мақолаву мусоҳиба ва мактубҳои муҳаққиқ борҳо таъкид гардида, дар нигоштааш «Пайванди бегазанд» аз таърихи ҷудоиҳои миёни се пора аз як пайкари

воҳид бо сӯзу алам ёдовар мешавад, ки «нахустин тарҳи номубораки ҷудоӣ миёни ин се хитта аз қаламрави забони форсӣ пас аз оғоз ва анҷоми муборизаҳои хунин миёни давлатҳои қабилавии шайбониҳо ва сафавиҳо, ки ҳар ду ҳам туркнажод буданд, ба вуҷуд омад».

Дар воқеъ, аз ҳамин айём дурӣ аз ҳамдигар оғоз гардида, ҷудоии мазҳабиро ба арши аъло расонда, дар замоне душманони забону таърих, илму адаб ва фарҳанги ягонаи ориёӣ аз ин дуриву ҷудоиҳои хеле моҳирона ба манфиати худ истифода карданд. Кор ба ҷое расид, ки дар арафаи ғасби Осиёи Миёна аз ҷониби ҳукумати подшоҳии рус муносибати ду давлатро тезутунд гардонида, пеш аз табаддулоти Бухоро дар оғози садаи XX дар ин маркази ислому дин оташи низоъи мазҳабиро барафрӯхта, заминае барои парокандагии минбаъда ба вуҷуд оварданд. Ҳарчанд фарзандони бедору огоҳи миллат ҳушдор медоданд, ки «агар муҳаббате ба дин, ба Ватан, ба мол, ба ҷон, ба авлоди худ доред, агар чораи истихлоси дин, ривоҷи шариат, ободии ватан, осудагии авлод, бақои номи некро мехоҳед, илоҷи шумо аввалан касби маориф аст… Сониян, иттиҳод ба ҷамеи фирақи исломия, яъне ҳар як калимаи «ло илоҳа илла-л-лоҳа Муҳаммадун расулу-л-лоҳ» гӯяд, ба ҳар мазҳабе, ки бошад, ӯро мусулмон донед. Возеҳтар гӯем: ихтилофи шиаву сунниро аз миёна бардоред. Онҳое, ки шуморо аз тавассул ба як асбоб манъ менамоянд, хоинони исломанд. Фиреби онҳоро нахӯред!»

Вале мисли ҳамеша чашми ибратбину гӯши суханшунав куҷост, ки баъди кор аз корҷо гузаштану хуни бисёре рехтан ба худ омаданд ва ба назари муҳаққиқ «девори оҳанине, ки режими шӯравӣ ва ҳуккоми худкомаи салтанати Эрон ва Афғонистон миёни ин се пора аз як пайкари воҳид барпо карданд, вахимтарин ва музиртарин ҷудоӣ дар ду-се қарни охир ба шумор меояд». Дар солҳои 20-уми қарни тӯфонхез бо кӯшишу ҳиммати устод Айнӣ, Сайидризо Ализода, А, Муҳиддинов, А. Алиев ва ҳамсафону пайравон ва шогирдони онҳо, нашрияҳои «Шӯълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Раҳбари дониш» рӯйдодҳои сиёсиву фарҳангии Эрону Афғонистон пешкаши хонандагони тоҷик гардонида мешуд, ки дар ин ҷода аввалин иқдомро «Шӯълаи инқилоб» гузошта буд. Устод Айнӣ чун як тан кормандони фаъоли нашрия дар нигоштаҳояшон ба масъалаи Шарк, аз ҷумла Эрону

Афғонистон таваҷҷӯҳи бештаре медоданд, ки яке аз мақолаҳояшро «Масъалаи Шарқ» унвонгузорӣ карда, аз хусуси ба бистари осоиш ғунуда, аз пешрафти илму санъат бебаҳра мондан ва халлоқияту созандагиро аз даст додани аҳли Шарқ бо алам ҳарф зада буд. Ин масъала дар ҳар нигоштаи равшангароёну маорифпарварон ва ислоҳотхоҳони тоҷик – аз поягузори ин ҳаракат аллома Аҳмади Дониш то ба ҷавонтарин намояндаи он Мирзо Сироҷи Ҳаким мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегирифт. Устод Айнӣ чун як тан аз фаъолони ин ҷараён дар идомаи ҳамон анъанаи накӯ дар солҳои аввали даврони нав ба ин масъала таваҷҷӯҳи вижаро қоил буд. Дар ташреҳи «Аҳволи Эрон» аз бедодгариҳои инглис ва инглиспарастон дар хоки Эрон сухан оғоз намуда, дар идомаи андешаҳои волои адиби дигари маорифпарвари тоҷик Фитрат, ки соли 1909 дар нахустин асари публисистиаш «Мунозара» ба хидмати ду тан аз ислоҳотхоҳон Сатторхону Боқирхон баҳои баланд дода буд, устод Айнӣ дар дифоъи манофеи миллӣ ва мадании Эрон бо ифтихор навишта: «Бешаҳои Эрон шеронро парварда буд. Эрон чи дар қуруни вусто ва чи қарни ҷадид садҳо қаҳрамонон ва ҳазорон инқилобҷӯ расонда, дар роҳи инқилоб ва озодӣ миллионҳо авлоди ғаюри худро қурбонӣ карда, қатъи назар аз ин аҳволи таърихия дар ҳамин асри ҳозира – дар авохири салтанати Насриддиншоҳ то имрӯз дар роҳи инқилоб кам қурбонӣ надода, кам фидокор ва қаҳрамон нарасондааст».

Бо гузашти солҳо равобиту ҳамкориҳои ду кишвари ҳамтабор коста гардида, бештар хусусияти расмӣ касб намуд. Аҳли илму фарҳанги тоҷик бо ҳар роҳе мехостанд чароғи он ҳамбастагиҳоро фурӯзон доранд, ки дар мақолаи дигари арзишманди худ «Мақоми Ҳофиз дар диёри Рӯдакӣ» омадаст: «Маҳофили ҳофизхонӣ аз гузашта то имрӯз на танҳо дар шаҳрҳои бузург, балки дар дурдасттарин гӯшаҳое аз кӯҳистони тоҷик зиндаву фурӯзон аст. Модарон бо тамоми ихлос ва орзую умеди ин ки фарзандонашон эмин аз газанди рӯзгор бимонад ва баҳраманду шодоб аз чашмасори илму адаб бошад, зери болини гаҳвораи ӯ девони Ҳофиз мегузоранд».

Ҳамин меҳру самимият, ки аз овони тифлӣ дар дили ҳар кадоме шӯъла меандозад, тамоми умр дилҳоро гарм медорад ва ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ, ки «аз поягузори адабиёти навини

тоҷик аллома Садридин Айнӣ то ҷавонтарин шоири муосир – ҳама дар эҷоди ғазал Ҳофизро устоди барҳақи хеш медонанд ва дар пайравӣ бар ашъори ӯ ғазал гуфта, ё мухаммас бастаанд. Осори ирфонии Ҳофиз дар рушду камоли маънавии адибони муосири мо таъсири бо арзише дорад».

Дар ҳеч давру замоне шеъри Ҳофиз аз назари аҳли адабу фарҳанги тоҷик дур нашуда, ҳатто дар Тоҷикистон бо азму талоши пайгирона ва қотеъона ҷашни 650-солагии шоир бошукӯҳу шаҳомате сурат гирифта буд. Дилбастагӣ ва муҳаббат «ончунон ки дар маҳофили адабии Эрон ва Афғонистон шеъри Ҳофиз ҳамвора вирди забонҳо будааст ва дар ҷашну сурҳо овозхонҳои мумтоз ғазалҳояшро сурудаву шунавандагонро дастафшону покӯбон ба рақс меоваранд, дар Тоҷикистон низ овозхони номие нест, ки ба ғазалҳои Ҳофиз оҳанге набаста бошад».

Муҳаққиқ тавассути мақолаи дигараш «Ҳирот: мактаби ҷадиди фикрӣ ва вижагиҳои он» моро ба сӯйи маркази бостонии фарҳангие роҳбаладӣ мекунад, ки «дастовардҳои фарҳангӣ ва ҳунарии Ҳирот, ки аз гузаштаи он диёри кӯҳан то даврони мо боқӣ мондааст, дурахшонтарин саҳифаи таърих дар тамаддуни башар маҳсуб мешавад». Дар мақола як давраи муайяни фарҳангӣ – падид омадан ва ба камол расидани мактаби адабии Ҳиротро дар садаи нӯҳуми ҳиҷрӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки дурахшонтарин ва пурҷилотарин даврон маҳсуб меёбад. Маҳз дар ҳамин айём Ҳирот мисли маркази хонадони Темуриҳо шаҳри Самарқанд шукӯҳ ва азамат пайдо карда, ҳунармандон, шоирон ва нависандагони бисёре аз шаҳрҳои мухталиф дар ин маркази фарҳангӣ ҷамъ омаданд ва мактаби адабии мӯътабари илму фазлро падид оварданд.

Мирзо Шукурзода дар мақола аз минитуёр ва хушнависӣ то ривоҷи ғазалсароӣ, эҷоди асарҳои тасаввуфиву ирфонӣ, маснавиву қасидасароӣ, қитъаву рубоӣ, таъсири мактаби Ҳирот на танҳо дар рушду нумӯи шеъри форсӣ, балки туркиву арабӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, ҷойгоҳи ин мактабро дар боло бурдани мазомини шеъри форсӣ бо бурҳону далелҳои қотеъ собит сохтааст. Бино ба таъкиди муҳаққиқ «адабиёти қарни 1Х-и ҳиҷрӣ, ба вижа дастпарварон ва устодони мактаби адабии Ҳиротро камфурӯғ ва ин асрро «аз давраҳои таназзули шеъри форсӣ» хондан аз рӯйи инсоф нест»…

Дар мақола аз баҳси солҳои 50-уми садаи гузашта, ки теъдоде аз муҳаққиқони ӯзбек ва шӯравӣ равобити Алишер Навоиро бо Камолиддини Биноӣ хасмона қаламдод карда, Биноиро «душмани оштинопазири забон ва фарҳанги туркӣ» хонда буданд, ёдовар шудааст. Дар ҳамон замон академик А. Мирзоев бо бурҳони қотеъ ва мисолҳои мушаххас дар рисолаи мукаммали «Биноӣ» (1957) чунин андешаҳоро пуч ва беасос хонда буд, ки дар тақвияти он менигорад: «Ҷойи тардиде нест, ки беҳтарин намояндаи шоирони туркигӯйи мактаби адабии Ҳирот Амир Алишери Навоӣ буд, ки фақат дар ҳамон рӯзгор зуҳур кард ва мислаш на танҳо дар Ҳирот, балки дар ҳеч гӯшае аз қаламроави туркнишини Осиёи Миёна ва Озарбойҷон ва Туркия такрор нашуд». Ва албатта, ҷойи баҳсу шакку шубҳа нест, ки дар камолоти эҷодии Навоӣ шеъру адаби форсӣ нақши муҳиме бозид ва хидмати адиби маъруфу машҳури тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ басе бузург аст.

Дар садаи 1Х-и ҳиҷрӣ мактаби адабии Ҳирот дар рушду нумӯи на танҳо адабиёти форсӣ, балки ташаккулу такомули адабиёти туркӣ низ хидмати созгоре карда ва умуман, баҳри беканор ва рӯди хурӯшони шеъру адаби форсӣ мазраи на танҳо шеъру адаби туркӣ, балки бисёр халқҳову миллатҳоро шодоб гардонида, ба адибону адабиётҳо қутбнамое буда. Ба адибони бузурги ҷаҳон таъсири ибратомӯзе гузошта, дар ИМА барин кишвари абарқудрат «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ чандин сол боз чун китоби беҳтарини ахлоқ дасту ба даст мегардад…

Ба назар чунин менамояд, ки «Номаи саркушода ба маҷаллаи «Одина», ҷаноби Муҳаммадризои Ботинӣ ва дигар бародарони ноошно» таҳти унвони «Ман дигарам? Ту дигарӣ?!» – яке аз нигоштаҳои аввалини муаллиф дар матбуоти Эрон буда, 19 майи соли 1993 дар рӯзномаи «Кайҳони ҳавоӣ»-и Теҳрон ба табъ расидааст, андешаву мулоҳизоти дардноки муҳаққиқи тоҷикро дар бар гирифтааст. Номаи саркушода баъди ошноии муаллиф ба бахше аз суханрониҳои шоири шинохтаи Эрон Аҳмади Шомлу дар Амрико ба унвони «Ҳақиқат чи қадар осебпазир аст» ва номаи Муҳаммадризои Ботинӣ дар тирамоҳи соли 1369 (1990) дар маҷаллаи «Одина» ба рӯйи сафҳа омада, муаллиф сабаби дермонии ҷавобро дар он замон «матбуоти Эрон ба мо, тоҷикони камсаодат ё дер дастрас мегардад, ё аслан ба даст

намерасад. Аз интишори мақолаи эшон ва ҷавоби ҷаноби олӣ ба он вақти зиёде сипарӣ гардид ва намехостам коҳи кӯҳна ба бод диҳам ва рӯҳи Фирдавсии покзодро дубора нооромм бисозам, вале маҳз мақолаи Шумо, на суханронии Аҳмади Шомлу, каминаро ба нигориши ин нома водор намуд».

Дар номаи пурдард рӯзноманигор ва муҳаққиқи тоҷикро ин таъкиди оқои Биноӣ сахт ба ташвиш овардааст, ки «имрӯз Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ саъй мекунад, ҳамин Фирдавсии фиодал ва тарафдори низоми табақотиро ба зӯр ба худ бичаспонад ва азони худ кунад. Дар ҳоле ки мақбараи Фирдавсӣ дар Тӯс, дар дохили марзҳои Эрон қарор дорад, русҳо онро шоири тоҷикӣ (тоҷикӣ не, тоҷик – М.Ш.) ё тоҷикистонӣ мехонанд ва гузидаи ашъорашро дар гулчине аз ашъори тоҷикӣ мегунҷонанд ва ба русӣ тарҷума ва чоп мекунанд. Мисли он ки муқаддар чунин буда, ки Фирдавсӣ, ки ҷуз сарфарозии Эрон ва эронӣ намехоста, дар гузори замон бештар аз худӣ чӯб хӯрд, на аз бегона».

Ва ҳақ бар ҷониби Мирзо Шукурзода, ки «бидуни шак, дар Тоҷикистон ҳар фарде агар ин «сатрҳои оташин»-ро бихонад, оҳи сард аз дили пурдард мекашад ва мегӯяд:

*Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл,*
*Мо дар пайи ободӣ, фалак вайронкор!»*

Ҳамон натиҷаи аз ҳам дур монданҳо буд, ки як нафар бародари эронӣ нисбати мероси ягонаи форсизабонон чунин ҳукмро равона медонад ва ӯ бехабар аст, ки ҳамон давлати аввалини муттамаркази тоҷикии Оли Сомон Ҳакими бузургворро ба иншои чунин як шоҳкории ҷаҳонӣ ҳидоят намуда ва намедонад, ки Фирдавсиву ҳар қаҳрамони «Шоҳнома» ба тифли мактабхони тоҷик азизу гиромист. Намедонад, ки дар Тоҷикистон аз достонҳои «Шоҳнома» беҳтарин филмҳо офарида шуда, ҳангоми дар назари бинанда ҷилвагар шудани манзараи куштани Сӯҳроби ғӯррамарг аз дасти падари паҳлавонаш Рустами дастон пиру ҷавон ашк мерезанд. Ӯ намедонад, ки дар Тоҷикистон маъруфтарин номҳо Рустаму Сӯҳробу Сиёвуш, Таҳминаву Фарангису Фарзона…ҳама аз «Шоҳнома»-анд. Ӯ ва дигар бародароне мисли ӯ ҳатто аз навиштаҷоти аз меҳр саршори олими фарзона Саъиди Нафисӣ дар хусуси Бухоро – пойтахти Сомониён хабар надоранд ва ё ин маркази бузурги илму фарҳангии форсизабононро аз хотир баровардаанд : «…Замоне, ки Бухоро пойтахти

Сомониён – маркази адабиёти форсӣ шуд ва умарои Оли Сомон дар ривоҷи ин забон фурӯ намегузоштанд. Бухоро маъруфтарин маркази забони мо шуд. чунонки пас аз ҳазору чанд сол забони аксарияти мардуми Бухоро ва забони бозории он порсист ва ҳанӯз аксарияти мардуми он аз нажоди эрониянд, имрӯз эшонро тоҷик меноманд».

Муаллифи нома бо арқому санадҳои мӯътамад ба муаллифи мақола ва дигар донишмандону фозилони эронӣ, ки чунин назар доранд, ҷавоби мукаммале дода, дар шиносондани тоҷикон чун як қавми ориёӣ хидмати шоёне кардааст.

Фасли дуюми китоб «Мо барои васл кардан омадем» аз гуфтугӯйи шоир ва андешаманди эронӣ хонуми доктор Пунаи Нидоӣ бо мураттиби «Тоҷикон дар масири таърих» Мирзо Шукурзода таҳти унвони «Тоҷикон» чӣ масиреро тай хоҳад кард?» шурӯъ гардида, мақолаҳои «Ориёиҳо ва паҳнаи тоҷикзамин», «Шабнами як субҳи хандонем мо», «Зарафшон дар сарчашмаҳои адаби форсӣ», «Диёре дар ҳошияи «Қуббат-ул-ислом» ва «Аз чаманҳои Бадахшон то мазорҳои Самарқанд»-ро дар бар гирифтааст, ки дар муаррифии макону диёри тоҷикон ба мардуми Эрон ва кулли форсибазонон дорои қимату аҳамияти беандозаест ва доир ба гузаштаву имрӯзи мардуми тоҷик маълумоти пурқимате медиҳад. Ҳар кадоме аз ин нигоштаҳо равзанаест барои ҷустуҷӯйи бештару муфассалтари илмӣ, ки дар ин замина рисолаву асарҳои ҷолибе метавон таълиф кард.

Муаллиф дар мақолаи «Ориёиҳо ва паҳнаи тоҷикзамин» масъалаи муҳиму мубрами рӯз – аз ҳам дур афтодани намояндагони ориёӣ дар се кишвар – Эрону Афғонистону Тоҷикистон даҳолат карда, барҳақ нигоштааст, ки «бо фурӯпошии Шӯравӣ ва истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна девори оҳанини ҷудоӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон, ки поя ва асоси онро қабл аз ин мусибати болшевикӣ муғулҳои ғосиб гузошта буданд, шикаста шуд ва кишварҳои Афғонистон, Эрон ва Тоҷикистон чун бародарони гумгашта дубора якдигарро пайдо карданд ва дар оғӯши меҳр кашиданд».

Дар воқеъ, Эрон нахусткишваре буд, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва сафоратašро дар Душанбе боз кард. Аввалин Сафири кабири Ҷумҳурии Исломии Эрон оқои Шабистарӣ дар густариши равобити фарҳангии ду кишвар ва гуфтугӯйи байни тоҷикон хидмати арзишмандеро

ба сомон расонд, ки имрӯз ҳар кадоме аз аҳли адабу фарҳанг ва илму маорифи тоҷик аз хидмату заҳмати эшон бо ихлосу сипос ёдовар мешаванд. Он равзанаи фарҳангие, ки баъди чандин солҳои ҷудоӣ боз гардид, ҳоло дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ рушду нумӯ дорад.

Бародарони афғонистонӣ бо вуҷуди мушкилоти хеш оғӯши гарми худро ба бародарони тоҷики ин сӯйи рӯди Ому кушода, аз рӯйи меҳру муҳаббати дерина қисми бештари гурезаҳои тоҷикро дар хонаи худ ҷой доданд ва Аҳмадшоҳи Масъуд – сипаҳсолори бузург дар ба ҳам омадани тоҷикон ҷидду чаҳди беандозае кард, ки ӯ барои ҳар кадоме аз мардуми тоҷик азизу мӯътабар аст. Дар айни замон Сарвари давлати ҷавони тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз минбарҳои баланди созмонҳои байналмилал аз мушкилоти Афғонистон ҳарф зада, аз ниятҳои нопоки толибон давлатҳои пурқудрати ҷаҳонро огоҳ ва бо қатъият аз ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо мекард, ки ба мардуми ин кишвари ҷангзада ва гирифтори азобу шиканҷа ёриву мадад намоянд.

Истиқлолият имконияти фаровоне ба вуҷуд овард, ки мо ба ҳамдигар бештар қаробат пайдо кунем ва ҳамдигарро беҳтару хубтар шиносем. «Дар нашри осори удабои Тоҷикистон ва муаррифии намунаҳое аз назму насри суханварони қарнҳои ҳаждаҳ то бист ва таҳқиқу баррасии шеъри муосири Тоҷикистон ҳамарӯза хадамоти шоистае аз сӯйи соҳибназарон, андешамандон, нонирон ва матбуоти эронӣ ба самар мерасад ва чопи беш аз сӣ китоб аз сӯйи «Суруш» ва «Алҳудо» ва «Ҳавзаи ҳунарии таблиғоти исломӣ» ва ғайра намунаи барҷастае аз фаъолияти густурдаи фарҳангӣ миёни ду кишвари бародар маҳсуб мешавад…»

Гуфтушунидҳои сарони се кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанг дар Душанбе ва сафари имсолаи расмии Сарвари давлати Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон дар рушду нумӯи муносибатҳои дуҷониба, сеҷониба ва бисёрҷониба нақши созгор хоҳад бозид. Дар ин замина таъсиси телевизиони муштарак дар пайдо намудани ҷойгоҳи вижаи фарҳанги ягонаи форсизабонон дар раванди ҷаҳонигароиву ҷаҳонисозӣ аҳамияти бештаре касб мекунад.

Мирзо Шукурзода чун як донишманди огоҳу дурбин, ҳақиқатбаёну нозукандеш дар мақолаи «Шабнами як субҳи хандонем мо» (Ҳамзистии турку тоҷик аз нигоҳи орифони

порсигӯй) ҳамзистиву ҳамкориҳои ду қавми ҳамсояро аз назари фозилону донишмандони чи тоҷику чи намояндагони гуногуни қавми турк ва мустақришону муаррихони аврупоиву рус ба риштаи таҳлил кашида, нуктаи ҷолиберо иброз медорад, ки «ҳамзистии мусолиматомези турку тоҷик дар ҷомеаи исломӣ рӯйдоди нодири таърихӣ аст». Бо иқрори бисёре аз аз аҳли илму адаб ва фарҳанги қавми турки минтақа «мардуми тоҷик дар ҳамон давру замон ба ақвоми минтақа хату савод ва одобу сунан омӯзонданд. То Инқилоби Октябр дар абаи туркманҳо, дар қишлоқи ӯзбакҳо ва дар авули қирғиз ва қазоқҳо ҳар ҷо мактабе буд, аксаран мактабдор аз тоҷикон буд, ҳар ҷое муллое ба назар мерасид, аксаран тоҷик буд». Аз тарафи дигар, таваҷҷӯҳи хонандагонро ба гуфтаи донишманди шаҳир Муртазо Мутаҳаррӣ ҷалб намуда, ҳушдор медиҳад, ки «шояд боло гирифтани амвоҷи шовинистӣ дар Урупо амре табиӣ буд, зеро мактабе, ки битавонад милали Урупоро дар як воҳиди инсонӣ ҷамъ кунад, вуҷуд надошт ва ин амр дар миёни милали Шарқ ба василаи истеъмор нуфуз кард... Ҳақиқат ин аст, ки масъалаи миллатпарастӣ дар асри ҳозир барои ҷаҳони ислом мушкилоти бузург ба вуҷуд овардааст».

Муаллиф бо камоли таассуф воқеиятеро ба рӯйи сафҳа меоварад, ки «мушкилот дар Осиёи Миёна пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ҳанӯз дар бархе аз ҷумҳуриҳо гоҳу ногоҳ буруз мекунад, ки коргардонҳои ин саҳна дастҳои бегонагонанд» ва дарвоқеъ, онҳо аз рӯйи анъана мехоҳанд, ки дар миёни мардумони ин сарзамин тухми нобоварӣ кошта, ҳадафу мақсадҳои ғаразноки худро амалӣ созанд. Захираҳои бузурги табиӣ ва заминҳои ҳосилхезро чун солҳои пешин ба манфиати худ истифода баранд. Ҳар сокини ин минтақаро новобаста аз мансубият ба миллатеву мазҳабе лозим аст, ки ҳушёр бошанд ва фиреби онҳоро нахӯранд. Дар идомаи анъанаи неки ҳамзистии мусолиматомези таърихи куҳан эҳтирому самимият ва меҳру муҳаббати байни ҳамдигариро нигоҳ доранд, ки беҳтарин неъмати худодод аст.

Силсиламақолаҳои фасли саввум «Баргу сози мо китоби ҳикмат аст» ба рӯзгори бузургмардони илму адаби тоҷик, аз қабили Туғралу Садри Зиё, Лоиқу муҳаққиқи ҷавони ғӯррамарги «Шоҳнома» Шодии Асрор ва сипаҳсолори бузурги тоҷикон Аҳмадшоҳи Масъуд бахшида шудаанд, ки ҳар кадоме аз онҳо дар таърихи форсизабонон нақши бузурге до-

ранд. Муаллиф кӯшидааст, ки хидмати ҳар кадоме аз онҳоро барои хонандагони эронӣ ва мухлисони шеъру адаби порсӣ қаламдод намояд. Олами андешаву афкори Аҳмадшоҳи Масъудро чун як шахсияти маъруфу нотакрор тавассути мусоҳибаи пурмӯҳтавояш «Соате бо шери ситеғи Панҷшер» дар назари хонанда ҷилвагар сохта, аз корномаи ӯ дар сафарномаи «Аз Ҳиндукуш то бекарон» ҳикоятҳои аҷибе оварда, ки дар ифшои олами розу асрори ин сипаҳсолори бузурги садаи XX хидмат хоҳанд кард.

Нигоштаҳои Мирзо Шукурзода бо мақолаи муфассали «Кӯҳкане аз користони дил» ҷамъбаст гардидааст, ки аз рӯзгору осори яке аз шоирон ва орифони мумтози саргаҳи Зарафшон, марде муттақӣ ва фақеҳ муфтӣ Муллоаҳмади Мираминзода ҳикоят мекунад.

Дар охири китоби «Ҷонпайванд» тақризу китобиёти адабиётшинос Шамсиддини Солеҳ «Мо барои васл кардан омадем» ва рӯзноманигор Шоҳмансури Шоҳмирзо «Як байти парниён» ҷой дода шудааст, ки хонандаро ба дарки амиқи моҳияти нигоштаҳои муаллифи китоб роҳбаладӣ мекунанд.

Маҷмӯаи «Ҷонпайванд» ҳикоятест аз таърих, фарҳанг, забону адаби ягонаи се давлати ҳамреша, ки аз як рӯди бузург об хӯрда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ мақому ҷойгоҳи намоёне касб карда, имрӯз ниёзманди таваҷҷӯҳу дастгирии бештари ҳамдигарист, ки ин нуктаро Сарвари давлати тоҷикон ҳамеша таъкид месозад.

Мирзо Шукурзода чун ройзани ғайрирасмии фарҳанги тоҷикон дар шиносондани таъриху фарҳанги мо дар кишвари бузурги Эрон ва порсизабонони ҷаҳон бо силсиламақолаву китобҳояш чун «Тоҷикон дар масири таърих», «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон», «Парниёну ҳариру абрешим» ва баргардони намунаҳои чанде аз осори адибону эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик хидмати бузургеро ба анҷом расонид. Вақти он расида, ки дар Эрону Афғонистон, Амрикову Русия, Туркияву Покистон, Ӯзбекистону Қазоқистон, Ҳиндустону Қирғизистон... ройзанҳои фарҳангӣ дошта бошем, ки адабиёту фарҳангамон ба воситаи чопи маҷмӯаву китобҳо, намоишҳои гуногуни ҳунарӣ, ташкили шабнишиниву маҳфилҳои шеъру суруд бештару беҳтар тарғибу ташвиқ гардад.

Ва аз ҳама муҳимаш, дар партави сиёсати бузурги

фарҳангии Сарвари давлатамон Душанбе—маркази Тоҷикистонро ба маркази фарҳанги форсизабонони дунё табдил дода, ба раванди ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонисозӣ бо кӯлвори пурбори фарҳангӣ ворид шавем ва нагузорем, ки аз ҳам дуршавиамон қувват гирифта, забони ягонаамон чун забони ҳамрешаи дигар халқҳо ниёзманди мутарҷим гардад. Чунин вазифаи пурмасъулияти таърихии ба ҳам омаданро ҳоло танҳо Тоҷикистон ба зимма гирифта метавонад, на кишвари дигари ҳамзабону ҳамфарҳанг ва дар ин ҷода бояд парчамбардор бошем!

Бе шакку шубҳа, китоби «Ҷонпайванд»-и Мирзои Шукурзода яке аз аввалин иқдомҳоест дар ин кори хайр ва онро бояд тақвияту густариш бахшид.

*Мирзоолими МИРЗОРАҲИМ*

## СОРБОНИ КОРВОНИ НУР

*Андешаҳо перомуни китоби Мирзо Шукурзода «Кимиёгари дурри дарӣ», ки дар бораи бузургмарде зинда бо ишқи тоҷикона ҳикоят мекунад*

Ҳар як тоҷики сарбаланде, ки андаке аз таърихи пурғановати фарҳангу адаб ва тамаддуни бостонии миллати маърифатофарини худ огоҳӣ дорад, аз шунидани вожаи муборaку аҳуроии Эрон дилшоду ифтихорманд мегардад. Ин ифтихормандӣ ва муҳаббату иродати тоҷикон ба Эрону эрониён азалӣ, поку беғаш ва ҷовидонаву зиндагиафрӯз мебошад, ки сарманшаи он пайванди бешикаст ба тамаддуни ориёӣ дорад. Мову эрониён аслан фарзанди як модарем ва ба гуфти фарзонатарин шоири миллии тоҷикон дар қарни бистум Лоиқи ширинкалом «дар осмон ҳамситораву дар замин ҳамгаҳвора», ҳамон «Авасто»-и Зардушт, ҳамон Рӯдакию Фирдавсӣ, ҳамон Синою Румию Саъдию Ҳофизу Хайёму Ҷомию Бедил ва ҳоказоҳо бузургмардони дигар ҳастем, ки ҷаҳонро сафою нур бахшидаву ишқи самимию осмониро ҷавҳари рисолати худ шинохта, осмони маърифати Исломи

нобро дар қалби аҳли башар фурӯзон кардаем. Бо ин корномаи бузургу арзишмандамон Худову анбиё бо ҳам менозанд:

*Ман Эронам, ки ишқ эълом кардам,*
*Ҷаҳонеро хирад инъом кардам.*
*Худою анбиё бо ман бинозанд,*
*Ки ман Исломро ислом кардам.*

Ҳамин нозиданҳову болиданҳо, яъне рӯз аз рӯз қавитару мустаҳкам ва устувор шудани ишқу алоқаи отифии мардуми Эрону Тоҷикистон ба ҳамдигар ва суръату сифати созанда касб кардани равобити фарҳангию маънавӣ ва илмию иқтисодии байни ин ду кишвари дӯсту бародар ва ҳамнажоду ҳамзабон дар симои як тан аз фарзонафарзандони фарҳанги форсӣ, сафири кабири ҶИЭ дар Тоҷикистон доктор Алиасғари Шеърдӯст достони ибратомӯзест, дар таълифи тоҷиктарин муҳаққиқи арзишҳои фарҳангию маънавии форсизабонон Мирзо Шукурзода, ки бо номи «Кимиёгари дури дарӣ» ба зевари табъ ороста шуда, тақдими алоқамандон гардидааст.

«Кимиёгари дурри дарӣ» унвон гирифтани китоби мазкур бесабаб ва иғроқомез нест, балки ин исми зебо, пурмаъно ва бисёр дилчаспу дилнишин баёнгари шахсияти мунир ва таъсиргузори маънавию инсонии Алиасғари Шеърдӯст мебошад. Муаллифи асари мазкур бо як ҷаҳон муҳаббати поку маънавӣ ва азалии тоҷикӣ «Кимиёгари дури дарӣ»-ро эҷод намудааст, ки ранҷу заҳамоти ӯ як бори дигар ҳақиқати ин ҳикмати ҷовидонаи бузургони моро собит месозад: «Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист?!»

Оре, дар ҳақиқат Мирзо Шукурзода ва Алиасғари Шеърдӯст рисолати бо ҳам монандро барои Эрону Тоҷикистон амалӣ кардаву айни замон ҳам амалӣ намуда истодаанд. Танҳо як тафовут баъид ба назар мерасад, дуввумӣ, яъне Мирзо Шукурзода дар раъси сафорат фаъолият накрдааст. Аммо тӯли чанд соли кору хидмат дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати хубтару беҳтар ва пурфурӯғтар шиносонидани фарҳангу тамаддун ва расму русуми тоҷикон ва обу хоки Тоҷикистони азиз аз ҳама бештар кӯшиш намуда, дар ин росто беш аз бист китобро дар Эронзамин таҳия, тадвин ва пешкаши алоқамандони ҳушманди эронӣ карда, пас аз бозгашт ва

рахти иқомат ихтиёр кардан дар Душанбе – пойтахти ватани азизаш аз бардошту омӯзиш ва дидаву мушоҳидаҳои худ ҳангоми мусофират дар Эрон чандин рисолаву мақолаҳои арзишманду судмандро ироа кардааст, ки «Кимиёгари дурри дарӣ» аз ҷумлаи онҳост. Ин асари пурарзиш аз чаҳор бахш иборат мебошад. Ҳар як бахш асомии ба худ хос дошта, аз мақолаҳои гуногунмавзӯъ таркиб ёфтааст. Муқаддимаи асар ба қалами ду тан аз донишмандони бузурги тоҷик устоди арҷманд академик Муҳаммадҷони Шакурӣ ва шогирди содиқашон Юсуфи Акбарзод тааллуқ дошта, дар он хидмати арҷманди Алиасғари Шеърдӯст дар таҳқиқи шеъри муосири тоҷик, махсусан, асари маъруфи ӯ «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик» нақду баррасӣ шудааст.

Бахши аввали китоби «Кимиёгари дурри дарӣ» ки «Ошиқи паричеҳраи форсӣ» ном дорад, аз дебочаи муаллиф ва ду мақола яке бо номи «Кошифи махзани сабзи сухан» ва дуввумӣ «Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст» таркиб ёфтааст. Дар дебочаи китоб муаллиф аз барқарору устувор ва рӯз аз рӯз пояндатару пӯётар шудани равобити ҳасанаи Эрону Тоҷикистон бо меҳру ихлос сухан гуфта, арзиши маънавии инқилоби исломии Эронро, ки рухдоди он ба таъбири бунёдгузори он Оятуллоҳ Руҳуллоҳ Мусавии Хумайнӣ «Инфиҷори нур буд» ва истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро баррасӣ карда, нақши барҷастаи аҳли зиёи ин ду кишвари ҳамзабону ҳамтабор, аз ҷумла шахсияти хуршедии Алиасғари Шеърдӯстро дар ин ҷода таъкид намуда, барҳақ менависад:

«Кохи дӯстӣ ва равобити ҳасанаи миёни Тоҷикистон ва Эрон, ки ҳеҷ газанде бар он аз тундбоди ҳаводиси рӯзгор нарасид, акнун шукӯҳу шаҳомати хешро дучандон меафзояд ва мо мадюни хадамоти пурарҷ ва таърихии афроди соҳибикром ва донишварони гаронмояе амсоли Арбоби шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, доктор Алиасғари Шеърдӯстем, ки дар ҳифзи шукӯҳу ҷалоли мероси муштараки ниёгони мо хидмати содиқона ба харҷ медиҳанд ва ин амонатро бо нерӯи ақлонӣ Рӯдакивор саломат нигоҳ медоранд». (саҳ. 20).

Матлаби «Кошифи махзани сабзи сухан» аслан як навъ ҳолномаи доктор Алиасғари Шеърдӯст мебошад ва дар оғози ин навишта, муаллиф як байти Соиби Табрезиро ба унвони катиба баргузидааст, ки он чунин аст:

*Соиб, сухани сабз бувад зиндаю ҷовид,*
*Фирӯзаи ман кони Нишопур надорад.*

Ба андешаи мо интихоби ин байт аз ашъори Соиби Табрезӣ ба унвони катиба бесабаб нест. Зеро аз ихлосу иродат ва иртиботи азалию меҳри осмонии як нафар тоҷик дар симои Мирзо Шукурзода ба як нафар эронӣ дар шахсияти донишманди озодамард доктор Алиасғари Шеърдӯст ва пайванди ҷовидонаи ин ду тан ба гузаштагони сарбаланд ва тамаддуни ягонаи ғановатманду ифтихорофарини хеш аст. Гузашта аз ин Алиасғари Шеърдӯст ҳам Табрезӣ ва дар ҳамин шаҳри ишқу ирфони Мавлоною Шамс дида ба дунё кушуда, таҳсилоти ибтидоии хешро сипарӣ кардааст. Аз соли 1980 то рӯзҳои мо ин донишманди мумтоз дар вазифаҳои гуногун адои хидмат намудааст ва ҳар як нафари алоқаманд пас аз мутолиаи «Кошифи махзани сабзи сухан» метавонад маълумоти бештареро оид ба рӯзгору фаъолияти ин абармард пайдо кунад.

Мирзо Шукурзода дар идомаи ин матлаби китоби хеш ҷиҳати таҷаллии шахсияти камназири ирфонию инсонии Алиасғари Шеърдӯст бо муҳаббат ҳарф зада, менависад: «Дар ниҳодҳои мухталифи фарҳангию сиёсии Эрон борҳо аз забони ашхоси ҳақгӯй шунидаям, ки гуфтаанд: Шеърдӯст марди орифмашрабест аз табори Мавлоною Шамс ва ҷойи дил дар сина офтоби ишқу отифа ба инсонҳо мепарварад. Ӯ роҳи каромат ва накӯӣ ба дили Инсонро меҷӯяд ва барои ӯ ҳеҷ фарқе надорад, ки ин Инсон (Инсоне, ки Мавлонову Саъдиву Аттор дар орзуяш буданд) аз кадом тираву табор аст, куҷоӣ асту бо чӣ забоне такаллум мекунад. Лозим ба тазаккур аст, ки эрониву эронният, ишқ ба Ислому мусалмони воқеӣ ва муҳаббат ба забони малакутии форсӣ ҷойгоҳи хосе дар сарочаи дили ӯ дорад» (саҳ. 23).

Матлаби дуввуми бахши аввали китоб «Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст» ном дорад ва асосан ба таҳлилу накд ва баррасии гузоришу мақолот ва андешаҳои доктор Алиасғари Шеърдӯст дар атрофи забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо зикри беҳтарин иқтибосот аз навиштаҳои доктор Шеърдӯст забони тоҷикиро аз дидгоҳи ӯ шарҳу тавзеҳ додааст. Аз он ҷумла, андешаҳои нишонрас ва дилпазири зерини доктор Шеърдӯст, ки дар оғози матлаби мазкур ба унвони катиба интихоб шудаву баъдан шарҳу баррасӣ гардидааст,

баёнгари муҳаббати амиқ ва отифии ин донишманди номдору комгорро ба забони тоҷикӣ рӯшан месозад: «Тоҷикон шаҳомати ҳуввияти маънавии хешро мадюни забони форсӣ ҳастанд. Тоҷикон ба эътибори забони форсӣ тоҷиканд, то ҳар куҷо, ки фарде ба забони тоҷикӣ сухан бигӯяд, аъам аз Самарқанд ва Бухоро ва Балх ва Қандаҳор ва Хуҷанд ва Кӯлоб ва Душанбе то Теҳрону Машҳад, Шероз ва Лоҳур ҳама тоҷиканд. Зеро ин қавм ҳуввияти маънавии хешро вомдори забони худ аст». (Аз матни суханронии Алиасғари Шеърдӯст дар шаҳри Душанбе. Ниг. «Ёдгори рӯзгор», саҳ. 244).

Бале, дар ҳақиқат нақши забони форсии тоҷикӣ дар поядагӣ, сарбаландӣ ва эҳёи маънавию фарҳангӣ ва таърихии ин миллати ҷафокашу маърифатофарин басо бузург аст.

Мирзо Шукурзода хидмати Шеърдӯстро дар муаррифии забони тоҷикӣ бо далелҳои қотеъ баён карда, менависад: «Алиасғари Шеърдӯст ҳамвора талош варзидааст, ки раванди наздикшавӣ ва қаробати забони дарии Афғонистон, тоҷикии Варорӯд ва форсии Теҳронро суръат бибахшад. Ӯ бо ин мақсад афроди саршиносе чун Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Аҳрор Мухторов, узви Фарҳангистони улуми Тоҷикистон Абдуқодир Маниёзов ва фарҳехтагони дигарро барои ҳамкорӣ ба Теҳрон бурд ва беш аз дусад китоб аз муаллифони тоҷик дар заминаҳои мухталиф ба нашр расонд. Ӯ муҳаббати фарзандони огоҳи кишвари моро дар нисбати забони модарӣ ва дигаре аз мероси фарҳангӣ ба чашми сар дид ва ба ваҷд омад.

Бахши дуввуми китоб «Ҷовидон пайванд» унвон дошта, ҳовии чаҳор мақола: «Сайре дар жарфои шеъри имрӯзи тоҷик», «Таровиши қанди порсӣ дар зебокаломи доктор Шеърдӯст», «Таҳкими пайвастагиҳои фарҳангӣ» ва «Гуле чида, чаман гум кардам ман» мебошад. Дар мақолаи аввал асосан китоби Алиасғари Шеърдӯст «Чашмандози шеъри имрӯзи Тоҷикистон» нақду баррасӣ гардидааст. Ба андешаи Мирзо Шукурзода рӯи сафҳа рехтани ин китоб як навъ алоқа ва муҳаббати муаллифи онро ба шеъру адаби Тоҷикистон бозгӯ мекунад, ки армуғони нағзу бомағзи таҳқиқотӣ ба дилбастагони шеъри тоҷикист: «Алоқа ва муҳаббат ба адабиёти муосири тоҷик Алиасғари Шеърдӯстро водошт, ки назар ва дидгоҳи илмии худро роҷеъ ба фарозу фурудҳои ин ҳавзаи адабӣ баён дорад ва ин китоби ӯ таҳти унвони «Чашмандози

шеъри имрӯзи Тоҷикистон» ба дасти дилбохтагони фарҳанг расид. Асари ёдшуда нахустин рисолаи илмӣ дар бораи шеъри қарни бистуми тоҷикони Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар Эрон мунташир шудааст ва он натиҷа ва паёмади заҳамот, мутолиоту ковишгариҳои ин донишманди мӯҳтарам тайи солҳои зиёд аст, ки бидуни тардид армуғони нағз ва бамағз ба дӯстдорон ва пажӯҳишгарони шеъри форсии моварои марзҳои сиёсӣ аст». (саҳ. 40).

Дар мақолаи «Гуле бурда, чаман гум кардаам ман» асосан асли матлаб ба нуқтаи назари доктор Алиасғари Шеърдӯст дар хусуси яке аз китобҳои шариф ва пурмазмуни устод Садриддин Айнӣ – «Намунаи адабиёти тоҷик» бахшида шудааст. Бо эҳтимоми Шеърдӯст ин китоб дар Теҳрон ба нашр расида, худи ин донишманди фарзона ба он пешгуфтор навиштааст. Ба қавли Мирзо Шукурзода «Доктор Алиасғари Шеърдӯст дар дебочаи хеш ин ёдгори кироманду пурачри аллома Садриддин Айниро санади ҳуввияти фарҳангии тоҷикон қаламдод кардааст. Ӯ нашри «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро барои хонандагони эронӣ муборакбод мегӯяд».

Бахши саввуми китоб ҳамноми он «Кимиёгари дурри дарӣ» унвон гирифтааст, ки шомили ду навиштаи пурарзиш мебошад. Навиштаи аввал «Накди шеър бо забони шеър ва баёни орифона» ном дорад, ки он ба таҳқиқи як мақолаи арзишманду мӯшикофонаи Шеърдӯст бо исми «Кимиёгари калом» бахшида ба рӯзгору осор ва накди шеъри як тан аз бузургтарин шоирони Эрон, шаҳриёри сухани форсӣ устод Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр рӯи сафҳа рехтааст ва ба қавли муаллифи китоб «ҳар ҷумлае аз мақолаи «Кимиёгари калом»-и ӯ, ки акнун мавриди пажӯҳиши мо қарор дорад, чун арӯс бо зевари таъбироту ибораҳои ошиқона оро ёфтааст. Шеърдӯст ба фармудаи худи ӯ шоҳиди болкушоии кабӯтари шеъри Шаҳриёр ба осмони дили ҷаҳониён аст…».

Навиштаи дуввуми бахши саввум, ки «Насри бархе аз адибон дар пажӯҳишҳои доктор Шеърдӯст» ном дорад, чуноне аз номаш пайдост, аз таҳқиқоти Шеърдӯст доир ба насри баъзе адибони тоҷик нақл мекунад. Ҳама аҳли адаб хуб медонанд, ки бо эҳтимоми муҳаққиқи фарзонасиришт дар Эрон асарҳои зиёд ба нашр расиданд. Аз ҷумла, китоби Кароматуллоҳ Мирзоев «Дар орзуи падар», романҳои «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ва «Баъд аз сари падар»-и Абдуҳамиди Самад ба

табъ расида, дар ҳавзаи илмию адабии Эрони бузург ба шоистагӣ муаррифӣ шуданд.

Бахши чаҳоруми китоб «Иловаҳо» номгузорӣ шудааст ва дар он мақолаҳои олимони тоҷик Худоӣ Шарифзода, Мирзои Муллоаҳмад, Абдуманнони Насриддин ва Шаҳобуддини Шуҷоъ ҷой дода шудааст, ки бо меҳр ва холисона аз хидматҳои доктор Алиасғари Шеърдӯст ёдовар шудаанд. «Лаҳзаҳо дар оинаи аксҳо» зиндагии доктор Шеърдӯст ва мулоқоту вохӯриҳои таърихӣ бо ашхоси маъруфро дар суратҳои ҷолиб инъикос намудааст.

Китоби «Кимиёгари дурри дарӣ»-и муҳаққиқ ва донишманди тоҷик Мирзо Шукурзода чеҳраи мунир ва хидмати арзандаи доктор Алиасғари Шеърдӯстро бо ҳусни баёни ошиқонаю орифона пешорӯи хонанда ҷилвагар месозад ва барои доираи васеи хонандагон пешниҳод шудааст ва хонанда аз мутолиаи он ба дунёи маънавии як бузургмарде зинда бо ишқи тоҷикона ошно мегардад.

*Вароруд №18 (360) 6, 05, 2009*

*Боби саввум*

# АШЪОРИ ЭҲДОӢ

*Усмон ОЛИМ*

Дилат оинаи меҳру садоқат,
Намебинам дар он як холи иллат.
Сари таъзими мо бар ту ҳамоил,
Сари худро намуди барфи миллат.

*Ато МИРХОҶА*

*Эҳдо ба Мирзо Шукурзода,*
*ба муносибати дарёфти Ҷоизаи*
*адабии ба номи устод Айнӣ*

Ба ҷои пул таърихи Ватанро
Ту дар ҷони ҳазини худ тапида,
Зи Турсунзода, Сомонию Айнӣ
Туро ин қадр сомонӣ расида.
Вале аз меҳри миллат чун ғании,
Фари шоҳӣ ба рухсорат дамида.

*«Адабиёт ва санъат»,*
*1 январи соли 2008.*

*Нуқраи СУННАТНИЁ*

## МЕГУДОЗӢ ХЕШРО

*Эҳдо ба дӯсти донишмандам, муҳаққиқ ва*
*муаллифи китоби «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно»*

Он ки дар мулки Аҷам мирзо шуда Мирзо, туӣ,
Тоҷики ҷони маро ошиқтарин мулло туӣ.
Мечаронӣ оҳуи дил дар чаманзорони фан,
Гоҳ бо назму гаҳе бо наср пардозӣ сухан.
Гаҳ ба шеър оғуштаӣ, гаҳ бо рубоӣ, гаҳ ғазал,
Шираи гул мечашӣ чун ору меорӣ асал.

Нур мепечад ба нур андар баёнат дилпазир,
Номаҳоят оташину ҷомаҳоят беназир.
Гаҳ чу меҳмон астию гоҳи дигар чун мизбон,
Дар дили Эронзамину кишвари Афғонситон.
Аз Самарқанду Бухоро бас фиғонат мерасад,
Нолаи ҷонсӯзи най аз устухонат мерасад.
Ҷустуҷӯ аз тоҷикон дорӣ зи ҳар хоку диёр,
Дар канори ҳамдигар биншонӣ то ёру биёр.[1]
Дар сари мизи сухан шаб то саҳар бедорхоб,
Мегудозӣ хешро чун зар, ҳамесозӣ ту об.
Мерасад рӯзе, ки гӯяд халқи ман аъломаат,
Аз паси кишваркушоиҳои ту бо хомаат.

*10. 04. 2009*

## ДАРАХТИ САБЗИ АНДЕША

*Ва дар ҳошияи китоби ӯ*
*«Тоҷикон дар масири таърих»*

Ба паҳлӯяш ситода чун ба қомат[2]
Чанори бебару сарву сафедор.
Сари хам, гӯи доим дар рукӯъ аст,
Дарахти хушқади андеша пурбор.

Дамида шояд ӯ аз қалби ҷаннат,
Ба шохаш меваҳояш гунагун аст.
Бичин хурмову себу ноку анҷир,
Бари афлесунашро сад фусун аст.

Шабеҳи арчаҳои дода оро,
Ки шоми соли нав тобанд пурнур.
Сари ҳар меваaш зармеваи ӯ
Чароғи барқи рахшон аст аз дур.

---

[1] биёр – бародар.
[2] Қомат – дар вақти хондани намозро дар назар дорам.

Нахушкад нахли пурбори Аҳуро,
Ки хушкад қаҳтсолӣ мағзҳоро.
Фароянд бар замин деви даду кин,
Ба ғам полад дили дунёи моро.

Бимон то ҷовидон бар ораду бор
Шукуфтанҳои афкораш шабу рӯз,
Зи барқи кинайи абри сияҳдил
Нигаҳ дораш Худованди ҷигарсӯз!

*8. 04. 2009*

*Маҳинбонуи АСАДӢ*
*(Эрон)*

## СЕБИ САМАРҚАНД

*Пешкаш ба гирдоварандаи китоби «Себи Самарқанд», устод Мирзо Шукурзода, пажӯҳишгари гаронмояи Тоҷикистон.*

Зи Самарқанд кунун бӯи вафо меояд,
Нек бингар, ки чи бӯе зи куҷо меояд!
Бӯи бишкуфаи себ аст ба ҳамроҳи насим,
Ки чунин мушкфишон ҷониби мо меояд.
Себи боғе, ки суҳайлаш задаву дорад ноз,
Пайки меҳраш ба чи ойин зи сабо меояд.
Боз пайванд диҳад шоха ба шоха моро,
Меҳр меварзаду бо меҳргиё меояд.
Дасти ёрӣ бикушо, себи Самарқандам деҳ,
К-ин на себест, ки аз хона ҷудо меояд.
Хонаи мо ҳама мулки Ҷаму Кйковус аст,
Аз Самарқанди азиз бин, ки чиҳо меояд!
Ёди Эрони куҳан дар дили ман зинда кунад,
Гӯйи аз оташи Зардушт нидо меояд.
Зи Авасто, ки дар оташкадааш буда ниҳон,
Гӯши ҷонро бикушо, бонги «Ашо» меояд.
Он сурушэзиду минуи сипантуӣ бин,
Ки бад-ин кишвари Ҷамшед фаро меояд.
Нағмаи Рӯдакияш тоза кунад ҷону равон,
Суханаш баҳри хирад роҳнамо меояд.

Гӯядат шод бизӣ, роҳи Самарқанд нигар,
Армуғоне ҳам аз ин роҳ зи мо меояд.
Барг барги сухани «Себи Самарқанд» шунав,
Зи насиме, ки чунин уқдакушо меояд.

*(Моҳномаи «Фарваҳар», чопи Теҳрон, №4, 1998)*

*Ҷӯра ЮСУФӢ*

## РОҲИЁНИ РОҲИ ИСПЕДЕМ МО
*Барои Мирзо Шукурзода*

Соярӯ дар мулки хуршедем мо,
Равшан аз хуршеди уммедем мо.
Нестем аз тираҳои тирароҳ,
Роҳиёни роҳи испедем мо.
Чашмаи Шоир[1] ба мо додаст об,
То зи хоки деҳа рӯидем мо.
Ҳарзаи ҳарфи ҳасудон бигзарад,
Лафзи ҳақро банда ҷовидем мо.
Буданатро шукр гӯям ҳар нафас,
Бо ту рафта хешро дидем мо.

*Аз маҷмӯаи «Андар хами як кӯҳ»,*
*Хуҷанд, 2007, саҳ. 37*

## ҚАСИДА
*Эҳдо ба устод Мирзо Шукурзода,*
*ки ба шасти муборак қадам мениҳанд*

Боли болост, ҳазрати Мирзо,
Ҷони дилхост, ҳазрати Мирзо.

Дар ҳузури бародари ҷонӣ
Мурғи гӯёст, ҳазрати Мирзо.

[1] Чашмаи Шоир – чашмаест дар деҳаи Худгифи Сояи Масчоҳ.

Дар дифоъи шукӯҳи Ориён
Пойбарҷост, ҳазрати Мирзо.

Ба ҳама хубиҳо бувад мансуб
Бе каму кост, ҳазрати Мирзо.

Шеваи тоҷикӣ ба Теҳрон бурд,
Шаҳпули мост, ҳазрати Мирзо.

Шери Панҷшерро бародар буд,
Ҷӣ тавоност ҳазрати Мирзо.

Бар даҳоне чу Самсури афғон
Мушти гирост, ҳазрати Мирзо.

Ҷони сахту дили маҳин дорад
Айни Масчост, ҳазрати Мирзо.

Нисфи дунё агарчи мегардад,
Дар дили мост, ҳазрати Мирзо.

Дар ҷавонӣ, ки пириҳо кардааст,
Нағзу зебост, ҳазрати Мирзо.

Эй басо хомаи каҷи моро
Кардааст рост, ҳазрати Мирзо.

Тири ноҳақ басо ба дил хӯрда,
Боз бар пост, ҳазрати Мирзо.

Қурби ӯ дар ҳама замон боқист,
Кони тиллост, ҳазрати Мирзо.

Хуш ба ҳоли ману шумо, ёрон,
Ҳол ин ҷост, ҳазрати Мирзо.

Доимо дар суроғи аҳли дил
Дари дил вост, ҳазрати Мирзо.

Тоҷики сарбаланди сӯфиваш
Дурри яктост, ҳазрати Мирзо.

Шасти ӯ пур зи моҳии маънӣ,
Балки дарёст, ҳазрати Мирзо!

Бор Илоҳо, муяссараш гардон
Ҳар чие хост, ҳазрати Мирзо.

*Нашрияи «Варорӯд», 20. 05. 09*

*Юсуфҷон АҲМАДЗОДА*

*Дар ҳошияи китоби Мирзо Шукурзода*
*«Тоҷикон дар масири таърих»*

Коми дилам ширин нашуд аз гуфтани қанд,
Як умр пандам медиҳанду мехӯрам фанд.
Арвоҳи Темурӣ зи ҷоми ҷодуӣ мост,
Роҳи Бухоро баставу марзи Самарқанд.
Ҳамчун Душанбе байни дарё тахтабандам,
Аз чор сӯям кӯҳсорон баста бебанд.
Як ҷони хушки ман ҳанӯз андар талош аст,
Аз дасти ин Афросиёби даҳр то чанд?
То ҳол месӯзам дар оташ чун Сиёвуш,
Пурхун ҷигар аз тӯҳмат асту кина хурсанд.
Чун лолазорон рӯям аз хокистари Суғд,
Бо ашки абри баҳманӣ, бо занду позанд.
Дар фарқи сар эҳё кунам гар тоҷи сомон,
Хунгир душман мешавад дубора хурсанд.
Ё раб, чӣ чора, аз тамасхурҳои ту, шукр,
Гар захр дар комам ниҳӣ, подош лабханд!

*«Хумори ишқ». Душанбе, 2004. саҳ. 132.*

*Абдуллоҳи ФОЗИЛ*

## ПАЙВАНД[1]

Аё фарзанди Кӯҳистони Масчоҳ,
Туро ман мешиносам, мешиносам.

Баландибахши ин мулки баландӣ,
Зи номи обу хокаш дар сипосам.

Ту аз он кулбаи танги Шукурбой,
Аз он дудмон, ҳисори номусу нанг,

Чу нури тозае рафтӣ ба паҳно,
Ки рӯшантар шавад дунёи фарҳанг.

Ту аз Худгиф, аз он Худгифи Соя,
Кашидӣ шӯъла то дилҳои мардум.

Ту чун як пайраҳа рафтӣ ба водӣ,
Васеътар то шавад шаҳроҳи мардум.

Зи оби чашмаи Ҷӯи Мазораш,
Бибурдӣ покӣ дар кому дили худ.

Ки дори покиза аз ғашшу аз ғуш,
Забони модарии миллати худ…

Ҳамон як неши хоре, ки дар ангушт
Нишон бурдӣ дар он сабзид охир.

Қаламхори кӯҳистон шуд қаламтеғ,
Алайҳи ҷумлаи манкурту мункир…

Туро ман мешиносам, мешиносам,
Ватандорӣ набуд осон бароят.

[1] Наҷвои сардара, маҷмуаи шеърҳо, Хуҷанд, 2004, саҳ. 73.

Зи вазни бори дарду доғи миллат,
Газанде дида болои расоят.

Ба ҳайси як қаламкаш, як аламкаш,
Сипардӣ по ба по Тӯрону Эрон.

Ки аҳли шубҳаву шак дида донанд,
Ки буду ҳасту бошад Тоҷикистон.

Аё парвардаи Худгифи Соя,
Паи он ранҷу заҳматҳо чунӣ, чун?

Ба ҳайси шохае рафта зи дарё,
Зарафшонро ту пайвастӣ ба Корун.

*Абдурауф МУРОДӢ*

## СИПАР БАР МИЛЛАТИ МО

*Барои Мирзо Шукурзода*

Китобат чун сипар бар миллати мо,
Ту худ чун шаҳписар бар миллати мо.
Чӣ хушбахтист, бахшад гар Худованд
Чу ту чанде дигар бар миллати мо.

*Аз китоби «Хандадара»,*
*«Шуҷоиён», 2009, саҳ. 142.*

# *Боби чаҳорум*

# МУСОҲИБАҲО

## МИРЗО ШУКУРЗОДА:
## ТОҶИКИСТОН КАЪБАИ МУҲАББАТИ МОСТ

*(Нигорандаи сӯҳбат доктор Муҳаммадамини Ҳоҷизода)*

Ҳоҷизода: Дар ҳадиси шариф омадааст, ки нишони эътиқоду имони ҳар инсоне нахуст эътиқод ба Ватан аст. Аз ин нигоҳ эҳсос мешавад, ки оғозгоҳи фаъолияти адабии Шумо ва ҳар адибе зодгоҳ аст ва аз таълифотатон дарёфтам, ки ба зодбуми хеш сахт дилбастагӣ доред… Ҳамин тавр нест?

Шукурзода: Сад дар сад ҳамин тавр. Айёми биҳиштии мо, яъне рӯзгори беолоиши тифливу наврасӣ пайванди ширине ба зодгоҳро дорад. Ёди ишқаш ёде ва муҳаббате ба ҳамон биҳишти гумшудааст, ки инсони боимон то дами марг фаромӯшаш нахоҳад кард. Шумо дуруст дарк кардед: ман аввалин мақола, аввалин шеъру ҳикояамро дар зодгоҳам – Масчоҳ дар 12-13-солагӣ навиштаам. Оғозгоҳи рӯдбори таронаҳои шоирон қабл аз ҳама маконест, ки хуни нофашон он ҷо чакидааст. Бубинед, Саъдии алайҳирраҳма Шерозро ба чӣ муҳаббате сутуда:

*Чу хубони Шероз покиниҳод*
*Надидам, ки раҳмат бар ин хок бод!*

Аз ин рӯ зодгоҳамро, агар азиз медонам, ҳатман бо Тоҷикистон азизаш медонам, зеро бе Тоҷикистон мо, ҳамагон, ҳеҷем. Вуҷуди мову зодбуми мо бидуни ин модари арҷманд маънӣ надорад, ҳатто дар хатар аст.

Ҳоҷизода: Дар Тоҷикистон ноҳияе ҳаст, ки қадами Шумо ба остонаш нарасида бошад?

Шукурзода: Ҳаст. Фақат Мурғоби Кӯҳистони Бадахшон, ки умр боқӣ бошад, Мурғобро ҳам мебинам, вале ба баракати 13-соли фаъолият дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» аз Шуғнону Рӯшон то Қубодиёну Қумсангир ва Ховалингу Ғончиву Исфара – тамоми ноҳияҳои Тоҷикистонро ба шумули маҳалҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон ва Афғонистон бо қаламу блокнот даҳҳо бор чарх задам ва дар ҳадди тавонам, мардуми наҷиби ватанро бо мақола, бо очерк ё лавҳа васф кардам. Мақолаҳои тунд ва кӯбанда низ навиштаам. Ман дар ин сафарҳо, дар ҳеҷ порае аз хоки тоҷикзамин худро «масчоҳӣ» эълон накардаам. Қабл аз ҳама тоҷик ва тоҷикистонӣ будам ва ҳастам. Ба фармуди устод Лоиқ: «Ба ҳар ҷое, ки рафтам, дӯст рафтам, арҷманд рафтам.»

Ҳоҷизода: Аммо ба ақидаи ман, теъдоди навиштаҳои шумо дар бораи Масчоҳу масчоҳиён бештар аз дигар ноҳияҳост.

Шукурзода: Узр мехоҳам, ин тавр нест. Дар осори журналистии банда, ки дар мӯътабартарин нашрияҳои Ватан рӯи чопро дидааст, шукӯҳу азамати ғаллазорони бекарони Данғара, заҳмати ҷонкоҳи чӯпонони Лоҳуру Олимтой, васфи боғу бӯстони биҳиштосои Ванҷу Ғарму Ҳоиту Панҷакенту Хуҷанд, санъати дилрабои кулолгарони Файзободу Урметану Чоркӯҳ васф шудааст. Ман ошиқи тоҷик ва табиати Тоҷикистонам ва ҳар қаламкаше обшорҳои рашкбарангези Мағмурӯду Муллоконӣ, замини сабзфом ва осмони нилии Вистану Нилкон ва гӯшаҳое аз Тагобу Кофарниҳону Қаротоғу Ромитро агар надидааст, пас қаламкаши воқеӣ нест. Мӯъҷизаҳо, ки дар вуҷуди шарифи Чиҳилучаҳорчашмаву Бешаи Палангон, Нораку Ҳафткӯл, Арчамайдону Сарихосор, хамӯшии мармузи Искандаркул ва оғозгоҳи пурасрори Зарафшони сармасту шӯх – Аълами Аъламиён дидаам, ҳазор бори дигар мехоҳам бубинам.

Ва инҳо гӯё дар ҳар мулоқоте бо ман гӯшона мезананду наҷво мекунанд: ту ва ҳар тоҷики ин хоку марз барге аз вуҷуди поки моед; бо мо бошед, то дар якҷоягӣ эмин аз хатари ҳар балое бимонем.

Хоҷизода: Фикр мекунам, ҳамаи нависандагон чӣ дирӯз ва чӣ имрӯз саъодати зиёрати тамоми гӯшаҳои ҷумҳуриро надоштаанд. Шумо аз ин нигоҳ, хушбахтед. Вале таърихи чопи аввалин мақола, аввалин лавҳа ё шеъратонро мехоҳам бишнавам. Ҳар нақше, ки инсон бори нахуст аз худ ба ёдгор мегузорад (мисли ишқи аввал) барояш сахт азиз аст…

Шукурзода: Воқеан ҳамин тавр аст. Ман аввалин лавҳачаро дар бораи устоду муаллимам (равонаш шод бод) Қурбон Ҳусейнии шоир ва ориф навиштам, ки тақрибан он айём дувоздаҳсола будам. Муаллимони хуб дар тасаввуроти онрӯзаи мо малоикаҳое омада аз арши Аъло буданд (мактаби мо ҳафтод омӯзгори илми олидор дошт!). Мутаассифона, дар синни 57-солагӣ (се сол қабл) нахустин марсияро ҳам дар сӯги устоди азизам Қурбон Ҳусейнии андешаманди ғамин ва муаллифи се китоби шеър банда навиштам, ки оғозаш ин аст:

*Рафтӣ аз ин дари дуранг,*
*Нури басар, устоди ман.*

*Эй қалъаи номӯсу нанг,*
*Эй муршиду иршоди ман…*

Тӯлонӣ ва ғамполост ин сӯгнома. Ростӣ, пас аз волидайн ҳеҷ шахсияте барои инсон маҳбубтар аз муаллим нест. Ин нуктаро нобиғаҳои адабиёти ҷаҳон низ дар осорашон таъкид кардаанд. Бахше аз китоби чопнашудаи банда, ки «Азамати кӯҳистон» ном дорад, меҳрнома ё достони муҳаббати омӯзгорони гиромии ман Бобо Аваз, Хушмуроди Шомурод, Бобохони Азиз, Шарифамоҳи Шоҳодӣ, Маликсаиди Бадеъ, Рауф Ғуфрон ва дигарон аст, ки бо камоли таассуф имрӯз ҳама дар замини Дилварзин чеҳра дар ниқоби хок кашидаанд. Ҳамагон наҷиб ва донишманду меҳрубон буданд. Ҳамин ҳоло ҳам, мо шогирдони шастсолаи онҳо, Абдусабуру Мирҳасан ва Абдуғаффору Шомирзо, ҳар гоҳ ки қисмат даст диҳаду ба ҳам оем, ёди он азизон мекунем, ҳатто мегирйем ва афсӯс мехӯрем, ки дар қишлоқ муаллиме дар ҳадди онҳо нест ва агар ҳаст, ниҳоят кам аст.

Ҳоҷизода: Шумо китоби муаллим Шодӣ Асрорро пас аз марги ӯ бо номи «Достони Сиёвуш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» соли 2005 аз тариқи нашриёти «Адиб» ба чоп расондед. Ин ҳам тақозои меҳру ихлосатон бо як тан аз омӯзгорон аст.

Шукурзода: Худояш биёмурзад, Шодӣ Асрор шоҳномашинос ва бо тамоми маънӣ олим ва инсони комил буд. Солҳои ҳафтоди садаи гузашта дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон пас аз дифои рисолаи номзадӣ таҳти роҳбарии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ва доктор Нурӣ Усмон (дар Маскав) тадрис мекард. Шодии Олим ба дараҷае наҷиб, хирадманд ва бо ҳаёву ҳилм буд, ки ҳатто музиртарин ашхос ҳам дӯсташ медоштанд. Дардманд буд ва ғамгин, аммо ин ҳама яъсро буруз намедод. Ӯ дар баҳори соли1986, дар зинаи 42-и умр зиндагиро падруд гуфт. Пас аз ин фоҷиа эҳсос шуд, ки илми фирдавсишиносии мо ганҷеро аз даст дод… Ва ман ду рисолаи ӯро, ки яке дар бойгонии интишороти «Адиб», дигаре дар китобхонаи шахсияш маҳфуз буд, ба нашр расондам. Дар соли 2005 ёдбуди шастсолагии эшон дар Бӯстон дар ҳадди олӣ доир гардид. Дӯстии мову бародарам Шодии олимро ҳатто марг наметавонад барҳам занад. Бо рафтагон ҳам мешавад то зиндаем, содиқ бимонем.

Ҳамин муҳаббати додаракоӣ миёни мову афроди фарҳангие чун Шодӣ Боқиев, Мулло Боқӣ, Охун Сафар, Саидолим Акрамзод, Пулод Ҳомид ва Қувват Давлат (рӯҳашон дар биҳишт шод бод!) чун пайванди ногусастанӣ барқарор буд ва ба поси эҳтиромашон шеър, мақола ва ихвонияҳо навиштаам ва боз хоҳам навишт.

Ҳоҷизода: Рисолае низ аз зиндагӣ ва осори шоири ориф ва донишманди иззатманд, муфтӣ Аҳмад Мираминзода дар Теҳрон ба чоп расондед, ки моро хушнуд сохт…

Шукурзода: Оре Эшони муфтӣ дӯст ва ҳамсабақи аллома Айнӣ, пир ва муршиди қиблагоҳи мо ҳам буданд. Чунин имконият пеш омад ва соли 1999 дар радифи китобҳои Садри Зиё, устод Лоиқ ва хонум Гулрухсор банда гулчини ашъори Муфтиро бо рисолае таҳти унвони «Кӯҳкане аз користони дил» интишор намудам. Албатта, азамати Аҳмад Мираминзода хеле афзунтар аз он чизест, ки мо рӯи коғаз овардем. Эшон шоирест дар пояи Ҳоҷӣ Ҳусейни Кангуртӣ, Туғрал ва дигар арбобони намоёни адабиёти поёни асри нуздаҳ ва оғози садаи бист, ки таълифот ва рӯзгори ошуфтаашон дархури пажӯҳишу баррасии хосе аст.

Ҳоҷизода: Дар силсилае аз мақолаҳоятон, ки ҷанбаи публисистӣ доранд, кору пайкори одамони касбу кори гуногун, вале шӯҳратманд, амсоли Бобо Ҳамдам, Кӯчакбоқии Муллоҷон, Наврӯз Раҷаб, Furthermore Бобоҷони Ҷумъазода, Ёрбек Қозиев, Нодир Расулов. Сафарбек Давлатов, Рустамбек Ботуров, Каромат Маҳмудова, Шоҳмаҳмад Норов самимона васф гардидаанд. Очерк ва мақолаҳоро дар бораи онҳое, ки дар боло зикрашон рафт, бо супориш навиштед ё бо амри дил?

Шукурзода: Ин пурсиши шумо завқи касро меорад. Мушаххас аст, ки ҳамчун муҳаққиқ ва пизишк набзи рӯзгори гузаштаро ҳанӯз аз даст раҳо накардаед… Оре, ҳудуди ҳаштод дарсади хабар, репортаж ва лавҳаву очеркҳоро мо, журналистони даврони Шӯравӣ бо супориши идора менавиштем. Вале онҳое, ки исмашон зикр шуд, чун ҳама дар муҳити барои ман ошно кору фаъолият доштанд, авсофашонро бо таҳарруки ишқу тақозои дил навиштаам. Сухани зӯрбазӯракӣ ва баркашида ба пулу мол гарм ва ҳамаписанд намеояд. Ёди қаҳрамонҳои очерку мақолаҳоям Ҳукмиддин Фозилов (Ёвон), Илҳом Иззатов (Қумсангир), Абдулло Маҳмадов (Ғарм),

Иноят Рустамова (Конибодом), Гулхоним Қурбонова (Шуғнон), Толиб Роибов (Ҳамадонӣ), Тӯрахон Тошев (Данғара), Мунира Маҳмудова (Самарқанд), академикҳо Саидмуродов ва Саъба Ҳакимова (Душанбе), шоир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва амсоли онҳо ҳанӯз дар зеҳнам боқист. Инсони хокӣ чун фидоии ҷомеа буд, назди режими Шӯравӣ ва мо, журналистон, қадру қимати баланд доштанд. Зимни ошноӣ бо рӯзу рӯзгори онон, ки воқеан поку мастур аз ҳама палидиҳо буданд ва ҳастанд, қалами рӯзноманигор дар мадҳашон ба сар метохт.

Ҳоҷизода: Менамояд, ки Шумо ба инсонҳои нек ва нафърасон арҷ мегузоред. Ба арҷмандоне чун шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд, устод Муҳаммад Осимӣ, Ҷӯрабек Мурод, Шодӣ Боқӣ, Валӣ Самад, Ҷумъабой Сангинов, Ардамеҳр ва дигарон шеърҳо эҳдо кардаед. Ҳатман зимни ошноии наздик ин қабил чакомаҳо эҷод мешаванд?

Шукурзода: Шумо, пизишкҳо, ба амрози мухталифи ҷисми инсон сару кор доред, аммо нависанда, дар баробари муроқиб будан ба амали неку бади одамон, бо ҷаҳони андешаву тафаккури онон низ ғӯтавар мешавад ва чизе кашф мекунад, ки одамони маъмулӣ бар дарк ва кашфи он оҷизанд. Ба ҳамин хотир, нависандаро инженери рӯҳи одамӣ гуфтаанд. Ин «муҳандис» хушбахт аст, ки кошифи як хазинаи ганҷ, яъне қалби зебои Инсон аст, аммо бадбахт низ ҳаст. Бадбахт ба он сабаб, ки хуни дил хӯрда, бо ноинсонҳо (қаҳрамонҳои манфӣ) низ дасту панҷа нарм мекунад. Қорӣ Исмати мардуд, судхӯр ва фосидро кӣ кашф кард? Аллома Айнӣ! Манкурт ва асолати инсон бохтае чун Собитов дар ҷомеа ҳазорҳо буданд ва ҳастанд, аммо фақат Чингизи арсаи сухан – Чингиз Айтматов симои кареҳи ин худбохтаро ба мо намоёнд. Ё ба ин байт аз Ҳофизи лисонулғайб таваҷҷуҳ кунед:

*Ҷилва бар ман мафурӯш, эй маликулҳаҷ, ки ту*
*Хона мебиниву ман хонахудо мебинам.*

Адабиёт аз ин аҷоибот зиёд дорад.

Ҳоҷизода: Рисолаҳо дар бораи фаъолияти сиёсӣ ва фарҳангии собиқ сафири Эрон Алиашрафи Муҷтаҳиди Шабистарӣ ва доктор Алиасғари Шеърдӯст таҳия ва таълиф намудед. Достонҳои мустанади шумо аз ҷаҳони розҳову размҳои тоҷикони қаҳрамон – президенти пешини Афғонистон Бурҳониддини Раббонӣ, шаҳидони кибор

Аҳмадшоҳи Масъуд ва Ҳабибуллоҳи Калаконӣ низ ба нашр расид. Маълум мешавад, ки ба омӯхтан ва таҳлилу таҳқиқи хатти зиндагии мардони бузурги таърих рағбати зиёде доред. Дар андешаи нависандагии Шумо, ки ҳар эҷодкори воқеӣ ғаввоси дарёи рӯҳи одамист, сохту сози кадом мавзӯъҳо ва симоҳо ба нақша омадааст?

Шукурзода: Ин пурсиши Шумо маро водор мекунад, ки ба мавзӯъ ва масоили зикршуда ва умуман гуфтор дар мадҳу ситоиши Тоҷикистони ба ҷон баробар ва соҳибистиқлоламон боз ҳам ҷиддитар фикр кунам ва он ҳам, дар ҳоле ки офтоби умр ба ҷое расида…

Ҳоҷизода: Сипосгузорам аз ин сӯҳбати ҷаззобе, ки бо ҳам доштем.

Шукурзода: Банда ҳамчунин.

*Нӯъмон РАҶАБЗОДА*

## ЧЕҲРАИ ОФТОБИИ СОЯДАСТҲО

*Соядаст ё автограф, ин як тикка сухани сабзу самимиест, ки ба расми ёдгор ва ё ҳамчун санбули иззату эҳтиром аз сӯи аҳли сухан дар сафҳаи тозаи китоб навишта ва ба дӯсти муаллиф эҳдо мегардад. Сӯҳбати Н. Раҷабзода – журналисти маъруфи тоҷик бо устод Мирзо Шукурзода чеҳраи офтобии чанд соядастро ба мо рӯшан месозад.*

Н. Р. : – Дар китобхонаи ғаниву пурнури Шумо ҳудудан чаҳор ҳазор нусха китоб маҷуд аст, ки теъдоде аз онҳо бо соядаст аз сӯи адибони забардаст эҳдо гардидаанд. Масалан, чашмам ба саҳифаи аввали «Фарёди бефарёдрас»-и устод Лоиқ афтод, ки ин шоири маҳбуби миллат навиштааст: «*Эҳдо ба додарам Мирзо. Бо иродат: Лоиқ*»…

М. Ш. : – Устод Лоиқ бо он табъи баланд ва ғурури дилписанду виқори олии шоирие, ки доштанд, ҳар касеро саҳлу осон «додар» намехонданд. Эшон назди хешу бегона баҳудаву беҳуда дари дил боз намекарданд ва ман, шахсан дар дидор бо устод ҳамчун шогирди дабистон дар ҳузури устоди сахт-

гир, бо эҳтиёт сухан мегуфтам. Ибо мекардам, ки мабодо лағзише дар каломам пеш наояд ва муҷиби озори дили ҳассос ва дардманди Шоир нагардад ва ин ҳам дар ҳоле, ки устод Лоиқ ҷавонмарде фурӯтан ва орифе дарвешхисол буданд.

Соядасти «Фарёди бефарёдрас» ҳарчанд ҷумлае беш нест, аммо бароям чун тулӯъи хуршед гиромӣ аст. Зеро худи устод Лоиқ ин китоб ва соядастро бо амри дил навишта, аз тариқи як нафар масъули Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ба унвони банда соли 1997 ба Теҳрон ирсол карда буданд. Шоирони ҳақиқӣ хислати даруннигарӣ доранд: бе изҳори як калом дили дӯсту душманро мехонанд. Ҳарчанд дар қазовати неку бад ба зудӣ ба баҳсу муҷодила нахезанд ҳам, амиқ дарк мекунанд, ки ин ошноёну ноошноёнро дар замирашон чӣ хуфтааст. Ба ҳамин маънист, ки Ҳофизи лисонулғайб мегӯяд: «Бо харобхотнишинон зи каромот малоф». Нодирпур ба наҳви дигаре ин дардро менолад:

*Ба ҳар кас рӯй кардам, дидам, оваҳ:*
*Маро аз ӯ хабар, ӯро зи ман нест!*

Фарёди дили Лоиқ асари дигаре дорад:

*Бо ҳазорон рафиқ танҳоям,*
*Бо ҳазорон ҳабиб бегамхор.*

Банда ба устод Лоиқ ва адибоне чун устодон Фазлиддин Муҳаммадиев, Ғоиб Сафазода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, хонум Гулрухсор, Сорбону Кӯҳзод, Кароматуллоҳи Мирзо, Раҳмат Назрӣ, Абдулҳамиди Самад, Ҷонибеку Равшани Ёрмуҳаммад ва амсоли онҳо робитаи дӯстӣ ва эътиқоди қавии бародарӣ доштам ва дорам. Соядастҳои самимие аз онон низ барои банда ба ёдгор мондааст, ки ҳамчун гавҳараки чашм ҳифзашон мекунам.

Н. Р. : – Ман бо навиштаҳо ё автографҳое, ки адибон барои дигарон навиштанд, каму беш ошноям. Аммо соядастҳое, ки ба унвони Шумо тақдим гардидаанд, ниҳоят самимианд. Ҳатто бо хондани ин қабил сатрҳо дар чашми кас ашк меҷӯшад. Барои мисол Фотеҳ Абдуллоҳ китоби хеш «Ҳазор тарона»-ро бо сатрҳои зер ҳадя кардааст: «*Барои бародари басо гаронмоя ва арҷмандам мавлоно Мирзо Шукурзода – инсоне*

*дорои фитрати пок ва фикрати пок, боимон, Худоҷӯ, шарофатманд, миллатдӯст ва меҳанпараст… Бо эҳтиром, А. Фотеҳ, 3 апрели 2007. Имзо*»…

М. Ш. : – Ин сатрҳои шеърполо маъмулан бар асари эҷоди дӯстӣ ва садоқати беғаразона ва тӯлонӣ рӯи коғаз меоянд. Мо бо устодон Фотеҳ Абдуллоҳ, Шарифи Раҳим, Баҳманёр, шодравонҳо Шодӣ Асрор, Сармад, Қувват Давлат ва Ҷумъа Дӯст ҳанӯз солҳои ҳафтоди садаи гузашта риштаи дӯстӣ ва ҳамкории фарҳангӣ пайвастем. Шоири пуршӯр Ҷӯра Юсуфии донишҷӯ низ бо мо буд. Нишастҳоямон танҳо перомуни китоб ва таърихи пурпечутоби миллат ҷараён дошт. Фотеҳу Шодӣ, ки устодони Донишгоҳамон буданд, ба мо сабақи худшиносӣ додаанд. Мо кистем? Дар гузашта чӣ рӯзу рӯзгоре доштем ва имрӯз тоҷик дар Ватани хеш ва берун аз он дар чӣ вазъ аст? Чаро асолати исломӣ ва инсонии мо рӯз то рӯз камранг мешавад? Ба ин саволҳо бештар аз осори бузургони олам посух ҷустем ва худ низ баъдан ба таълифот пардохтем.

Сипос Худоро, бо номбурдагон, хусусан бо андешаманди тавоно Фотеҳи Абдуллоҳ дӯстии мо чиҳил сол бегазанд монд. Ва нигоҳ доштани ҷоми муҳаббату дӯстӣ мушкилтарин амр дар зиндагист. Ин ҷоми зарифро касе бешикаст метавонад нигоҳ дорад, ки имони комил дошта бошаду табори тамизу пок. Ноасл фоқиди ин неъмати худодод аст!

Н. Р. – Маро соядасти тозаиншои профессор Абдулманнони Насриддин ва китоби пурмӯҳтавои эшон «Чиҳил мақола» (чопи Хуҷанд, 2008) низ ба ваҷд овард. Бидуни шак, устод ин сатрҳои оташинро аз сидқи дил навиштаанд: «*Ба маҳзари пурбаракати бародари азиз ва дӯсти сухансанҷу сухангустарам Мирзо Шукурзода, ки бо донишу эҳсону бузургмардӣ ҳабиби мо ҳастанд, тақдим медорам. Бо паёми меҳр, Абдулманнони Насриддин. 25 январи 2008*».

М. Ш. : – Дуруст фармудед: аз сидқи дил ва бародарона навишта шудааст ин соядаст. Мову устод Абдулманнон, ки шахсияти воломақоми илмӣ ва исломиянд, дар дидор ва ҳамоишҳои фарҳангии Теҳрону Хуҷанд саодати ошноӣ дарёфт намудем. Фориғ аз маҷлисҳо дар ҳузури бузургоне чун Камол Айнӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдуқодир Маниёзов роҳ ёфта, аз маърифат ва дониши он азизон баҳраҳо бурдаем. Аммо рафоқати мо бо устод Абдулманнони Насриддин мисдоқи абри даргузар нест, балки хуршеди ҷаҳонтоби

ҷовидона аст; яъне ҳамеша ҷӯёи ҳоли якдигарем. Ва иншооллоҳ, то умр боқист, ин дарахти сидқ сарсабз хоҳад буд.

Н. Р. : – Соядастҳо маъмулан фишурда, ҷаззоб ва дар чанд сатре навишта шудаанд. Масалан, Нур Табаров дар вароқе аз китоби худ «Чархи гардон» («Адиб», 2007) ҷумлаи зеринро ба Шумо тақдим кардааст: «*Ба Мирзо Шукурзодаи Масчоҳӣ, ки яке аз сарсупурдагони тоҷикон аст ва низ аз азизони банда… Нурмуҳаммад. Имзо. Таърих 14 январи соли 2008*».

Дар китоби Доро Наҷот «Рӯиш аз сукут» омадааст: «*Тақдим ба устод Мирзо Шукурзода, шоир ва муҳаққиқи пуровоза ва Инсони аз ҳар ҷиҳат тоза. Доро. Имзо. 19 октябри соли 2006*» Инчунин Баҳманёр ҳам дар вароқи романи «Шоҳаншоҳ» садоқати худро дар як ҷумла дастовези Шумо қарор додааст: «*Ба бародари азиз Мирзо Шукурзода, ки дар майдони тоҷикпарастӣ имрӯз аз ҷумлаи яккатозон аст. Имзо. 15. 02. 07*».

М. Ш. : – Ҳар фарде аз ин бузургон ҳамкор, дӯст ва бародари бандаанд. Чунончи устод Нурмуҳаммад Табаров натанҳо бо ман, ки солиёни зиёде таҳти роҳбарии эшон ходими идораи «Тоҷикистони Советӣ» будам, ихлосманданд, балки бо теъдоди зиёде аз ҳамдиёрони мо, аз ҷумла бо Бурҳон Ғанӣ (равонашон шод бод), Усмон Олим, Карим Абдулов, Саидҳаким Боқиев ва дигарон робитаи ҳасана доштанд ва доранд ва борҳо аз домани мақбараи устод Рӯдакӣ то оғозгоҳи Зарафшон – ба зодгоҳи мо сафар кардаанд. Гармтарин суханон ва некӯтарин сифатеро дар бораи меҳмоннавозӣ ва ҳозирҷавобиву олиҳимматии масчоҳиён аз забони Нурмуҳаммад шунидаем ва самимияте, ки ба банда доранд, ин самимият ва муҳаббат ба фард – фарде аз аҳли илму адаби Масчоҳ аст.

Н. Р. : – Аммо баъзе аз муллифон соядастҳои хеле муфассал (ҳатто дар як ё ду варақ аз китобашон) навишаанд, ки барҳақ, ин ҳам нишони ихлосу инояти онҳо ба Шукурзода, шахсият ва осори ӯст.

М. Ш. : – Дуруст фармудаед. Марҳамат ба соядастҳо аз устодон Камол Айнӣ, Аҳрор Мухторов, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Валӣ Самад, Рӯзӣ Аҳмад, Комил Бекзода, Мирзо Аҳмадов, Усмонҷон Ғаффоров, Амон Нуров, Бароти Абудраҳмон, бонувон Гулрухсору Ҳадисаи Қурбон, ҳунарпешаи номӣ Ортиқи

Қодир ва чанд китоби дигар, ки пеши назар доред, таваҷҷӯҳ намоед. Ба Худо савганд, ки ман аз каломи шаккарин ва таърифҳои баландпояе, ки ин бузургворон бароям армуғон овардаанд, хиҷолат мекашам. Дӯст дар зоҳиру ботини дӯст ва амали ӯ фақат хубӣ мебинад. Бубинед, устоди арҷманди мо, профессор Усмонҷон Ғаффоров бо чи нукоти дилангезе рисолаи зебои хеш «Шаҳбози осмони сухан»-ро ба мо тақдим намуданд: «*Ба инсони бароям табаррук, мубаллиғи мероси Лоиқ Шералӣ дар сарзамини Эрон – Мирзо Шукурзода бо орзуҳои нек зиндагиномаи шоири тавонои миллатамонро ҳадия намуда мегӯям: «Мардуми Зарафшон! Бо чунин адиби забардасти водӣ фахр кунед! Муаллиф. Имзо. 6. VI. 08*».

Н. Р. : – Эҳсос мешавад, ки диққати баъзе аз муаллифонро ҷанбаи миллии осоратон ва эҳсоси баланди ватандӯстии Шумо ба худ мекашад. Нависандаи соҳибном Абдулҳамиди Самад, ба таври мисол, Шуморо парчамбардори содиқи меҳан ва нависандаи донишманду заҳматписанд номидаанд («Гардиши девбод», 18.02.08). Ё донишманди ҷавон Ҷамшед Азимпур дар рисолааш – «Сафири хуршед» баргеро ба ин шакл рангин сохтааст: «*Ба устоди бузургвор Мирзо Шукурзода – он виҷдони бедори замон, он дилдодаи ростиву дурустӣ ва покӣ ва он сӯхтаи ишқи Миллату Меҳан тақдим гардид. Ҷамшеди Азимпур. 18. 09. 2009*» Яъне дар дастнавишти ин ду тан аз азизон, ишораи муассире ба хислати ватанпарастии Шумо эҳсос мешавад.

М. Ш. : – Мо бо устод Абдулҳамид Самад, ки қаблан ном бурдед, собиқаи сӣ сол ҳамкорӣ ва рафоқатро дорем. Аммо ошноии банда бо олими ҷавон, вале гавҳарсухан киёи Азимпур, ки зиндагии пушӯру фоҷиабори Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷро мавриди пажӯҳиши жарф қарор додааст, як-ду соле беш нест. Ӯ ба таълифоти хоксоронаи мо таваҷҷӯҳи хосе зоҳир намуд, ба суроғам омад ва беҳтарин накдро роҷеъ ба чанд рисолаи банда, аз ҷумла маҷмӯаи «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно» (Деваштич, чопи аввал с. 2007 ва чопи дуввуми он с. 2009) навишт, ки аз он ҳама хадамоти пурарҷи ин марди шариф сипосгузорам.

Н. Р. : – Дар бораи он, ки баъзе аз соядастҳо бо шеър иншо шудаанд, чӣ ақида доред?

М. Ш. : – Масалан, кадом соядастҳо?

Н. Р. : – Навиштаҳои шоирони ширинкалом устодон Ус-

мон Назир, Ато Мирхоҷа, Ҷӯра Юсуфӣ ва дигаронро дар назар дорам.

М. Ш. : – Устод Усмон Назир дар муқаддимаи тазкираи олимони Масчоҳ «Махзани нур» (таҳияи Муҳаммадамини Хоҷазода) осори хоксоронаи маро дар ҳадди олӣ васф кардаанд. Ин марди асил ҳам дар саховат, ҳам дар арзёбиву доварии заҳмати инсонҳо олиназар ва олиҳимматанд. Ана, ба ин дастхат аз «Оташрез» ном баёзи ашъорашон шинос шавед: «*Тақдим ба азизи ҷонам, дӯсти меҳрубонам, олими асил, кашшофи беҳамто, ватанпарасти муқтадир ва шоири баҳорнафас Мирзо Шукурзода*». Рубоие низ аз устод зери сатрҳои боло омада:

*Мирзои сухансаро, каломат қанд аст,*
*Кору амалат ҳамешагӣ бефанд аст.*
*Усмон гӯяд: ҳазору садсола шавӣ,*
*Ин фард барои халқи ман дилбанд аст.*
*Усмон Назири Оташ, 15. 04. 06*

Ҳоҷӣ Усмон Олим, ки ба теъдоди зиёде аз суханварони устони Суғд ҳаққи устодӣ доранд, низ дар баёзашон «Тӯшаи роҳ» (Хуҷанд, 2008) қитъае ба фақир ҳадя кардаанд:

*Дилат оинаи меҳру садоқат,*
*Намебинам дар он як холи иллат.*
*Сари таъзими мо бар ту ҳамоил,*
*Сари худро намуди барфи миллат.*
*Усмон Олим. Имзо*

Ҳамин тавр, аз лутфу эҳсони Шоири Халқии Тоҷикистон, устод Аскар Ҳаким низ бебаҳра намондаем. Эшон маҷмӯаи «Санги ман – алмос»-ро ба таърихи 20 апрели соли 2007 ба ман тақдим намуданд ва бадеҳатан ин байтро навиштанд:

*Дар адаб бошадат ҳамеша ҳузур,*
*Эй хирадманд, Мирзои Шукур.*
*Имзо. Аскар Ҳаким*

Н. Р. : – Шумораи аввали ҳафтаномаи «СССР»-ро дар бойгонии Шумо варақ задам. Муассис ва сардабири он Сайёфи

Мизроб – журналисти саршиноси тоҷик онро бо соядасти зерин бароятон тақдим намудаст: «*Ба масчоҳии рақами як ва адиби соҳибном Мирзо Шукурзода тақдим менамоям. Имзо*».

Дар байни ин навиштаҳо таъбири «масчоҳии рақами як» хеле баландпоя аст. Ҳамин тавр не?

М. Ш. : – Аслан, сухани баланд, назари баланд, ҳиммати баланд ва номи баланд хоси инсонҳои баландмартаба аст. Дар дунё ҳеҷ чиз, ҳатто пул ва мансабу сармоя ҷойи дӯстӣ ва самимиятро наметавонанд иваз бикунанд. Дӯсти қаламкаши мо Сайёф аз ҳамин зумра шогирдони самимӣ, олиҳиммат, хушмаҳзар, шӯх ва ҳозирҷавоби ман аст. Дар андешаи ӯ ва иддае аз тоҷикони огоҳ Масчоҳ ҳамчун қалъаи муқовимат (мисли Панҷшер) бар зидди аҷнабиёни ғосиби муғулу чуғул нақш бастааст. Хусусан, муқовимати ҳафтсолаи масчоҳиён (1917-1923) алайҳи Артиши Сурх ва қиссаи дархости сулҳ аз сӯи Ленин бо муҷоҳидини ин ноҳия шавқбарангез аст. Аз он, ки Сайёф маро масчоҳии рақами як номидааст, ҳамоно натиҷаи нигоҳи нек ва эҳсоси бародаронаи ӯст, ки ин эҳсоси покро наметавон ҳатто дар чанд ҷилд китоб гунҷонд.

Н. Р. : – Аз гармии соядастҳое, ки Шумо барои дигарон навиштаед, кай сӯҳбат ороем?

М. Ш. – Воқеан, ин ҳам қиссаест бисёр ширин ва гуфтанӣ ва банда аксар соядастҳоро бо забони шеър ва он ҳам филбадеҳатан гуфтаам. Теъдоди камашон дар ёдам боқист. Масалан, зимистони соли 1994 дар Теҳрон дар як мулоқоти кӯтоҳ, ки бо шаҳиди бузургвор устод Муҳаммад Осимӣ доштам, дар сафҳаи аввали китоби «Тоҷикон дар масири таърих» рубоии зерро ба унвони дастхат барои он алломаи ватандӯст навишта будам:

*Эй пури Камол, камоли уқбо бошӣ,*
*Монанди Хуҷанди ҳур зебо бошӣ.*
*Бар кохи ҳунар, ки тоҷи заррин задӣ,*
*Тоҷи сари тоҷикони дунё бошӣ.*

Ҳамин тавр, барои хоҳарону ёрони ба ҷон баробарам устод Валӣ Самад, доктор Саидшоҳи Акрамзод, Тӯйчибой Иброҳимзода, Тоҷиддини Саидолим, Нуқраи Суннатниё, Анзурати Маликзод, Зеварой Бобоева, Олимҷони Саидолим, Абдурасули Ҳикмат, Муҳаммадсубҳони Бобоҷон, Абдуллоҳи

Фозил, Саидрасул Расулзода, Шомирзои Хӯҷамуҳаммад ва даҳҳо бонувони зебо соядастҳои манзум навиштаам. Умедворам, ки қатрае аз дарёи пуразамати наҷобат ва накӯии ононро инъикос карда бошам. Ба назрам, ҳар қарзеро метавон дер ё зуд ба роҳатӣ адо кард, ба ғайр аз қарзи бародарӣ, ки то охирин лаҳзаи зиндагӣ бар дӯши мо чун бори амонат боқӣ хоҳад монд.

Н. Р. : – Тааҷҷуб мекунам, ки бо ин ҳама садоқати саршор, ки ашхоси мӯътабари дар боло зикршуда, худи ман ва дӯстону ҳамкоронатон ба Шумо доранд, боз ҳам якта-нимта касоне ёфт мешаванд, ки нисбати Шумо бадгӯӣ мекунанд.

М. Ш. : – Тааҷҷуб накунед… Дӯстони содиқи мо шабеҳи уқёнусу дарёянд ва дар канори дарёҳо ҳатман якта-нимта хасу хошок ёфт мешавад ва беҳтараш, биёед, ин сӯҳбати ширинро олуда ба полудаҳо накунем. Шумо ва ҳама ёрони хушдилу хушбинро Худованд дар паноҳи исматаш нигоҳ дорад.

Омин!

*Хуҷанд-Масчоҳ, моҳи майи соли 2009.*

## ХОТАМИ МУЛКИ СУЛАЙМОН АСТ ИЛМ

*Гуфтугӯи андешаманди шаҳири тоҷик Фотеҳи Абдуллоҳ бо муҳаққиқ ва пажӯҳишгари чор китоб дар заминаи шинохти тоҷикон Мирзо Шукурзода.*

Ахиран китобҳои тозаэҷоди Мирзо Шукурзода бо номҳои «Тоҷикон дар масири таърих» Теҳрон, 2005), «Ҷонпайванд» («Адиб», 2006), «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» (Теҳрон, 2004), «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно» («Деваштич», 2007) ба нашр расид, ки ин падида рухдоди нодире дар фазои фарҳангии кишварамон маҳсуб мешавад. М. Шукурзода барои маҷмуаи «Ҷонпайванд» ҷоизаи адабии ба номи аллома Садриддин Айниро дарёфт намуд. Китоби дигари ӯ «Тоҷикон дар масири таърих» (нашри саввум, Теҳрон, 2005)-ро ҳафтаномаи машҳури «Варорӯд» китоби беҳтарини сол эълон намуд. Мирзо Шукурзода аз он даста адибонест, ки мактаби тоҷикшиносиро дар Эрон пайрезӣ кардаанд. Осори номбурда ҷиҳати худшиносии миллӣ ва тақвияти ормонҳои олии

меҳанпарастӣ ҳоизи аҳамияти вижа мебошад. Сӯҳбати андешаманди маъруфи тоҷик Фотеҳ Абдулло бо эшон рӯи ҳамин мавзӯъ аст.

– Киёи Мирзо Шукурзода, Шумо аз он афроди андакшуморе ҳастед, ки рӯҳи миллатдӯстиро бо шири модар дар замири хеш парвардаед. Эҳтимол ин аст, ки дар рагҳои дудмонатон ифтихори миллӣ аз қабл мавҷ мезад ва «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар муҳити хонаводаатон мавриди ишқу алоқаи хоссае қарор дошт.

– Сипоси бекарон ба ҳазрати олӣ, ки новобаста бо ҳама машғалаҳои зиндагӣ ба суроғи камина омадед. Дар рӯзгори феълии мо кам иттифоқ меафтад, ки бародаре ҳоли дили бародарашро бипурсад ё аз барори кори ӯ шод гардад.

Дуруст эҳсос кардед: ман аз даҳ-дувоздаҳсолагӣ шарики ғаму шодиҳои ҳазрати Фирдавсиву «Шоҳнома»-и безаволи ӯям. «Шоҳнома»-и ҳакими Тус, мисли девони Саъдиву Ҳофиз ва ҳатто бештар аз осори ҷонфизои ин ду сухангустари олитабъ дар муҳити хонаводаи мо таъсиргузор будааст. «Шоҳнома»-хонӣ мероси гаронқадре аз ниёкони дури мост. Тақрибан дар солҳои сиву чили қарни гузашта, бо вуҷуди он ҳама табоҳӣ ва қаҳтиву фоҷиаҳои рӯзгори пурошуб, шамъи ин маҳфил боз ҳам рушан монд. Агар мушаххастар бигӯем, бонии он шамъ ва ровии нируманду покгавҳар дар хонадони мо тағои падарам – Муллосаъдуллоҳи Ибодуллоҳ будаанд, ки бо ҳамин «ҷурм» аввал гирифтори фишору таъқиби балшивикҳои маҳаллӣ гардиданд, сонӣ, бидуни кӯчактарин муҳокимаву баррасӣ се соли умр дар зиндони Ӯротеппа сипарӣ намуда, сипас ба Тошканд ҳиҷрат карданд ва дар панҷоҳудусолагӣ дар ҳамин шаҳр, дар гузари Дарвозаи Чағатой (ҳоло маҳаллаи Форобӣ) чеҳра дар ниқоби хок кашиданд. Эшон он қадар муҳаббат ба «Шоҳнома» доштанд, ки қисматҳое аз ин шоҳкори бузургро ҳифз кардаву аз ёд мехондаанд ва падарам ишқу алоқа ба Фирдавсиву асари безаволашро аз тағояш Муллосаъдуллоҳ ба ирс гирифта, ба мо эҳдо намуд. Қиблагоҳӣ нируи ҳофизаи фавқулодда қавие дошт. Аз осори динӣ ва мазҳабӣ: Қуръон, ҳафтяк ва чаҳоркитобро мехонд, вале дастхатро ба мушкилот мехонд; Сюжети қариб ҳамаи достонҳои «Шоҳнома», баъзе аз қисматҳои «Хамса»-и Низомӣ, қиссаҳое мисли «Чаҳор дарвеш», «Абумуслимнома»

ва «Амир Ҳамза», бахшҳое аз «Қисат-ул-анбиё», умуман ҳар он чӣ ки дар нишастҳои аҳли фазл андухта буд, дубора, вақте ба хона бармегашт, нарезондаву начаконда барои мо, фарзандонаш нақл мекард. Баёни достонҳои фоҷиавии «Шоҳнома»: кушта шудани Фуруд ба дасти эрониён, марги фоҷиабори Сиёвуш аз кӯрии Афросиёб, ба чоҳ афтодани Рустам ва қатли ӯ аз сӯи бародари номарду нопокаш Шағод… ва амсоли инро бо оби дида нақл мекард. Сӯҳбаташ ҷозибаи аҷибе дошт: ҳини ёдоварӣ аз Ковусу Золу Рудобаву Фарангису Пирону Тӯс пораҳои манзумро аз ёд мехонд ва бо ихлосу эътимоди хосе қисса мекарду мегирист, ба наҳве, ки мо, фарзандонаш ҳам гирён мешудем ва фикр мекардем, ин ҳама паҳлавонону қаҳрамонони дар ҳоли ҷангу набард ва маргумир хешу табори моянд ва Тӯрону Эрон дар ҳамсоягии Худгифи Соя (зодгоҳи банда) ё паси кӯҳҳои баланди он қарор доранд. Тааҷҷубовар аст, ки дар ҳамаи набардҳои хунин, ки мо аз падар мешунидем, ӯ ҷонибдори паҳлавонони Эрон буд, на Турон (ҳарчанд мо худ туронием ин хитта зодбуми мост). Аммо ӯ аз тӯрониён танҳо ба вазири Афросиёб – Пирони Вайса барои хирадгаройӣ ва ақлмандияш меҳр меварзид… Бояд, як нуктаро бароятон арз кунам, ки дар Тошканд, дар миёни анбуҳи «китобҳои куҳна», ки дар манзили тағои падарам – Муллосаъдуллоҳ нигоҳ дошта мешуд, «Шоҳнома»-е бо аксҳои ранга ва авроқи чун абрешим муҷаллову нафис мавҷуд аст. Онро солҳои муҳоҷирати мо ба водии Дилварзин падарам ба орият мегирифту аз Тошканд ба Масчоҳ меовард ва тасвирҳои соҳиру минятурҳои зебои «Шоҳнома»-ро якояк бароямон шарҳ медод. Яъне тасвирҳоеро табсара мекард, ки мо аз сюжети онҳо қаблан огоҳӣ доштем. Ва ин ҷо воқеан, Шумо дуруст фармудед: «Шоҳнома» ба масобаи китобҳои муқаддаси бостонӣ дар хонадони мо, дар жарфнои рӯҳу қалби мо амиқ реша ронда буд. Беҳуда нест, ки ин мероси қудсии ҳакими Тусро урупоиён шиноснома ё паспорти Эрону эронитаборон номидаанд.

– Ва бо ҳамин ишқу алоқа дохили факултети рӯзноманигории Донишгоҳи миллӣ шудед (соли 1968). Чӣ ангезаҳо буд, ки пешаи рӯзноманигориро баргузидед?

– Пас аз хатми донишгоҳ ва чаҳордаҳ соли фаъолият дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») дарёфтам, ки ман на бо тақозои ишқ, балки бо васвасаи эҳсосот во-

риди ҷаҳони журнализм шудаам. Ва кофӣ буд дар ин ҷаҳон ду ё се сол ба сар бурдан. Зеро пешаи рӯзноманигорӣ қариб буд андешаву ангезаи маро аз тасаввуф ва таърихи адабиёт ва пажӯҳиш дар ин замина дур андозад. Фиребанда пешаест рӯзноманигорӣ: кас андак ғафлат кунад, гузашти гаронмоятарин сарват, яъне умрро фаромӯш месозад ва журнализм васвасааш мекунад, то бо ҳамон хабару репортажу баҳсҳои камарзишу мусаҳҳеҳии рӯзнома як умр вафодор бимонад. Дар ҳоле, ки аз инҳо дида муҳимтар корҳо дорад зиндагӣ ва фарди соҳибқалам бояд сараро аз носара ташхис диҳад.

– Киёи Шукурзода! Вақте ки ба рӯзноманигорӣ пардохтед, низоми коммунистӣ салтанат дошт, вале ин низоми тоталитарӣ аз як ҷониб мавриди ҳамлаи густардаи расонаҳои ғарбӣ қарор дошт ва аз ҷониби дигар, корношоямии худро дар дарун (хусусан баъди вуруди Артиши Сурх ба Афғонистон) нишон медод. Шумо рӯзноманигори замони бозсозии гарбачёвӣ ва айёми фурӯпошии Шӯравӣ ҳастед. Ин рухдоди муҳими тақдирсозро пас аз 15-20 сол чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Устоди гиромӣ! Ин суоли шумо посӯхи ниҳоят амиқ, муфассал ва чунучароҳои тӯлониро тақозо дорад, аммо банда мехоҳам, бисёр фишурда шарҳаш диҳам: низоми шӯравӣ пас аз фурӯпошӣ ва зуҳури ҷомеаи маризи демокративу сармоядории носолим азизу иззатманд шуд. Ҳатто Путин дареғу афсӯси онро хурд ва гуфт: ҳар касеро, ки барои Иттиҳоди Шӯравӣ дилаш намесӯзад, пас ӯ дил надорад! Хубиҳои фаровоне дошт он низом, ҳамчунон ки костиҳояш на камтар аз хубиҳояш буд. Кажниҳодони фартуте амсоли Брежнев раванди ҷомиаи сосиалистиро ба бероҳа бурданд ва бузургтарин хиёнати онҳо: ғасби озодии инсон ва сиёсати ҷангҷӯёнаи режим буд, ки намунаи бадтарини он – ҳамла ба Афғонистони ҳамсоя аст. Шӯравӣ чун ҳамаи империяҳои мурда дер ё зуд мепошид ва гиряву заифнолӣ баройи он дигар сӯде надорад: мурда ҳарчанд азиз аст, нигаҳ натвон дошт!

– Ҳар пешае масъулияте дорад. Аз нигоҳи шумо, рисолати рӯзноманигор чист?

– Ҳақиқатнигорӣ ва дифоъ аз ҳаққу ҳуқуқи инсон. Меҳани худ ва забону дину фарҳанги онро чун меҳри модар ва чун шири модар муқаддас донистан ва дар ҳифзи асолати он, бидуни кӯчактарин тарсу бим, хидматгузор будан. Ин аст, ба

назари ман, рисолати рӯзноманигор дар рӯзгори имрӯз ва фардои ҷомеа.

– Дар солҳои бозсозии гарбачёвӣ (1985-1991) Шумо эҳсоси миллатдӯстии худро аз баҳсҳои миллӣ дар миёни дӯстон ба сурати китоб буруз додед, яъне аз қувва ба феъл рӯй овардед. Маҷмӯае аз мақолоти донишваронро бо номи «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» («Адиб», 1990) фароҳам сохтед. Чӣ таконе шуморо дар таҳияи ин китоб илҳом бахшид?

– Бубахшед, агар дар оғози ин посӯх аз мавзӯи асл каме дур меравам; банда ҳанӯз солҳои таҳсил дар мактаб, замоне, ки 14-15 сол доштам, ба дарду алам ва пурсукови бесарунуг сари омӯзгоронамро ба дард меовардам ва суолҳои эътирозомезу гиряолуд медодам ба онҳо: чаро аз ҳамон рӯзи нахуст (1924) Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии комилҳуқуқи Шӯравӣ арзи ҳастӣ накард? Оё устод Айнӣ аз тариқи Максим Горкий, ки дӯсташон буд, наметавонистанд ба рафиқ Сталин фаҳмонанд, ки шаҳрҳои Бухорову Самарқанд сад дар сад тоҷикнишинанд ва онҳо бояд ба Тоҷикистон илҳоқ шаванд? Магар зӯри Маскав ба пантуркистҳо намерасид, ки…? Кӯдакона буданд ин суолҳо. Омӯзгорони меҳрубони ман, рӯҳашон дар биҳишт шод бод – Қурбон Ҳусейнӣ, Маликсаид Бадеъзода, Бобохони Азиз механдиданд ба ҳоли мани ошуфта ва тундхӯ. Тасалиям медоданду мегуфтанд, ки ҳамон Бухорову Самарқанд, мисли Маскваю Ленинград ҳанӯз ҳам шаҳрҳои моянд ва мо ватани ягонае дорем, ки номаш СССР аст.

Оре, ин ҷо муаллимонам, ки худ низ фарзанди замон буданд, талош мекарданд, моро дар рӯҳияи интернасионалистӣ тарбия кунанд, вале он ҷо дар ҳамон Самарқанду Бухоро дар ҳамон айём ва имрӯз низ забону мактаби тоҷикро мебастанд. Муаллимон ба тифлакони ҳафтсолаи дабистон дар Бухоро фармон медоданд, ки «себ» нагӯед, бигӯед: «олма!» Роҳи гузари мо, ки Самарқанд буд, мешунидем ва медидем ин достонҳорову бештар алағда мешудем. Ман худро ба ҳеҷ ваҷҳ миллатгарою шовунист намеҳисобам. Мутанаффирам аз ин падида ва ҳама гуна афкору ақидаи фошистиро мардуд медонам, вале дар баробари онҳое, ки миллати моро таҳқир мекунанд, забонашро мебандаду даст ба таҳрифи таърих мезананд ва ободии таърихи худро дар нобудии тоҷикон меҷӯянд, ҳаргиз мазлуму хомӯшу бетараф буда наметавонам! Қаламро, андешаро мисли алломаи Айнӣ, академикҳо Ғафурову Масов,

шодравонҳо Ширишноҳи Шотемур ва Нусратуллоҳи Махсум чун синон дар дифои арзишҳои миллӣ ба кор бояд бурд. Ифтихор аз он дорем, ки акнун Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷода пешво ва сарпарасти воқеии мост. Тоҷик акнун дар хонаи худ фақир бошад ҳам, соҳибхона аст.

Оре, чуноне шумо, муҳтарам Фотеҳ Абдулло, ишора намудед, банда ва дӯстоне амсоли мо аз фазои озодӣ ва демократӣ, ки ҷаноби Гарбачёв ато намуд, истифода бурда, солҳои ҳаштод ва навади садаи гузашта корҳоеро дар заминаи худшиносии миллӣ анҷом додем ва як намунааш ҳамон маҷмуаи «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» аст. Ин рисола бо мақолаи ибратбахши устод Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик» оғоз мешавад ва шомили даҳ матлаби дигар дар заминаи тоҷикшиносӣ аст. Маро ҳамон андуҳи гароне, ки рӯзгори мактабхонӣ мағз андар мағзи ҷонамро месӯзонд ва ин андуҳ рӯз ба рӯз афзоиш ёфт, водор намуд, ки ба таҳия, иншо ва нашри рисолаҳо рӯи ин мавзӯъ ҷиддитар пардозам. Илова ба ин, бо ҳидояту сарварии ҳазрати олӣ ва теъдоде аз меҳанпарастон сентябри соли 1991, пас аз ду рӯзи эъломи истиқлолияти Тоҷикистон ҳизби Куруши Кабирро таъсис намудем, ки баъдан Созмони Миллии Ориёнои бузург номида шуд. Шумо раис ва банда қоимақоми раиси ин созмони миллӣ будам. Мутаассифона, дар оғози даргирии ҷангҳои дохилӣ дар Тоҷикистон созмон фаъолияти худро қатъ кард ва руасову аъзоёнаш аз сиёсат канорагирӣ карда, ба фарҳанг рӯ оварданд. Теъдоде ҳам тарки ватан карданд.

– Оре, ошуфтагиҳои сиёсии соли 1992 шуморо низ водор сохт, ки ба Эрон муҳоҷират кунед. Дар он ҷо пас аз афзун саргардониҳо дар Садо ва симои он кишвар ба ҳайси нависандаву гузоришгар ва арзёби барномаи тоҷикии Садои Хуросон солҳои 1994-2004 дар Теҳрон кор кардед. Ба ин марҳилае аз рӯзгоратон чӣ сон баҳо медиҳед?

– Сафари ман ба Эрон 14 сентябри соли 1992, ки ҷумҳурӣ дар ҳолати нисбатан ором ба сар мебурд, сурат гирифт. Дар ин сафар банда раиси ширкати иқтисодии «Тоҷикистон – Русия» хонум Маҳбуба Қосимова ва чанд тан ҳамкоронашро бар ҳайси корманд ва мушовир ҳамроҳӣ мекардам. Мо дар Теҳрон ва Исфаҳону Машҳад бо чанде аз ширкатҳои хусусӣ қарордоди ҳамкорӣ ба имзо расондем. Ҳайат пас аз як ҳафта

ба Душанбе баргашт ва ман ҳамчун намояндаи онҳо дар Теҳрон мондам, то равобити туҷориву иқтисодии ширкати «Тоҷикистон-Россия»-ро роҳандозӣ намоям, вале ҳеҷ коре дар ин замина сурат нагирифт. Аввалан, ман пас аз зӯрозмоии кӯтоҳ зӯд эҳсос намудам, ки Худованд гили маро барои тиҷорату савдогарӣ насохтааст. Сонияи, худхоҳони қудратталаб оташи ҷанг дар Тоҷикистонро бо дасти бегонагон баландтар афрӯхтанд ва паҳнтар шуд домани набард. Шабе аз радиои Би-Би-Сӣ шунидам, ки ҳатто дар хиёбонҳои Душанбе қатлу куштори тоҷикон шурӯъ шуда. Баъдтар ҳамин радио хабар дод, ки ҳавопаймоҳои Ӯзбакистон Кофарниҳону Ромиту Ғармро бомбаборон карданд. Ваҳшате сар то поямро фаро гирифт: наход баъд аз ин қадар ҷафоҳо, ки тоҷик аз ғосибони аҷнабӣ дар тӯли ҳазор сол чашид, боз бо дасти худ ва васвасаи душман ба қатлу куштори бародар пардозад?! Дигар расонаҳои хабарии ҷаҳон ва анбӯҳе аз рӯзномаҳои Эрон низ ҳамарӯза аз қатлу куштору хунрезиҳои Тоҷикистон бо воҳимаҳои гӯшношунид аксҳо ва гузоришҳо пахш мекарданд. (Ин рӯзномаҳоро дар бойгонии худ нигоҳ доштаам).

Чӣ бояд кард? Оё ман ва ашхосе мисли банда тавони бастани пеши роҳи ҷангро дорем?

Рӯзе бо дили ғамин ба суроғи доктор, устоди донишгоҳи Теҳрон оқои Буруҷардӣ, ки домоди бунёнгузори ҶИЭ Оятуллоҳ Ҳумайни буд ва мо бо эшон дар Душанбе саъодати ошноӣ доштем, рафтам. Ӯро дар дафтари Мутолиоти Осиёи Миёна ва Қафқоз пайдо намудам ва номаи эътирозии пурдарде ба дасташ дода, гуфтам, ки инро ба мақомҳои кишвараш бирасонад: Эрон бо Русия ва дигар кишварҳои дӯст бояд фаврӣ даст дар даст диҳанд ва ҷанги бародаркушро дар Тоҷикистон мутаваққиф созанд. Мо дӯстони нотавон ва душманони тавоно дорем. Ин даргирӣ, имкон дорад, кишвари кӯчаки моро ба таҷзия ва нобудӣ бикашонад.

Оқои Буруҷардӣ, низ сахт мушавваш буд. Эшон ваъда дод, ки барои ҷилугирӣ аз ин фоҷиа ҳар коре, ки аз дасташ ояд, анҷом хоҳад дод. Баъдан бо сафири вақти Эрон дар Тоҷикистон, оқои Шабистарӣ, ки зуд-зуд ба Теҳрон меомад, рӯи ин мавзӯъ ду-се мулоқот анҷом додам. Ӯ ҳам мисли мо аз ин фоҷиа месӯхт, вале хушбин буд, ки ин даргириҳо зуд хотима меёбанд ва ба тоҷикону Тоҷикистон газанде нахоҳад расид. Он айём аз фароριёну намояндагони опозитсиёни тоҷик

дар Теҳрон ному нишоне набуд ва оқои Шабистарӣ дар поёни сӯҳбат (дар ҳамон дафтари мутолиоти Осиёи Миёна ва Қафқоз) ҳини худоҳофизӣ гуфт:

– Ман мақолаи устод Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик»-ро, ки Шумо ахиран дар маҷаллаи «Осиёи Миёна ва Қафқоз» таҳия ва интишор намудед, бо шавқу завқи хосе хондам. Ин ҷо ғайр аз Шумо ҳеҷ тоҷике ҳузур надорад ва аз таъсиси сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон алҳол хабаре нест. Бинобар ин, рӯҳафтода набошед, таваккал бар Худо кунед ва ба умури фарҳангӣ боз ҳам ҷиддитар машғул шавед.

Қадре таскин ёфтам ва ба сарпаноҳе, ки дар Теҳрон, дар наздикии майдони Инқилоб иҷора гирифта будам, баргаштам. Он рӯзҳо (нимаи охири соли 1992 ва соли 1993) ман бо бунёди «Нишобур» ва раиси он, фарди наҷибу меҳрубон, устод Фаридуни Ҷунайдӣ ва бахши фарҳангии сафорати Давлати Исломии Афғонистон равобити илмӣ барқарор намудам. Намояндаҳои устод Раббонӣ ва шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд дар Теҳрон: Мавлавӣ Тахорӣ, Донишёр, Варсаҷӣ ва Ашиқ, ки ифтихори тоҷикият дар раг-раги вуҷудашон мавҷ мезад, низ аз ҳаводиси Тоҷикистон сахт нигарону ошуфта буданд ва мегуфтанд, ки бо миёнҷигарии устод Раббонӣ ва омир соҳиб (яъне Масъуд) тоҷикон, иншооллоҳ, дар зудтарин фурсат сулҳ хоҳанд кард.

Ман то ҳузур ёфтан дар барномаи тоҷикии Садои Хуросон бо рӯзномаву маҷаллаҳои Теҳрон ва бунёдҳои фарҳангӣ ҳамкориро идома додам. Бо шахсиятҳои бисёр наҷиб ва машҳуру маъруфе, мисли Эраҷи Афшор, Чингизи Паҳлавон, Носири Такмили Ҳумоюн, Ҳасани Биҳиштипур, Шафеии Кадканӣ, Ҳасани Ануша ва теъдоде аз профессорони донишгоҳҳои Теҳрону Исфаҳон ва Шероз равобити дӯстӣ ва ҳамкории илмию фарҳангиям тақвият ёфт. Дар заминаи шинохти тоҷикону Тоҷикистон, тақсимбандии Осиёи Миёна як силсила мақолаҳо ба нашр расондам... Фаъолияти фарҳангиям босамар буд, вале идомаи ҷанги бародаркуш ва дурӣ аз Тоҷикистон ба қалбу мағзи ман мисли хор мехалид. Тобистони соли 1994 баъди зиёрати Кобул ва дидор бо устод Раббонӣ ба Душанбе, ба мураххасӣ баргаштам. Чунин эҳсосе махдуш бароям пеш омад, ки агар дар ҳамин ҳин ба зиёрати ватан наоям, мемирам.

Омадам ба Тоҷикистон ва пас аз мураххасӣ бо дили реш дубора ба Теҳрон баргаштам.

– Солҳои кор дар Эрон, ба назарам, бароятон солҳои босамаре буд. Нахустин китобе, ки дар соли 1994 тақдими хонандагони эронӣ кардед, маҷмуаи мақолоте бо номи «Тоҷикон дар масири таърих» буд. Ин асар бо пешгуфтори муфассали Шумо шурӯъ мешавад, ки он роҷеи сарнавишти таърихии тоҷикони Осиёи Миёна дар асри бист ва моҳияти матолиби китоб баҳс мекунад. Пасон мақолоти тоҷикшиносони мумтозе чун устод Садриддини Айнӣ, Саъиди Нафисӣ, Владимир Бартолд, Эраҷи Афшор ва ғайра дар маҷмуа ҷой гирифтаанд…

– Расонаҳои хабарии худӣ ва хориҷӣ, ба вижа Би-Би-Сӣ ва Садои Урупо дар хусуси аҳамияти нашри «Тоҷикон дар масири таърих» бо банда гуфтугӯҳои зиёде доштанд. Ин китоб се бор ба зевари чоп ороста гардид: ду бор дар Эрон ва боре дар Покистон. Сипас дар соли 2001 маҷмуаи дигареро таҳти унвони «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» ду бор дар интишороти «Суруш», дар Теҳрон ба нашр расондам. Ин асарҳо маҷмуае дар амри муарифии тоҷикони Осиёи Миёна, Афғонистон ва ҷаҳон, инчунин масоили таборшиносӣ ва таърихи ин қавми ориёигавҳар барои форсизабонон ва рушанфикрону фарҳехтагони эронӣ, ки мутаассифона иттилои басо ночизе дар ин замина доранд, аз вижа аҳамияте бархурдор буд. Ростӣ, чопи ин асарҳо дар доираҳои адабии Теҳрон ғулғулае афканд. Садову симои ин кишвар ва матбуоти Тоҷикистон хидматҳои хоксоронаи маро дар ҳадди олӣ таблиғ ва қадршиносӣ карданд. Сафорат ва сафирони вақти ҷумҳурӣ дар Теҳрон ба хидматҳои фарҳангии камина арҷ мегузоштанд. Дастгирии маънавӣ дидам аз онҳо. Вале паси парда гурӯҳе бароям номаълум аз ғояти ҳасодату рашк ба иншои номаҳои беимзо (ананимка) дардисарҳое офариданд барои ин ғариб! Ман ба нигоришу муарифии таъриху тамаддуни тоҷикон машғул будам, онҳо ба навиштани тӯҳматҳо алайҳи ман!

– Ба назаратон киҳо буданд инҳо ва ба номи шумо чӣ тӯҳматҳо мебастанд?

– Инҳо ағлаб «бародарон»-и тоҷикамон буданд, ки бо талоши худи ман дар Эрон соҳиби кору зиндагӣ шуда буданд. Онҳо ба мақомҳои Садо ва симои ҶИЭ менавиштанд, ки Шу-

курзода созмондиҳандаи ҳизби «Куруши Кабир» аст ва ӯву гурӯҳи ӯ ҳама зидди ислом, Зардуштӣ ё Зардуштигароянд. Ботил будани ин итиҳом исбот шуд ва чун тири аввали «косадумҳо» хок хурд, боз ба тирборони буҳтонҳои тоза пардохтанд; навиштанд, ки фалонӣ мусулмони суннигарои ифротӣ аст ва назари хасмона ба мазҳаби аҳли ташайуъ дорад. (Худо бандагонатро аз тӯҳмати ноҳақ нигаҳ дор. ) Банда ду асари бисёр машҳури аз уламои аҳли ташайюъ: «Масъалаи ҳиҷоб»-и устод Мутаҳарӣ ва «Қуръон ва табиат»-и ҳиҷҷат-улислом Беозори Шерозиро ба тафтишгарони номаҳои беимзо манзур намудам ва гуфтам: «Бубинед, оғоён, камина ба мазҳаби шиъа агар хусумате медоштам, ин китобҳоро бидуни дархости музд ба хати крил ва ба забони тоҷикӣ ба чоп намерасондам! Аз сӯи дигар, агар вуҷуди ман бори гароне барои Эрону эронист, ҳар дақиқа ҳозирам, Эронро тарк созам!»

Муфаттишон чеҳра дарҳам кашиданд. Зоҳиран лаънат хонданд ба номапаронҳо (дар он ҷо «косадумҳо» ба унвони номапарон ёд мешаванд) ва гуфтанд, ки ҳузури шумо дар Эрон ҷиҳати хидмат ба фарҳанги ҳарду кишвар воҷиб аст; Аҳамият надиҳед ба ин ҳарфҳо.

Банда пешакӣ аз бархурди бархе аз худиҳову нохудиҳо эҳсос мекардам, ки инҳо рӯзе ҳатман санги тӯҳмат аз бағал берун меоранд ва барои доғзадаву ҷареҳадор сохтани ному қалби ман ниқоб ба рӯ кашида, бо сиёҳномаҳо ҳамлавар хоҳанд шуд. Оре, омад ба сарам аз он чи метарсидам ва ин байти таскинбахш аз ҳаким Низомии Ганҷавӣ сари забонам мечархад, ки фармуда:

*Ҳар номваре, ки ӯ ҷаҳон дошт,*
*Бадномкуне зи ҳамраҳон дошт.*

– Табиист, ки ашхоси камзарф ва бенасиб аз нубуғу тафаккури илмӣ бо аҳли андешаву адаб носозгоранд. Санг меандозанд, тӯҳмат мезананд, сад дасиса месозанд, то садди фаъолияти роҳиёни масири фарҳанг шаванд. Абедонишон, ки ба фармуди Рӯдакии бузург, душмани донишманд, хушбахтона натавонистанд иродаи пӯлодини Шуморо бишкананд. Ба ақидаи ман он ду рисола, ки дар боло баён доштед: «Масъалаи ҳиҷоб» ва «Қуръон ва табиат» арзиши волое дар худогоҳии илмиву динии мардум доранд ва шумо бо лутфу

карами Парвардигор дар соли 1997 ба зиёрати Каъбатуллоҳ шарафёб шудед.

– Оре, ин санаи муборак, яъне тобистони соли 1997 соле бисёр накуву хуҷастарӯй ва фаромӯшношуданӣ дар ёду хотирам хоҳад буд: дар ин таърих созишномаи Сулҳи тоҷикон ба имзо расид! Теъдоде аз дӯстон аз Кобул ва Теҳрон барои дарёфти вазифаю мансаб шитобон рӯ ба Душанбе оварданду мо бо лутфи Худованд ба суроғи хонаи дӯст роҳии Маккаи мукаррама шудем. Медонед, чӣ саъодате дорад барои ҳар мусулмон ба ҷо овардани ин аркони дин! Ва чӣ қадар бадбахт аст махлуқе, ки ғофилу бенасиб аз дарки ҳикмат ва фалсафаву асрори ҳаҷ бошад!

Дар сафарномаи камина, «Хонаи дӯст куҷост?», ки ҳанӯз фурсати вироиши дубора ва нашри он нарасидааст, рӯи ин мавзӯъ гуфтаниҳое матраҳ шуда. Ин ҷо ба шарҳи муфассали он намепардозам. Фақат дуъо мекунам, ки Худованд ҳар мусулмони огоҳро ба ин саодат бирасонад. Ғубори андӯҳу кудуратро насими ин ду воқеаи муҳим: сулҳи тоҷикон ва сафари ҳаҷ аз оинаи дилу хотири ҳазини ман бурд.. Аз Макка ба Теҳрон баргаштам ва дубора дар ҳадди тавони худ камар дар хидмати илму фарҳанг бар бастам. Ба қавли Мавлоно:

*Хотами мулки Сулаймон аст илм,*
*Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.*

– Чопи маҷмуаи мақолоти миллии Шумо таҳти номи «Парниёну ҳариру абрешим», ки он ҳам ба форсӣ соли 1999 дар Теҳрон ба нашр расид, дар фаъолияти илмиатон рӯйдоди фараҳбахше буд… Чаро чунин ном интихоб кардед ба ин рисола?

– Исми ин маҷмуаро аз байте, ки дар тарҷеъбанди машҳури Ҳотифи Исфаҳонӣ омадааст, интихоб кардам. Ин орифи бузургвор фармуда:

*Се нагардад бирешим, ар ӯро*
*Парниён хониву ҳарину паранд.*

Дар сарсухани бисёр самимии маҷмӯа бародари арҷманд, профессор Абдулманнони Насриддин навишт, ки «Парниёну ҳариру абрешим» ҳосили андешаҳо, бардошт ва мушоҳидаҳои чандинсолаи Мирзо Шукурзода ва самаре аз боғи тафаккури ин марди фидоист, ки мазрааи онро пайваста бо чашмаи ишқ

ва армони миллӣ шодоб кардааст (нигаред, рисолаи зикршуда, саҳ. 11).

Воқеан, пайвастагиҳо ва гусастагиҳои фарҳангии се кишвари бародар ва ҳамзабон: Тоҷикистон ва Афғонистону Эрон аз дер боз моро водор ба андуҳу андеша месозад. Тоҷикистон, ки ба ҳама гӯшаҳои дуру наздикаш (ба ғайр аз Мурғоб) даҳҳо бор сафар кардаам, гаҳвораи ишқу ормонҳои олии ман аст. Ҳама бо муҳаббати ин хоки аҳуроӣ зода мешавем ва бо ишқи он дар замини барумандаш маскани абад меёбем. Афғонистону Эрон бародарони халаф ва бузургвори моянд. Ман хоки баруманди Ҳироту Кобулу Балх ва Нишобуру Исфаҳону Шерозро борҳо ба мижгон кашидаам. Дар анҷуманҳои илмӣ суханрониҳо доштам; риштаи дӯстиву бародарӣ бо фарҳехтагони ин ду кишвари азиз пайвастаам. Гиристаам, гила кардаам ва гуфтаам, ки:

*Бегонагӣ бубин, ки ману ёр чун ду чашм*
*Ҳамсояему хонаи ҳамро надидаем.*

Биёед, лаҳзае ба худ ойем ва биандешем: кадом дасти касифе хонадони воҳиди моро, ки ҳазорҳо сол он ҷо бо ҳам ба сар бурдаем, барҳам зад? Офарини русу турку араб, ки дар тамоми тӯли таърих як ваҷаб хоке аз билоди худро аз каф раҳо накардаанд ва баракс: аз ҳисоби замину мулки дигарон хиттаҳои пурвусъат ба қаламрави хеш зам намуданд! Ва шарм бод морову давлатмардони гузаштаи моро, ки пас аз сукути Сомониён дар ҳассостарин мароҳили таърихӣ (ҳатто дар ҳамин қарнҳои бист ва бистуяк ҳам!) теша бар решаи хеш задем ва ҳамвора шаҳреву вилоятеву хиттаеро ба аҷнабиёни ғосиб тақдим кардем! Бузург будем, реза-реза гардидем. Сарафроз зистем, сарафкандаамон намуданд. Ҳофизаи таърихии мо дар ҳарсе кишвар имрӯз ҳам ба ҳадде маризу абгор аст, ки ҳамрешаву ҳамҷавору ҳамтабор буданро фаромӯш кардаем. Фиғони Лоиқи бузург аз ин гӯлӣ ва карахтии мо бар осмонҳо печид ва дар «Фарёди бефарёдрас»-аш садои эътироз баланд карду гуфт:

*Тоҷику эрониву афғон чаро?*
*Мо дар ин дунё, ки аз як модарем!*

Маҷмуае, ки Шумо аз он ёд кардед, моломол аз ҳамин дарду аламҳои таърих аст ва он бо номи дигар: ба унвони

«Ҷонпайванд» дар Душанбе чоп шуд ва муаллиф барои ҳамин маҷмуа дар соли 2007 ҷоизаи адабии аллома Айниро дарёфт намуд.

– Афзун бар он, ки имрӯз раиси Шурои наср дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳастед, тибқи иттилое, ки мо дорем, машғули пажӯҳиш рӯи масъалаи таърихи тоҷикони Афғонистонед. Таҳқиқу таҳаффуси рӯзгори чаҳор бузургмарди он хитта дар садаи бистум: шаҳид Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, устод Халилуллоҳи Халилӣ, устод Бурҳониддини Раббонӣ ва шаҳид Аҳмадшоҳи Масъудро рӯи даст доред. Умед аст, ки ин китобҳо батадриҷ дар Кобул ва Душанбе мунташир мешаванд?

– Имрӯз робитаҳои фарҳангии мо бо Эрон дар ҳадди матлуб идома дорад. Хушбахтона, фарҳангиёни тоҷик дар масоили сарнавишти ҳамсояи азизамон Афғонистон низ бетафовут нестанд. Аз замони ҳамлаи Артиши Сурх ба ин кишвар то рӯзгори мо як силсила китобҳо дар заминаи сиёсат, мардумшиносӣ, адабиёт ва таърихи тоҷикони Афғонистон дар Кобул ва Душанбе ба нашр расид. Кобулиёни азиз ҳанӯз солҳои ҳаштоди садаи гузашта «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуровро ба забони дарӣ тарҷума ва нашр намуданд, ки ин иқдоми рустамонае буд дар он айём. Китоби машҳури зиндаёд, донишманди тоҷик Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» дар Эрон ба забони форсӣ бо тирожи муносиб интишор ёфт. Боз чанд китоби дигареро метавон дар ин замина ёд кард ва банда низ бо огоҳиҳое, ки аз таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии ин кишвар дорам, пажӯҳишҳое рӯи мавзуъ ва масоили таърихи тоҷикони Афғонистон анҷом додам. Ба таври мисол, рисолаеро таҳти унвони «Ҳамосаи родмардони Хуросон» чанде пеш ба поён расондам, ки мавзӯи мушкилоти давлатдории тоҷикони ин сарзамин дар рӯзгори Ҳабибуллоҳи Калаконӣ ва даврони Кормалу устод Раббониро дарбар дорад. Гӯшаҳое аз ин таърих, мутаассифона, барои мо, тоҷикистониён пушидаву пинҳон мондааст ва банда зимни сафарҳои мутааддад ва таҳқиқоту пажӯҳишҳо ва гуфтугӯи зинда бо шоҳидони ин таърих дар ҳадди тавони хеш рушаниҳое ба ин масоили мубрам андохтам. Китоби дигари банда «Аз Ҳиндукуш то бекарон», ки ба форсӣ ва крил омодаи чоп аст, низ давоми мантиқии «Ҳамосаи родмардони Хуросон» мебошад. Дар ин

ду рисола лаҳзаҳо ва лавҳаҳои аҷибе аз зиндагӣ ва кору пайкори Ҳабибуллоҳу Масъуд ва устод Раббонӣ, ки ба «ҷурм»-и тоҷик будан мушкилоти азиме аз сар гузаронидаанд ва ду тан аз инҳо бо ҳамин «гуноҳ» чеҳра дар ниқоби хок кашиданд, рӯи коғаз омадааст.

Орзуву нияти таълифу таҳияи китоб роҷеъ ба осори шоир ва орифи мумтози асри бист, устод Халилуллоҳи Халилиро солҳо ба ин тараф дар сар парвардаам. Аммо бори ин сафар бисёр сангин аст ва ҷуръаташ сангинтар аз он. Дар ҳар сурат, мо, тоҷикони соҳили рости Ому забони шаккарини дарӣ, суруди оламгири Аҳмад Зоҳир, ғурӯри Масъуди сарбаланд – шери жаёни Панҷшер ва маърифати ҷаҳоншумули устод Раббониро бояд обрӯву ифтихори хеш донем. Абадияти Тоҷикистон ва пойдории забону фарҳанги моро танҳо таҳкими равобит бо Афғонистону Эрон метавонад замонат диҳад. Гуфтанист, ки Афғонистону Эрон низ ба вуҷуди Тоҷикистони азизу обод ва ҳамбастагӣ бо он ниёзманданд.

– Шумо афзун ба таълифи китобҳои дар боло ёдшуда ва ҳамкории бисёр муассир бо донишномаи фарҳанг ва адаби форсӣ осори бархе аз шоирон ва донишмандони тоҷикро дар Эрон таҳия ва чоп кардед. Аз ҷумла ду гулчини шеър аз хонум Гулрухсор, «Рӯҳи Рахш»-и зиндаёд Лоиқ Шералӣ, «Наводири Зиёия»-и Садри Зиё ва гулчини ҳазор рубоӣ аз фолклори тоҷикро. Ин асарҳо аз сӯи хонандагони эронӣ дар чӣ ҳадде пазируфта шуданд?

– Дар ҳадди хуб. Теъдоде аз асарҳои зикршуда ду-се бор таҷдиди чоп шуд ва дар бозори китоби Теҳрон гӯё дар як он ба фурӯш рафтанд. Он ҷо китобе аз зиндагӣ ва осори орифи поёни қарни нӯздаҳ ва ибтидои асри бист Аҳмад Маҳвӣ (бо намунаи гулчине аз ашъори эшон) низ бо кӯшиши банда интишор ёфт, ки хушбахтона, мавриди истиқболи гарми эрониён қарор гирифт. Ҳоло дар Теҳрон куллиёти шаҳиди бузургвор ва ба таъбири худи ӯ бигӯем – Туғрали авҷи сухан дар дасти чоп аст, ки онро соли 2004 ба чоп ҳозир карда будам. Боз корҳое аз ин қабил рӯи даст дорам.

– Шеър ҳам мегӯед ва гулчини сурудаҳоятон «Ашки сари мижгони ман» ба табъ расида ва дар садади таҳияи маҷмуаи дуюм ҳастед. Чаро шеър мегӯед ва ба кадом шоирони дирӯз ва имрӯз зиёда дил ниҳодаед?

– Шеър ва ғам, ин ду парандаи яке мубораккадам, дигаре

наҳс ва шумнафас ҳамвора по ба по дунболи ман бол мефишонанд ва яке заҳр асту дигаре позаҳр. Зиндагиро шодиҳояш зарраесту ғамҳояш кӯҳ-кӯҳ. Чора чист? Баъзе инсонҳоро Худованд ҳамзод бо андуҳу яъс ба дунё меоварад ва дар ин ғамкада ягона ғамгусори банда, ба ҷуз як ё ду нафар аз дӯстонам, шеър аст, шеъри ноби форсӣ. Бубинед, орифони кайҳо сар дар бистари марг ниҳодаи мо дар ин боб чӣ ғамномаҳое эҷод кардаанд:

*Бигӯ дилро, ки гирди ғам нагардад,*
*Азеро ғам ба хӯрдан кам нагардад.*

* * *

*Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,*
*Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.*

* * *

*Ба ҷуз ғам дар ҷаҳон ҳамдам надорам,*
*Агар ғам ҳам набошад, ғам надорам…*

* * *

*Меъмори азал кард чу таъмири вуҷудам,*
*Аввал ба дилам сурати ғамхона бино кард.*

Ин ҳам дар ҳолест, ки нобиғаҳое чун Рӯдакӣ ва Фирдавсиву Ҳофизу Хайём дар осорашон ҳамвора шод зистан ва аз ғусса канора ҷустанро таъкид кардаанд. Бедил мегӯяд, ки гоҳо ба ҳеҷ хотири худ шод мекунам. Дар ҳолатҳои буҳрони рӯҳӣ ва газанде, ки аз рӯзгор мерасад, ягона василаи ғамзудоӣ барои ман шеър аст ва қабл аз ҳама девони малакутии Ҳофизи бузургвор, ғазалҳо ва маснавии маънавии Мавлавӣ, аз шоирони муосир ашъори Нодирпуру Лоиқ ҳамсафарони доимии дили мананд. Худи ман ҳам фориғ аз корҳои маълум ва маъмулӣ, ки рӯи даст дорам, гоҳу ногоҳ шеър гуфтаам; ин ҳам он гоҳ, ки мурғи илҳом ба боми хонаи дилам бинишинад ва ку-ку занад. Ба таври мисол, рӯзгори ғурбат дар Теҳрон як шаб то дами субҳ хоб ёди дидагонам накард (Ин гуна шабҳо борҳо пеш омада ва меояд). Банда худро соатҳо ба мутолиа машғул доштам. Яке балкон рафтам, то сигоре дуд кунам. Дидам, ки моҳ мегиряду субҳ медамад ва сафедии чашми са-

педадам бар сиёҳии шаб бо тадриҷ пирӯз мешавад. Ин манзара маро маҷзуб сохт ва таҳрик намуд, ки зуд қалам бардорам ва ҳамон лаҳза сатрҳои зер ба ҷӯшу хурӯш рӯи коғаз омад:

*Ту шири дамидаи лабони моҳӣ,*
*Ту абри сафеди шаҳсавори роҳӣ.*
*Эй боли фаришта, эй дили нуқраи субҳ,*
*Ту маънии лоилоҳа иллолоҳӣ.*

Дарахти шеър худ ба худ гул кард ва шукуфо шуд.

Ё мисоли дигар: боре бонуе порсо ва хушзеҳн бо латофати сар то по ошиқонаву орифона меҳмонам шуд. Сӯҳбате орост, ки қиссаҳои Шаҳрзоди афсонавӣ ғуломи шаҳди гуфтори он парӣ ва он закӣ буданд. Телефони дастӣ дар авҷи сӯҳбати мо ногаҳон занг зад ва ӯро чорае набуд ба ҷуз аз тарки фаврии дидор. Ӯ бо шитоб рафт ва ман мондаму ғами барбодии давлати дидор. Ошуфтагие дар мағзу рӯҳу қалбам туғён кард ва он чӣ ки ин оташи хонумонсӯзро фурӯ нишонд, боз ҳам шеър буд. Ҳамон лаҳза ғазале сурудам дар мотами он нишасти дилпазиру кутаҳумр ва пеши худ сад бор хондамаш, ки матлааш ин аст:

*Эй хӯшаи зарру зиё, бо хокиён бад мекунӣ,*
*Эй хуби хуби хубиҳо, озори сармад мекунӣ.*
*Боз омадӣ, ман шаҳ шудам, рафтию хоки раҳ шудам,*
*Маҳви лаби нӯши туям, нӯшини худ рад мекунӣ.*

*Бо пинае ҳамдам шудӣ, пайкони ҷони ман шудӣ,*
*Дарёи хун сар медиҳӣ, эҳёи машҳад мекунӣ.*
*Бе ту ҷаҳони мурдаам, хору хаси пажмурдаам,*
*Бо куштаи ғамҳои худ дасти дуъо қад мекунӣ.*

*Кишти ғуборолудаам, бо Одам аз як дудаам,*
*Як ҷав гунаҳ омад зи ман, подоши он сад мекунӣ.*
*Ман ҳофизи рози туям, ҳамсозу анбози туям,*
*Оғӯши ҷон бикшодаам, рӯ сӯи маъбад мекунӣ?..*

Ин ғазал тӯлонист ва бо овардани ҳамин чанд мисраъ иктифо мекунем. Устод дидед, шеър чӣ гуна тавлид мешавад ва кай ва дар кадом ҳолат ба суроғи кадом диле меояд. Қабл аз

ҳама дари дили ошиқро панҷа мезанад шеър ва ин луъбат зарифтар аз рами дидаи оҳуст. Тарки ҳама шуғлҳо бояд кард ва ҳамвора ошиқ бояд буд ва дунболаш бояд рафт, то ба чанг ояд ва ром шавад ин ғизол. Он гоҳ шоир дар масири кори шеър муваффақ хоҳад буд.

Мутаассифона, шуғлҳои дардисарсози рӯзноманигорӣ, таҳияву таълифи мақолаву рисолаҳои баҳудаву беҳуда нагузошт, ки мо бо ҷиддияти мудом ва масъулияти тамом пайгири ғизоли шеъру ғазал бошем. Дар муқаддимаи маҷмуаи «Ашки сари мижгони ман» навиштам, ки ҳама умр зери сояи боли баланди шеър паноҳ бурдаам, сарводае чанд шабеҳи шеър эҷод кардаам, вале даъвои шеъру шоирӣ дар сар надоштаам. Зӯрбазӯракӣ шеър сохтан ё ғазал бофтанҳои иҷборӣ барои фарзанди миллате, ки нубуғи илму адабаш ҷаҳонро тасхир кардааст, чӣ зарурате дорад? Ё сухан санҷида гӯ, эй марди бихрад ё хамӯш.

Ба китоби шеъри ман, худи шумо ва шоирони мумтозе чун Гулназар Келдӣ, Ҷӯра Юсуфӣ ва устод Валӣ Самад накд навиштанд ва арҷ гузоштанд.

Аммо чопи ҳамин баёз, ки ҳамагӣ 122 саҳфа буд, чӣ ғавғое дар миёни як идда ҳасудони ақимтабъ ба по накард! Ин идда хоммағзҳо дар оинаи ашъоре, ки дар мазаммати мунофиқу манкурту даллаву данӣ суруда шудааст, чеҳраи кареҳи худро диданд. Заъифнолӣ, туҳмату таҳдиду таҳқир алайҳи шоир шурӯъ шуд. Нафаре занг зад ба манзилам ва ҳатто таҳдид ба қатлу террор кард маро.

– Шумо чӣ посухаш додед? Ва ба органҳои ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат накардед?

– Ман ҳамон лаҳза гӯшаки телефонро гузоштам ва гуфтам:

*Дӯге зада қасди куш кунад манҳусам,*
*Ангор чу ӯ беҷигару фалҳусам.*
*Манҳус! Чунин мӯъҷиза ояд аз ту*
*Тегат ба гулуи хунфишон мебӯсам!*

Онҳо ағлаб хешу табори банда қасд карданд, ки баёзи шеъри маро аз мағозаҳо ва дасти мардум ҷамъ карда, оташ хоҳанд зад. Дар ҳоле, ки дар ашъори ҳаҷвӣ ва танзомези ин маҷмуа ному насаби ҳеҷ фарде мушаххас зикр наёфтааст ва адабиёти гузаштаву имрӯзии мо мамлув аз чунин ашъори

ҳаҷвию танзӣ аст. Он қадар дар накуҳиши ин бадбахтони насабгумкарда ва ахлоқи фосиди зидди исломӣ ва зидди инсонии онҳо гуфтанӣ зиёд аст, ки қалам дар тасвираш оҷиз мемонад. Беҳтараш, ин бахш аз сӯҳбатро бо байте аз Маснавии Шариф ҷамъбаст намоем, ки фармуда:

*Ин баён акнун чу хар дар гил бимонд,*
*Чун нашояд бар ҷуҳуд Инҷил хонд…*

Дигаре аз аҳли қаламро намедонам, вале банда аз рӯзе, ки худро шинохтаам, дучори захри чашму неши забони ҳасудонам. Табиист, ки дар ҳар заминае агар инсон дурахшише аз худ нишон диҳад, борони туҳмату таънаву маломати номардони бемоя аз ҳунар ва афроди дадманиш бар сараш меборад. Мо, мутаассифона ҷиҳати ҳимоя аз оташи ҳасуди ин ҷаҳаннамиён пешакӣ омода нестем ва мудофиъи тавоно ва василаи дифоъ ҳам надорем. Дар чунин мавридҳо низ шеър, оре фақат шеър ба доди дили шоирон расидааст. Бедили абуалмаъонӣ, ки аз захми забони бадгуён ситамҳои бисёр кашида, бо ришханде гуфтааст:

*Аз ҳар ки дар ин замона ранҷе дидам,*
*Бар ҷодаи интиқом кам печидам.*
*Шеъре гуфтам мувофиқи аҳволаш,*
*Онгаҳ хондам пеши худу хандидам.*

Ин ноодамон ё муттаодамони косадум ҳатто дили шоири шӯрида ва миллии мо устод Лоиқро ҷареҳадор карданд, ки рукку рост ба онҳо рӯй овард:

*Санги багали кӯҳ маро шоир кард,*
*Санги багали шумо маро хоҳад кушт.*

Сиришти теъдоде аз инсонҳои деву дадманиш чунин будаст, ки бояд ба ҳамзоти хеш пайт ёфта, ақрабвор неш занад, монеъи рушди камолот ва ҳатто зиндагии оддии ӯ гарданд. Ва домани ин баҳси ғамангез бисёр тӯлонист.

– Пурсиш ва гуфтаниҳо зиёд аст, аммо майдони рӯзнома маҳдуд. Чӣ паёме барои хонандагони рӯзномае, ки минбари хирадварзон аст, доред?

– Қабл аз ҳама барояшон саломатӣ ва саодати абад аз даргоҳи Яздони пок таманно дорам. Дигар ин ки аз тундбодҳои зиндагӣ эмин бимонанд ва дар ҳифзи ваҳдат, арзишҳо ва асолати миллӣ ва исломии қавми муаззами тоҷик нируманд бошанд. Ба фармуди нобиғаи Тус:

*Зи нирӯ бувад мардро ростӣ,*
*Ки сустӣ кажӣ ораду костӣ.*

## «ТОҶИКОН»
### чӣ масиреро тай хоҳад кард?[1]

*Гуфтугӯи шоир ва андешаманди эронӣ хонуми доктор Пунаи Нидоӣ бо нависанда ва муҳаққиқи тоҷик Мирзо Шукурзода перомуни китоби «Тоҷикон дар масири таърих» ки дар Эрон ва Покистон ба нашр расидааст.*

«IRAN NEWS» дар оғози мусоҳиба дебочаи фушурдае ба ин сурат навишт:

Мирзо Шукурзода пажӯҳишгар ва нависандаи тоҷик аз соли 1372 (1992-и мелоддӣ) то кунун муқими Теҳрон ва кормандони бахши бурунмарзии садо ва симои Ҷумҳурии Исломии Эрон аст. Ӯ на танҳо нависанда, балки шоир низ ҳаст. Ашъори бисёреро дар ҳофизаи бебадали худ дорад, ки ба муносибати ҳар мавзӯе адо мекунад ва мехонад. Ӯ бо лаҳҷаи ширини форсии тоҷикӣ сӯҳбат мекунад ва ҷонаш дар шӯълаҳои шӯру бедорӣ нисбат ба меҳани якпорчаи Хуросону Эрон месӯзад. Дар шиёрҳои чеҳрааш андӯҳи Бухоро ва Самарқандро метавон дид ва дар танини садояш шавқи бедорӣ ва овои бозгашт ба решаҳои фарҳанги Эрони исломиро метавон шунид.

Чанде пеш маҷмӯае таҳти унвони «Тоҷикон дар масири таърих», ки ҳосили таҳқиқ ва гирдовардаи Мирзо Шукурзода мебошад, дар Покистон дубора ба чоп расид. Ин китоб нахустин бор дар Эрон аз сӯи Интишороти байналмилалии «Ал-

---

[1] Ин мусоҳиба дар ҳафтавори инглисизабони Эрон IRAN NEWS ба тарихи 24 июли соли 2000 мелодӣ ба нашр расида ва тарҷумаи форсии онро маҷалаи Пайванд (Теҳрон, шумораи 4, 2002 мелодӣ) чоп кард.

худо» дар соли 1373 (1994) ба зевари табъ ороста шуд, ки чопи дуввуми онро ҳамин интишорот дар соли 2002 мелодӣ ба ӯҳда гирифтааст. Аз сӯи дигар, китоби дигаре ба кӯшиши эшон таҳти унвони «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» дар интишороти «Суруш» чоп шуд ва ӯро чанд кори тозаву пурарҷе дар дасти чоп аст.

Пажӯҳишгари тоҷик Мирзо Шукурзода, тасмим дорад бо фароҳам овардан ва таҳқиқу тадвини мақолаҳо ва рисолаҳои нависандагони ҷаҳон дар заминаи таърих, забон, ҳунар, мардумшиносӣ ва дигар масоили марбут ба шинохти қавми тоҷик маҷмӯаи «Тоҷикон дар масири таърих»-ро ба чаҳор ҷилд бирасонад.

Гуфтугӯи мо бо оқои М. Шукурзода рӯи ҳамин мавзӯъ ва дигар масоили пайвандҳои забонӣ ва фарҳангӣ миёни эрониён ва тоҷикони Осиёи Миёна ва Афғонистон сурат гирифтааст.

*Пунаи Нидоӣ: Ба номи Худованди ҷону хирад. Мо нашри тозаи китоби «Тоҷикон дар масири таърих»-ро ба Шумо ва аҳли фарҳанги Эрон ва Тоҷикистон табрик мегӯем. Лутфан бифармоед, ки ин маҷмӯа чи тавр дар муддати начандон тӯлонӣ масире чун Душанбе – Теҳрон – Пешоварро тай намуд ва чи заруpате Шуморо ба таҳияи ин китоб водор кард?*

*Мирзо Шукурзода:*

*Ошно донад садои ошно,*
*Оре, оре, ҷон фидои ошно.*

Сипоси бекарон аз Шумо, ки ба банда ва корҳои хоксоронаи ӯ таваҷҷӯҳ кардед. Оре, чунон ки фармудед, китоби «Тоҷикон дар масири таърих», ки дар соли 1373 (1994 м. ) аз сӯи Интишороти байналмиллалии «Ал-Худо» дар Теҳрон ба чоп расид ва зуд ба фурӯш ҳам рафт, ахиран бо ибтикори ношири афғонистонӣ оқои Билоли Аммор дар шаҳри Пешовар таҷдиди чоп шуд. Ман дар ин ҷо аз оқои Билоли Аммор ба хотири муҳаббат ва ихлосе, ки ба фарҳанги муштараки эрониён, афғонистониҳо ва тоҷикон доранд, ташаккур мекунам. Албатта, агар чопи муҷаддади китоб бо ҳамоҳангии «Ал-Худо» ва банда анҷом мегирифт ва устод Аммор баъзе аз матолибро ҳазф ва чанд мақолаи камарзишро дохили маҷмӯа намекарданд, арзиши хидмати эшон бештар буд.

Шумо ба зарурати гирдоварӣ, таҳқиқ ва нашри «Тоҷикон

дар масири таърих» ишора фармудед. Дар Эрон ва хориҷ аз он ва ҳатто радиоҳои БиБиСи ва Аврупои Озод низ дар ин замина бо банда гуфтугӯҳое доштанд. Нуқтае, ки мехоҳам арз кунам, ин аст ки баъзе аз ақвом ва миллиятҳои ҷаҳон дар тӯли таърих дучори таҳаввулоти аҷибу ғарибе мешаванд, яъне зиндагии бархе аз онҳо ба авҷи пешрафт ва тавсеъа мерасад ва баръакс ақвоме ҳам аз қуллаи шӯҳрат ва шукуфоӣ, ки замоне доштанд, сукут мекунанд ва ҳатто баъзе аз миллиятҳо заъифу забун ва теъдоде ҳам аз саҳнаи рӯзгор маҳв мешаванд. Аз сӯи дигар, меъёри шӯҳрат, обрӯ ва мақоми ҳар қавм на зиёдии нуфус ё ҷамъияти ӯ ва кишваркушоӣ ва ҷаҳонхории сарон ва лашкаркашону моликони он аст, балки собиқаи хадамоти фарзандони он қавм дар таърихи тамаддуни башар маҳсуб мешавад. Хушбахтона, тоҷикон чун сойири ақвоми ирониюласл дар таърихи инсоният номи неке аз худ гузоштаанд; аввалан, дар тӯли солҳо ва қарнҳои мавҷудияти хеш ин қавм, ҳарчанд давлатҳои муқтадире дошт, бар ҳеҷ миллате ва кишваре лашкар накашид, аз сӯи дигар ҳунарманд, пешавар, созанда, халлоқ ва бунёдгузори аҳроми тамаддун дар Шарқи бостон будааст. Донишмандони ҷаҳон хадамоти шоистаи қавми тоҷикро дар роҳи таҳкиму густариши ислом низ ба хати заррин навиштаанд. Ба таври мисол ба саҳифаи 101 аз китоби «Тоҷикон дар масири таърих», мурочиат кунед. Он ҷо ховаршиноси шаҳири рус Владимир Бартолд дар ин замина навиштааст: «дар назари туркон тоҷикон бештар афроди мусулмон ва намояндагони фарҳанги исломӣ маҳсуб мешаванд ва чун туркон навоҳии мусулмоннишинро мусаххар сохтанд, бо ду қавми аслии мусулмон – аъроб ва эрониён ошнотар шуданд ва калимаи тоҷикро фақат дар мавриди эрониён ба кор бурданд...».

Дар мақолаи доктор Дабири Сиёқӣ, донишманди эронӣ «Тот ва тоҷик» ҷиҳати пажӯҳиш ва баррасии вожаи тоҷик беш аз сад манбаъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ва натиҷаи ниҳоии ин пажӯҳиш ва нуқтаи назарҳои аллома Садриддин Айнӣ, устодон Саъиди Нафисӣ, Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ ва тақрибан ҳамаи онҳое, ки рӯи ин мавзӯъ кор кардаанд, ин аст: тоҷик қавми ориёӣ ва форсизабон, ки дар Хуросони Бузург, Мовароуннаҳр ва Афғонистон аз бошандагони бумӣ маҳсуб мешавад. Кофист аз нобиғаҳое чун Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Самарқандӣ, Абӯрайҳони

Берунӣ, Хоразмӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалии Сино ва Носири Хисрави Қубодиёнӣ ном бубарем, ки ҳама зодаи сарзамини тоҷикон (эрониёни шарқӣ) буда, хадамоти фарҳангии онҳо назди ҷаҳон рӯшантар аз офтоб аст.

Бо камоли таассуф, баъд аз даврони суқути нахустин давлати мутамаркази тоҷикон, яъне дудмони Оли Сомон то фурӯпошии Шӯравӣ ин қавм дар ҳолати парокандагӣ ва ҳатто ҷудо аз кишвари модар, яъне Эрони кунунӣ бо ғосибони марзу бумаш яктана дасту панҷа нарм кард. Ба таври мисол, кишваршиноси рус Павлов роҷеъ ба авзоъи сиёсӣ ва иҷтимоии тоҷикон дар оғози қарни бистум навишта буд: «Мо акнун шоҳиди эҳёи ин миллати ҷонсахт, халлоқ ва боистеъдод ҳастем; аз ин пеш онҳо на зиндагӣ, балки ҳақирона рӯз кӯр мекарданд ва ин фақру аҷз натиҷаи се зарбае буд, ки Чингизхон, Темур ва Манғит ба пайкари ӯ зад: аммо дар дунё кам миллате ёфт мешавад, ки чунин зарбаеро таҳаммул карда, боз зинда бимонад. Тоҷикон аз ҳама ақвоми дигар сахҷонтаранд, қадре фурсат кофӣ буд, ки дубора ҷон бигиранд ва эҳё шаванд». Агар академик Павлов таърихи тақсими марзҳои Осиёи Миёна ва хориҷ аз хоки Тоҷикистон мондани шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Тирмиз ва …-ро ба таълифоти худ изофа мекард, шарҳи фоҷиае, ки дар бораи тоҷикон гуфтааст, комилтар мешуд. Ин ҳама масоиле, ки банда арз кардам, дар ашъори шоирони муосири мо ва акнун теъдоде аз аҳли қалами кобулӣ ва эронӣ низ муассир ва бо сӯзу гудоз инъикос ёфтааст. Аз он ҷумла, устод Лоиқ Шералӣ дар чандин шеъру ғазалҳои худ аз ин дард нолида ва ҳатто мехоҳад ба даргоҳи Худованд шикоят бибарад, ба ин қитъа аз шеъри устод таваҷҷӯҳ фармоед:

*Ҷон ба қурбони ту, ай Меҳани хунинкафанам,*
*Будӣ байт-уш-шарафам, гаштаӣ байт-ул ҳазанам.*
*Душманат чор тараф аҷнабию хонагиянд,*
*Тани танҳо ба чӣ неру сафи аъдо шиканам?*
*Дӯст душманнасақу душмани ӯ дӯстнамост,*
*Рост гӯям, бипаронанд ба чашму даҳанам…*
*Дамани кӯҳ гирифтему думи маркаби хеш,*
*Рафт аз даст ҳама домани дашту даманам.*
*Эй Хуросон, ту бигӯ, соҳати Эронвич ку?*
*Ман аз ин фоҷеа чун шиква ба Яздон накунам?*

Ин шеър тӯлонист ва бахшҳое аз сарнавишти оганда аз дарду ҳасрати қавми парешони моро дарбар дорад. Агар ашъори сурудашуда аз суханварони се кишварро дар ин замина гирдоварӣ кунем, маҷмӯаи боразише хоҳад шуд. Осори насрии фаровон низ дар ин бора дорем. Мутаассифона, ҳадамоти таърихии қавми тоҷик дар чанд қарни ахир камранг нишон дода шуд ва фоҷеаҳои бузургеро мутаҳаммил гардид. Аз ин рӯ, банда тасмим гирифтам, ки бо истифода аз манобеи фаровони фарҳангӣ ба муаррифии ин қавм бипардозам.

*Пунаи Нидоӣ: Метавонед муҳимтарин матолиби китоби «Тоҷикон дар масири таърих» – ро барои хонандагони мо шарҳ диҳед?*

*Мирзо Шукурзода:* Аввалан, ҳузури ҳазрати олӣ ва хонандагони арҷманд арз шавад, ки китоб дар бораи масоили мардумшиносӣ, таърих ва ҷуғрофиёст. Дар мавриди ақвоми мухталифи эронӣ ва вижагии ин ақвом аз замонҳои куҳан то имрӯз осори фаровоне аз сӯи донишмандон ва ҷаҳонгарони хориҷӣ таълиф шудааст, аммо дар бораи тоҷикон чунин китоб қабл аз Инқилоби Октябр дар соли 1910 мелодӣ аз сӯи донишманд ва сайёҳи русӣ Шишов дар Тошканд ба забони русӣ чоп шуд. Дигар донишмандони рус Хаников рисолае роҷеъ ба масоили гуногуни зиндагӣ, сунан ва одоби ақвоми эронӣ таълиф намуда, ки бахши азиме аз он дар бораи тоҷикон аст ва ин асар низ ду қарн пеш аз рӯзгори мо навишта шудааст. Бузургтарин китоби таърихӣ дар бораи тоҷиконро академик Бобоҷон Ғафуров дар солҳои Ҳукумати Шӯравӣ падид овард. Нусхаи комили он дар соли 1972, ибтидо дар Маскав ба забони русӣ, баъд дар Кобул ба форсии дарӣ ва аз он ба баъд ба чанд забони зиндаи дунё тарҷума шуд. Солҳои қабл низ тарҷумаи форсии ин китоби нодир зери назари донишманди фарҳехтаи эронӣ, доктор Алиасғари Шеърдӯст, аз сӯи интишороти «Ирфон» дар шаҳри Душанбе дар 1234 саҳ. ба нашр расид. Осори зикршуда асосан ҷанбаи таърихӣ доранд ва аммо дар бораи маҷмӯаи «Тоҷикон дар масири таърих» бояд арз кунам, матолибе, ки дар ин китоб фароҳам омад, маънои вожаи тоҷик ва баҳсу баррасии мутааддиде дар ин бора ва саҳми тоҷикон дар боло бурдани маърифати исломӣ ва эронӣ ва густариши ин фарҳанг дар миёни ақвоми дигар, ба вижа турктаборони Осиёи Миёна ва

Қафқоз ва мавзӯи дардноки тақсими ноодилонаи марзҳои Осиёи Миёна аз сӯи болшевикҳо ва берун аз марзҳои Тоҷикистони кунунӣ мондани марокизи фарҳангии тоҷикон, амсоли Бухоро, Самарқанд ва коста шудани ҳуввияти миллӣ ва асолати фарҳангӣ дар минтақа ва ғ. аст, ки ба хонандагони гиромӣ пешкаш гардид.

Мақолахо ва рисолаҳо аз ҷониби шахсиятҳои маъруф ва соҳибноме чун Саъиди Нафисӣ, Садриддин Айнӣ, Владимир Бартолд, Доктор Пошинев, Дабири Сиёқӣ, Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ва… навишта шудаанд. Баъзе аз пажӯҳишгарону фарҳангнависон маънии вожаи «тоҷик» ва ба кадом тира ва табор мутааллиқ будани онро нодуруст ва дур аз мантиқ шарҳ додаанд, ки банда дар муқаддимаи чопи авали китоб ба онҳо посуххое додаам. Аммо қабл аз рӯзгори мо, ҳудудан 60 сол пеш аллома Садриддин Айнӣ иддаои бепояи теъдоде аз муаллифони араб, турк ва пантуркистҳоро, ки тоҷикро на аз табору нажоди ориёӣ, балки аз табори хеш донистаанд, дар рисолаи пурарзише бо номи «Маънои калимаи тоҷик»[1] мавриди нақд ва пажӯҳиш қарор додааст.

*Пунаи Нидоӣ: Китоби Шумо, то ҷое иттилоъ дорем, аввалин бор дар шаҳри Душанбе бо теъдоди 8000 нусха чоп шуд ва нусхаҳои дар Теҳрон ва таҷдидшудаи он дар Покистонро дидем, лутфан дар ин бора ба хонадагони мо тавзеҳ диҳед.*

*Мирзо Шукурзода:* Оре, нашри ин маҷмӯа бори нахуст, дар соли 1990 дар Тоҷикистон бо хати крил сурат гирифт, ки шомили 125 саҳифа буд ва «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» унвон дошт. Тайи солҳои 1371-1373 (1992-1993) дар китобхонахои Теҳрон, Машҳад ва Ҳирот матолибе дар ин замина (ҳудуди 300 саҳифа) дарёфт намудам, ки бештари онҳо барои форсизабони Осиёи Миёна ва Афғонистон матолиби тоза, ҷолиб ва арзандае буд. Ҳамин тавр, ин маҷмӯа бо ибтикори бародарони гиромии мо дар Теҳрон, устодон Алиасғари Шеърдӯст, Қаҳрамони Сулаймонӣ ва Муҳаммади Борӣ дар соли 1994 дар

[1] Ин асар нахустин бор дар соли 1940 дар Самарқанд навишта шуда, дар соли 1988 дар моҳномаи «Садои Шарқ» ва дар соли 1990 дар маҷмӯаи «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» дар ш. Душанбе ва дар китоби «Тоҷикон дар масири таърих» мунташир шудааст.

интишороти «Ал – ҳудо» дар 440 саҳ. ба чоп расид, ки аз кӯмак ва лутфи онҳо сипосгузорам. Роҷеъ ба нашри муҷаддади китоб дар Покистон дар оғози гуфтугӯ матолибеpo арз кардем. Фақат рӯи ин мавзӯъ муждагонӣ ба алоқамандони омӯзиши таърих, фарҳанг ва умуман масоили тоҷикшиносӣ метавон дод, ки интишороти «Ал – ҳудо» дар соли ҷорӣ чопи дуввуми китоби зикршударо ба изофаи 100 саҳ. матлаби тоза ба ӯҳда гирифтааст.

Лозим ба ёдоварист, ки нашри ин китоб дар Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон ба истиқболи гарме рӯ ба рӯ шуд. Профессор, донишмандони шаҳири тоҷик устод Валии Самад, шоир Доро Наҷот, устод Ҳасани Анӯша ва чанд тани дигар аз намояндагони фарҳанги муштараки мо дар Аврупо бар ин маҷмӯа тақриз навишта ва нуқтаи назарҳои худро роҷеъ ба арзиши илмии матолиби он ва баъзе камбудҳо, ки дар тадвину таҳқиқи мақолаҳо сар задаст, иброз доштанд, ки мо аз ҳусни нияти ин арҷмандон сипосгузорем.

*Пунаи Нидоӣ: Ба мо мужда расид, ки китоби дигаре таҳти унвони «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон»[1] таҳия намудаед ва он дар интишороти «Суруш» дар дасти чоп аст… Лутфан бигӯед, ки дар ин китоб чӣ мақолоте омада ва дар он ба чӣ рӯйкардҳо ва мавзӯот пардохта шудааст?*

*Мирзо Шукурзода:* Пас аз нашри «Тоҷикон дар масири таърих» диду боздиди мутааддиде бо донишмандони тарози авали Тоҷикистон мисли шодравон Муҳаммади Осимӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Юсуфшоҳ Яъқубшо, Камол Айнӣ, Абдулқодир Маниёзов, Аҳрор Мухторов, устод Кӯҳзод ва шоири тавонову меҳандӯст Лоиқ Шералӣ доштам. Бо машваратҳои судманд ва пурарзиши ин бузургворон ба пажӯҳиш ва ҷустуҷӯ дар масири таҳқиқ ва гирдоварии масоили тоҷикшиносӣ идома додам ва ба натиҷае расидам, ки дар ин замина ганҷинаҳои нокушуда бисёр аст. Хушбахтона, ҳосили ҷустуҷӯҳоям таҳия ва таҳқиқи 24 мақола аз донишмандони маъруфе чун академик Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ, На-

[1] Китоби зикшуда дар соли 1999 ва 2003 дар Интишороти «Суруш» ду бор ба нашр расид.

моз Ҳотамов, Владимир Бартолд, Аҳмади Касравии Табрезӣ, Сируси Эзидӣ, доктор Ризо Мустафавии Сабзаворӣ, Муҷтабои Минавӣ, Солеҳи Паргорӣ ва … буд, ки дар китоби зикршуда оварда шудааст. Мақолоти ин маҷмӯа бештар ҷанбаи таърихӣ ва мардумшиносӣ доранд ва аз ягонагии нажодӣ ва фарҳангии тоҷикону эрониёну афғонистониён ҳокӣ мебошанд.

Масоили ҳуҷуми фарҳангӣ ва кӯшишҳои дадманишонаи душманони таърихии қавми тоҷик ва талоши онҳо барои нобуд сохтани забони форсӣ дар Осиёи Миёна ва Афғонистон дар навиштаҳои Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Намоз Ҳотамов, Саиди Саъдизода, Муродалии Лангарудӣ ва дигарон дар бахши ниҳоии ин маҷмӯа, ки «Сӯгномаи Балху Бухоро» ном дорад, бо санад ва далоили мӯътамад ва раднопазир инъикос ёфтааст. Умед аст, ки ин маҷмӯа чун китоби «Тоҷикон дар масири таърих» мавриди қабули хотири ҳаводорони фарҳангу адаб қарор гирад.

*Пунаи Нидоӣ: Сахтҷонӣ ва муқовимати мардуми Тоҷикистон аз куҷо нашъат мегирад? Бо вуҷуди он ки зарбаҳои муҳлике ба пайкари ин миллат ворид омад, боз ҳам зинда монд. Шумо ин муқовимати мардуми тоҷикро, ки то ҳоло давом оварда ва фарҳанг ва забони худро ҳифз кардааст, чигуна арзёбӣ мекунед?*

*Мирзо Шукурзода:* Агар иҷоза фармоед, ба ин пурсиши Шумо дар ибтидо бо як пора шеъри устод Лоиқи Шералӣ посух диҳам. Эшон ба қавми парешони мо мурочиат мекунад ва мегӯяд:

*То дар ин кӯҳу камар эмин зи аъдо мондаӣ,*
*Дар дили сад дашту саҳро дасту сарҳо мондаӣ.*
*Бе мадина, бе сафина, бе хазина, бе насаб,*
*Кӯ ба кӯву дар ба дар дарвешосо мондаӣ.*
*Дур аз пистони модар, дур аз огозгоҳ,*
*Берун аз маҳди Самарқанду Бухоро мондаӣ.*
*Сангрӯён сангкӯбон сангҷонат кардаанд,*
*Дар миёни кӯҳҳо як пора хоро мондаӣ.*
*Тангчашме вусъати дунёи афкорат надид,*
*Боз ҳам воломаниш дар ёди дунё мондаӣ.*

*Бас буридандат забону бас шикастандат миён,*
*Боз гӯё, боз пӯё, боз поё мондаӣ.*
*Мондаӣ гар нимаҷону нимазинда то ба ҳол,*
*Бо суруди Рӯдакӣ, бо тибби Сино мондаӣ.*
*Мондаӣ гар покҷону покимон то ҳанӯз,*
*Бо китоби Ҳофизу осори Мавло мондаӣ.*

Ин мавзӯъ дар осори адибони мо, бавижа устод Айнӣ, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Раҳмат Назрӣ, Камол Насрулло, Қувват Давлат, Доро Наҷот, Низом Қосим ва ғайра бозтоби аҷибе доштааст. Бо камоли таассуф, дар бахшҳои азиме аз сарзаминҳои кӯҳансоли Фароруд, Хоразм, Марв, Чоч ва Фарғона ин сахтҷонӣ мунҷар ба шикаст гардид ва забони форсӣ мақом ва манзалати ҳазорсолаи худро дар ин марокизи фарҳангӣ ба тадриҷ аз даст дод, забонҳои бегона, аз ҷумла ӯзбакӣ (турки чағатоӣ) ҷойгузини қанди порсӣ шуд. Табартақсими сарзамини тоҷик дар оғози қарни бист бештар равнақ ёфт. Акнун ҳамин нобудии тадриҷӣ ва барномарезишуда ду конуни бузурги фарҳангӣ: Самарқанд ва Бухороро таҳдид мекунад, зеро ин шаҳрҳо дар дохили ҷумҳурии Ӯзбекистон мондаанд.

Забони форсӣ ва фарҳанги тоҷикӣ дар кишвари кӯҳистонии мо – Тоҷикистон, ба қавли устод Лоиқ Шералӣ «дар миёни кӯҳҳо як пора хоро мондааст», ки барои дар ҳамин маҳдудаи кӯчак зинда монданаш низ аз Худованд сипосгузорем. Аммо устод Лоиқ аз беадолатии таърих мехоҳад шиква ба даргоҳи Яздон бубарад:

*Эй Хуросон, ту бигӯ, соҳати Эронвич ку?*
*Ман аз ин фоҷиа чун шиква ба Яздон накунам?!*

Иллати ҳамаи ин таҳаввулоти манфӣ адами вуҷуди давлати марказӣ, нотавонии қавми бумӣ дар мақобили ҳуҷуми селосо ва пайдарпаи туркон ва муғулон ва бурузи ихтилофи мазҳабӣ байни Эрон ва Мовароуннаҳр ва ҳудудан ба муддати 300 сол қатъи равобит байни ин сарзаминҳо (Осиёи Миёна ва Эрони Марказӣ будааст). Осиёи Миёна ҳатто бо бузургтарин шаҳрҳои мардуми ҳамсоя ва форсигӯи худ: Кобул, Ғазнин, Ҳирот ва Балх солиёни дароз равобити фарҳангӣ надоштааст. Зеро дар ҳар ду каронаи рӯди Ому бегонагон ҳукумат мекар-

данд. Албатта, ин мавзӯъ дар осори таърихшиносони машҳури тоҷикӣ, эронӣ ва хориҷӣ ба таври муфассал баррасӣ шудааст ва бахшҳое аз китоби «Тоҷикон дар масири таърих»-ро низ дар бар дорад.

*Пунаи Нидоӣ: Пас, нашри ин силсиламатолиб, ки ҷаноби олӣ заҳмати онро ба ӯҳда доред, идома пайдо хоҳад кард?*

*Мирзо Шукурзода:* Агар умр боқӣ бошад, ба ёрии Худои бузург нашри «Тоҷикон дар масири таърих» ба 4 ҷилд хоҳад расид. Мо иттилоъ пайдо кардем, ки ба ғайр аз кишварҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар ин замина дар китобхона ва пажӯҳишгоҳҳои Маскав, Санкт-Петербург, кишварҳои Туркия, Ҳиндустон ва Покистон маводи нодири илмӣ хеле фаровон аст (ба забонҳои русӣ, инглисӣ, форсӣ ва туркӣ). Онҳо бояд бо муҳаббат гирдоварӣ, тарҷума ва тасҳеҳ гарданд ва бо дарёфти умри тоза аз тариқи «Тоҷикон дар масири таърих» ба ганҷинаи тамаддуни ориёӣ ворид шаванд.

*Пунаи Нидоӣ: Дар муқаддимаи китоб Шумо ишорат ба адами вуҷуди ваҳдат миёни тоҷикон ва дар маҷмӯъ форсизабонон доред, мешавад ин баҳси дардноксро ба таври ошкор, вале фишурда барои хонандагон тавзеҳ диҳед?*

*Мирзо Шукурзода:* Мешавад, аммо на ба таври фишурда, зеро аз замони вуқӯъи ихтилоф байни бародарони мо: Салму Туру Эраҷ ва ҷангҳои хунину тӯлонӣ миёни Эрону Тӯрон то ҷанги бародаркушии Тоҷикистон (солҳои 1992-1997 мелодӣ) ва зуҳури толибон дар гӯшае аз Хуросони Бузург, ки бо номи Афғонистон ёд мешавад, эрониён ва тоҷикон натанҳо бебаҳра аз самараи ваҳдат ва ҳамбастагӣ, ки дар Қуръони азимушшаън ва осори ниёкони мо беҳтарин неъмати илоҳӣ дониста мешавад, будаанд, балки бо ҳар баҳонае «мудом дар андешаи хиёнат намудан ба бародарони худ зистаанд» (ин нуқта дар китоби Сироҷиддини Ҳаким, «Туҳафи аҳли Бухоро», чопи Теҳрон, 1371 (1990 м), саҳ. 103 зикр гардидааст ва ҳамин тавр, зина ба зина аз осорхонаи таърих вақте боло меравем, ин саҳнаҳои мудҳиш ва нангин чеҳраи кареҳи худро ба ҷилва дармеоваранд ва моро водор ба сарафкандагӣ месозанд ва бори хиҷолат қоматамонро бештар аз он хам мекунад, ки ча-

ро мо таҷриба ё дарсе аз гузашти рӯзгор наёмӯхтаем, (ва «Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор» – мефармояд Рӯдакии бузургвор). Ин фоҷеа ё «ҳунари бародаркушӣ»-и мо дар осори манзуми адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ, аз ҷумла устодон Маликушшуарои Баҳор, Ахавони Солис, Фаридуни Муширӣ, хонум Турони Баҳромии Шаҳриёрӣ, Лоиқи Шералӣ, Бозор Собир, хонум Гулрухсор ва дигарон ба шеваҳои мухталиф инъикос ёфтааст. Ба таври мисол, дар шеъре ба номи «Ман худамро кушта-кушта» Бозор Собир мегӯяд:

*Бар ман аз наздик бинед,*
*То маро чун ман шиносед.*
*То маро чун ман биёбед,*
*аз хароботи Хуросон,*
*Ҳамчунон таърихи Кӯшон…*
*Вой бар ман, вой бар ман, вой бар ман:*
*Бомиёнро сохтам ман,*
*Бомиёнро сӯхтам ман,*
*Кофиён пардохтам ман,*
*Кофиёнро бохтам ман!*
*Тахти Доро дар раҳи ман буд,*
*ман кардам харобаш,*
*Ганҷи Қорун дар кафи ман буд,*
*ман додам ба бодаш.*
*Коҳи бод овардаву хоки сияҳ кардам ҳисобаш…*
*Дод аз ман, дод аз ман,*
*Алъамон, фарёд аз ман!*

Бозор Собир дар ин шеър, ҳамин тавр сохтанҳо ва сӯхтанҳо, коштанҳо ва куштанҳо, мусулмонӣ ва номусулмониҳо, бародаркушӣ ва душманпарвариҳо ва дигар «ҳунар»-ҳои ин қавми кӯҳансолро, хоҳ эронӣ бошад, хоҳ тоҷикӣ, бо нидои «вой бар ман, вой бар ман, вой бар ман» ба риштаи таҳрир мекашад.

Хиёнатҳову иштибоҳоте, ки дар гузаштаи дуру наздик аз сӯи баъзе аз бародарони мо сар зад, агар дар қарни XXI, ки офтоби андеша ва тафаккури инсонҳо дар ҳоли дурахшиши аъло мебошад, ҷуброн нагардад ва мо боиси боз ҳам тангтар ва фишурдатар гардидани сарзаминҳо ва ҳавзаҳои фарҳангӣ

ва сиёсии ақвоми ориёӣ ва забони малакутии форсӣ бишавем ва бо эҷоди ихтилоф ва ё беэътиноӣ ба сарнавишти кишварҳоямон дарси ибрат аз гузашта наёмӯзем ва об дар осиёи душманони таърихии худ бирезем, ба қавли устод Бозор Собир: Вой бар мо, вой бар мо, вой бар мо! Ва бад нест талхии ин баҳсро бо ғазале аз Мавлои Балх, ки бисёр омӯзанда аст, қадре аз байн бубарем. Ин андешаманди фарзона ва нобиғаи нотакрори ҷаҳони ишқу ирфон низ пайомади ин ғафлатро фоли нек намебинад:

*Биё, то қадри якдигар бидонем,*
*Ки то ногаҳ зи якдигар намонем.*
*Чу мӯъмин ойин (и) мӯъмин яқин шуд,*
*Чаро бо ойина мо рӯгаронем?*
*Каримон ҷон фидои дӯст карданд,*
*Сагӣ бигзор, мо ҳам мардумонем.*
*Ғаразҳо тира дорад дӯстиро,*
*Ғаразҳоро чаро аз дил наронем?*
*Гаҳе хушдил шавӣ аз ман, ки мирам,*
*Чаро мурдапарасту хасми ҷонем?*
*Чу баъд аз марг хоҳӣ оштӣ кард,*
*Ҳама умр аз гамат дар имтиҳонем.*
*Кунун пиндор мурдам, оштӣ кун,*
*Ки дар таслим мо чун мурдагонем…*

Домани ин баҳс бекарона аст ва мехоҳам бар як нуқта таъкид кунам, ки мардуми Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон, ки ҳазорҳо сол ба ин тараф ба фарҳангу сунану одоби исломӣ ишқ меварзанд ва дар таҳкиму густариши дини мубини ислом бештар аз ҳар қавме хадамоти бузурги таърихӣ анҷом доданд, бояд дар қарни XXI, ки даврони растохези миллатҳо ва гароишу ҳамбастагӣ ба асли хештан аст, дасти ваҳдат ва бародарӣ ба якдигар бидиҳанд ва бо он фоҷеаҳо, ки забону фарҳанги воҳиди онҳо дар Осиёи Миёна, Қафқоз ва ҳатто нимҷазираи Ҳинд дучор гардид, ба қавли маъруф «иктифо» намоянд ва нагузоранд, ки ҳуқуқи бародарони ҳамзабони онҳо чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ аз ин се кишвар, поймоли ҷаҳли бегонагони додманиш гардад ва ҳалқаи фаъолияти фарҳангу забони воҳиди моро набояд беш аз ин танг кунанд ва ба нобудияш бикашанд. Ин ҳадиси Паёмбари гиромии ис-

лом Расули Акрам (с)-ро метавон тамоми умр дастури кор ва зиндагии худ қарор дод, ки он ҳазрат фармуда: касе, ки худро бишносад, Худои худро шинохта аст!

*Пунаи Нидоӣ: Нигоҳ ба ҳувияти миллии тоҷикон, бидуни тардид кӯмак ба рӯшан шудани завоёи пинҳони таърихи Эрон мекунад. Шумо дар ин китоб ва маҷмӯаҳои баъдӣ аз чӣ манзаре ба ин масъала пардохтаед?*

*Мирзо Шукурзода:* Бинобар таъкиди аллома Садриддин Айнӣ вожаи тоҷик дар гузашта барои шинохти тамоми эрониён ва форсизабонони ҷаҳон ба кор рафтааст ва устод Саъид Нафисӣ бар ин ақидаанд, ки меҳани аслии эрониён Варорӯд (Осиёи Миёнаи кунунӣ) буда, «Эрони имрӯз ба манзалаи хонаи дуввуми онҳост». Тибқи навиштаи Касравии Табрезӣ, то ҳамлаи муғул ба Озарбойҷон мардуми ин хиттаро низ тоҷик мегуфтанд (мақолаи эшон «Озарӣ ё забони бостони Озарбойҷон» дар китоби «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» истифода шудааст) ва дар нахустин рӯзҳои истиқлоли Тоҷикистон донишманди фарзона устод Муҳаммади Раҷабӣ, ки он айём раиси Китобхонаи Миллии Эрон буданд, баъд аз диду боздид аз диёри тоҷикон сӯҳбате таҳти унвони «Эрони фаромӯшкор ва Эрони фаромӯшшуда» доштанд, ки мо муддатҳо таҳти таъсири ин гуфтугӯи зебо қарор доштем. Аз таҳқиқу баррасии ин гуна масоил, метавон чунин натиҷа гирифт, ки мо дорои таърих, фарҳанг ва маданияти ягона мебошем ва корбурди истилоҳи «муштаракоти фарҳангӣ» барои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон иштибоҳ аст! Аз ин хотир, ба ақидаи банда матолибе, ки дар маҷмӯаҳои ёдшуда ба нашр расидааст, бисёре аз масоили таърихи «Эрони фаромӯшкор ва Эрони фаромӯшшуда»-ро дар ёдҳо зинда хоҳад кард.

*Пунаи Нидоӣ: Пас, якпорчагии таърихӣ, динӣ ва забонии тоҷикон ва эрониён фаротар аз марзҳои ҷуғрофиёӣ ва сиёсии мо буда, метавонад дубора ба иштирокоти фарҳангии бештаре даст ёбад?*

*Мирзо Шукурзода:* Банда ва теъдоди зиёде аз рӯшанфикрони ҳарсе кишвари бародар бар ҳамин ақидаем ва андешаи Шумо дар ин замина мантиқӣ ва қобили тақдир аст.

*Пунаи Нидоӣ: Ояндаи забони форсӣ-тоҷикиро дар минтақаҳои Осиёи Миёна ва Тоҷикистон чи гуна мебинед?*

*Мирзо Шукурзода:* Зинда мондан ва ё аз байн рафтани забони тоҷикии форсӣ дар Самарқанд, Бухоро ва вилоятҳои Фарғона ва Кешрӯд (Қашқадарё) ва Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бастагӣ ба ҳайсият ва ғурури миллӣ ва талошҳои ҳаррӯзаи соҳибони забонро дорад. Дар ҳоли ҳозир форсӣ дар ин манотиқ он ҳама фасоҳат, баландагӣ, зебоӣ ва шукӯҳмандиро, ки дар гузашта дошт, хеле ва хеле аз даст дода ва табдил ба забони кӯчаву бозор ва ба забонҳои аҷнабӣ махлут гаштааст. Аммо дар Ҷуҳурии Тоҷикистон авзоъ фарқ мекунад, дар ин ҷо форсии тоҷикӣ забони расмии давлати Тоҷикистон аст. Ҳукумат, миллат ва фард фарде аз тоҷикон чун номуси Меҳан ва шири модар ин забонро азиз медоранд ва дар ҷой-ҷойе аз муассисаҳо ва идораҳои давлатӣ ва хусусӣ ин ҳадис аз Русули Акрам (с) бо ҳуруфи зебо ва муҷаллал ба чашм мехӯрад: «забони форсии дарӣ забони аҳли биҳишт аст!» Аз ин рӯ, теъдоде аз мақолаҳои маҷмӯаи «Тоҷикон дар масири таърих» масоили ҳифзи асолати забони тоҷикии форсии дарӣ, таърихи даврони шукуфоии он, ҳамчунин дар баъзе аз гӯшаҳои Эрон, Осиёи Миёна, Қафқоз ва нимҷазираи Ҳинд дучори нестӣ ва дигар фоҷиаи бузург гардидани дурри дариро дар бар мегирад ва хонандаро водор месозад, ки дар мутолиаи ин достони ғамангез, ки ба қавли алломаи Ҳинд доктор Саид Муҳаммади Акрам «қалам бар ҳоли он мегиряд» камтаваҷҷӯҳ набошанд ва барои бузургдошти он ҳамвора ҷиҳоди акбар намоянд.

*Пунаи Нидоӣ: Худованд орзуҳои Шумо ва бародарону хоҳарони гиромии мо дар Эрону Тоҷикистонро бароварда гардонад ва аз газанди рӯзгор эминатон дорад.*

*Мирзо Шукурзода:* Ҳамчунин аз Шумо, хоҳари фарзона ва донишманд ва аз кормандони рӯзномаи Шумо, ки ба мавзӯъ ва масоили фавқуззикр таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, мо ва хонандагони арҷмандро муҷаддадан дар масири таърихи тоҷикон ва эрониён раҳнамоӣ кардед, сипосгузорем.

## *Боби панҷум*

# РӮЗУ РӮЗГОР

# ШИНОСНОМА

Мирзо Шукурзода 1 сентябри соли 1949 дар деҳаи Худгифи Сояи ноҳияи Масчоҳ ба дунё омад. Соли 1966 мактаби миёнаи рақами 4-и зодгоҳашро ба поён расонд, муддати ду сол дар ҳамон мактаб омӯзгори синфҳои ибтидоӣ буд ва ҳамон айём дар рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳурӣ мақола, шеър ва ҳикояҳо менавишт.

Ишқи сухан, муҳаббат ба адабиёту матбуот ӯро ба даргоҳи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон овард. Соли 1973 шӯъбаи рӯзноманигории Донишгоҳро ба поён расонд. Сипас дар бахши гуфторҳои адабию драммавии садо ва симои ҷумҳурӣ, рӯзномаи бонуфуз ва пуртиражи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») ва нашриёти «Адиб» ба фаъолияти эҷодӣ пардохт.

Мирзо Шукурзода дар ҳаёти фарҳангии пойтахт фаъолона ширкат дорад. Нахустин маҷмуъаи очерку мақолаҳояш дар соли 1986 аз ҷониби интишороти «Ирфон» таҳти унвони «Ситораҳои рахшанда» ба табъ расид. Дар соли 1989 қиссаи мустанад ва ҳикояҳои ӯро бо номи «Теғи ҷонбахш», бо муқаддимаи адиби барӯманди тоҷик устод Кӯҳзод интишороти «Адиб» чоп кард.

Маъмурияти фарҳангии М. Шукурзода ба Эрон (1992-2002) дурахшиши чашмгире дар коргоҳи эҷодии ӯ ба вуҷуд овард. Номбурда дар ин муддат дар Душанбе ва Теҳрон чаҳордаҳ китоб таълиф, таҳия ва тадвин намуд, ки муҳимтаринашон инҳоянд: «Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар» («Адиб» 1990), «Тоҷикон дар масири таърих», (нашри аввал 1994, нашри дуввум 1997, Пешовар ва чопи саввум бо иловаҳо, 2006, Теҳрон), «Кӯҳкане аз користони дил» (1992), «Наводири Зиёия» (1997, Теҳрон), «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» (2001 ва нашри дуввум 2003), «Парниёну ҳариру абрешим» (2002), «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно» (2006).

Мирзо Шукурзода илова ба асарҳои дар боло зикршуда китобҳои зеринро ба нашр расонд: «Ҷонпайванд» (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва публисистӣ. «Адиб», 2006), «Кимиёгари дурри дарӣ» (рисолаи илмӣ, «Деваштич», 2008), «Себи Самарқанд» (гулчини ҳазор рубоӣ аз фолклори тоҷик, нашриёти «Матбуот», 2008), «Ҳамосаи родмардони Хуросон»

(қиссаи мустанад, «Деваштич», 2009 ба алифбои форсӣ), «Тоҷикон дар қаламрави Ориёно», (чопи сеюм, «Деваштич», 2009). Дар соли 2007 нашри дуввуми ин маҷмӯъаро ҳафтавори «Вароруд» китоби беҳратини сол эълон кард.

Китобҳои «Қурон ва табиат» (рисолаи доктор Беозори Шерозӣ), «Рӯҳи Рахш» (гулчини ашъори устод Лоиқ) ва «Ашки тӯфон»-и хонум Гулрухсор дар имтидоди солҳои 1996-1999 дар Теҳрон бо эҳтимоми М. Шукурзода чоп шуданд. Номбурда барои маҷмӯаи «Ҷонпайванд» дар соли 2007 ҷоизаи адабии ба номи устод Айниро дарёфт намуд. Ӯ аълочии фарҳанги Тоҷикистон аст.

Рисолаи илмии адиб таҳти унвони «Азамати кӯҳистон» ва қиссаи мустанади ӯ бо номи «Размоварони Ҳиндукуш» дар дасти чопанд. Беш аз панҷсад мақолаи илмӣ ва публисистии номбурда дар матбуоти Тоҷикистону Эрон ва Донишнома (Энсклопедия)-и адаби форсӣ (Теҳрон, 1996) ба нашр расидааст.

Ба фаъолияти адабии М. Шукурзода адибони барӯманди Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон баҳои баланд додаанд.

## ФЕҲРАСТИ ФАЪОЛИЯТ ВА ТЕЪДОДЕ АЗ АСАРҲОИ М. ШУКУРЗОДА

### 1. ФАЪОЛИЯТИ КОРӢ

1. 1966-1968. Муаллими синфҳои ибтидоӣ пас аз хатми синфи даҳ дар Масчоҳ.
2. 1968-73. Таҳсил дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон.
3. 1973-1992. Кор дар «Тоҷикистони Советӣ» ҳоло «Ҷумҳурият», редаксияи адабии радио ва интишороти «Адиб».
4. 1992-2004. Ҳиҷрат ба Эрон ва фаъолият дар бахши Радиои Эрон, ҳамчунин тавъам ҳамкорӣ бо Доиратулмаорифи адабии Эрон, нашриётҳои «Суруш» ва «Алҳудо».
5. 2004-2006. Мураххасии эҷодӣ.
6. 2007-2008. Кор дар «Адабиёт ва санъат», пасон дар ИН Тоҷикистон

## 2. ЭҶОДИЁТ (КИТОБҲО)

1. Ситораҳои рахшон (Ирфон, очеркҳо, 1986).
2. Баҳодури Дилварзин (Ирфон, 1976).
3. Теғи ҷонбахш («Адиб», очерку ҳикояҳо, 1989. Сарсухани устод Кӯҳзод).
4. Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар (гирдоварӣ. «Адиб», 1990).
5. Тоҷикон дар масири таърих (гирдоварӣ, таҳрир ва тасҳеҳ. Чопи аввал. Теҳрон 1994, чопи дуввум, Пешовари Покистон, 1979, чопи саввум, Теҳрон, интишороти «Алҳудо», 1999).
6. Кӯҳкане аз користони дил. Рисолаи илмӣ дар бораи шоири охири асри X1X ва оғози асри XX Аҳмад Маҳвӣ. (Теҳрон, Алҳудо, 2001).
7. Парниёну ҳариру абрешим (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва публисистӣ, Теҳрон, 2001)
8. Ҷонпайванд. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва публисистӣ. Душанбе, «Адиб», 2006.
9. Тоҷикон дар қаламрави Ориёно (гирдоварӣ ва тасҳеҳи 30 мақола роҷеъ ба тоҷикон ва таъриху фарҳанги онон. Чопи «Деваштич», 2007 м. Чопи дуввум, «Деваштич», 2009.
10. Ашки сари мижгони ман. Маҷмӯаи шеърҳо бо дебочаи Гулназар Келдӣ, «Деваштич» 2004.
11. Баргардони маҷмӯаи ашъори устод Лоиқ бо номи «Рӯҳи Рахш», Теҳрон, 2001. (500 саҳ. )

12. Таҳия ва баргардони ду маҷмӯа аз хонум Гулрухсор: 1) Ашки туфон (500 саҳ. ) 2) Гулчини ашъор (200 саҳ. ). Теҳрон 1994, 2001;
13. Таҳия ва нашри маҷмӯаи «Тоҷикон, ориёиҳо ва фалоти Эрон» (ду бор дар «Суруш» чоп шуд: 1999; 2002)
14. Гулчини ҳазор рубоӣ аз фолклори тоҷик. Теҳрон, 1379 ҳиҷрӣ; Душанбе, 2008 милодӣ. Таҳти унвони «Себи Самарқанд».
15. Баргардони китоби илмии «Қуръон ва табиат». Муаллиф доктор Беозори Шерозӣ. Теҳрон 2001.
16. Рисолаи илмӣ ва публисистии «Хамосаи родмардони Хуросон», Деваштич 2008 (ба алифбои форсӣ).
17. Кимёгари дурри дарӣ. Деваштич, 2009.
18. Рисолаи Шодӣ Асрор. Достони «Сиёвуш» (2005).

Чопи тақрибан ҳазор мусоҳиба ва мақолаву репортаж дар матбуоти тоҷик.

Илова ба инҳо:

а) Таълифи 400 мақолаи илмӣ дар Доиратулмаорифи адабии Эрон. Теҳрон, 1996.

б) Суханрониҳои мутаъаддид дар анҷуманҳои илмии Теҳрон. Шероз ва Исфаҳону Машҳад.

в) Чопи садҳо мақола ва мусоҳибаҳо дар Садо ва симои Эрон ва даҳҳо рӯзномаву маҷаллаҳояшон.

г) Таҳрир ва назорат ба чопи китобҳои адибони тоҷик, ки солҳои 1992-2004 дар Теҳрон ба нашр расидаанд.

## 3. САФАРҲО

1. Ба аксар шаҳрҳо ва вилоятҳои Эрон.
2. Чаҳор-панҷ мусофират ба Афғонистон.
3. Зиёрати хонаи Худо дар соли 1997.
4. Сафари саёҳатӣ ба Италия, Чехословакия ва ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ.
5. Мусофирати фарҳангӣ ба манотиқи тоҷикнишини Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон.

## 4. АСАРҲОИ ОМОДА, ВАЛЕ ЧОПНАШУДА

1. Дар сӯҳбати соҳибдилон. Ёддоштҳо, китоби аввал.
2. Ҳамоварди Ҳиндукуш: таърихи пирӯзӣ, истиқрор ва суқути ҳукуматҳои устод Раббонӣ ва Ҳабибуллоҳи Калаконӣ дар Афғонистон.
3. Хонаи дӯст куҷост? Андешаҳо пас аз зиёрати хонаи Худо.
4. Хотироти талху ширини як мусофир.
5. Сафарномаи Эрон: дувоздаҳ сол дар ғурбат.
6. Азамати кӯҳистон ва кӯҳистониёни муаззам.
7. Куллиёти Туғрал (девони комил, ба форсӣ).